Дар корҳои давлатӣ бисёр вақтҳо кирдору амалҳои сиёсатмадорони кишварҳо пинҳон мемонанд ва танҳо ҳодисаҳо метавонанд паҳлуҳои он сиёсатро ошкор кунанд. Шояд авзои Ироқ, пас аз соли 2003 дар тӯли беш аз 16 соли таҷрибаи талхи мудирият, намунаҳои бесуботии сиёсиро инъикос намуда, зарурати муноқишаҳои вазъи дохилиро ба бор оварда, бухрони дохилии он ба паҳншавии фасод, заъфи ниҳодҳои давлатӣ, марказҳои мутааддиди ҳокимият, нуфузи қувваҳои хориҷӣ ва таҳкими гурӯҳҳои мухталиф ба манфиати тарафҳо дар авзои сиёсиву амниятии Ироқ таъсири худро гузоштааст [12, с. 3].

Тазоҳурот ва эътирозҳо дар Ироқ нав набуда, аммо такондиҳандатаринаш аз 1-уми октябри соли 2019 дар Бағдод сар зада, дар дигар вилоятҳои Ироқ мавҷи норозигиро вусъат дод. Бадшавии шароити иқтисодии кишвар, густариши фасоди идорӣ ва бекорӣ аз сабабҳои оғози ин тазоҳурот қаламдод карда мешавад [18].

Тазоҳургарон дар Ироқ аз бесуботии сиёсӣ, амниятӣ ва зулму беадолатии солҳои тулонӣ, ки ба қишри ҷомеа таъсир гузоштааст, ҷавононро ба умеди ояндаи кишвари осоишта, таҷассумгари орзӯҳои ватандорӣ мисли дигар кишварҳо ба кӯчаҳо бароварда, талаби тағйири низоми сиёсии кишварро карданд [10].

Бояд қайд намуд, ки ин тазоҳурот дар замоне сурат мегирад, ки авзои муташанниҷи Ховари Миёна сабаби танг шудани фазои танишҳои сиёсию иқтисодӣ миёни ИМА ва Эрон ҷиҳати тағйири муносибатҳояшон бо ҳамсояҳо, махсусан Ироқ, танг гардида, таъсири худро дар Ҷумҳурии Ироқ бештар гардонад.

Одил Абдулмаҳдӣ, сиёсатмадор ва иқтисодчии ироқӣ, ки дар вазифаҳои баланди давлатӣ кор мекард, вазифаи вазири нафтро дар ҳукумати Ироқ аз соли 2014 бар душ дошт. Дар таърихи 2 октябри соли 2018 раиси навинтихобшудаи Ироқ Барҳам Салоҳ ӯро сарвазир таъйин намуда [16] ва ӯ бо супориши президенти кишвараш ҳайати ҳукуматро аз 18 вазир ташкил намуд ва парламенти Ироқ ба ҳайати ҳукуматаш раъйи эътимод дод [13].

Одил Абдулмаҳдӣ кӯшиш мекард дар авзои сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодии кишвараш бетарафиро миёни ду қувваи асосии пурнуфузи минтақа, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Эрон, ихтиёр намояд, зеро тамоюл ба яке аз тарафҳо дар вазъияти Ироқи муосир таъсири манфии мустақими тарафи дигарро ба вуҷуд меовард. Махсусан, дар вазъи ҳассоси сиёсӣ ва низомии минтақа сабаби он гардид, ки манфиатхоҳон дигар ба сифати қудрати бозингар дар доираи муҳимми ҳаётӣ ва стратегии худ бе зери чатрҳои Вашингтон ё Теҳрон ворид шуданд [12, с.5].

Одил Абдулмаҳдӣ, узви эътилофи иттиҳодияи «Давлат-қонуни Ироқ» мебошад. Ин як эътилофи сиёсии интихоботиест, ки нахуствазири Ироқ ва раиси ҳизби «ад-Даъва» Нурӣ ал-Моликӣ дар соли 2009 онро барои ширкат дар интихоботи вилоятҳо ташкил дод ва шиори ҳизбашро чунин номид: «Амният, хидматрасонӣ ва ҳукумати марказии муқтадир» [20]. Ва пас аз ин ҳизб ба корҳои сиёсӣ шурӯъ кард.

Баъди шиддат гирифтани тазоҳурот алайҳи низоми давлати Ироқ Одил Абдулмаҳдӣ бо дарназардошти шароити вазнини кишвар ва манфиати Ироқ эълом дошт, ки ба таври расмӣ Маҷлиси Намояндагонро ба истеъфо фиристод. Ин эълон пас аз саркӯб шудани беш аз 40 нафар муътаризон аз рӯзҳои оғози эътирозҳои зиддиҳукуматӣ паҳн карда шуд [19]. Тибқи маълумоти BBC-и арабӣ, ки рӯзи 29.11.2019

ироа гардид, аз оғози тазоҳуроти зиддидавлатӣ аз аввали моҳи октябр дар муддати ду моҳ қариб 400 нафар мансабдорон ва мутахассисони соҳаи тибб кушта шуданд [19].

Ин вазъияти тезу тунди сиёсӣ ва тавсеаи роҳпаймоии мардумӣ дар Ироқ Одил Абдулмаҳдиро маҷбур кард, ки ҷиҳати пешгирӣ аз тезутунд шудани вазъият, истеъфои хешро эълон намояд. Ӯ гуфт, ки ин истеъфо бо дарназардошти шароити душвори кишвар, фароҳам овардани шароити беҳтар, пеш аз ҳама барои ором кардани вазъ ва фароҳам овардани роҳҳо барои баррасии вариантҳои нав мебошад ва парлумони Ироқ истеъфои ӯ аз нахуствазириро пазируфт [8].

Аҳмад Ҷумъа, хабарнигори рӯзномаи "ал-Явму-с-собиъ"-и мисрӣ, истеъфои сарвазири Ироқ Одил Абдулмаҳдиро ба сабаби эътирозҳое, ки беш аз ҳашт ҳафта идома дошт, хуб намешуморад, зеро ин амал Ироқро ба буҳрону чолишҳои навин ворид менамояд. Ба андешаи ин хабарнигор ташкили ҳукумати тавофуқие, ки таҷассумгарии хоҳишу умедҳои тазоҳургарони хашмгин мебошад, дар ин марҳила душвор мебошад. Ҳамзамон, тазоҳургарон иқдоми истеъфоро барои ҳалли буҳрони кишвар кофӣ намешуморанд ва талаботашонро яку якбора ба сатҳи бесобиқа баланд бардошта аз эҷоди ҷойҳои корӣ,ислоҳоти хадамоти иҷтимоӣ ва мубориза бо фасод ба рафтани ҳукумат ва нухбагони сиёсии ба фасоди молӣ айбдоршуда бурда мерасонанд [1].

Ҳамзамон, тазоҳургарон ҳизбу ҳаракатҳои дар сари қудрат бударо қабул надоранд. Чуноне, ки таҳлилгари ироқӣ доктор Насиф ал-Ҷабурӣ пирӯзии тазоҳуротро ба лағви қонуни асосӣ, мунҳал намудани парлумон, роҳи дурусти алоқа бо Курдистони Ироқ ва иҷрои интихоботи озоди бетарафона, ки дар он ҳизбҳо ширкат наметварзанд, бо замонати байналмилалӣ мебинад [9].

Аммо, пажуҳишгар ва рӯзноманигори дигари ироқӣ - Абдулхолиқ ал-Фаллоҳ - чунин назар дорад, ки имрӯз мардуми Ироқ бедор шудаанд ва намехоҳанд дар зери ким-кадом қудрати хориҷӣ боқӣ бимонанд. Ӯ нокомии тазоҳуротро ба дахолату фишорҳои абарқудратҳо нисбат медиҳад, то ин тазоҳурот аз роҳи пешгирифтааш бахушунат ва беназмӣ баргашта, қудрати худро аз тариқи нухбагони сиёсатшиносони тарафдораш дар Ироқ нигоҳ дорад. Далели ин гуфтаҳо тағйир ёфтани талаботи ҳаррӯзаи тазоҳургарон ва ворид кардани ҷангу хушунат дар вазъи нооромии Ироқ мебошад. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баъзе таҷҳизоти низомияшро аз Сурия ба Ироқ интиқол додааст ва ба андешаи хабарнигори ироқӣ ин таҷҳизоти ҷангӣ шояд ба хотири ҳадаф қарор додани Эрон дар оянда интиқол дода шуда бошад ва эҳтимоли онро дорад, ки бар зидди тазоҳургарон низ равона карда шавад [17].

Шояд ин мавқеъгирии тазоҳургарон аз сиёсатмадорони кишвар, раиси эътилофи иттиҳодияи «Давлат-қонуни Ироқ» баъди истеъфои узви ин иттиҳод аз нахуствазирӣ ба чунин натиҷа расидааст, ки ҳеҷ номзади мушаххасеро аз сӯи ин иттиҳодияи мазкур барои нахуствазирӣ пешбинӣ накардааст. Бо такя ба гузориши сомонаи «Машриқ», Нурӣ ал-Моликӣ - Раиси иттиҳодияи «Давлат-қонун» таъкид кард, ки ин эътилоф ҳеҷ номзади мушаххасе барои нахуствазирӣ надорад. Моликӣ барои тасдиқи ин андеша дар саҳифаи шахсии худ «Твиттер» чунин навишт: «Бори дигар таъкид мекунем, ки ҳеҷ номзади мушаххасе аз сӯи мо - марҷаияти олии динӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ барои ҷойгузинии вазифаи нахуствазирӣ вуҷуд надорад». Ӯ афзуд: «Ҳар номзаде, ки вижагиҳои мушаххасшуда аз сӯи марҷаъияти динӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро доро бошад ва аз тариқи чорчӯбаҳои мавриди таъйиди қонуни асосӣ сурат гирад, ҳимоят мекунанд»[6]..

Ин дар ҳолест, ки тазоҳурот барои ислоҳоти сиёсӣ дар Бағдод ва дигар шаҳрҳои Ироқ идома дорад. Ҳамзамон, ихтилоф миёни қувваҳои сиёсӣ барои ному шахсияти номзади эҳтимолӣ барои сарварӣ ва ташкили ҳукумати навбатӣ авҷ мегирад. Дар майдони "Озодӣ" парчами бузурге бардошта шуд, ки дар он номҳои як қатор сиёсатмадорони имрӯза барои мансаби сарвазирӣ пешбарӣ шудаанд ва дар зери онҳо «Не.. намехоҳем» навишта шуда буд. Вакили парлумони Ироқ Муҳаммад ал-Холидӣ баъди бо Президенти Ироқ Барҳам Солеҳ ва чанде аз аъзои палатаи намояндагон

мулоқот карданаш таъкид кард, ки рӯзи панҷшанбе 26.12.2019 шояд Асъад ал-Айдонӣ ба ҳайси сарвазир таъйин карда шавад [15]. Асъад ал-Айдонӣ узви "Иттиҳоди ал-бино" буда, мири шаҳри ал-Басра мебошад, ки мавсуф сеюмин номзади расмии қабулнашуда баъди Муҳаммад Шиёъ ас-Судонӣ ва Вазири таълим Қусай ал-Суҳайлӣ мебошад, ки ба сабаби аз тарафи тазоҳуркунандагону сиёсатмадорон қабул нагардиданашон ҳарду номзадии худро пас гирифтанд. Аммо тазоҳургарон талаб карданд, ки онҳо худашон ҳукуматро ташкил кунанд, на ҳизбу ҳаракатҳо [2].

Сомонаи "ал-Ҷазира" бо такя ба манбаъҳои раисиҷумҳур нақл мекунад, ки президент Барҳам Солеҳ таҳдид кардааст, ки агар баъзе ҳизбҳо барои номзадии мушаххасе фишор оваранд, истеъфои худро пешниҳод хоҳад кард [4].

Инчунин пешвои шиаҳои Ироқ Муқтадо ас-Садр рӯзи 16 сентябри соли 2019 аз Теҳрон чунин ҳушдор дод: «Агар ҷанг миёни Эрон ва Амрико сар занад Ироқ аз байн меравад. Мо намехоҳем, ки кишварамонро ба ин ҷанг шомил карда, Ироқро майдони ҷанг қарор диҳем. Мо, калонсоли хирадманд, ба истодагарии ҷиддӣ ниёз дорем, то Ироқро аз ин ҷангу бесарусомоние, ки сабзу хушкро нобуд менамояд, боздорем» [12, с.2].

Омӯзиши масоили сиёсии Ироқ дар баробари проблемаҳои минтақаҳое мебошад, ки чанд даҳсолаҳо таҳти таъсири абарқудратҳои бузурги хориҷӣ боқӣ монда, ташкилотҳои гуногуни дохилии нооромкунанда ин давлатро аз расидан ба суботи сиёсӣ солҳо боз ақиб партофтааст.

Барои ҳар як пажӯҳишгари минтақавӣ муҳим ба назар мерасад, ки ҷаҳонишавӣ ё глобализатсия марзҳои кишварҳоро гузашта ҳамаро ба шакли як деҳа гардонидааст, ки ба шакли мустақим ба ҳар фарди ҷомеа таъсири худро мерасонад. Инчунин ҳар кишвар дорои рангорангии фирқаӣ, мазҳабӣ ва қавмӣ мебошад, ки бояд барои пешгирии чунин ҳолатҳои пешомада, монанди вазъияти Ироқ чораҳо андешанд. Саъю кушиши худро ҷиҳати омода намудани барномаҳои шумулӣ, ки тамоми қишри ҷомеъаро дар бар мегирад, дар роҳи давлатдорӣ қадам гузоранд. Зеро ноороми сиёсии ҳар кишвар ҳамаро ба ташвиш оварда, пояҳои иқтисодиро заиф менамояд ва бесару сомониро ҳоким гардонида, устувории давлатро бо хатари ҷидди рӯ ба рӯ месозад.

**Сарчашмаҳо:**

1. Бо истеъфои ҳукумати Абдулмаҳдӣ Ироқ ба нафақи торик ворид мешавад. Аҳмад Ҷумъа. Рӯзномаи "Рӯзи ҳафтуми" мисрӣ. 01.12.2019. (www.youm7.com) استقالة حكومة عبد المهدى تدخل العراق النفق المظلم .
2. Интизор меравад имрӯз ном номзадашро эълон кунанд. Манбаъ: Ал-Ҷазира, агентиҳо. 26.12.2019. (https://www.aljazeera.net/) توقعات بإعلان اسمه اليوم..
3. ал-Ироқ. (www.wikipedia.org).
4. Ироқ . Парлумон натавонист ҷаласаро доир ба қонуни интихобот баргузор кунад. ал-ҷазира. 23.12.2019. (www.aljazeera.net) العراق.. البرلمان يفشل بعقد جلسة للتصويت على قانون الانتخابات
5. Ироқ... Гуногун мазҳабҳо, фирқаҳо ва миллатҳо. Роид ал-Ҳомид. Истамбул-Анозул, Туркия. 08.11.2019. (www.aa.com.tr/ar/) العراق.. فسيفساء الديانات والطوائف والقوميات
6. Ироқ, таърих. Энсклопедияи ҷаҳони араб, чопи соли 2004. العراق، التاريخ
7. Ироқ. (www.wikipedia.org).
8. Матни истеъфои Абдулмаҳдӣ, ки онро ба парлумон пешниҳод карда буд, ахбори As-sumaria news нашр кардааст. 2019.12.01. (www.alsumaria.tv/) السومرية نيوز تنشر نص استقالة عبد المهدي التي قدمها للبرلمان
9. Мушкилии шӯриши ироқӣ ва роҳҳои пирӯзии он. Доктор Насиф ал-Ҷабурӣ. 04.12.2019. (www.alquds.co.uk) إشكالية الانتفاضة العراقية وسبل انتصارها
10. Намоишгарони Ироқ чӣ мехоҳанд? 06.11.2019 (www.aljazeera.net) ماذا يريد المتظاهرون العراقيون؟
11. Нафт. Энсклопедияи ҷаҳони араб, чопи соли 2004. العراق، التاريخ

12. Низоъи Эрону Амрико ва таъсири он ба вазъи сиёсии Ироқ. Гузориши Форис ал-Хаттоб. 26.09.2019. маркази омӯзиши ал-ҷазира. Як муҷаллад дар 7 саҳифа. Саҳ 2. (http://studies.aljazeera.net) الصراع الإيراني-الأميركي وآثاره على الوضع السياسي في العراق

13. Одил Абдулмаҳдӣ. ( https://ar.wikipedia.org)

14. Сарвати нафтӣ ва лоиҳаи иқтисодии миллӣ дар Ироқ: ҷойгузини иқтисоди сиёсии фоидаи нафт. Сабрӣ Зайир ас-Саъдӣ. Маркази таҳқиқоти ваҳдати араб. Инчунин ин тадқиқот дар маҷаллаи “Мустақбали араб”, зери рақами № 480 дар моҳи феврали соли 2019 нашр шудааст. (https://caus.org.lb/ar/) الثروة النفطية والمشروع الاقتصادي الوطني في العراق: بديل الاقتصاد السياسي للريع النفطي

15. Сарчашмаҳо: Президенти Ироқ рӯзи панҷшанбе ал-Айдиро ба ташкил намудани ҳукумат вазифадор мекунад. 26.12.2019. Манбаъ: Дубай- ахбори ал-арабия. (https://www.alarabiya.net) .مصادر: رئيس العراق يكلف العيداني بتشكيل الحكومة الخميس

16. Таклифи Одил Абдулмаҳдӣ барои ташкили ҳукумати нави Ироқ. Яъқуб Баҳдаҳ. 03.10.2018. Абузаби. (Sky News Arabia- www.skynewsarabia.com) تكليف عادل عبد المهدي بتشكيل الحكومة العراقية

17. Фишорҳои Амрико ва иродаи ироқиҳо. Абдулхолиқ ал-Фаллоҳ. 18.12.2019. (www.raialyoum.com) الضغوطات الامريكية والارادة العراقية

18. Эътирози Ироқ. 2019. (https://ar.wikipedia.org/wiki/)2019 الاحتجاجات العراقية

19. Эътирозҳои Ироқ: Сарвазир Одил Абдулмаҳдӣ мегӯяд, ки истеъфои худро ба парлумон пешниҳод хоҳад кард. 29.11.2019.( www.bbc.com/arabic/middleeast) مظاهرات العراق: رئيس الوزراء عادل عبد المهدي يقول إنه سيقدم استقالته إلى البرلمان

20. Эътилофи давлат-қонун, (https://fa.wikipedia.org/wiki/).

## ИРОҚ МИЁНИ ЭЪТИРОЗҲОИ МАРДУМӢ ВА АМАЛКАРДИ ҚУДРАТМАНДОН

Ироқ яке аз кишварҳои арабии Ховари Миёна ва ҷанубу ғарбии Осиё дорои ҳаждаҳ вилоят буда, пойтахташ шаҳри бостонии Бағдод мебошад. Ироқ мавқеи ҷуғрофии муҳим дошта, бо шаш кишвари бузурги Ховари Миёна ҳамсарҳад мебошад. Ироқ тамаддуни бузурги қадимӣ дошта, яке аз кишварҳои бузургтарини дорои манобеи нафт аз соли 1925 мебошад.

Дар тӯли беш аз 16 соли таҷрибаи талхи мудирият, намунаҳои бесуботии сиёсиро инъикос намуда, зарурати муноқишаҳои вазъи дохилиро ба бор оварда, бӯҳрони дохилии он ҷавононро ба умеди ояндаи кишвари осоишта, таҷассумгари орзӯҳои ватандорӣ мисли дигар кишварҳо ба кучаҳо бароварда, талаби тағйири низоми сиёсии кишварро карданд. Бояд қайд кард, ки нооромии сиёсии ҳар кишвар ҳамаро ба ташвиш оварда, пояҳои иқтисодиро заиф менамояд ва бесару сомониро ҳоким гардонида, устувории давлатро бо хатари ҷиддӣ рӯ ба рӯ месозад.

**Калидвожаҳо:** Ироқ, Ховари Миёна, Бағдод, нафт, газ, рангорангии нажодӣ, тазоҳурот, ДИИШ, иқтисод, сиёсат, амният, Одил Абдулмаҳдӣ, Нурӣ ал-Моликӣ ва Барҳам Солеҳ.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: Зиёев Субҳиддин Насрииевич, н.и.ф., ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; тел: (+992) 927.04.09.08; e-mail: rakesh-23@mail.ru.

Одинаев Абдуҳалим Сиёҳмардович, доктор (Phd), ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; тел: (+992) 917.44.53.70; e-mail: odinaev45@gmail.com.

## ИРАК МЕЖДУ НАРОДНЫМИ ПРОТЕСТАМИ И ДЕЙСТВИЯМИ ВЛАСТЕЙ

Ирак является одной из стран Ближнего Востока и Юго-западной Азии, в своем составе имеет восемнадцать областей, город Багдад является его столицей. Ирак имеет очень выгодное географическое положение и граничит с шестью большими странами Ближнего Востока. Это государство имеет древнейшую цивилизацию, а также считается

одной из крупнейших стран по запасу месторождений нефти, которое было обнаружено в 1925 году.

В течение более чем шестнадцати лет горького опыта управления, отражав образцы политической нестабильности народное восстание привело к внутренним спорам, ее внутренние конфликты толкали молодёжь на улицы в надежде приобрести мирное будущее страны, которые якобы осуществляли бы идеалы хорошей жизни, требовали изменение политического строя общества. Необходимо отмечать, что политическая нестабильность каждой страны приведёт к беспокойству всех граждан и ослабляет основ экономики, а также будет способствовать к господству анархии и угрожает устойчивому развитию страны.

**Ключевые слова**: Ирак, Ближний Восток, Багдад, нефть, газ, различные расы, митинги, ИГИЛ, экономика, политика, безопасность, Адель Абдульмахди, Нури аль Малики, Бахром Салех.

**Сведения об авторах**: Зиёев Субҳиддин Насриевич, старший научный сотрудник Институт изучения проблем Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана; тел: (+992) 927.04.09.08; e-mail: rakesh-23@mail.ru,

Одинаев Абдухалим Сияхмардович, ведущий научный сотрудник Институт изучения проблем Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана; тел: (+992) 917.44.53.70; e-mail: odinaev45@gmail.com.

## IRAQ BETWEEN POPULAR PROTESTS AND THE TOIL OF POWERS

Iraq is an Arab country of the Middle East and South-East Asia with having 18 provinces and its capital is Baghdad. Iraq occupies an important geographical location and borders six major Middle East countries. Iraq has a great ancient civilization, one of the largest oil-rich countries since 1925.

It should be mention that for more than 16 years of bitter management experience, reflecting on instances of political instability, the need for internal conflicts, bringing young people into the streets in the hope of a peaceful country, embracing patriotic aspirations like other countries, and demanding a change in the political system. It should be noted that the political unrest in every country worries, weakens the foundations of the economy, puts the government on the brink of collapse, and poses a serious threat to the stability of the state.

**Keywords**: Iraq, Middle East, Baghdad, oil, gas, racial diversity, protests, ISIS, economic, political, security, Odil Abdulmahdi, Nuri al-Maliki and Barham Salih.

**Information about the authors:** Ziyoev Subhiddin Nasrievich, (Phd), Senior Research Fellow, The Institute of study of problems in Asia and Europe of the National Academy of Sciences of Tajikistan; tel: (+992) 927.04.09.08; E-mail: rakesh-23@mail.ru.

Odinaev Abduhalim Siyohmardovich, (Phd), senior research analyst at Institute of Eurasian Studies National Academy of Sciences of Tajikistan; tel: (+992) 917.44.53.70; e-mail: odinaev45@gmail.com.

# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА МИНТАҚАШИНОСӢ

## ҚАРОБАТИ ОЗАРҲО БО ФОРСҲО

**Турсунов Т.Х.,**
**сарходими илмии Институти**
**Осиё ва Аврупои АМИТ**

Озарҳо халқи туркзабон мебошанд, ки аҳолии асосии Озарбойҷон ва аҳолии шимолу ғарбии Эронро ташкил медиҳанд. Ба ғайр аз Эрону Озарбойҷон озарҳо дар ҳудуди Доғистони Россия, Борчали Гурҷистон, Киркук ва Тал Афари Ироқ ва Карсу Игдири Туркия зиндагӣ мекунанд. Онҳо ба нажоди аврупоии типи каспий тааллуқ доранд. Бо забони озарбойҷонӣ ҳарф мезананд. Мардуми озарӣ мусулмон буда, дини ислом, равияи шиа, мазҳаби ҷаъфаритиро ҷонибдорӣ мекунанд. Ташаккули этноси озарбойҷонӣ дар ҳудудҳои Қафқози Шарқӣ ва Эрони шимолу ғарбӣ раванди дуру дарози таърихӣ буда, дар охири асри XV ташаккули он анҷом ёфтааст [15, с.78].

Дар сарчашмаҳои асрҳои XVI—XVII озарбойҷониҳо дар баробари дигар халқҳои давлати Сафавиён бо номи қизилбошиҳо ёд мешаванд, ки дар ибтидо ин мафҳум ҳамаи қавмҳои кучии туркро муттаҳид мекард.

Дар ибтидои асрҳои XVIII ғосибони рус аввалин маротиба бо озарбойҷониҳо ҳангоми лашкаркашиҳои Пётр ба Қафқоз вохӯрданд ва миёни онҳо ва дигар халқҳои ғайринасронӣ тафовут нагузоштанд. Дар Манифести Петри I, ки соли 1722 дар Астрахан ҳангоми ҳуҷум ба Форс интишор шуда буд, чаҳор халқияти Қафқоз: форсҳо, аҷамиҳо, арманиҳо ва гурҷиҳо ёд мешавад, аҷамиҳо ҳамин озарбойҷониҳо ҳастанд [17, с.197-198]. Дар асрҳои XV—XVIII дар Империяи Усмонӣ низ озариҳоро аҷамӣ мегуфтанд.

Дар оғози асри XIX дар ҳуҷҷатҳои мустамликадорон мафҳуми истифодаи умуми «осиёиҳо» ва баъдан «мусулмонҳо» истифода шудааст. Пас аз он, ки Қафқози ҷанубӣ ба ҳайати империяи Русия шомил шуд, ҳокимони рус ҳамаи халқҳои турки он ҷоро татарҳои Озарбойҷон ё Одарбойҷон мегуфтанд, то ки аз дигар халқҳои турк фарқ карда тавонанд.

Антрополог ва этнографи фаронсавӣ Жозеф Деникер дар асараш, ки соли 1900 ба табъ расонидааст, озарбойҷониҳоро одарбойҷониҳо гуфта, онҳоро эрониҳои туркзабони Қафқоз ва Форс номидааст. Ҳамин тариқ, номи Озарбойҷон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз номи музофоти қадимаи Эрон гирифта шудааст.

Дар Русияи тоинқилобӣ форсҳоро низ озарбойҷониҳо меномиданд. Мафҳуми форс дар муносибат ба гурӯҳҳои этникии дигар дар Эрон вомехӯрад. Масалан, сайёҳи фаронсавӣ Шарден, ки дар охири асри XVII ба Форс омада буд, қайд мекунад, ки тамоми халқиятҳои дар ин минтақа мезистаро новобаста аз мансубияти этникӣ форс мегӯянд [13, с. 71-72].

Миёни шахсиятҳои таърихӣ ва фарҳангии Озарбойҷон ба халқи озар муносибати гуногун вуҷуд дорад. Шоир ва вазири хонигарии Қарабоғ Мулло Паноҳ Вагиф Озарбойҷонро танҳо аз рӯи қабилаҳои кучии «эл» баҳо медиҳад. Шоир ва файласуф Мирзо Фатҳалӣ Охундов озарбойҷониҳоро қафқозиҳо, мусулмонҳо, татарҳо ном

мебарад [7, с. 72-73]. Н. Наримонов бошад то охири ҳаёташ худро турк меҳисобид [22, с. 34-35].

Пас аз таъсисёбии Озарбойҷони шӯравӣ аҳолии Озарбойҷонро дар баробари озарбойҷонӣ туркҳо низ мегуфтанд ва дар аввалин барӯйхатгирии соли 1926 онҳоро ҳамчун турк номнавис карданд.

Озарбойҷониҳои Эрон худро турк меҳисобанд. Антропологи амрикоӣ Ричард Уикис қайд мекунад, ки озарбойҷониҳои Эрон вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ худро шаҳсавон, афшор ва коҷор ном мебаранд [4, с.56].

Вобаста ба матлаби энсиклопедияи калони шӯравӣ озарбойҷониҳо ҳамон қавмҳои Атропатен ва Албания ҳастанд, ки бо қавмҳои эронизабон ва туркзабони дар ҳазораи I то милод ва ҳазораи якуми милод ба ин сарзамин омада (киммериҳо, скифҳо, гунҳо, булғорҳо, хазарҳо, оғузҳо, печенегҳо ва ғайра), омезишёфта мебошанд.

Вобаста ба энсиклопедияи Британника озарбойҷониҳо бо аҳолии Қафқози шарқӣ ва мумкин модҳои эронизабон, ки дар шимоли Форс мезистанд, баромади омехтаи этникӣ доранд. Онҳо дар давраи ҳокимияти Сосониён дар Эрон (асрҳои III—VII милод) форс гаштанд. Марҳилаи туркшавии онҳо пас аз забти минтақа дар асри XI аз тарафи туркҳои салҷуқӣ ва муҳоҷиршавии халқиятҳои турк ба ин сарзамин дар асрҳои оянда, масалан замони истилои муғул дар асри XIII амалӣ шудааст [2].

Вобаста ба энсиклопедияи бузурги луғавии Ларусса озарбойҷониҳо боқимондаи аҳолии эронизабони дар асри XI туркшуда мебошанд.

Этнограф А. Алекперов, ки фаъолияти илмии ӯ ба солҳои 1920-1930 рост меояд, дар асоси сарчашмаҳо баромади озарбойҷониҳоро на аз қабилаҳои турки аз Олтой омада, балки аз аҳолии таҳҷоии эрониҳо, арабҳо ва русҳо ва аз қабилаҳои турки аз шимолу ҷануб омада маҳсуб медонад [7, с. 76].

Олимони шӯравӣ С.А. Токарев [20, с.295-296], А.П. Новоселцев [18, с. 21] ва С.Ш. Гоҷиева [11, с. 8-9] ҳам қайд мекунад, ки озарбойҷониҳо қавмҳои дар натиҷаи омезиши аҳолии маҳаллӣ ва туркҳо пайдошуда мебошанд. Ба қавли муаррихи амрикоӣ Д. Бурнутян озарбойҷониҳо аз қавми гузаштаи худ мебошанд, зеро дар марҳилаи воридшавии туркҳо ба Қафқоз қабилаҳои албанӣ дар ибтидо бо зардуштиёни Форс ва баъдан бо арабҳо омезиш ёфтанд.

Энтологи рус Виктор Шнирельман менигорад, ки омезиши таърихи Албания ва Озарбойҷони ҷанубӣ ягон асоси илмӣ надорад. Дар қадим ва асри миёнаи барвақтӣ гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ зиндагӣ мекарданд, ки на аз нигоҳи фарҳанг, на иҷтимоиёт ва на муносибатҳои забонӣ ба ҳам алоқа надоштанд [22, с. 139].

Эроншиноси шӯравӣ Э.А. Грантовский, ки ба таҳқиқи муҳоҷирати қабилаҳои эронизабон машғул шудааст, хусусиятҳои махсуси ёдгориҳои Эрони ғарбиии асри якуми ҳазорсолаи I-уми то мелодро ба фарҳанги Қафқози Шарқӣ алоқаманд медонад [12, с. 423-424]. Муаррих Камилла Тревер дар асоси бозёфтҳои бостонии асрҳои VI-V наздикии фарҳангии албаниҳо бо модҳоро қайд мекунад [21, с.54 ].

Воридшавии қабилаҳои оғузи туркзабон бо Қафқози шарқӣ дар асрҳои XI-XIII ба туркшавии аҳолӣ ва ташаккули халқи озар мусоидат кард. Дар асоси нуқтаи назари дигар худи қабилаҳои оғуз дар натиҷаи омезиши туркҳо бо қабилаҳои таҳҷоии уйғур ва эронизабонҳои баромадашон сармат ташаккул ёфтаанд. Дар асоси энсиклопедияи бузурги шӯравӣ дар натиҷаи омезиши як қатор қабилаҳои турк ва муғулҳои қадим бо як қисми қавмҳои эронизабони сакоиву массагетӣ туркҳои оғуз пайдо шудаанд [10, с. 513].

Иддае аз муҳаққиқон қайд мекунанд, ки қабули равияи шиа дар оғози асри XVI, яъне дар давраи ҳокимияти Сафавиён омили асоси ташаккули этноси Озарбойҷон

шудааст. Дар асоси ақидаи В.А. Шнирелман тамаркузи туркҳои Озарбойҷони кунунӣ то солҳои 1920-1930 идома ёфтааст [22, с. 33].

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки халқи озар халқи омезишёфтаи аҳолии таҳҷоии Қафқози шарқӣ (каспи, албанҳо, ҳамчунин шояд модҳо) бошанд. Ин халқҳо дар натиҷаи таъсир ва нуфузи Эрони сосонӣ эронӣ шуданд ва дар асри XI, яъне ҳангоми забткориҳои салҷуқиён ва марҳилаи забкориҳои муғулҳо турк гардидаанд.

Дар марҳилаи аввали ҳукмронии Сафавиёни Эрон озарбойҷониҳо дар идоракунии Форс бартарият доштанд ва забони маҳаллии туркӣ ва забони форсӣ ба ҳам хеле таъсиргузор буданд. Пас аз афтидани сулолаи Сафавиён дар асри XVIII дар ҳудудҳои озарнишин бо сарварии сулолаҳои туркзабони озар хонигариҳои ниммустақил пайдо шуданд.

Дар натиҷаи ҷангҳои русу форс дар соли 1828 дар асоси созишномаи Туркманҷой минтақаи озарнишин аз дарёи Аракс ҷудо карда шуд ва Озарбойҷони шимолӣ, яъне Озарбойҷони имрӯза ба зери назорати Империяи Русия ва Озарбойҷони ҷанубӣ (Озарбойҷони Эрон) дар ҳайати Эрон боқӣ монд ва таъсири озарҳо дар Эрон заиф шуд [6 ].

То соли 1918 озарбойҷониҳо давлати алоҳидаи худро надоштанд. Пас аз барҳамхӯрии Империяи Русия дар соли 1918 дар шарқи мусулмонӣ ҷумҳурии демократии Озарбойҷон таъсис ёфт, ки он ду сол фаъолият кард ва пас аз шӯравикунии Озарбойҷон он ба ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Озарбойҷон табдили ном кард. Соли 1991 Озарбойҷон мустақил шуд, вале дар натиҷаи моҷарои Каробоғи кӯҳӣ аз рӯи маълумоти расмӣ зиёда аз 1 миллин озариҳо гуреза шуданд. Дар шароити имрӯза озарҳо дар Озарбойҷон, Эрон, Гурҷистон ва Россия (Доғистон) зиндагӣ мекунанд. 18 декабри соли 2008 дар Боку «Хартияи ҳамрайъии озариҳои ҷаҳон» қабул карда шуд, ки мақсади он муттаҳид кардани озариҳои тамоми ҷаҳон мебошад.

Дар оғози асри XX озариҳои Эрон дар таърихи иҷтимоӣ-сиёсии Эрон нақши муассир доштанд. Онҳо дар ташаккули миллатгароии Эрон саҳми босазо доранд. Масалан, нависанда ва маорифпарвар Мирзо Фатали Охундов яке аз пешсафони миллатгароёни романтикии муосири Эрон буд.

Ба зиёиёни эрони оғози асри XX фаъолияти озари табрезӣ Мирзо Абдураҳим Толибов таъсири ҷиддӣ гузоштааст. Дар ҳаёти сиёсии Эрони замони Насриддиншоҳ ва Музафариддин, ҳамчунин дар инқилоби конститутсионии Эрон нақши озарҳои Эрон аз қабили Сатторхон ва Боғирхон калон аст [9, с. 28-29].

Ҳангоми ҷанги якуми ҷаҳон қӯшунҳои Туркия тобистони соли 1918 ба ҳудудҳои Озарбойҷони Эрон ворид шуда, пойтахти он шаҳри Табрезро ба муҳосира гирифтанд. Ин вазъият имкон дод, ки ҳизби демократии Табрез бо роҳбарии Шайх Хиёбонӣ ҳаракати миллӣ-озодихоҳиро муқобили низоми шоҳӣ оғоз кунад. Дар оғози соли 1920 Хиёбонӣ Озарбойҷони ҷанубиро Озодистон (кишвари озодӣ) эълон кард, аммо қӯшунҳои Эрон шӯришро пахш карданд. Воридшавии қӯшунҳои турк дар соли 1918 ҳиссиёти миллии озариҳоро бедор карда, ба кӯшиши муттаҳидшавии озарҳои Эрон ва Қафқоз сабаб шуд. Пас аз барқароршавии сулолаи Паҳлавиён дар соли 1925 Ризошоҳи Паҳлавӣ истифодаи забони озариро дар маориф, матбуот ва коргузорӣ манъ кард.

Дар рафти ҷанги дуюми ҷаҳон бо воридшавии қӯшунҳои ИҶШС ба Эрони шимолӣ имкон фароҳам омад, ки халқи озар муттаҳид шавад.

Дар соли 1945 дар ҳудудҳои ишғолкардаи ИҶШС ҳукумати миллии Озарбойҷон ташкил карда шуд, лекин он ҳамагӣ як сол фаъолият кард. Ин ҳукумат зери фишори

алянси ИМА, Фаронса ва Британияи Кабир барҳам дода шуда, рӯзи дигар чандин ҳазор озариҳои Эрон қатл карда шуданд.

Дар рафти инқилоби исломӣ фарқияти этникии миёни эрониҳо ва озарҳо кам мушоҳида мешуд. Ҳангоми дар муҳоҷират будани Оятулло Ҳумайнӣ ҳокими асосии динӣ озар Муҳаммад Қозим Шариатмадорӣ маҳсуб мешуд. Дар рафти инқилоби исломӣ аз як тараф агар озариҳо қатл карда шуда бошанд, аз дигар тараф аксари озарҳо муҳимтарин вазифаҳои давлатиро соҳиб шуданд. Миёни онҳо сардори ҳукумати муваққатӣ Меҳдӣ Бозаргон, президент ва баъдан роҳбари олӣ Алӣ Хоманаӣ, охирин сарвазири Эрон Мир Ҳусайни Мусавӣ, раиси Шӯрои ташхисӣ Алӣ Мушкинӣ ва ғайраҳоро метавонем номбар кунем. Ҳазорҳо ихтиёриёни озарӣ бо форсҳо ва дигар халқиятҳо дар ҷанги зидди Ироқ ширкат карданд [1]. Озарҳо дар Эрон асосан дар Озарбойҷони ғарбӣ, Ардабил, Занҷон, Курдистон, Ҳамадон, Теҳрон, Караҷ, Машҳад зиндагӣ мекунанд ва аз рӯи баҳои ҳархела аз 16 то 30 млн.-ро ташкил медиҳанд [5].

Озарҳо дар Ҷумҳурии Доғистони Русия низ сукунат доранд ва 130,9 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд, ки 4,5 %-и аҳолии тамоми ҷумҳурӣ мебошад. Онҳо ба заминдорӣ, боғдорӣ ва ангурпарварӣ машғул мебошанд.

Дар Туркия низ зиёда аз 800 ҳазор озарҳо сукунат доранд. Аксаран онҳо дар минтақаҳои шарқии Анатолия, ки дар наздикии сарҳади Озарбойҷон ва Арманистон воқеъ аст, зиндагӣ мекунанд. Онҳо бештар дар Карс, Игдир ва округи Шенкаи Эрзерум сокин шудаанд.

Дар натиҷаи дискриминатсия дар оғози асри XX дар ҳайати этникии озариҳои Арманистон тағйироти куллӣ ба амал омад.

Воқеаҳои вилояти мухтори Қарабоғи кӯҳӣ ба он овард, ки озарҳо аз Арманистон берун рафтанд ва то соли 1991 қариб ҳамаи озариҳои Арманистон ба Озарбойҷон баргаштанд [3].

Волкова Н.Г. дар асари худ «Равандҳои этникӣ дар Қафқоз дар асрҳои XIX—XX» қайд мекунад, ки соли 1480 дар давраи ҳуҷуми шоҳони Форс ба Гурҷистон дар соҳилҳои дарёи Акстафо, Дебед озарҳо маскун мешаванд. Имрӯз озарҳо дар Гурҷистон дар вилояти Квемо-Картли, Марнеули, Гардабани, Болниси, Дманиси умр ба сар мебаранд.

Дар Туркманистон бошад озарҳо дар шаҳрҳои Туркманбошӣ (Крсановодск) ва Ашхобод зиндагӣ мекунанд.

Дар замони пасошӯравӣ дар натиҷаи муҳоҷират аз Озарбойҷон озариҳо ба аксар шаҳрҳои Туркия, кишварҳои ИДМ, Аврупо ва Амрикои шимолӣ паҳн шуданд.

Дар замони салтанати шоҳ Исмоил Хатоии Сафавӣ забони озарбойҷонӣ қариб садсола забони дарбор, қӯшун ва суд буд. Аввалин сарчашмаҳо доир ба хати озарӣ ба асри XIII рост меояд. Забони озарбойҷонӣ дар Қафқоз дар чоряки охири асри XIX босуръат рушд кард.

Дар соли 2004 сафири Эрон дар Озарбойҷон Аҳад Ғазоӣ дар вохӯрӣ бо муҳаққиқони эронӣ дар Боку қайд кард, ки душманон умумияти эрониҳо ва озарбойҷониҳоро муқобили онҳо истифода мебаранд ва кӯшиш мекунад, ки ин халқҳоро аз ҳамдигар ҷудо кунанд. Ӯ дар назди намояндагон дар Остонаи Озарбойҷони Шарқӣ гуфт, ки душманон барои ба амал овардани зиддиятҳои байни миллатҳо, яъне байни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон кӯшиш мекарданд ва як қатор таҳлилҳои нодурустро дар доири муносибатҳои ин ду кишвар иброз медоштанд. Онҳо кӯшиш карданд, ки ягонагии таърихии забонӣ ва динии ин халқҳоро муқобили мо истифода баранд.

Муносибатҳои Эрон ва Озарбойҷон паҳлуҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои байнидавлатиро фаро мегирад. Дарозии сарҳад байни Озарбойҷон ва Эрон 689 км мебошад ва муносибатҳои Эрону Озарбойҷон хусусиятҳои хоси худро дорад [19]. Дар давоми садсолаҳои охир ин ду давлат, ин ду халқият форсҳо ва озарбойҷониҳо қисмати як давлат буданд ва дар оғози асри XIX, ҷангҳои русу форс боиси он шуд, ки соли 1828 халқи Озарбойҷон дар сарҳадҳои байни Русия ва Форс монданд. Худи озарбойҷониҳо ва халқҳои эронизабон ва хусусан форсҳо, алоқаҳои ҷуқури таърихи фарҳангӣ ва ҳатто хусусиятҳои этникӣ ва иҷтимоӣ доранд. Вазири корҳои хориҷии Озарбойҷон Алимардонбек Тобчибашев 16 ноябри соли 1918 дар вохӯрӣ бо фиристодаи Эрон дар Империяи Усмонӣ Мирзомаҳмудхон чунин гуфта буд: Эрон бародари калонии Озарбойҷони мо аст, муҳаббат ва самимияти мо ба форсҳо хеле калон аст. Дар замони муосир президентҳои ҳарду давлат Илҳом Алиев ва собиқ президенти Эрон Аҳмади Наҷот ҳангоми вохӯрӣ бо ҳамдигар бо муҳаббат ва самимият дӯсти азиз гуфта, халқҳои ҳамдигарро бародар мехонданд. Аҳмади Наҷот ҳангоми сафари расмӣ соли 2009 ба Озарбойҷон буданаш қайд кард, ки «ба хонаи бародараш» омадааст. Дар қисмати шимолии Эрон зиёда аз 15 млн. озарбойҷониҳо зиндагӣ мекунанд ва аз рӯи ақидаҳои баъзе таҳлилгарон Эрон чунин меҳисобад, ки Озарбойҷон мушкилоти эҳтимолӣ ҳаст ва Арманистон дар ин марҳила, дар ин масъала метавонад, ки иттифоқчии боэътимоди Эрон бошад. Барои Эрон дӯстӣ бо Арманистон боиси густариши алоқаҳо бо ҷаҳони насронӣ аст ва метавонад, ки ба муносибатҳои Эрон ва Озарбойҷон мусоидат кунад. Аз ин хотир, Эрон бештар вақт ба Арманистон ёрии иқтисодӣ мерасонад ва намегузорад, ки Туркия ва Озарбойҷон Арманистонро ба муҳосираи иқтисодӣ гиранд.

Муносибат байни Эрон ва Озарбойҷон на он қадар гарм аст. Роҳбарияти Эрон муқобили он баромад мекунанд, ки Озарбойҷон ширкатҳои ғарбро барои коркарди маҳалҳои нефтхез дар баҳри Каспий ба тарафи худ кашидааст ва бо Исроил муносибатҳои дипломатӣ дорад. Шахсиятҳои алоҳидаи Эрон Озарбойҷонро чун Ҷумҳурии Озарбойҷон эътироф намекунанд ва вобаста ба ақидаи муаррихони эронӣ Озарбойҷони кунунӣ, ки дар Кафкази ҷанубӣ ҷойгир аст ва ҳақ надоранд, ки Ҷумҳурии Озарбойҷон ном баранд.

Моҳи майи соли 1918 дар ҳудуди қисмати ҷанубу – шарқӣ Қафқоз ҷумҳурии мустақил - Ҷумҳурии Демократии Озарбойҷон пайдо шуд ва намояндаҳои форс бо сардории Сайёд Зиёвидини Таботабоӣ барои гуфтушунид ба Боку рафтанд ва дар он алоқаҳои умумии байни Озарбойҷон ва Эрон қайд карда шуд. Аз тарафи дигар моҳи марти соли 1919 ҳукумати форс дар конфонси сулҳи Париж меморандум пешниҳод кард, ки дар он гуфта мешуд, ки тамоми Озарбойҷон бо шаҳри Боку ба Форс дода шавад [16, с.138]. 20 марти соли 1920 байни ҳукумати Форс ва Озарбойҷон созишнома дар хусуси дӯстӣ ба имзо расид, ки Эрон мустақилияти Озарбойҷонро эътироф кард ва дар хусуси ҳамкориҳои гумрукӣ-тиҷоратӣ, телеграфӣ, почта ва дигар конвенсияҳо, мубодилаи намояндаҳои дипломатӣ низ шуда гузашт ва баъди аз 1 моҳ қисмҳои 11 армияи сурх сарҳади Озарбойҷонро гузашта, дар он ҷо ҳокимияти шӯравиро барқарор карданд [14, с. 51].

Дар нотаи ҳукумати Форс ба Федератсияи советӣ сотсиалистии Россия, ки 20 май соли 1921 гуфта шуда буд, ки Ҳукумати Форс мустақилияти Озарбойҷонро эътироф мекунанд ва дар нотаи он гуфта шуда буд, ки Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Озарбойҷон барои форсҳо шароит фароҳам меоварад. То тирамоҳи соли 1922 дар Боку намояндаи мухтор ва дипломатии форс дар Озарбойҷон ва консулгарии Форс дар

Ганҷа мавҷуд буд. Моҳи июни соли 1922 намояндаи Озарбойҷони Шӯравӣ дар Форс ба консулгарии вай дар Табрез ба фаъолият шурӯъ кард ва бо хоҳиши Боку ҳукумати шӯравӣ 9 декабри соли 1958 дар хусуси кушодани сафорати ИҶШС дар Теҳрон мушовир оид ба корҳои Озарбойҷон дар назди Сафорати ИҶШС кушода шуд. Моҳи ноябри 1981 ходими сиёсии Эрон Ҳошими Рафсанҷонӣ эълон кард, ки Теҳрон расман мустақилияти Озарбойҷонро эътироф мекунад.

Дар ин асос муҳаққиқони эронӣ қайд мекунанд, ки Эрон аввалин давлате ҳаст, ки Озарбойҷонро расман эътироф кардааст ва аз ҳамин марҳила муносибатҳои нав байни ин кишварҳо идома ёфтааст.

12 марти соли 1991 Эрон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки мустақилияти Озарбойҷонро ба расмият шинохт ва моҳи августи соли 1991 Президенти Озарбойҷон Аёз Муталибов бо сафари расмӣ ба Теҳрон омад. Эрон кӯшиш мекунад, ки бо Озарбойҷон наздик бошад ва дар дар моҷарои Қарабоғ Озарбойҷонро дастгирӣ кард. Ба ғайр аз ин, намояндаи Оятулло Ҳумайнӣ дар Ардабил Имом Ҷумъа Саид эълон кард, ки ба Озарбойҷон кӯмаки ҳарбӣ мекунад. Ба ҳарбиёне, ки дар ҷанги Шуш меҷангиданд яроқу аслиҳа низ доданд.

Бо розигии ҳукумат ва хоҳиши Раҳим Ғозиев ва Равшан Ҷаводов штаби озарбойҷонӣ – эронии мудофиа ташкил карда шуд, ки дар доираи он генералҳои Табрезу Ардабил ба бародарони озарбойҷонӣ барои таҷовузи Арманистон кӯмак карданд. Эрон аввалин шуда ташаббуси миёнаравиро пеш гирифт ва намояндаҳои Озарбойҷон ва Арманистонро ба гуфтушунид даъват кард, ки ин 15 марти соли 1992 буд ва дар ин ҷо эъломия қабул карда шуд. 9 майи ҳамон сол дар Теҳрон намояндаҳои Озарбойҷон ва Арманистон комюнники асосҳои принсипи сулҳро имзо карданд. Дар ҳамин рӯз қӯшунҳои Арманистон Шушро ишғол карданд. Забти Шуш дар лаҳзаи ба имзо расидани созишнома аз ҷониби Эрон ба зери тозиёнаи танқид гирифта шуд ва рӯзномаи ҳаррӯзаи Эрон «Салом» навишт, ки арманҳо нишон доданд, ки онҳо ягон вақт ягон ваъдаро иҷро намекунанд ва имкониятро барои ҷанг истифода карданд. Аз рӯи баҳои Ориф Юнусов ин воқеа ба имиҷи Эрон зарбаи бузург буд ва ба рӯҳияи созандаи ҷомеаи Озарбойҷон дар муносибат бо ҳамсояи ҷанубӣ норозигиро ба вуҷуд овард.

Рӯзномаи нимрасмии Эрон «Иттилоот» ҷабҳаи халқии Озарбойҷонро барои додани минтақаи Шуш бо мақсади воридшавии Эрон ба моҷаро гунаҳгор донист. Пас аз чанд рӯзи афтидани Шуш 18 май қӯшунҳои Арманистон шаҳри Лочинро оташ заданд ва роҳ барои равуо миёни Арманистон ва Қарабоғ кушода шуд. Ба дасти артиши Арманистон гузаштани Лочин дар Эрон норозигии иҷтимиро ба миён овард, махсусан дар Табрез ва дигар шаҳрҳои бузурги Эрон. Онҳо бо шиорҳои «бародарони озарро дастгирӣ кунед» баромад карданд. Комёбиҳои арманҳо ба табаддулоти давлатӣ дар Озарбойҷон рост омад, ки дар натиҷаи он Муталибов сарнагун шуд ва ҷабҳаи халқии Озарбойҷон бо сарварии Абулфазл Элчибоев рӯи кор омад. А. Элчибоев мавқеи зиддиэрониро дар муносибат бо ҳамсояи ҷанубии худ пеш гирифт.

Муносибатҳои Эрон бо Нахечеван беҳтар шуданд ва сардори мухторият Ҳайдар Алиев ба Эрон омад ва дар хусуси ҳамкориҳои гуногунҷанбаи байни Ҷумҳурии мухтори Нахечеван, Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон гуфтушунид кард ва дар рафти яке аз ин сафарҳо Алиев эълон кард, ки ҳеҷ як қувва наметавонад, ки пеши роҳи муносибатҳои моро бо Эрон гиранд. Эрон барои забти Келбаҷар моҳи августи соли 1993 аз ҷониби Арманистон муқобил баромад ва ба сарҳадҳои Озарбойҷон ду полкро фиристод. Моҳи июни соли 1993 дар Озарбойҷон бӯҳрони ҳарбӣ-сиёсӣ ба вуҷуд омад. Шуриши полковник Сурат Гусейнов дар Ганҷа ва походи онҳо ба Боку

оғоз шуд. Дар ҳамин лаҳзаи бухрон президент Элчибоев ба Нахечеван парвоз кард ва ба деҳаи худаш - Каллак омад. Иҷрокунандаи вазифаи президенти кишвар Ҳайдар Алиев интихоб шуд. Роҳбари рӯҳониёни Эрон Алӣ Ҳумайнӣ моҳи июли ҳамон сол бо мақсади дастгирӣ кардани роҳбарияти нави Эрон ба Табрез омад. Моҳи сентябри соли 1993 дар минтақаи Нахечеван байни Озарбойҷон ва Арманистон ҷанг сурат гирифт. 6 сентябр Эрон аз Арманистон талаб кард, ки артиши худро аз Озарбойҷон берун кунад. Дар ҳолати берун набурдан кор ранги дигар хоҳад гирифт. Октябри соли 1993 пас аз президент интихоб шудани Ҳайдар Алиев президенти Эрон Ҳошими Рафсанҷонӣ ба Боку сафар кард ва ӯро пурра дастгирӣ намуд.

Солҳои 1993-1994 дар ҷануби Озарбойҷон барои гурезаҳо ҳукумати Эрон 7 лагер сохт, ки дар он 100 гуреза ҷой карда шуд.

Моҳи апрели соли 2004 дар Табрез консулгарии Озарбойҷон кушода шуд. 16 майи соли 2005 Эрон ва Озарбойҷон созишномаи ба ҳам мухолифат накардан имзо карданд. 1 феврали соли 2010 Эрон низоми раводидро бо Озарбойҷон ба истисно барои журналистон барҳам дод. Имрӯз байни ин халқҳо муносибатҳои нек роиҷ аст.

**Адабиёт:**


1. Are there any questions? [электроний ресурс]. URL: http://www.iranian.com. (санаи истифодабарӣ: 2.02.2018).
2. Azerbaijani. [электроний ресурс]. URL: www.britannica.com. (санаи истифодабарӣ: 2.03.2017).
3. Country Reports on Human Rights Practices -2004: Armenia. [электроний ресурс]. URL: http://www.state.gov. (10.10.2017).
4. Richard V. Weekes. Muslim peoples: a world ethnographic survey. AZERI. — Greenwood Press, 1978 — p. 56.
5. Southern Azerbaijan [электроний ресурс]. URL: http://unpo.org (санаи истифодабарӣ: 5.09.2017).
6. Svante E. Cornell. Small nations and great powers. [электроний ресурс]. URL: books.google.com.tj.(санаи истифодабарӣ: 8.09.2017).
7. Алекперов А.К. Исследования по археологии и этнографии Азербайджана. — Баку: Изд-во АН Азербайджанской ССР, 1960.
8. Алекперов А.К, Исследования по археологии и этнографии Азербайджана.-Баку: Изд-во АН Азербайджанской ССР, 1960.
9. Белова Н.К. Саттар-хан-герой иранской революции 1905-1911 гг. // Иран, история и современность: сборник статей. – Наука, 1983.
10. Большая советская энциклопедия. – Государственное научное издательство, 1954.
11. Гаджиева С. Ш. Дагестанские терекеменцы: XIX - начало XX в. – Наука, 1990.
12. Грантовский Э.А. Ранняя история иранских племён Передней Азии. –Восточная Литература, 2007.
13. Жигалина О. И. Этносоциальная эволюция иранского общества. – М.: «Восточная литература» РАН, 1996.
14. Иванова М.Н. Национально-освободительное движение в Иране в 1918-1922 гг.. - Изд-во восточной литературы, 1961.
15. История Востока. В 6 т. Т. 2. Восток в средние века. М., «Восточная литература», 2002.

16. История международных отношений и внешней политики СССР, 1917-1967 гг.. - Международные отношения, 1967.-Т. 1.

17. История СССР. Выпуски 1-3. – Изд-во Академии наук СССР, 1979.

18. Новосельцев А. П., Пашуто В. Т., Черепнин Л.В. Пути развития феодализма. – Наука, 1972.

19. Сажин В.И. О региональной политике Исламской Республики Иран. Международный институт гуманитарно-политических исследований (2004 г.). [электроний ресурс]. URL: http://www.iimes.ru (санаи истифодабарӣ: 4.10.2017).

20. Токарев С. А. Этнография народов СССР: исторические основы быта и культуры. – Изд-во Московского университета, 1958.

21. Тревер К. М. Очерки по истории и культуре Кавказской Албании IV в. до н. э. - VII в. н. э.. М.-Л., 1959.

22. Шнирельман В. А. Войны памяти: мифы, идентичность и политика в Закавказье / Рецензент: Л. Б. Алаев. – М.: Академкнига, 2003.

## ҚАРОБАТИ ОЗАРҲО БО ФОРСҲО

Дар мақолаи мазкур наздикии озарҳо бо форсҳо, марҳилаҳои пайдоиш ва густариши халқи озар дар давраҳои муайяни таърихӣ, сарнавишти таърихии онҳо ҳангоми воридшавии ғосибон ба сарзамини озарҳо ва ҳамкориҳои имрӯзаи Эрон бо Озарбойҷон нишон дода шудааст.

Муҳаққиқони эронӣ қайд мекунанд, ки Эрон аввалин давлате ҳаст, ки Озарбойҷонро расман эътироф кардааст ва аз ҳамин марҳила муносибатҳои нав байни ин кишварҳо идома ёфтааст.

12 марти соли 1991 Эрон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки мустақилияти Озарбойҷонро ба расмият шинохт ва моҳи августи соли 1991 Президенти Озарбойҷон Аёз Муталибов бо сафари расмӣ ба Теҳрон омад ва Эрон кӯшиш мекунад, ки бо Озарбойҷон наздик бошад ва дар дар моҷарои Қарабоғ Озарбойҷонро дастгирӣ кард.

Солҳои 1993-1994 дар ҷануби Озарбойҷон барои гурезаҳо ҳукумати Эрон 7 лагер сохт, ки 100 гуреза ҷой карда шуд.

Моҳи апрели соли 2004 дар Табрез консулгарии Озарбойҷон кушода шуд. 16 майи соли 2005 Эрон ва Озарбойҷон созишномаи ба ҳам мухолифат накардан имзо карданд. 1 феврали соли 2010 Эрон низоми раводидро бо Озарбойҷон ба истисно барои журналистон барҳам дод. Имрӯз байни ин халқҳо муносибатҳои неки ҳамсоягӣ вуҷуд дорад.

**Калидвожаҳо:** озар, Озарбойҷон, форс, Эрон, Арманистон.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Турсунов Турсунмурод Худоймуродович, н.и.т., дотсент, ходими пешбари Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, E-mail: tursunov-murod@mail.ru, тел: (+992) 93.466.55.81.

## БЛИЗОСТЬ АЗЕРИ С ПЕРСИ

В этой статье показана близость азери к персам, этапы происхождения и экспансии азербайджанского народа в определенные исторические периоды, их историческая судьба во время прибытия захватчиков на Азербайджан и сегодняшнее сотрудничество с Ираном.

Иранские исследователи отмечают, что Иран был первым государством, официально признавшим Азербайджан, и с тех пор между этими странами установились новые отношения.

12 марта 1991 года Иран был одной из первых стран, официально признавших независимость Азербайджана, а в августе 1991 года президент Азербайджана Айо Муталибов нанес официальный визит в Тегеран, и Иран попытался быть рядом с Азербайджаном и поддержать Азербайджан в карабахском конфликте.

В 1993-1994 годах иранское правительство создало 7 лагерей для 100 беженцев на юге Азербайджана.

В апреле 2004 года в Тебризе было открыто консульство Азербайджана. 16 мая 2005 года между Ираном и Азербайджаном было подписано соглашение о недопущении конфликта. 1 февраля 2010 года Иран отменил визовый режим с Азербайджаном, за исключением журналистов. Сегодня между этими народами сложились добрососедские отношения.

**Ключевые слова:** азер, Азербайджан, перс, Иран, Армения.

**Об авторе**: Турсунов Турсунмурод Худоймуродович, к.и.н., доцент, ведущий научный сотрудник Института изучении проблем стран Азии и Европы АН Республики Таджикистан, E-mail: tursunov-murod@mail.ru, тел: (+992) 93 466 55 81.

**SLOSENESS OF AZERI WITH PERSIAN**

This article shows the proximity of Azeri to the Persians, the stages of the origin and expansion of the Azerbaijani people in certain historical periods, their historical fate during the arrival of the invaders in Azerbaijan and today's cooperation with Iran.

Iranian researchers note that Iran was the first state to officially recognize Azerbaijan, and since then new relations have been established between these countries.

On March 12, 1991, Iran was one of the first countries to officially recognize the independence of Azerbaijan, and in August 1991, Azerbaijani President Ayo Mutalibov paid an official visit to Tehran, and Iran tried to be with Azerbaijan and support Azerbaijan in the Karabakh conflict.

In 1993-1994, the Iranian government created 7 camps for 100 refugees in southern Azerbaijan.

In April 2004, the Azerbaijani Consulate was opened in Tabriz. On May 16, 2005, an agreement on preventing conflict was signed between Iran and Azerbaijan. On February 1, 2010, Iran abolished the visa regime with Azerbaijan, with the exception of journalists. Today, good-neighborly relations have developed between these peoples.

**Key words**: Azer, Azerbaijan, Persian, Iran, Armenia.

**About the author:** Tursunov Tusunmurod Khudoimurodovich, c.h.s., associate professor, leading researcher institute for the study of problems in Asia and Europe National Academy of Sciences of Tajikistan, E-mail: tursunov-murod@mail.ru, Mob.: (+992) 93 466 55 81.

# ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МАЛАЙЗИЯ

**Одинаев Абдуҳалим,**
**ходими пешбари илмии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**АМИТ**
**Мирзоев Закариё,**
**магистранти**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**АМИТ**

Қитъаи Осиё минтақаи муҳимми стратегӣ буда, дорои таърихи қадима мебошад ва яке аз калонтарин қитъаи сайёра ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст оварди истиқлолияти сиёсӣ, равобити худро бо кишварҳои мамолики зиёде ба роҳ мондааст. Агар чанде ин истиқлолият дар мадди аввал марҳалаи имтиҳони мушкилоти зиёди амнӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро пушти сар мекард, аммо бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин марҳалаи гузаришро сарбаландона паси сар намуда, дар арсаи байналмилалӣ обрӯи хосса пайдо намуд. То имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи 152 кишвари ҷаҳон ба расмият шинохта шуда, бо 160 кишвар муносибати дипломатӣ барқарор намудааст. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои фаъоли 51 созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ мебошад [6, с.80]. Аз ин лиҳоз, дурнамои ҳамкории хориҷӣ, ҳадафҳо ва стратегияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятнок барои рушди кишвар, ки ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудааст дар паёми Пешвои миллат 16 апрели соли 2005 дар бораи робитаи хориҷии кишвар ироа гардид, ки: «Ҳадафи аслӣ ва стратегии сиёсати хориҷии мо татбиқи амалии манфиатҳои олии давлат ва миллат, қабл аз ҳама таъмини амният, суботи сиёсиву иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди босуръат ва таҳкими иқтидори дохилии кишвар, аст» [3, с.66].

Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ 11 кишварро дар бар мегирад, ки инҳо Тайланд, Мянма, Лаос, Камбоҷа, Ветнам, Малайзия, Сингапур, Индонезия, Бруней, Тимори Шарқӣ ва Филиппин мебошанд. Миёни ин кишварҳо панҷтоаш Бруней, Индонезия, Сингапур, Тимори Шарқӣ ва Филиппин аз кишварҳои ҷазиравӣ мебошанд [10, 2,16].

Дар робита ба дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сарвари давлат қайд намуданд, ки: «Ҳамкории оғозшудаи мо бо Малайзия, Индонезия ва кишварҳои дигари Осиёи Ҷанубу Шарқӣ талошу фаъолияти минбаъдаи сиёсӣ ва иқтисодиро тақозо дорад. Мо метавонем сармоя ва технологияҳои навини давлатҳои пешрафтаи ин минтақаи бузургро ба манфиати рушди босуръати кишварамон ҷалб намоем» [3, с.83].

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади роҳ ёфтан ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя, технология, ашёи хом ва маҳсулоти саноатӣ рушду таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо кишварҳои араб ва Осиёи Ҷануби Шарқӣ аз самтҳои афзалиятнок меҳисобад.

Малайзия давлати тараққикардаи минтақаи Ҷанубу Шарқии Осиё буда, дорои таъриху фарҳанги ғанӣ мебошад. Ин кишвар дар панҷоҳ соли истиқлолияташ аз Британияи Кабир дар соли 1957 ҷаҳиши кайҳонии иқтисодӣ карда, аз як давлати «ҷаҳони сеюм» ба давлати пешрафта табдил ёфт. Ин кишвар воқеъан тавонист худашро дар радифи панҷ кишвари «бабрҳои осиёӣ», ки Индонезия, Филиппин, Таиланд ва Ветнам мебошанд, ҷой кунад [6, с. 4; 7]. Малайзия мавқеъи муассирро дар робита бо аксар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон пайдо намудааст. Инчунин тавсеъа ва пешрафти бахшҳои саноатӣ ва иҷтимоие, ки дорои барномаҳои муваффақи иқтисодӣ мебошанд дар ин кишвар амал мекунанд.

Низоми раҳбарии ин кишвар низоми салтанатӣ мебошад, ки дар раъси ҳукумат Подшоҳи Малайзия қарор дорад. Салтанатҳои нуҳ Иёлоти Малайзия ба сурати даврай ба муддати панҷ сол интихоб карда мешаванд. Аммо ҳокимияти иҷроияи давлат дар ихтиёри нахуствазир мебошад, ки ӯро бар асоси интихоботи маҷлиси намояндагони федеролӣ интихоб ва таъйин мекунад.

Болоравии сатҳи худшиносии миллии бархе аз кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба мисли Малайзия ва Индонезия ба рушди кишвар нигаронида шудааст, ки ба ин кишварҳо дастуру фармонҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба густариши демократикунонии ҷомеа ва рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон он қадар хуш намеояд, зеро онҳо мехоҳанд ин корҳоро ба таври худ ба миён гузоранд. Дар масоили низомиву сиёсии худ низ кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ нисбатан мустақиланд [10].

Дар Малайзия қавмҳову халқиятҳои зиёде умр ба сар мебаранд ва бо забонҳои гуногун ҳарф мезананд. Забони давлатӣ малайзӣ «малолойӣ» буда, намунаи ҳамзистии байни фарҳангҳо, нажодҳо ва мазҳабҳои гуногунро муаррифӣ намудааст, ки ин яке аз сабабҳои рушди кишвар мебошад. Ин рангорангии нажодӣ дар рушди иқтисодии ин кишвар таъсири мусбӣ расонида, ба ин восита дар солҳои оянда метавонад ба як кишвари мутараққӣ табдил ёбад. Махсусан, Малайзия кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар кашмакашҳои сиёсии ҷаҳон барои нигоҳ доштани нуфузу қудрати худ аз таъсири абарқудратҳо миёни дигар кишварҳо мавқеъи хосса дошта бошад. Зеро, Малайзия калонтарин давлати тиҷоратӣ дар иттиҳодияи кишварҳои Ҷанубу Шарқии Осиё ба ҳисоб рафта, мавқеъи дувумро баъди Сингапур ишғол менамояд [8]. Бештари таҳлилгарон пешрафти «муъҷизаи малайзӣ»-ро ба асосгузораш Маҳатҳир Муҳаммад нисбат медиҳанд [6, с. 9], ки то соли 2018 ҳафтумин сарвазири такрории Малайзия мебошад.

Муваффақиятҳои бузурги Малайзия дар натиҷаи такя кардан ба модели самарабахши иқтисоди Япония дар кори ҷалби инвеститсия ва технологияи хориҷӣ, аз худ кардани таҷрибаи пешқадами давлатҳои саноаташ пешрафта, истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва баланд бардоштани имконоти содиротӣ, азнавсозии иқтисод дар шароити истикрори иҷтимоӣ-сиёсӣ ба даст омадаанд [6, с.5].

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дипломатии худро бо Малайзия 11 марти соли 1992 барқарор кардаанд. Ҳарду кишвари дӯст ҷиҳати баланд бардоштани ҳамкориҳо ва фароҳам овардани фазои густаришёфтанро доро буда, уфуқҳои навро дар ин ҷода фатҳ намуданд. Ҷиҳати барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ дар моҳи июни соли 2012 ҷаноби Сри Лим Кок Винг бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси консули фахрӣ дар ин кишвар таъйин гардид, ки пояҳои шартномавию ҳуқуқии ду кишвари дӯст дар асоси Созишнома байни Тоҷикистону Малайзия ҷиҳати

пиёда намудани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва техникию илмӣ амалӣ гардад. Барои таҳким намудани пояҳои дӯстии кишварҳои дӯст, дар Куала-Лумпур намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ намуд, ки ин омили рушди муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратии тарафайн мебошад [9].

Имрӯз робитаҳои тарафайн аз рушди гуногунҷабҳаи муносибатҳо ба сатҳи баланд расида, аҳамияти густариши ҳамкориро дар ҳама соҳаҳо таъкид мекунанд [11]. Махсусан дар солҳои охир дар шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои кишвар аз ҷониби Вазорати маорифи Малайзия ва ширкати «Exhibitions Promotion and Management Sdn.Bhd» (EXPAM) бо мақсади ҷалб намудани донишҷӯён ва такмили ҳамкориҳо дар соҳаи маориф миёни ду кишвари дӯст, намоишгоҳҳои омӯзишӣ гузаронида мешаванд [9], ки дар соли 2014 дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии ин кишвар беш аз 200 нафар тоҷикон илм меомӯзанд [6, с.18].

Дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Малайзия рӯ ба тараққӣ мебошад. Ва таърихи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишвар рӯйдоди муҳим буда, ба рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷониба такони ҷиддӣ мебахшад [4, с.68]. Зеро, «Тақвият ва рушди ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Малайзия яке аз принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар раванди давоми фаъолияти худ барои сифатан баланд бардоштан ва ҷоннок кардани ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии ду кишвар мебошад» [6, с.20] мебошад. Барои татбиқ намудани ҳамкориҳои мазкур, тарафайн «дар ин самт ва аз наздик шинос кардани доираҳои соҳибкории Малайзия ба фазои сармоягузории Тоҷикистон тадбирҳои лозима андешида, ҷиҳати ноил гардидан ба ин ҳадаф кӯшишҳои хешро дареғ намедоранд» [6, с.20].

Инчунин Муҳаммад Музаффарӣ, сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Малайзия ҷиҳати пешравии ҳамкориҳои тарафайн тавзеҳ намуда, таъкид менамояд, ки «барои таҳкими ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвари иқомат як силсила вохӯрию мулоқотҳои муфид баргузор карда, дар чорабиниҳои гуногуни илмию фарҳангӣ ва иқтисодию тиҷоратие, ки дар кишвари иқомат баргузор мешаванд, иштирок менамояд. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Малайзия ҷиҳати пайдо кардани роҳҳои мусоиди корӣ ҷиҳати моил кардани сармоядорон ва соҳибкорони ду кишвар барои ҳамкории муштарак кӯшиш ба харҷ медиҳад» [6, с.20], баён намуд ҷаноби Сафир.

Аммо ҷиҳати босамар истифода бурдани ин ҳамкориҳо ва ба даст овардани самтҳои афзалиятноки он дар суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст, ки «Ҳамкории оғозшудаи мо бо кишварҳои пешрафта ва босуръат рушдёбандаи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ – Япония, Ҷумҳурии Корея, Сингапур, Малайзия, Индонезия, Таиланд – тавсеа ва густариш меёбад, вале сатҳи баландтари он талоши пайгирро тақозо дорад» [3, с.96].

Барои пойдор ва густариши дурнамои ҳамкориҳо ва пиёда намудани асоси робитаҳои хориҷӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Малайзия Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба АМИТ «Ховар» хабар доданд, ки Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Малайзия Музаффар Муҳаммадӣ бо Сарвазири Малайзия Дато Сри Муҳаммад Наҷиб ибни Тун Абдул Раззоқ мулоқот анҷом дода буданд, ки зимни суҳбат дурнамои ҳамкории Тоҷикистону Малайзия дар самтҳои

мавриди таваҷҷуҳ баррасӣ гардиданд. Ва ҷонибҳо ҳамчунин аз рушди гуногунҷабҳаи муносибатҳо байни Тоҷикистон ва Малайзия изҳори қаноатмандӣ намуда, аҳамияти густариши ҳамкориро дар ҳама соҳаҳо таъкид карданд [11].

Ҳамин тариқ, муносибатҳо ва ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, илм, иқтисод ва савдо миёни кишварҳои Тоҷикистон ва Малайзия метавонад боиси рушди кишварҳои мазкур гардад ва дар сатҳи ҷаҳонӣ метавонад муаррифгари таърих, тамаддун ва фарҳанги ғании кишварҳо бошад.

Аз ин лиҳоз, барои тақвият бахшидани робитаҳо ва тавсеъа бахшидани фаъолияти бисёрҷониба бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз ҷумла Малайзия дар соҳаҳои сиёсат, иқтисод ва илму фарҳанг Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд доманаи ҳамкориҳоро густурдатар намояд. Зеро, кишвари Малайзия дар минтақа аз кишварҳои пешрафта маҳсуб меёбад ва Тоҷикистон метавонад аз таҷрибаи ғании ин кишвар зиёдтар баҳраманд гардад.

**А. Адабиёт:**

1. Дастовардҳои пурарзиши Тоҷикистон дар соли Мавлоно Ҷомӣ (2014). А. Шарифзода, доктори илмҳои таърих, профессор. З. Қосимӣ. Маҷаллаи «Бонкдорӣ дар Тоҷикистон». Чопи ҶДММ «ЭР-граф». Шумораи №4 (69) апрели соли 2015. - 68 саҳ.;
2. Дар бораи қитъаи Осиё донистан мехоҳем. Таҳияи Ҳотами Ҳомид. Ҳафтаномаи рӯзномаи «Омӯзгор». № 17, 25 апрели соли 2019. -16 саҳ.;
3. Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи масъалаҳои мубрам ва ибтикороти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зафар Шералӣ Сайидзода. (Паёми 20.04.2006). Нашрияи мустанад. Душанбе, 2019. - 368 саҳ.;
4. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. Душанбе: «Ирфон», 2011. - 340 с. мусаввар.;
5. Тоҷикистони муосир: масъалаҳои мубрами истиқлоли миллӣ. Зафар Сайидзода. Душанбе - 2016. - 608 саҳ.;
6. Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ. Фарҳод Розиқов. Маҷмуи мақолаҳои конфронси илмию назариявӣ - ҷумҳуриявӣ. Душанбе 2018. - 144 саҳ.;

**В. Сомонаи интернеӣ:**

7. Дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Малайзия ва Сингапур. Ҳабиб Мирзоев. 14.02.2018. (https://osiyoavrupo.tj);
8. Малайзия. Инсеклопедияи ҷаҳони араб. Соли 2004;
9. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Малайзия. 01.03.2013. ВКХ ҶТ. (https://mfa.tj/);
10. Осиё: Қитъаи калонтарини дунё ё минтақае дар ҳоли рушд. Ҳабибҷон Мирзоев. 28.09.2018. (https://osiyoavrupo.tj);
11. Ҳамкориҳои Тоҷикистону Малайзия дар самтҳои мавриди таваҷҷуҳ баррасӣ гардиданд. АМИТ «Ховар». Душанбе, 01.08.2016. (https://khovar.tj/2016/08).

## ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МАЛАЙЗИЯ

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст оварди истиқлолияти сиёсӣ, равобити худро бо мамолики зиёде ба роҳ мондааст. Аз ин лиҳоз, пиёда намудани асоси ҳамкории хориҷӣ ҷиҳати робитаи гуногунҷабҳаи ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Малайзия ба аҳамият ва рушди густариши ҳамкорӣ дар ҳама соҳаҳоро таъкид менамояд. Муносибатҳо ва ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, илм, иқтисод ва савдо миёни кишварҳои Тоҷикистон ва Малайзия метавонад боиси рушди кишварҳои мазкур гардад ва дар сатҳи ҷаҳонӣ метавонад муаррифгари таъриху тамаддун ва фарҳанги ғании кишварҳо бошад.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Малайзия, таърих, тамаддун, ҳамкориҳо, истиқлолият, сиёсати хориҷӣ, байналмилалӣ, маориф ва рушди кишварҳо.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: Одинаев Абдуҳалим Сиёҳмардович, доктор (Phd), ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; тел: (+992) 917.44.53.70; E-mail: odinaev45@gmail.com.

Мирзоев Закариё, магистранти соли дувуми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; тел: (+992) 884 88 87 20; E-mail: zakariyomirzoev@mail.ru.

## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С МАЛАЙЗИЕЙ

После обретения политической независимости Республика Таджикистан установила отношения со многими странами. В связи с этим использование зарубежного сотрудничества в качестве многоплановых отношений между Республикой Таджикистан и Малайзией подчеркивает важность и развитие сотрудничества во всех областях. Отношения и сотрудничество в области образования, науки, экономики и торговли между Таджикистаном и Малайзией могут способствовать к развитию этих стран и могут представлять богатую историю, цивилизацию и богатую культуру мира.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Малайзия, история, цивилизация, сотрудничество, образование, культура, независимость, торговля.

**Сведения об авторе:** Одинаев Абдухалим Сияхмардович, Ведущий научный сотрудник Институт изучения проблем Азии и Европы Академии наук Республики Таджикистан; тел: (+992) 917 44 53 70; E-mail: odinaev45@gmail.com.

Мирзоев Закария, студент второго курса магистратуры Институт изучения проблем Азии и Европы Академии наук Республики Таджикистан; тел: (+992) 884 88 87 20; e-mail: zakariyomirzoev@mail.ru.

## RELATIONS OF TAJIKISTAN WITH MALAYSIA

After gaining political independence, the Republic of Tajikistan established relations with many countries. In this regard, the use of foreign relations as a multifaceted relationship between the Republic of Tajikistan and Malaysia underlines the importance and development of cooperation in all areas. Relations and cooperation in the field of education, science, economy and trade between Tajikistan and Malaysia can contribute to the development of these countries and can represent a rich history, civilization and rich culture of the world.

**Keywords:** Tajikistan, Malaysia, history, civilization, relationship, education, culture, independence, trade.

**Information about the author:** Odinaev Abdukhalim Siyahmardovich, Leading Research Fellow, The Institute of study of problems in Asia and Europe of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan; tel: (+992) 917 44 53 70; E-mail: odinaev45@gmail.com.

**Mirzoev Zakariya,** second year master degree student at the Institute of Asian and European studies of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan; tel: (+992) 884 88 87 20; E-mail: zakariyomirzoev@mail.ru.

# ГЕОПОЛИТИКАИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: МАНФИАТ ВА ҲАДАФҲО

**Ашӯров Ардамеҳр Муродович,**
**ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Осиёи Марказӣ, яке аз минтақаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб карда аст. Аввалан, дар ин минтақа захираҳои бойи нафту газ мавҷуд буда, дувум бо минтақаи Авруосиё мавқеи муҳимми стратегӣ дорад. То имрӯз, бозингарони фаъол ва таъсирбахш дар Осиёи Марказӣ, Россия, Иёлоти Муттаҳидаи Америко ва Чин мебошанд, аммо дербоз Иттиҳоди Аврупо низ дар минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Дар ибтидои асри XX, дар шароити ҷаҳонишавӣ, барои шарикии сифатан нав ба Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ фурсати муносиб ба миён омад.

Мушкилоте, ки олами имрӯз дар раванди ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ аст, ба Аврупо ва Осиёи Марказӣ таъсири баробар доранд ва ҳалли муштаракро талаб мекунанд. Масъалаҳои амниятӣ ва рушди иқтисодии минтақавӣ талаб менамоянд, ки Иттиҳоди Аврупо бо ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофиашон ҳамкории зичро ба роҳ монад. Илова бар ин, он ба рушди марзҳои сарҳадӣ, муҳоҷират, мубориза бо ҷинояткории муташаккил ва терроризми байналмилалӣ, инчунин хариду фурӯши одамон, маводи мухаддир ва силоҳ алоқаманд аст [9, с. 11].

Ҳамчун бозингари геополитикӣ ҳадафҳои худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳимоя менамояд. Аз ин рӯ, манфиати геополитикии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ бештар ба тақвияти фазои демократӣ ва иқтисоди бозоргонӣ равона гардидааст [1, с. 27]. Барои расидан ба ин ҳадаф, ташкилоти аврупоӣ воситаҳои гуногунро истифода мебаранд: Барномаи кӯмаки техникӣ амсоли TACIS (Кӯмаки техникӣ ба кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил) ва TEMPUS (Барномаи байнидонишгоҳии ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо, ки аз соли 1990 раванди ҷамъиятӣ - иқтисодӣ ва ҳамчунин рушди системаи таълимро берун аз Иттиҳоди Аврупо таъмин менамояд), ки барои дастгирии ислоҳоти сохторӣ ва институтсионалии иқтисодиёти бозоргонӣ ва қонунгузорӣ, сохторҳои ҳукуматӣ ва системаи маориф дар Осиёи Марказӣ таъсис ёфтаанд. Ҳамчунин барномаи навсозии инфрасохтори нақлиёт дар минтақаи TRACECA (Роҳравӣ - коридор) нақлиёти Осиёи Марказӣ – Қафқоз – Аврупо.) ва INOGATE (Барномаи байниҳукуматии интиқоли нафту газ дар Аврупо), низ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бунёд ёфтаанд [10, с. 21].

Пояи асосии манфиати иқтисодии Иттиҳоди Аврупо дар ҳудуди минтақа бахши энергетика ба ҳисоб меравад.

Рушди шабакаи қубурҳо ва инфрасохтори нақлиёт, ҳамгироӣ кардани системаҳои энергетикии Иттиҳоди Аврупо ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба рушди умумии системаи алоқаи Авруосиё таъсири мусбӣ мерасонад.

Иттиҳоди Аврупо яке аз бузургтарин истеъмолкунандагони кишварҳои Осиёи Марказӣ аз хориҷи ИДМ (Иттиҳоди давлатҳои мустақил) мебошад, ки бо муттаҳид

намудани системаи энергетикӣ, содиргардонии энергетикаи минтақа дар бозори миёнаи моли хурд маҳсулоти худро кафолат медиҳад.

Ҳадафҳои геополитикии Иттиҳоди Аврупоро дар Осиёи Марказӣ ба марҳилаҳои зерин тақсимбандӣ кардан мумкин аст.

Дар марҳилаи аввал (1990-1994) стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ дар ин солҳо ноил шудан ба мақсадҳои сиёсӣ-тактикӣ, ба эътидол овардани фазои пасошӯравӣ, расонидани кӯмаки иқтисодии фавқулодда, мусоидат ба гуногунандешӣ, демократия ва иқтисоди бозоргонӣ буд. Ин мақсадҳо тавассути кӯмаки бевоситаи иқтисодӣ ва созмонҳои байналмилалӣ (САҲА, Шӯрои Аврупо, Вакилони парлумони Аврупо, Комиссияи Аврупо, Комиссияи Созмони милали муттаҳид оид ба муҳоҷирон ва ғ.) амалӣ мегарданд.

Моҳияти асосии сиёсати Иттиҳоди Аврупоро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба имзо расидани "Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва шарикӣ бо давлатҳои собиқ Шӯравӣ" ташкил медод, ки ин барои ба расмият даровардани муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо ин минтақа замина гузошт [2, с.13].

Дар марҳилаи дувум (1994-1998) маълум шуд, ки давлатҳои пасошӯравӣ аз меъёрҳои демократия ва иқтисоди бозор дур монданд. Дар ин марҳила ҳадафҳои Иттиҳоди Аврупо, ки бо суботи геополитикии он дар Осиёи Марказӣ равона гардид, ба вуҷуд омад [3, с.16]. Дар охири асри XX ва аввали асри XXI доираҳои сиёсӣ дар Иттиҳоди Аврупо ва пеш аз ҳама дар Олмон тамоюли васеъ кардани таъсири геополитикии Иттиҳоди Аврупоро ба миён оварданд. Дар асл Иттиҳоди Аврупо дар чаҳорчӯбаи манфиатҳои геополитикии худ дар доираи ваколати САҲА (Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо) то сарҳади Осиёи Марказӣ бо Афғонистон, Чин ва Эрон мавқеъ пайдо кард.

Дар марҳилаи сеюм, равобит миёни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ зери се омили асосӣ инкишоф меёбад: васеъшавии нуфузи Иттиҳоди Аврупо дар Шарқ, густариши таъсири Итиҳоди Аврупо ба фазои кишварҳои собиқ Шӯравӣ ва Аврупои Шарқӣ, хусусан тарғиби сиёсати Аврупо дар самти амният дар минтақа. Бинобар ин сабаб, дар солҳои наздик нуфузёбии сиёсати фаъолонаи Аврупоро дар Қафқоз, баҳри Каспий ва Осиёи Марказӣ интизор шудан мумкин буд [10, с.5]. Бояд дар назар дошт, ки минбаъд низ бо фаъолияти омилҳои дигари геополитикӣ ва мубориза барои нуфуз дар ин минтақа миёни дигар бозингарони асосӣ ба монанди ИМА, Россия, Чин ва ҷаҳони Ислом идома хоҳад кард.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, сиёсати хориҷии давлатҳои нави мустақил ба ташкили муносибатҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд бо тамоми давлатҳои ҷаҳон нигаронида шуда буд. Аз ин ҷониб, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Мушкилоти иқтисодии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ ба имконияти дастрасӣ ба захираҳои зарурии энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ асос ёфт. Барои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ зарурати таҳияи заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳамкории нав барои Иттиҳоди Аврупо ба амал омад [3, 17].

Бояд қайд кард, ки ҳадафи стратегияи Иттиҳоди Аврупо ба роҳ мондани ҳамкории фаъол бо давлатҳои Осиёи Марказӣ равона шуда, дар ин замина, мусоидат ба ҳифзи сулҳу субот дар кишварҳои ин минтақаро фаро мегирад.

Стратегия сатҳи байнидавлатӣ ва минтақавии ҳамкориро таъмин намуда, самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- ҳамкориро дар соҳаи амният, мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи маводи мухаддир, ҳамчунин ҳифзи сулҳу суботи ислоҳоти иқтисодӣ, ки имконияти истифодаи маблағҳои Бонки сармоягузории Аврупо ва фонди сармоягузориро барои татбиқи лоиҳаҳо дар Осиёи Марказӣ таъмин менамояд;
- рушди ҳамкориҳои энергетикӣ, дастрасӣ ба захираҳои энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави интиқоли энергия ба Иттиҳоди Аврупо;
- бахши муҳити зист, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист ва таваҷҷуҳ ба масъалаҳои марбут ба баҳри Каспӣ ва Арал;
- таҳияи мавзӯъҳои ҳассостарини муносиботи кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Осиёи Марказӣ, ба монанди эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, бунёди давлати ҳуқуқиву демократӣ;
- ислоҳоти стандартҳои системаи сеҷонибаи маориф ва ворид намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ дар системаи Болонӣ (Системаи таҳсилоти олии аврупоӣ) мебошад [7, с.4].

Ҳамин тариқ, "Стратегияи шарикии нав байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ" ҳадафи Иттиҳоди Аврупоро оид ба тақвияти мавқеи он дар минтақаи Осиёи Марказӣ, нишон дод [6, с.20].

Барои таҳкими ҳамкориҳои муштарак, Иттиҳоди Аврупо бо барнома ва лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар шаш соҳаи асосӣ амал мекунад, ки ҷойи аввалро ҳалли масъалаҳои энергетикӣ ва захираҳои обӣ ташкил медиҳад. Масъалаи захираҳои обӣ ба рӯйхати Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ дохил карда шудааст. Аз ин рӯ, қобили зикр аст, ки яке аз олимаҳои шинохтаи Олмон И. Дойчланд, тадқиқоти хешро дар солҳои 1994 ва 1995 дар Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, чунин натиҷагирӣ кардааст: "Тоҷикистон дорои захираи зиёди об ва боигарии сохтмонӣ - барқӣ мебошад. Агар дар ин самт коргузорӣ дуруст ба роҳ монда шавад, некуаҳволии мардуми Тоҷикистон хело беҳтар мегардад. Дигар олими маъруфи олмонӣ, таърихнигор ва тоҷикшинос Клаус Ландер қайд кардааст, ки "агар Тоҷикистон об ва барқи хешро ба низом даровадра тавонад, симои ин кишвар куллан дигаргун шуда, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба яке аз кишварҳои абарқудрат мубаддал мешавад" [1, с. 39].

Соҳаи дувум нақлиёт буда, нишон медиҳад, ки Осиёи Марказӣ аз лиҳози мавқеи геополитикӣ пули калонтарини Аврупо ва Осиё ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, Иттиҳоди Аврупо барномаи «Тиҷорати Аврупо-Қафқоз-Осиё» (TRACECA)-ро, ки дар соҳаи нақлиёт ва тиҷорат мусоидат мекунад, таҳия намуд. Ин ба соҳаи савдо, ҳамгироӣ кардани роҳи автомобилгарди байналхалқӣ байни Аврупо, Қафқоз ва Осиё, инчунин ҳалли мушкилот дар системаи нақлиёт ва тиҷорати минтақа мусоидат мекунад. Рушди тиҷорати хурд ва миёна яке аз самтҳои афзалиятноки барномаи минтақавӣ буда, ҳадафи он мусоидат намудан ба рушди тиҷорати хурд ва миёна тавассути лоиҳаҳо мебошад.

Ҳифзи сарҳад ва мубориза бар зидди маводи мухаддир соҳаи чорум дар минтақа ҳисоб меёбад. Аз охири соли 2001, Иттиҳоди Аврупо татбиқи лоиҳаи CADAP -ро оғоз намуд. Вазифаҳои асосии ин лоиҳа: беҳтар намудани кори хадамоти назорат дар фурудгоҳҳои калон дар минтақа, таҳкими ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо қочоқи маводи мухаддир мебошад.

Барномаи ояндаи Иттиҳоди Аврупо барои дастгирии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар таъмини амният БОМКА (барномаи кӯмаки сарҳадӣ дар Осиёи Марказӣ) буда, он аз соли 2003 фаъолиятро оғоз намуда, барномаи кумаки муштараки Иттиҳоди Аврупо ва БРСММ (барномаи рушди Созмони милали муттаҳид) ташкилоте, ки қисман лоиҳаҳои дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад [10, с.3]. То имрӯз 6 марҳилаи барнома анҷом дода шудаанд, ки дар он чорабиниҳо барои омӯхтани имкониятҳои умумии ҳифзи сарҳад дар кишварҳои минтақа ва омодасозии мунтазами кормандони сарҳад ва алоқаҳои марбута ташкил карда шуданд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва маориф низ яке аз асоситарин соҳа ба шумор меравад. Дар робита ба ин, қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамкорӣ миёни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар ин соҳа бисёр муҳим ва саривақтӣ мебошад. Дар сатҳи минтақавӣ барномаҳои Tempus, Erasmus Mundus, ETF (барномаи сармоягузории бозори хориҷӣ) ва ғайра амал менамоянд, ки самти ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар минтақа бо Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад.

Соҳаи шашум ҳифзи муҳити зистро фаро гирифта, дар он ҳимояи захираҳои табиӣ ва биологӣ дар чаҳорчӯбаи Барномаи экологии Осиёи Марказӣ зикр ёфтааст. Ин барнома ба ду марҳила тақсим карда мешавад. Марҳилаи якум бо захираҳои об вобаста буда, марҳилаи дувум рушд аст, аммо он бояд аввалиро рушд диҳад ва то соли 2013 амал намудааст [10, с.4].

Бароҳмонии соҳаҳои зикргардида имкон медиҳанд, ки муносибатҳои мутақобилан судманд миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо ба вуҷуд оянд ва минбаъд низ дар ҳамкории тарафайн тақвият ёбанд.

Ба таври дигар манифиатҳои асосии геополитикии Иттиҳоди Аврупоро дар минтақаи Осиёи Марказӣ метавон чунин ишора кард:

- таъмини амният ва оромӣ дар кишварҳои минтақа;
- кумаки молиявӣ барои беҳдошти сатҳи зиндагии мардум дар минтақа;
- ҳамкорӣ, хусусан дар бахши энергетика, нақлиёт, таълимот ва самти экология;
- тақвияти фазои демократӣ дар минтақа;
- пешгирии хатарҳои номатлуб ба монанди терроризм ва экстремизм;
- гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар минтақа;
- сармоягузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳо дар Осиёи Марказӣ;
- тақвияти иқтисоди бозоргонӣ;
- истифодаи захираҳои табиӣ ва ғ.

Ҳамин тариқ, солҳои 90-уми асри гузашта муносибатҳои гуногунпаҳлӯ миёни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Миёна густариш ёфтанд. Дар аввали солҳои 90-ум, ин муносибатҳо дар шароити нави раванди геополитикӣ ба вуҷуд омаданд. Мавқеи Осиёи Марказӣ имконоти бештарро барои таҳкими ҳамкориҳо ба дигар марказҳои асосии иқтисодӣ ба вуҷуд овард. Аз ин ҷониб, Иттиҳоди Аврупо дар чаҳорчӯбаи иқтидори хеш мавқеи намоёнро касб менамояд. Қабули ҳуҷҷатҳои мухталифи консептуалӣ оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва татбиқи барномаҳои гуногуни минтақавӣ имкон медиҳанд, ки дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо тақвият ёбанд.

**Адабиёт:**


1. Deutschland Jrina: Die Zentralasiatische Gus-Republiken, Kirgistan, Usbekistan, Turkmenistan, Tadshikistan // Ausgangssituation und Ansatzpunete fuer die Entwichlungs zumammenarbeit, - Berlin, 1993, - S. 39;
2. Pander K. Zentralasien Usbekistan, Kirgistan, Tadshikistan, Turkmenistan, Kasachstan // Kunst Reisefuhrer, Dumont, 1996. S.46;
3. Rahr. A. Europe in the New Central Asia // The New Central Asia: In Search of Stability: A Report to the Trilateral Commission. – New York, 2000;
4. Байзакова К.И. Политико-правовые основы сотрудничества Европейского Союза с государствами Центральной Азии, - с. 27-30 // Analytic 3, 2003. – 244 с.;
5. Белокриницкий В. Генезис и основные характеристики региона. // Центральная Азия. Пути интеграции в мировое сообщество. М., 1995. - 360 с.;
6. Воҳидова С. Развитие иранистики и таджиковедения в историографии Европы (XV-начало XXI в.в.) Душанбе, «Эр-граф», - 2015. - 504 с.
7. Дусчанов Р. О возможности использования опыта интеграции стран Западной Европы государствами ЦА. Центральная Азия и Кавказ, 2003. - 244 с.
8. Евразийская интеграция Таджикистана: дорожная карта для экспертного сообщества. Проектно-аналитический доклад. (руководитель проекта – Г. Майтдинова. Участники: Каюмов Н.К, Саидов Х.С., Умаров Х.У., Царик Ю.Ю., Шарипов Б. – Душанбе, 2014;
9. Изменяющаяся Центральная Азия и региональное сотрудничество. Материалы научной региональной конференции. – Душанбе, 2003. - 345 с.
10. Лаумулин М., Сейфуллина Т. Интересы и политика Европейского союза в Центральной Азии и Каспийском регионе // Режим доступа: www. kisi. kz. – 2009;
11. Майтдинова Г.М. Состояние и перспективы сотрудничества Евросоюза и Республики Таджикистан. Европейский Союз и Таджикистан – состояние и перспективы сотрудничества. Материалы конференции. 2008. – 288 с.;
12. Парамонов В. Формирование геополитической ситуации в Центральной Азии. – Внешние факторы. Центральная Азия и Кавказ, 2000. – 324 с.


## ГЕОПОЛИТИКАИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: МАНФИАТ ВА ҲАДАФҲО


Мақола ба ҳадафҳои геополитикии Иттиҳоди Аврупо дар минтақаи Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Раванди ҷаҳонишавӣ имрӯз масъалаҳоеро пеш овард ва минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳалли ин масоил фаъолияти якҷоя доранд. Иттиҳоди Аврупо ҳамчун бозингари геополитикӣ ҳадафҳои худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳимоя менамояд. Зеро, мавқеи георгафии минтақаи Осиёи Марказӣ барои таҳкими ҳамкорӣ ва ҳадафи геополитикӣ барои Иттиҳоди Аврупо муҳим ба шумор меравад. Яке аз манфиати асосии геополитикии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ тақвияти фазои демократӣ ва иқтисоди бозоргонӣ буда, заминаи асосии манфиатҳои иқтисодии Иттиҳоди Аврупо дар ҳудуди минтақа бахши энергетика ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи дигари стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои ҳамкории фаъол бо давлатҳои Осиёи Марказӣ равона шуда дар заминаи ин мусоидат ба ҳифзи сулҳу субот дар кишварҳои ин минтақа мебошад. Таваҷҷуҳи асосӣ дар мақола ба омӯзиши манфиатҳои геополитикии Иттиҳоди Аврупо дар шароити нави сиёсати ҷаҳони имрӯза дар Осиёи Марказӣ равона гардидааст.

**Калидвожа:** Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Марказӣ, геополитика, сиёсати хориҷӣ, демократия, амният, иқтисодиёт.

**Дар бораи муаллиф**: Ашӯров Ардамеҳр Муродович, ходими калони илмии Институти Осиё ва Аврупои АМИТ, E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru, тел: 917 34 02 94.

## ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ЦЕЛИ ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Статья посвящена геополитическим целям Европейского Союза в Центральной Азии. Процесс глобализации в современном мире поднял проблемы, с которыми Европейский союз и регион Центральной Азии работают вместе над решением этих вопросов. Европейский союз как геополитический игрок защищает свои цели в регионе Центральной Азии. Потому что геополитическая позиция Центрально-азиатского региона важна для укрепления сотрудничества и геополитической цели Европейского Союза. Основной геополитической выгодой Европейского Союза в Центральной Азии является, прежде всего, укрепление демократической и рыночной экономики, основного источника экономических выгод Европейского Союза в регионе.

Другой целью стратегии ЕС является содействие активному сотрудничеству со странами Центральной Азии в качестве способа содействия миру и стабильности в регионе. Основное внимание уделяется изучению геополитических интересов Европейского Союза в новых условиях текущей мировой политики в Центральной Азии.

**Ключевые слова:** Европейский Союз, Центральная Азия, Геополитика, Внешняя политика, демократия, безопасность, экономика

**Информатция про автор**: Ашӯров Ардамехр Муродович, страший научный сотрудник Института Азии и Европы НАНТ, E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru, тел: 917 34 02 94.

## THE GEOPOLITICAL GOALS OF THE EUROPEAN UNION IN CENTRAL ASIA

The article is devoted to the geopolitical goals of the European Union in Central Asia. The process of globalization in the modern world has raised the problems with which the European Union and the Central Asian region are working together to address these issues. The European Union as a geopolitical player defends its goals in the Central Asian region. Because the geopolitical position of the Central Asian region is important for strengthening the cooperation and geopolitical purpose of the European Union. The main geopolitical advantage of the European Union in Central Asia is, above all, the strengthening of a democratic and market economy, the main source of economic benefits of the European Union in the region.

Another objective of the EU strategy is to promote active cooperation with the countries of Central Asia as a way to promote peace and stability in the region. The main attention is paid to the study of the geopolitical interests of the European Union in the new conditions of the current policy of the world society in Central Asia.

**Keywords**: European Union, Central Asia, geopolitics, foreign policy, democracy, security, economics.

**Inphormation about auto**: Ashurov Ardamehr Murodovich, Senior Associate, Institute of Asia and Europe, National Academy of Sciences of Tajikistan, E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru тел: 917 34 02 94.

# РАВАНДҲОИ ИСЛОМИКУНОНИИ ПОКИСТОНИ НАВИН

**Раҳмонов Мирсаид,**
**ходими илмии Институти**
**омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои АМИТ**

Барои дарки ин ё он масоил бояд ба таърих ва назарсанҷиҳои донишмандон ва олимон рӯй овард, то нукоти мубрами масъала равшан гардад. Дар ин ҷо пажуҳиши мо марбут ба Ислом ва раванди пайдоиш ва ташаккулёбиии он дар Покистон рабт дорад, ки хонанда метавонад аз ҷанбаҳои гуногуни он огоҳӣ пайдо кунад. Бояд қайд кард, ки Ислом мисли дигар динҳо дар ҷаҳон пайравони зиёд дошта, низоми бунёдиашро имондорӣ, амонатдорӣ, адолатпарварӣ ва амну субот ташкил медиҳад, ки яке аз рушдёфтатарини динҳо дар олам ба шумор меравад.

Дар байни кишварҳои Ҷануби Осиё Ислом аз дувумин ва сернуфузтарин дин мебошад, ки пайравони он як аз се ҳиссаи аҳолии онро ташкил медиҳанд. Дини Ислом аввалин маротиба дар асрҳои VI ва VII ба Ҷануби Осиё тавассути тоҷирони араб ворид гардид [6, с.65]. Ва аз ин ҷиҳат омӯзиши масоили мубрами он хело муҳим арзёбӣ шудааст.

Таҳқиқи мавзӯи "пешомадҳои таърихӣ, омӯзиши муқоисавии Ислом ва арконҳои он дар Осиёи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ ва иштироки онҳо дар равандҳои геополитикӣ", аз ҷумла дину мазоҳиб ва масоили мубрам ва таъсири онҳо ба геополитикаи муосири Осиёи Ҷанубӣ ва минтақа ба сабаби набуд ё норасоиҳои таҳқиқоти илми муосир дар бораи омӯзиши мақоми омилҳои иҷтимоӣ ва мазҳабӣ ба равандҳои геополитикӣ дар минтақа равона шудааст. Бо вуҷуди чоп ва нашри китобу асарҳои зиёд оиди масоили мубрами мамолики Осиёи Ҷанубӣ дар хориҷ ва дохили кишвар аз ҷониби муҳаққиқон доктор Абдуғанӣ Мирзоев, Шарафнисо Пулодова, Ҳабибулло Раҷабов, Сайфиддин Акрамов, Майрамбӣ Нурова, Ҳайдар Қурбонов, Замира Ғаффорова ва дигарон қобили қадрдонист, вале ҳанӯз донишҳои ибтидоӣ ва муҳим дар бораи ин мавзӯъ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, алалхусус Покистон то ба ҳол иддае аз масоил ва мушкилоти он мавриди омӯзиши дақиқ қарор нагирифтаанд.

Ин норасоиҳо ва холигӣ бо маълумотҳои хело кам пур шудаанд. Бештари онҳо тавассути матбуоти даврӣ ё васоити ахбори омма аз қабили рӯзномаҳои «Ҷумҳурият", "Садои Мардум", "Чархи Гардун", ва маҷаллаҳои "Садои Шарқ", "Ахбор"-и Академия, "Паём"-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи омӯзгорӣ интишор гардида, вале равандҳои геополитикӣ ва масоили ҳамгироии минтақавӣ мавриди таҳлилу баррасии хос қарор нагирифтааст.

Аз ин лиҳоз омӯзиши натоиҷи ин омилҳо ва таъсири онҳо ба геополитика дар Осиёи Ҷанубӣ ва муқоисаи онҳо бо ҳамсоякишварҳо, ба мисли Покистон ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалиявӣ лозим ва муҳим мебошад. Ин омӯзиш ва таҳқиқот барои муайян намудани омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва мазҳабӣ, ки метавонанд нақши мусбиро дар рушди минтақа, барои беҳтар намудани равобити хориҷии Тоҷикистон дошта бошанд, дар коҳиш додани кашмакашу нооромиҳо дар равандҳои геополитикӣ муҳимму заруранд. Одатан ва ба таври анъанавӣ, бештари

муҳаққиқони мазкур омӯзиши дақиқи ҷараёну омилҳои динию мазҳабиро дар самт ё равандҳои геополитикии замони муосир дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, ба масоили адабӣ ва фарҳангии ин мамолик такя кардаанд. Ба ҳамин равиш ва шакл, таърихшиносон, фарҳангшиносон, диншиносони вобаста ба таҳқиқоти манотиқи Осиёи Ҷанубӣ, баррасиҳояшонро бо омилҳои равандҳои муосир хеле кам рабт додаанд.

Назарсанҷиҳо нишон медиҳад, ки фаҳму дарки раванди шинохти кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар даврони гузариш бе омӯзишҳои фароминтақавии онҳо ғайриимкон аст. Зеро таҳаввулоти рӯзмарраи ҷаҳон ва минтақа ва интегратсияи (ҳамгирой) созмонҳову кишварҳо ба онҳо таъсирбахш буда, бояд дақиқтар баррасӣ шуда,мавриди омӯзиш қарор гиранд.

Илова аз ин, мақолаву асарҳои иҷтимоӣ ва исломии муосир, ки бо консепсияи миллӣ ва фаромиллӣ дошта, ки дар равандҳои геополитикӣ самти мустақилро бозанд, ниҳоят кам ба чашм мерасанд. Масоили муносибатҳои давлатию динӣ низ ниёзи омӯзиш дар зимни ҷаҳонишавӣ ва минтақагароиро дорад, ки таҳлилгарон ва муҳаққиқон мушкилоти умдаи муносибатҳои байни давлат ва динро дар Осиёи Ҷанубӣ ва минтақа таъкид намудаанд.

Ба монанди дигар кишварҳои олам баъзе равандҳои мубрами мафҳуми дунявият ва дин на он қадар фаъол дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ба чашм мерасад. Тибқи таҳлил ва баррасӣ муҳаққиқон сиёсати динии давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои геополитикӣ вазъиятро муташанниҷ месозад. Яъне ки нақши омили динӣ дар равандҳои геополитикӣ вобаста ба ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ норавшан мемонад.

Аз ҷумла, зимни таҳқиқ самтҳои шинохти равандҳои муосири нақши дини ислом ба Покистон таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Зеро, дар даврони шӯравӣ дар натиҷаи дуруст муайян карда натавонистани нақш ва ҷойгоҳи ислом дар Покистон қисми зиёди масоили мубрами он аз доираи тадқиқу омӯзиш ва истифодаи умум берун монданд. Дар охирҳои солҳои ҳаштодум ё ғолибан баъди дарёфти истиқлолияти Тоҷикистон назарҳо дар шинохти дини ислом тағйир ёфт ва дар пажӯҳишҳои ин давра коршиносони соҳа навоварӣ оварданд. Ҳоло, дар кишвар ҷамъоварию таҳқиқ ва нашри гаронбаҳо оиди дини Ислом аҳамияти зиёд касб намуд, ки бо сабабҳои маълуми айнию зеҳнӣ хонандагони тоҷик аз мутолиаи онҳо солҳои пеш аз истиқлол маҳрум буданд.

Бо талошу муборизаҳои шабонарӯзӣ ва роҳнамоии роҳбарони шибҳи қорраи Ҳинд ба мисли Маҳатма Гандӣ, Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ, Абулкалом Озод ва Муҳаммад Иқбол ин сарзамин аз зери мустамликаи Британиё дар соли 1947 озод гардид. Ва дертар, бо пайдо шудани эҷоди ихтилофу назароти гуногун дар замони пас аз муборизаҳо ва талошҳо барои озодӣ аз зери султаи мустамликаи Британиё ба ду давлат тақсимбандӣ шуд, ки дар замони ҳозир яке Ҳиндустон ва дигаре Покистон мебошанд. Дар ин раванд Покистон аз 1947 чун сарзамини ҷудогона барои мусалмонони сарзамини Ҳинд ҷудо эътироф шуд, ки дини Ислом чун дини расмӣ мавриди қабули ҳамагон гардидааст. Чуноне ки зикр шуд, роҳбарон ва низомиёни ин сарзамин, ки солиёни дароз зери султаи Британиё буд, исломро чун васила барои расмиятсозии қавонин, ҳуқуқ ва сиёсат истифода мекарданд.

Ҳоло номи расмияш Ҷумҳурии Исломии Покистон буда, дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ мавқеият дорад. Аҳолияш зиёда аз 200 миллион буда, пойтахташ шаҳри

Исломобод мебошад [2]. Кишвари кишоварзӣ буда, воҳиди пулияш рупия (калдори покистонӣ) аст. Содироти он нафт, чарм, либос, биринҷ ва молҳои ороишӣ буда, воридоташро маҳсулоти мошинсозии вазнин ва саноати химия, сӯзишвории маъданӣ ва равғанҳои молиданӣ ташкил медиҳад [1, с.205].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки тақсимбандии Ҳиндустону Покистон аз ҷониби Британия бо дарназардошти қавмияти ин минтақа сурат гирифт. Зеро Британиё мехост нуфуси худро бо ин роҳ дар байни мардуми ин мамолик нигоҳ дошта, давлату қавмиятро ҳифз намуда, мудохилаашро идома диҳад. Аммо роҳбарони онвақтаи ин кишварҳо Маҳатма Гандӣ (1869-1948), Ҷавоҳирлол Неҳру (1889-1964), Муҳаммад Иқбол (1877-1938) ва Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ (1876-1948), ки худ дар байни мардум ба воя расида буданд, талош карданд, зимомати мардуми худро ба дӯш бигиранд.

Бо ин мақсад ин роҳбарон ба мизи машварат нишаста, тақсимбандиро ба асоси "Назарияи ду қавмият ё миллат" (Назарияест, ки аз ҷониби Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ бо назардошти фарҳанг, фалсафа, ақида ва тамаддуни ҷудогона доштани мусалмонҳову ҳиндуҳо ирои гардидааст) пазируфтанд. Ин назария бо ибтикори Муҳаммад Алии Ҷиноҳ дар нитиҷаи баҳсу назарҳои гуногуни идеологӣ, фалсафӣ ва қавмӣ дар яке аз иҷлосияҳо дар шаҳри Лоҳур ироа шуд, ки он заминаро барои эҷоди риоя ва ҳуқуқӣ фардӣ ва иҷтимоии ҳиндуҳо ва мусалмонони шибҳи қора фароҳам овард.

Ҳадафи асосӣ онҳо ин буд, ки ин қавмҳо дар асоси назария ва ақоиди доштаи худ тавонанд, зери давлати алоҳида бо ҳифзи муштаракот зиндагӣ намоянд. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ ҳаракати "Лигаи мусалмонони Ҳинд" баъзе ноадолатӣ ва нобаробариҳоро дар риоя нагардидани ҳуқуқҳои иҷтимоӣ эҳсос карда, хостори эҷоди давлате шуд, ки мақсаду мароми эшон мавриди эҳтиром қарор гирад. Ҳамаи роҳбарон манфиатҳои қавмиву миллиро ба назар гирифта, барои доштани ҳукумати дилхоҳ розигӣ дода, бо машварати намояндагони Британия дар нимаи моҳи августи соли 1947 бо ду давлати ҷудогона тақсимбандӣ шудаанд, ки яке бо номи Ҳиндустон ва дигаре бо номи Покистон имрӯз дар ҷаҳон шинохта мешаванд.

Ҳамин буд, ки ҳардуи ин кишвар 14-уми августи соли 1947 истиқлояти хешро ба даст овардаанд, аммо мардуми Ҳинд бо расму ривояти қавмии худ 15-уми августро ҳамчун рӯзи истиқлолияти худ интихоб карданд, вале Покистон 14-уми августро қабул карда, чун давлати алоҳида ба фаъолият оғоз кард ва аввалин роҳбари кишвар Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ (1876-1948) ва Лиёқат Алихон (1895-1951)-ро чун нахустин сарвазир интихоб карданд [6, с.347].

Дертар бо дарназардошти ислоҳоти қавонини кишвар Покистон дар соли 1956 расман чун «ҷумҳурияи исломӣ” эълон гардид [3].

Бояд зикр кард, ки мардуми ин кишвар солиёни зиёд дар зери истеъмори Британиё буданд, вале расму анъанаҳои худро гум накарда, то ҳол ҳифз карданд. Аммо, барои ҷорӣ кардани аҳкоми Ислом ё шариат ин кишвар мароҳили нишебу фарозеро тай кард ва ба чолишҳои мубрам мувоҷеҳ гардид. Зеро, дар ин асно ин кишвар дар марҳалаи шинохти ҳуввияти миллӣ қарор дошт. Агар дақиқтар бигӯем, мардум дар дуроҳае қарор доштанд, сохтани давлати миллӣ ва ё доштани низоми исломӣ.

Вале, зина ба зина кишвар бо ҳамин низоми давлатдории қабулшудаи кишвар аҳкому қавонини худро мавриди амалӣ ва пайкарди қонунӣ қарор медод. Бо тағйирёбии авзоъи геополитикии ҷаҳон ва минтақа ва мудохилаи кишвари Россия ба Афғонистон дар солҳои 80-уми асри гузашта ин сарзамин кумак ва ҳамкории худро бо мусалмонон ва аниқтараш бо муҷоҳидони Афғонистон оғоз бахшид.

Таҳлилгарон ва диншиносон ба ин назаранд, ки бо идомаи чунин вазъият тадриҷан Ислом дар бештари мамолики дунё ва ин сарзамин то андозае шакли радикалӣ гирифт. Аз ҳамон даврон то ҳол Покистон ҳамчун қурбонии маркази глобалии ҷиҳод ва маркази муборизаи гурӯҳҳои исломгарои радикал эътироф гардид.

Таҳлилу баррасиҳо нишон медиҳад, ки аз солҳои 1940-ум ба баъд ҳаракати сиёсии озодихоҳӣ "Лигаи мусалмонони Ҳинд" барои доштани як сарзамини ҷудогона талошу муборизаҳо карданд ва дини Исломро ҳамчун ченаки қонунгузории миллии худ қабул карданд, бо вуҷуди он ки баъзе аз роҳбарани онвақтаи Покистон ба монанди Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ озодандеш ё секулар буданд ва талош ва мубориза мебурданд, то ҳуқуқ ва масоили умдаи ҳамаи қавму миллиятҳо, аз ҷумла мусалмонони минтақаи шибҳи қора мавриди ҳимояи қонунӣ қарор гиранд. Аммо, ҳамзамон баъзе роҳбарони гурӯҳҳои динӣ барои доштани Покистони озод мухолиф буданд. Вале, дертар баъд аз ҷудошавӣ назари онҳо дигар шуд. Тибқи баррасиҳои муҳаққиқ ва рӯзноманигори машҳури покистонӣ Аҳмад Рошид бештари онҳо назару андешаашонро тағйир дода, барои раванди исломисозии ҷомеа ба муборизаҳо оғоз карданд, ки ба таври номуносиб ва норушан нишон додани ин раванд кашмакашҳои наверо ба вуҷуд овард. Ин ихтилофот ва тағйирёбиҳо сабаби ҷудосозиҳо байни мардум шуд ва онҳоро ба гурӯҳҳои гуногун тақсимбандӣ кард. Баъзеҳо хостори доштани низоми исломӣ ва бахше дигаре ҷонибдори либералӣ ё озодандешӣ буданд, ки он дар ташаккулёбӣ ва пешрафти давлати миллӣ монеаҳо эҷод мекард. Зеро мардуми он баъд аз дарёфти истиқлол аз Британиё ва ҷудо шудан аз Ҳиндустони имрӯза дар садади сохтани низоме буданд, ки онҳо тавонанд дар зери сояи адлу инсоф бо доштани ақоиду афкори худ умр ба сар баранд. Ин ҳама ҳадаф, мақсадҳое буданд, ки роҳбарон, бахусус Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ ва дигарон талош карданд, ки кишварро аз ихтилофоти қавмию забонӣ маҳфуз доранд.

Ҳамин тавр, дар раванди исломикунонии ҷомеа бештари мардуми Покистон саҳм доштанд, хусусан роҳбарони созмону ҳаракатҳои озодихоҳи динию мазҳабӣ нақши муассир гузоштанд, овардааст Аҳмад Рошид дар китобаш зери унвони "Descent Into Chaos", ки оиди Амрико ва мудохилаи он ба умури кишварҳои Покистон, Афғонистон ва Осиёи Марказӣ бахшида шудааст.

Соли 1949 роҳбарони кишвар аввалин созишномае бо иштироки ҳамаи намояндагони ҷомеа дар шинохт ва сохтани ватани ободу озод ба имзо расониданд. Дар мавриди созишнома ё аҳдномаи мазкур муҳаққиқ ва донишманд Фарзона Шайх дар китобаш зери унвони "Making Sense of Pakistan" (мафҳумсозии Покистон-Р.М) чунин менигорад: "созишнома ё аҳдномаи мазкур ду ҳадафи асосӣ дошт, ки аввал он оиди ба эътироф ва тасдиқ кардани худмухторияти кишвар ё муайян кардани вазифа ва фаъолиятҳои парламент ва дувум ин додани ҳуқуқ ба аҳолии кишвар то аз қавонини исломӣ кор гиранд ва умр ба сар баранд" [7, с.84-85].

Аммо баъзе коршиносони соҳа, ҳуқуқшиносон ва таҳлилгарон ба ин назаранд, ки чунин аҳднома санаи 11-уми августи соли 1947 зимни суханронии муассис ва роҳбари он Муҳаммад Алӣ Ҷинон кайҳо тасдиқ шуда буд, ки дар он чунин зикр шудааст, "сарзамини нав ҷоест, ки ҳама динҳо, қавм ва пайравони адёни гуногун мунсифона зиндагӣ мебаранд" [6, с.353]. Ба ақидаи Салмон Роҷа муҳаққиқ, қонундон ва ҳуқуқшиноси покистонӣ, фавти нобаҳангоми Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ роҳу равиш ва нақши ислом дар ҷомеа ҷавоби мунсифона пайдо накард. Доктор Ҷовид Иқбол фарзанди Муҳаммад Иқбол, ки дар бахши низоми судӣ ва ҳуқуқии Покистон ифои вазифа кардааст, дар китобаш зери унвони "Islam and Pakistan Identity" чопи 2003 чунин ишора мекунад: "ҳадаф аз эҷоди Покистон ин фароҳамсозии макон барои ҳар фарде мебошад, ки дар он ҳамаи ҳуқуқаш риоя шавад ва ӯ тавонад динашро бо ҳаёти рӯзмарраaш тавъам амалӣ нишон диҳад. Мутобиқатсозии расму одатҳо бо афкори динии муосир аз пояҳои асосии ҷомеаи мусалмонии муосир мебошад, ки ба ҳамин асос Покистон бунёд шудааст", иброз мекунад ин донишманди покистонӣ [6, с.351]. Ба ақидаи Доктор Ҷовид Иқбол мардуми Покистон аслан низоми давлатдорӣ ва миллии кишварҳои Арабистони Саудӣ, Туркия, Эрон ва модели “Толибон”-ро, на он қадар меписанданд, балки хоҳони модели исломи суннатии пешрафтаи худ мебошанд.

Бояд зикр кард, ки дар Покистон бо омадану рафтани ҳар роҳбари он дар мавриди исломсозии кишвар ислоҳот ва дигаргуниҳо ба вуҷуд омадааст. Вале, ин ислоҳот дар давраии ҳукумати генарал Зиёу-л-Ҳақ як шакли дигаре ба худ гирифт. Зеро, ин ҳамон давре буд, ки қувваҳои ҳарбии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бо созишномаи махсус вориди хоки Афғонистон шуданд ва геополитикаи минтақа ва ҷаҳон ба худ симои дигар гирифт. Вале Зиёу-л-Ҳақ бо сари қудрат омадан дар кишвар аз соли 1977 то 1988 раванди низоми исломиро бо ҳамкории аҳзоби исломии кишвар пурзуртар гардонд.

Бо ташаббус ва фармони ӯ дар Покистон қавонини наверо оиди исломсозии ҷомеа содир кард. Ӯ касе буд, ки дар кишвар суд ё маҳкамаи шаръии мустақил таъсис дод, ки дар чорчӯбаи он ҷинояткорон ҷазо мегиранд. Дар давраи ҳукмронии ӯ омӯзиши Ислом дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ва байни низомиёни кишвар ба таври иҷборӣ қабул ва мавриди иҷрои амал гашт. Бо ташаббус ва фармони ӯ қавонин махсус оиди занҳо ва ҳуқуқи исломии онҳо ба тасвиб расид. Таҳлилгарон ва коршиносони кишвар ва минтақа хусусан Ҳусайн Ҳаққонӣ, собиқ сафири Покистон дар Амрико ба ин назар аст, ки Зиёу-л-Ҳақ хубиҳои зиёдеро дар ҷомеа ба вуҷуд овард, аммо баъзе гурӯҳҳои мазҳабии мансуб ба аҳли ташаюъ ва аҳмадия аз ин дастурамалҳо норозигӣ баён мекарданд ва аз ин сабаб дар кишвар ихтилофоту мунокишаҳои зиёде сар зад, ки қавмро ба тақсимшавии гурӯҳӣ оварда расонд.

Мутобиқи таҳлилҳои таърихӣ, гурӯҳи Аҳмадия ё Қодинёниҳо аз ақаллиятҳое мебошанд, ки худро мусалмон мегӯянд ва роҳбар ва муассиси онҳо Мирзо Ғулом Аҳмад Қодиёнӣ (1835-1908) буд. Ин равия дар Ҳинд таъсис ёфта, ба андешаи пайравони онҳо ҳазрати Муҳаммад охирон паёмбар набуда, балки силсилаи рисолат идома дорад. Тибқи таҳлилҳои Леонард Биндер дар китобаш зери унвони “Religion and Politics in Pakistan” (Дин ва сиёсат дар Покистон 1961) “Аҳмадия” равияи нави исломӣ буда, бо доштани хусусиятҳои хоси динӣ ва иҷтимоии худ аз дигар мусалмонон фарқ мекунанд [9, с.206].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бо ин ихтилофи фикрӣ кишвари Покистон қонуне дар соли 1974 ба тасвиб расонд, ки гурӯҳи “Аҳмадия” чун ҷамоаи ғайри мусалмон шинохта шаванд. Аммо таҳқиқот ишорат мекунад, ки соли 1954 мардуми кишвар муқобили ҷамоаи “Аҳмадия” ошуб бардоштанд, ки давлат барои баррасӣ, комиссияи махсус ташкил дод, ки дар натиҷа қонуни ҷамоаи ғайри мусалмон эълон шудани аҳмадия дар Покистон санаи 1974 содир шуд.

Созиш ва мудохилаи давлат ва диндоронро исломшинос, сиёсатмадор ва нависанда Валӣ Наср дар китоби худ зери унвони "Vanguard of the Islamic Revolution" (Муқаддимаи инқилоби исломӣ) чопи 1994 мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба ақидаи вай бидуни эҷоди ҳамгироии миллӣ дини Ислом аз ҷониби ҳамаи давлатдорони кишвар чун абзоре барои нигоҳдории давлат ва мардум истифода мешуд.

Бозрасиҳои илмӣ нишон медиҳад, ки раванди дигари исломсозии Покистон ин исломи ҳарбӣ ё низомӣ мебошад, зеро кишвар бо ташаббус ва ҳамкории низомиён қавонинро ислоҳ ва мавриди назарсанҷӣ қарор медиҳад. Оид ба ин яке аз сиёсатмадорон ва коршиноси покистонӣ ҷаноби Аҳсан Иқбол чунин менигорад, "сиёсати низомишудаи Покистон ба диндорони мазҳабӣ имконоти васеъ барои шарик шудан ба низоми давлатдории кишвар фароҳам овард". Вале муҳаққиқ ва нависанда Стефен П. Коҳен дар китобаш зери унвони "The Idea of Pakistan" (Идея ё тасаввури Покистон-Р.М) овардааст, ки аҳзоби ғайри исломии Покистон барои пешрафти кору фаъолияташон аз номи ислом кор мегирифтанд, то ба мақсади худ ноил гарданд. Аммо Ҳусайн Ҳаққонӣ нависанда ва таҳлилгари покистонӣ дар китобаш зери унвони "Pakistan-Between Mosque and Military" (Покистон-дар миёни масҷиду низомиён, нашр январи 2005) нақши асосиро дар мудохилаи низомиён дониста, масоилро чунин арзёбӣ мекунад: "ҳамкории диндорон ва низомиён сабаб шуд, то мушорикати динӣ дар сиёсати давлатдорӣ ба ҳар шакл тақвият ёбад" [8, с.6].

Бо ин нишебу фарозҳо раванди исломсозӣ дар Покистон идома пайдо мекард, ки дар соли 2001 Амрико ва кишварҳои дигари ҷаҳон вориди Афғонистон шуданд ва ҷангҳои нави минтақавӣ зери номи ислом ба вуқуъ пайваст, ки он ба кишвари Покистон низ таъсир расонд. Зеро ба гуфти таҳлилгарони соҳавӣ ба мисли Аҳмад Рошид ва Ҳусайн Ҳаққонӣ ва дигарон омили аслии он ҳамгироии ҷангҷуёни маҳаллӣ бо гурӯҳҳои ҷиҳодии ҷаҳонӣ ба монанди Ал-қоида ва Толибон мебошад, ки дар ҷангҳо нақши асосиро мебозиданд.

Таҳлилгар Ҳасан Аббос аз муассисаи таҳлилии "Asia Society" барои ҳалли ихтилофи кишвар чунин тавсия медиҳад: "бидуни эҷоди ҳамкорӣ, дӯстӣ ва сулҳ бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ҳиндустон пайдо кардани нақш ё сенарияи махсус барои давлати Покистон номумкин хоҳад буд".

Бояд зикр кард, ки Покистони навин як кишвари озодӣ бисёрҳизбӣ буда, дорои созмону ҳаракатҳои гуногун мебошад, ки дар ташкил ва низоми давлатдорӣ саҳм доранд. Парламенти кишвар иборат аз Маҷлиси намояндагон ва сенаторҳо буда, ҳизбҳои муҳимми сиёсии кишвар ба таври зайл мебошанд:

1. Таҳрики инсофи Покистон. Бо сарварии Имрон Хон собиқ чемпиони кишвар дар бозии крикет, санаи 25-уми апрели соли 1996 дар шаҳри Лоҳур бо шиори “Ислоҳот” таъсис ёфт. Дар интихоботи соли 2018 бо касби 116 курсӣ барранда шуд [10].

2. Ҷамоати исломии Покистон бо сарварии Абулаъло Мавдудӣ санаи 26 августи 1941 дар шаҳри Лоҳур таъсис ёфта, ҳадафаш рушд ва нуму ва ҳифзу ҳимояи мусалмонони шибҳи қорра бо истифода аз низоми демократии исломӣ мебошад [11].

3. Ҳизби муслим Леги Покистон маншаъ аз ҳаракати Муслим Леги Ҳинд гирифтааст, ки яке аз муассисони он Муҳаммад Алии Ҷиноҳ мебошад. Ин ҳизб бо иштирок дар интихоботҳои кишвар чанд маротиба тағйири ном кард ва ахиран бо сарварии Навоз Шариф дубора эҳё гашт. Ҳамин буд, ки тавонист ду маротиба дар интихоботи кишвар дар солҳои 1990 ва 2013 барранда гардад [12].

4. Ҳизби мардумии Покистон бо сарварии Зулфиқор Алӣ Бҳутто (1928-1979) санаи 30-уми ноябри соли 1967 таъсис ёфта, дар интихоботи кишвар соли 1970 ва 1977 барранда гашт, вале дертар бо тағйирёбии вазъи сиёсии кишвар аз сари қудрат рафт. Осиф Алӣ Зардорӣ ва Беназир Бҳутто аз фаъолони сиёисии ин ҳизб ба шумор мераванд [13].

5. Таҳрики авомии Покистон чун ҳаракати мазҳабӣ бо сарварии суфӣ Муҳаммад Таҳирул Қодирӣ соли 1990 таъсис ёфт ва дертар соли 1991 бо созмони Таҳрики Нифози Фиқҳи Ҷаъфария барои рушду нумуи масоили мазҳабӣ созишномае ба имзо расонд [14].

6. Ҳизби баробарии Покистон бо сарварии ҳунарманди машҳури кишвар Ҷавод Аҳмад санаи 2017 таъсис ёфт, ки ҳадафаш адолат ва барорбарӣ ва риояи ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон мебошад [15].

7. Ҳизби авомии ё халқии миллии Покистон бо ташаббуси Абдул Валӣ Хон соли 1986 таъсис ёфт. Яке аз ҳадафҳои он доштани робита бо Афғонистон, Ҳинд ва кишварҳои собиқ Шуравӣ буда, дар манотиқи паштунтабори кишвар, хусусан Хайбар Пахтунвала ва Балуҷистон тарафдорони зиёде дорад. Исфандёр Валӣ Хон аз наберагони Хон Абдулғаффор, ки бо номҳои Почо Хон, Бача Хон (1890-1988) шӯҳрат дошта, собиқ пешвои сиёсӣ ва рӯҳонии паштунҳо, ҳамдаст ва пайрави Маҳатма Гандӣ, асосгузори аввалин артиши бидуни хушунат дар ҷаҳон шинохта шуда, барои озодии ҳуқуқҳои миллати паштун мубориза бурдааст. Аз соли 1919 роҳбари ташкилоти миллатгарои «Анҷумани ислоҳи афғонӣ» ва пешвои партияи «Ҷирғаи паштун» ва яке аз асосгузорони «Ҳизби халқии миллии Покистон» аз сарварони машҳури он мебошад [16].

8. Ҷамъияти уламои Ислом, ки собиқаи таърихӣ дорад, соли 1945 бо ташаббуси Мавлон Шабир Аҳмад Усмонӣ таъсис ёфтааст. Аммо бо тағйирёбии сиёсатҳо ин ҷамъият дубора баъд аз истиқлолияти кишвар соли 1947 зери сарварии Мавлоно Фазлураҳмон эҳё гардид. Ҳадафи аслии он муҳофизат аз масоили динӣ ва мазҳабии кишвар буда, бо таъсиси созмони Маҷлиси Мутаҳидаи Амал соли 2002, ки иборат аз ҷамъиятҳои динии кишвар буд, тавонистанд дар интихоботи кишвар сазовори курсӣ шаванд ва дар парлумони вилоятӣ дар шимоли кишвар аксарияти ороро ба даст овард, идораи умурро ба даст овард [17].

9. Ҳаракати муттаҳидаи қавмӣ бо сарварии Алтоф Ҳусайн санаи 1978 таъсис ёфт. Номи аслии он дар Ҳаракати қавмии муҳоҷирон буд, ки дертар соли 1997 тағйири ном кард. Ин ҳаракат бо омадани донишҷуёни муҳоҷир, ки дар замони озодихоҳӣ дар солҳои 1947 ба Покистон омада буданд, таъсис дода шуд ва ҳадафаш риояи ҳуқуқи онон буд, ки бештар дар минтақаи Синд зиндагӣ ва кору фаъолият мекарданд [18].

Илова аз ин ҳизбҳои умдаи кишвар баъзе созмону намояндагони миллию қавмӣ ва мардумӣ низ мавҷуданд, ки дар кишвар расман фаъолият мекунанд.

Покистон баъд аз истиқлолият соли 1947 тавонист мароҳилеро тай карда, рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дифоии худро дарёфт намояд. Ин кишвар аз давлатҳое мебошад, ки дар бисёре аз барномаҳои байналмилалии СММ саҳм ва фаъолона иштирок менамояд. Аммо баъд аз хуруҷи қувваҳои Шуравӣ аз Афғонистон ва вокеаи мудҳиши 11-уми сентябр кишвар қурбонии чолишу кашмакашиҳои бешуморе гашт, ки яке аз он терроризм ва гурӯҳҳои террористии даҳшатафкан мебошад, ки симои ин кишварро манфӣ нишондод мекунад. Ин буд, ки шумораи кушташудагон аз ин вабои аср дар кишвар дар солҳои 2003 ва 2009 аз 164 нафар ба 3318 расид. Тибқи гузориши ҷадвали “South Asia Terrorism Portal” шумораи адади фавтидагон дар соли 2016 ва 2017 то 30 фоиз коҳиш ёфтааст [19].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки масоил ва мушкилоти терроризм дар манотиқи Осиё Ҷанубӣ, аз ҷумла Покистон аз соли 1979 маншаъ гирифтааст, аммо ҳодисаи 11-и сентябр минтақаро ба хатару таҳдидҳои даҳшатноктар кашонд. Коршиносон омилу сабабҳои зиёдеро меоранд, ки терроризм минтақа ва алахусус Покистонро фаро гирифтааст. Тибқи гузориши рӯзномаи "The Nation"-и Покистон дарки нодурусти мафҳуми терроррризм, кумак кардани гурӯҳҳои террористӣ, набуди гуфтушунидҳо, набуди огоҳӣ аз хатарҳои он, ки худшиносии миллиро маҳв мекунад, аз омилҳое мебошанд, ки Покистон қурбонии он гаштааст. Барои ҷилавгирӣ аз он роҳбарони кишвар, аз ҷумла аъзоёни порлумон нақши асосӣ мебозанд, то мардумро аз хатароти он огаҳии дуруст диҳанд ва онро бо ҳар шакле, ки зоҳир шавад маҳкум созанд. Зеро дарки дурусти он метавонад худшиносии миллиро ба вуҷуд орад.

Бояд зикр кард, ки Покистон бо дарназардошти қавм, фарҳанг, забон ва миллиятҳои гуногун аз замони истиқлолият соли 1947 тақсимбандӣ шудааст. Ин шаклгириро бисёре аз созмонҳои дохилӣ ва хориҷӣ ноадолатона истифода карда, ситезаҷӯӣ ва ҷудохоҳиро дар миёни қавму миллиятҳои инҷо барои касби манофеъи худ тарвиҷ медиҳанд.

Тибқи назарсанҷиҳо, ки аз ҷониби муссисаи Галлап дар соли 2016 анҷом дода шудааст, 87 фоизи мардуми Покистони навин Исломро дине медонанд, ки амн ва муҳаббатро таблиғ мекунад, на экстремизмро [20].

Бояд зикр кард, ки Gallup Покистон яке аз муассисаҳои таҳқиқотии кишвар мебошад, ки аз соли 1980 ин ҷо фаъолият мекунад. Солона он ба институтҳои ҷаҳон ба мисли Ҳорворд, Оксфорд ва Яле маълумотҳои дақиқ ирсол менамояд. Маркази мазкур аз маҳбубтарин муассисаи масоили иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар аст, ки чун манбаъи илмӣ дар маҷаллаҳои дохилӣ ва хориҷӣ то имрӯз эътироф шудааст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бо сар задани ҷангҳои сард ва рух додани ҳодисаҳои гуногун бештари мамолики олам, аз ҷумла Осиё ба вартаи кашмакашҳои мазҳабӣ, забонӣ ва қавмӣ мубтало гаштанд. Яке аз омилҳои он мавҷудият ва фаъолияти баъзе ҳаракатҳои характери ифротгароёна мебошад, ки аз ҷониби роҳбарон ва бозигарони минтақа ташкил ва кӯмак меёбанд, то ҳамгироӣ ва рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳоро барҳам зананд ва нагузоранд, то кишварҳои рӯ ба инкишофёфта рушд ва тараққӣ ёбанд.

Ба андешаи Доктор Ҷовид Иқбол, яке аз мушкилоте, ки Покистонро дар ҳоли ҳозир таҳдид мекунад, ин терроризми мазҳабӣ аст, ки идомаи он назару мақосиди

муассисони онро, ки эҷоди ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ, касратгаро ва адолатпарвар буд, маҳв хоҳад кард. "Ин падидаи номатлуб дар замоне, ки Покистон ҳамкориашро бо Амрико барои мубориза бо терроризм оғоз кард, афзоиш ёфт. Аммо дар асл кишвари Покистон қурбонии ҳамаи анвоъи терроризм шудааст, ки баъди ҳодисаи сентябри соли 2001 симои он дар дохилу хориҷ муғризона инъикос меёбад. Зеро имрӯз терроризм то ҳол мафҳуми ягонаи худро дар миёни кишварҳои дунё хусусан ҷаҳони ғарб пайдо накардааст. Ин падидаи номатлубро ҳар кишвар бо дарку фаҳми худ баҳогузорӣ ва арзёбӣ мекунад", дарҷ мекунад доктор Ҷовид Иқбол дар китобаш зери унвони "Ислом ва шинохти Покистон" [6, с.364].

Бо мавҷуд будани чунин мафҳумсозиҳо дар бораи терроризм ва шаклҳои он дар Покистон чунин созмону ҳаракатҳое ба мисли Лашкари Тайиба, Ҷайши Муҳаммад ва Ҳаққонӣ Груп эҷод шудаанд, ки кишварро ба хадша ва самти норушан мекашонанд. Дар байни онҳо боз гурӯҳҳои дигаре ба мисли Таҳрики Толибони Покистон, “Ал-қоида” бахши Осиёи Ҷанубӣ ва Лашкари ҷангӣ мебошанд, ки ба давлат ҳамеша таҳдиду хатар меоранд. Бояд қайд кард, ки Таҳрики Толибони Покистон соли 2007 таъсис ёфта, ҳадафаш поксозии низомиён аз манотиқи Шимолии кишвар буда, хостори хуруҷи неруҳои байналмаилалӣ аз Афғонистон мебошад. Бо доштани характери ифротӣ созмони мазкур моҳи августи соли 2008 дар кишвар мамнӯъ эълон шуд.

Ташкилот ё созмони Лашкари Ҷангӣ соли 1996 таъсис ёфт, ки бар асоси ихтилофот бо ҳаракати Сипоҳи саҳобаи Покистон аз он ҷудо гашт.Бо доштани характерҳои ифротгароёна, санаи 14-уми августи соли 2001 дар кишвар фаъолияташ боздошта шуд. Созмони лашкари Тайиба дар соли 1990 дар минтақаи Кунари Афғонистон таъсис ёфта, ҳадафаш озодии Кашмир мебошад. Бо эҷоди ташаннуҷот ва ихтилофот дар кишвар, фаъолияти он манъ карда шуд .

Гурӯҳи шабакаи Ҳаққонӣ дар соли 1970 дар ҷанубу шарқӣ Афғонистон ва манотиқи шимолии Покистон таъсис ёфт, ки ҳадафаш кумак ба Толибони буда, хостори хуруҷи неруҳои амрикоӣ аз Афғонистон мебошанд. Бо доштани характери экстремистӣ чун ташкилоти террористӣ эълон гардидааст [21].

Шинохт ва муаррифии ҳизбу ҳаракатҳо, ки характери ифротӣ доранд, қарзи инсонии ҳар давлат буда, гувоҳи он аст, ки барои мубориза ва ҷилавгирӣ аз афроде, ки эҳтироми инсониятро эътироф надоранд, якҷо амал кард, зеро ҳадафи ҳар давлати қонунӣ ин ҳимоя ва ҳифзи шаҳрвандонаш мебошад, ки бояд таҳти ҳимояи қонун қарор гиранд.

Хулоса, бо такя аз санадҳои овардашуда зимни таҳқиқот ба мо маълум гардид, ки набуди мудирияти одилона, вазъи номуносиби иҷтимоиву иқтисодӣ ва низоми таълимӣ аз масоили умдае маҳсуб мешаванд, ки диндорони ин кишвар омилони он гардиданд. Барои ҳалли ин масоил кишварро лозим аст то низоми таълимиро ислоҳ карда аз сарватҳо ва захоири худ ба нафъи иқтисодии ҷомеа кор гирад, муборизаҳоро бо дастуроти намунавии исломӣ "ҳуқуқи ҳамсоягӣ, нармсуханӣ, таҳаммулпазирой," идома бидиҳад.

Дар ин кор кишвари Ҳиндустон низ бояд аз модели роҳбари маънавии худ Маҳатма Гандӣ "мубориза бидуни зуроварӣ" ва ё таҳаммулпазирой кор гирифта, ҳамкории минтақавӣ ва иқтисодиро бо биниши нав идома бидиҳад, то ҳама якҷоя тавонанд ҷаҳон ва минтақаи Осиёро ба оламИ амну субот табдил диҳанд.

Метавон хулосаронӣ намуд, ки Покистони имрӯза бо сарварии Имрон Хон (қаҳрамон ва ситораи бозии крикет) зери шиори "на ё Покистон" ё "Покистони навин" ҳамаи ин қурбониҳоро ба душ гирифта, талош дорад, то кишварро ба қуллаҳои баланд расонад. Зеро он аз кишварҳоест, ки узви фаъоли Созмони милали муттаҳид, Созмони конфронси исломӣ, Созмони минтақавии SAARC, ЭКО ва Созмони Шанхай буда, дар бисёр барномаҳо саҳм ва шарики стратегӣ эътироф гардидааст. Туризм, саноат ва тиҷорати ин кишвар низ дар ҷаҳон хуб шинохта шудааст, ки роҳбарияти он метавонанд аз чунин заминаҳо истифода карда, ҳамкориро бо тамоми кишварҳои дунё ва минтақа тақвият бахшида, миллат ва кишварро ба сӯи фардои дурахшон, зери чатри низоми давлатдорӣ равона созанд, ки намунае барои дигар қишри ҷаҳон шуда тавонад.

**Адабиёт:**


1. Расулиён, Қаҳҳори. Кишварҳои ҷаҳон (Маълумотнома) /Қ.Расулиён.- Душанбе: "Ирфон". 2016-248 саҳ.
2. http://www.pbs.gov.pk/content/population-census
3. https://storyofpakistan.com/the-constitution-of-1956
4. https://www.crisisgroup.org/asia/south-asia/pakistan/revisiting-counter-terrorism-strategies-pakistan-opportunities-and-pitfalls;
5. Hassan Abbas. Pakistan's Drift Into Extremism: Allah, The Army, And America's War On Terror, M.E. Sharpe, 2004. ISBN 0-7656-1497-9;
6. Islam and Pakistan Identity by dr. Javid Iqbal, Iqbal Acdemy Pakistan 2003;
7. Making Sense of Pakistan by Farzana Shaikh, Columbia University Press, 2009.- 263 c. 84-85 саҳ.
8. "Pakistan-Between Mosque and Military" by Husain Haqqoni, Jan 2005;
9. Religion and Politics in Pakistan by Leonard Binder,University of California Press 1963, саҳ.260
10. https://economictimes.indiatimes.com/news/international/world-news/imran-khans-pti-emerges-largest-party-with-116-seats
11. https://www.globalsecurity.org/military/world/pakistan/ji.htm
12. https://en.wikipedia.org/wiki/Muslim_League_(Pakistan)
13. https://www.ppp.org.pk
14. https://www.minhaj.org
15. https://barabripartypakistan.pk
16. http://anp.org.pk
17. https://en.wikipedia.org/wiki/Jamiat_Ulema-e-Islam
18. http://www.mqm.org
19. https://www.satp.org/satporgtp/countries/pakistan/database/casualties.htm
20. https://gallup.com.pk/topic/international-general/local-international-terrorism
21. https://www.satp.org/satporgtp/countries/Pakistan/terroristoutfits
22. "Vanguard of the Islamic Revolution" (муқаддимаи инқилоби исломӣ) 1994, by Vali Nasr.


## РАВАНДҲОИ ИСЛОМИКУНОНИИ ПОКИСТОНИ НАВИН

Дар мақола муаллиф ҷанбаҳои гуногунро оиди раванди исломикунонии кишвари Покистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллифи мақола дар аввал

назару баррасиҳоро дар бораи воруди Ислом ба Осиёи Ҷанубӣ, хусусан Покистон баён карда, таъсис ва ташкили ин кишварро низ мавриди мутолиаи илмӣ қарор додааст. Зимнан, раванди исломикунонии Покистонро таҳлилу баррасӣ карда, дурнамои муносибатҳои Тоҷикистону Покистон ва чолишу хатарҳои минтақа ва роҳҳои ҷилавгирӣ низ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо**: ҷанбаҳо, раванд, ислом, Осиёи Ҷанубӣ, Покистон, чолиш, Тоҷикистон, дурнамо.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Раҳмонов Мирсаид, ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, тел.: (+992) 919.29.31.05, E-mail: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk.

## ПРОЦЕССЫ ИСЛАМИЗАЦИИ НОВОГО ПАКИСТАНА

В статье автор обсуждает различные аспекты процесса исламизации в Пакистане. Автор статьи впервые высказал свои взгляды на проникновение ислама в Южную Азию, особенно в Пакистан, а также обсудил вопрос об учреждении и создании этой страны. В то же время, анализируется и обсуждается процесс исламизации в Пакистане, изучаются перспективы таджикско-пакистанских отношений, а также проблемы и угрозы в регионе и способы их предотвращения.

**Ключевые слова**: аспекты, процесс, Ислам, Южная Азия, Пакистан, вызов, Таджикистан, перспективы.

**Сведения об авторе:** Рахмонов Мирсаид, научний соотрудник Института изучения проблемы стран Азии и Европы НАНТ, тел.: (+992) 919.29.31.05, E-mail: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk.

## ISLAMIZATION PROCESSES OF NEW PAKISTAN

In the article, the author discusses various aspects of the process of Islamization in Pakistan. The author of the article first expressed his views on the penetration of Islam into South Asia, especially Pakistan, and also discussed formation of the country. At the same time, Pakistan's Islamization process is analyzed and discussed, the perspectives of Tajik-Pakistani relations and the challenges and threats in the region and ways of preventing the extortions are also studied.

**Keywords**: aspects, process, Islam, South Asia, Pakistan, challenge, Tajikistan, perspectives

**Information about the author:** Rahmonov Mirsaid, Senior Research Analyst at Department of South East Asia, Institute of Euro Asia Studies, Academy of Sciences Tajikistan Ph.: (+992) 919.29.31.05, E-mail: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk.

# ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМХУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ

**Мирзоев Ҳабибҷон,**
**ходими илмии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**АМИТ**

Дар даврони навин бо дарёфти истиқлолияти давлатӣ робитаҳо байни Тоҷикистону Хитой мазмун ва мундариҷа, характер ва самтҳои нав ба худ гирифтанд. Дар тӯли 28 соли соҳибихтиёрӣ робитаҳои ду ҳамсоякишвар ба сатҳи баланди шарикии стратегӣ расида, натиҷаҳои судманд ба бор оварданд. Дар баробари ҳамкориҳои гуногунҷанбаи иқтисодию иҷтимоӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии халқии Хитой дар соҳаи фарҳанг ва илму маориф робитаҳои густурдаро ба роҳ андохтааст. Роҳбарони Тоҷикистону Хитой нисбат ба ҳамкории ду кишвар дар соҳаи маориф аҳамияти бештар медиҳанд. Ин мавзӯъ дар давоми ҳар як вохӯриҳо ба дараҷаи олӣ садо медиҳад, ки барои мусоидати ҳалли робитаҳои ҳамкорӣ вусъати тоза мебахшад.

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар амал татбиқ намудани Созишнома дар бораи ҳамкориҳои фарҳангӣ, ки 27 декабри соли 1993 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой имзо гардида буд, чораҳои мушаххас меандешад. Тибқи ин Созишнома барномаи ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни вазоратҳои ду кишвар таҳия гардида, як силсила чорабиниҳои хотирмони фарҳангӣ гузаронида шуданд [4]. Солҳои 2006, 2013, рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии мардумии Хитой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид [5]. Сафорати Ҷумҳурии мардумии Хитой дар шаҳри Душанбе намоиши асбобҳои мусиқии халқии хитоиро ташкил намуд, инчунин рӯзҳои театри Ҷумҳурии Халқии Хитой доир гардид [5]. Дар шаҳри Душанбе маркази омӯзиши забони чинӣ таъсис ёфт. 28 декабри соли 2006 дар китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ гӯшаи «Фарҳанги Ҷумҳурии мардумии Хитой» ташкил шуд, ки бинандагон бо мароқи зиёд аз он дидан мекарданд [13].

Дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба илм ва фарҳанги Хитой хеле зиёд аст. Аз ин рӯ, сафи омӯзандагони забони хитоӣ сол то сол ба маротиб меафзояд. Дар донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ гурӯҳҳои забони хитойӣ амал мекунанд. Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Маркази фарҳангии таълимии «Конфутсия» фаъолият менамояд, ки дар он донишҷӯёни тоҷик забон, фарҳанг, расму ойин ва анъанаҳои халқи Хитойро меомӯзанд. Дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой низ сафи донишҷӯёни тоҷик сол то сол меафзояд. Имрӯз дар 112 макотиби олии Хитой беш аз 2000 донишҷӯи тоҷик таҳсил мекунад.

Миёни ду ҳамсоя кишвар чунин созишномаҳо дар соҳаи илму маориф ва техника имзо шудаанд:

Ёддошти ҳамкорӣ байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои ҷамъиятии Хитой аз 13 майи соли 2013 [8];

Ёддошти тафоҳуми ҳамкории илмии Хитой ва Тоҷикистон дар таърихи 17 июни соли 2006 [7];

Протокол дар бораи ҳамкорӣ дар байни Маркази илмӣ, техникӣ ва иттилооти иқтисодии ОМ НАСУ Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 ноябри соли 2006 [6];

Протокол дар бораи рушди илмию техникии байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати илм ва технологияи СҲШ Ҷумҳурии Халқии Хитой, 21 августи соли 2007 [6];

Созишномаи байни Идораи илм ва технологияи СҲШ Ҷумҳурии Мардумии Хитой ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21 августи соли 2007 [6];

Ёддошти ҳамкорӣ байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои ҷамъиятии Хитой 13 майи соли 2013 [10];

Ёддошти тафоҳуми ҳамкории илмии Хитой ва Тоҷикистон дар таърихи 17 июни соли 2006 [6];

Протокол дар бораи ҳамкорӣ дар байни Маркази илмӣ, техникӣ ва иттилооти иқтисодии ОМ НАСУ Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 ноябри соли 2006 [6];

Протокол дар бораи рушди илмию техникии байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати илм ва технологияи НАСУ Ҷумҳурии Мардумии Хитой, 21 августи соли 2007 [6];

Созишномаи байни Раёсати илм ва технологияи НАСУ Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21 августи соли 2007 [7];

Созишномаи байни Раёсати илм ва технологияи НАСУ Ҷумҳурии Мардумии Хитой ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва тренингҳо 04.06.2009.

Фаъолият, ҳамкориҳо дар самти илмию техникӣ дар асоси созишномаҳои байниҳукуматӣ ва бисёрҷонибаи байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ тавассути ташаккул додани барномаҳои байнидавлатӣ ва соҳаҳои илмӣ-техникӣ, ташкили сохторҳои якҷояи созмонҳои илмӣ, мубодилаи объектҳои илмӣ, омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳои илмӣ, мубодилаи мутахассисон, мубодилаи иттилооти илмӣ-техникӣ ва технология, конфронсҳои муштарак ва симпозиум ба роҳ монда шудааст [2, с.178-179].

Дар доираи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаи илмию техникӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд, аз ҷумла муассисаҳои пешбари Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: Институти физикаю техникӣ, Институти геология ва сохтмони сейсмикӣ ва сейсмологӣ, Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳо ва ғайра фаъолона ширкат меварзанд.

Асоси чаҳорчӯби қонунӣ дар ҳоли рушдро пойгоҳи шартномавӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ки дорои тамоюли васеъшавӣ мебошад. Миёни Тоҷикистону Хитой Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои илмӣ ва техникӣ (марти соли 1993) ва Созишномаи байни Идораи илмҳои НАСУ Ҷумҳурии Мардумии Хитой ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва омода намудани кадр (Душанбе, 04.06.2008) [6]. Созишнома дар бораи ҳамкорӣ миёни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Хитой ба имзо расиданд.

Ин ҳуҷҷатҳо асос барои бастани созишномаҳои ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмию тадқиқотии Ҷумҳурии Халқии Хитой мебошанд. Иштироки олимон дар симпозиумҳои байналхалқӣ, ки аз ҷониби тоҷикон ва чиниҳо ташкил карда шудаанд, яке аз самтҳои соҳаи ҳамкориҳои илмӣ маҳсуб меёбад. Аз тарафи олимони Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Тоҷикистон экспедитсияҳои муштарак ба роҳ монда шуд, ки он барои гузаронидани тадқиқоти объектҳои мушаххас мусоидат намудааст. Дар байни Институти экология ва

ҷуғрофияи Академияи илмҳои Хитой ва Институтҳои шуъбаи биологӣ ва тиббии Академияи илмҳои Тоҷикистон созишнома ба имзо расид [9].

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои васеи байналхалқиро бо марказҳои илмии Хитой густариш дода истодааст. 3 сентябри соли 2013 вазирони илми давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай созишномаи ҳамкории илмиву техникиро имзо карданд. Вазири илм ва технологияи Хитой Ван Ганг қайд намуд, ки вақти он расидааст, ки кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай дар соҳаҳои илмӣ ва техникӣ аз ҳамкориҳои дуҷониба ба ҳамкории бисёрҷониба гузаранд [8, с. 186-186].

Самтҳои асосии дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Созмони Ҳамкории Шанхай дар соҳаҳои илмӣ-техникӣ инҳоянд: ҳифзи захираҳои табиӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо, ҳаёт ва илм, ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, нанотехнология, саноати компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ, технологияҳои энергетикӣ, мониторинги сейсмологӣ ва пешгирии офат. Вазорати маориф ва технологияҳои Чин, якҷоя бо маъмурияти Созмони Ҳамкории Шанхай, аллакай корро дар ин самт оғоз намудаанд, аз ҷумла, Маркази илмию техникии Осиёи Марказӣ таъсис додааст, ки тавассути он кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай метавонанд бо ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамкорӣ кунанд.

Маркази Осиёи Марказӣ оид ба ҳамкории илмию техникӣ бо мақсади самаранок гардонидани ҳамкориҳои бисёрҷонибаи илмию техникӣ дар чаҳорчӯбаи Созмони Ҳамкории Шанхай нақши фаъол мебозад. Маркази мазкур дар минтақа барои пешгирӣ намудани заминҷунбиҳои эҳтимолӣ дар Осиёи Марказӣ мувофиқи принсипи «ягона», инчунин барои бунёд кардани базаи ягонаи иттилоотии илмию техникии Осиёи Миёна, ки дар он мониторинги экологӣ гузаронидан имконпазир гардад, мусоидат мекунад. Марказ инчунин барои хизматрасонии ҳамаҷониба, мубодилаи иттилооти илмӣ-техникӣ, таҳқиқоти стратегӣ, ташкили мубодилаи илмӣ, муаррифии маҳсулоти нав ва интиқоли технологияҳо, инкубатсия, омодасозии кадрҳои илмӣ, паҳн намудани натиҷаҳои тадқиқот, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии кадрҳо ва ғайра пешбинӣ шудааст.

17 сентябри соли 2015 дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрии президенти АИ ҶТ, академик Фарҳод Раҳимӣ бо муовини президенти Филиали Синзяни Академияи илмҳои Чин, Муо Ченчанг ва муовини директори Институти экология ва ҷуғрофияи Синзяни Академияи илмҳои Чин Абдувалӣ Ҷалилӣ рушди ҳамкориҳои дуҷониба баррасӣ гардид, аз ҷумла таъсиси маркази илмии Осиёи Марказӣ оид ба экология ва муҳити зисти назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардид. Ҷонибҳо ният доранд, ки ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаҳои геология, биологии озмоишӣ, истифодаи устувори захираҳои табиӣ, инчунин таъсиси шабакаи лавҳаҳои метеорологиро дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон барои гузаронидани тадқиқоти ҳамаҷониба дар соҳаҳои мухталифи илмҳои дақиқ муайян кунанд. Дурнамои ҳамкорӣ дар соҳаи энергияи таҷдидшаванда дар Душанбе (2015) байни Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави Академияи илмҳои Тоҷикистон ва Институти таҳияи стратегияҳо барои рушди илм ва технологияҳои Синҷини Хитой баррасӣ карда шуданд. Ҷониби Чинро муовини сардори Раёсати илм ва технологияи НАСУ ҶМЧ Хэ Сзянгуо, директори Институти омӯзиши стратегияҳо оид ба рушди илм ва технологияи НАСУ СҲШ профессор Ню Синмин ва дигар олимон муаррифӣ карданд. Ҷонибҳо хусусиятҳои технологии хонаи офтобии «доно» ва

параметрҳои тадқиқотию намоишӣ ва комплекси илмию таълимӣ барои энергияи таҷдидшавандаро дида баромаданд.

Ташрифи олимони Чин ба Тоҷикистон сафари ҷавобӣ маҳсуб меёбад: дар аввали соли 2015 кормандони Марказ таҳти роҳбарии академик Мамадшо Илолов ташкилотҳои илмии махсусро дар шаҳрҳои Урумчӣ ва Турфон дидан карда, самтҳои асосии лоиҳаҳои тадқиқотии муштарак оид ба энергияи барқароршавандаро баррасӣ намуданд. Олимони тоҷик нақша доранд дарояндаи наздик бо дастгирии ҳамкасбони хориҷӣ дар ҷумҳурӣ ҷиҳати гузаронидани таҷриба дар соҳаи энергияи ғайримаъмулӣ комплекси илмию таълимӣ-намоишӣ: Роҳандозии ҳамкориҳои илмии муштарак барои омӯзиши мероси Шоҳроҳи Абрешим бунёд кунанд. [10, с.273-274].

Имрӯзҳо дар ҷаҳон таваҷҷуҳи зиёд барои омӯзиши мероси бузурги бисёрҷанбаи Шоҳроҳи Абрешим мушоҳида мешавад, ки дар ташаккул ва ғанӣ гардонидани он ниёгони мо бохтариҳо, суғдиён, сакоиҳо ва дигарон, на кам аз чиниҳо хизмати шоён кардаанд. Барои ҳамин дар чорчӯбаи таҳқиқотҳои академикӣ, таърихиву фарҳангӣ мо бояд бо кишварҳои хориҷӣ ва дар навбати аввал, бо Хитой ҳамкориҳоро пурзӯр намоем. Дар пеш бурдани ин ҳамкориҳои илмӣ дар мадди аввал мо аз манфиатҳои миллиамон истифода барем. Барои ҳамин ба Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии Чин ва институтҳои он мавзуъоти гуногун пешниҳод шавад, ки дар раванди ҷаҳонии эҳёи Шоҳроҳи Абрешим хизмати шоёни ниёгони мо алоҳида қайд карда шавад. Бо тақвият ёфтани муносибатҳои гуногунҷанба ва шарикии стратегии Тоҷикистону Чин аҳамияти робитаҳои фарҳангиву гуманитарии ду кишвар низ дучанд меафзояд. 11 июни соли 2018 дар шаҳри Ҷенҷоуи музофоти Хэнан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Донишкадаи тадқиқотии кишоварзии муосири назди Академияи илмҳои кишоварзӣ ташриф оварда, бо таҷрибаи пешқадами олимони соҳа шинос шуданд. Масоҳати умумии заминҳои ин маркази илмӣ қариб 400 гектарро ташкил дода, аз Майдони озмоишиву тадқиқотии илмии кишоварзӣ, Майдони намоиши кишоварзии муосир ва Майдони натиҷаҳои тадқиқотии кишоварзии озмоишҳои санҷишиву саноатии инкубатсионӣ иборат мебошад. Дар майдони намоиши кишоварзии муосир барои намоиши илмиву тадқиқотии кишоварзӣ, намоиши натиҷаҳои тадқиқот, муаррифӣ кардани дастовардҳои илмӣ ва гузаронидани таҷриба шароити корӣ фароҳам овардаанд [14].

Дар маркази намоиши илмиву технологӣ корҳои намоишдиҳӣ, истеҳсолию сайёҳӣ ва мубодилаи технология гузаронида мешаванд.

Дар қитъаҳои алоҳидаи озмоишгоҳ Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парвариши зироати ғалладонагӣ, пахта, ангур ва полезӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, олимони чиниро ба ҳамкорӣ даъват карданд. Тавре маълум шуд, дар ин ҷо 66 навъи ангур, 96 намуди харбуза ва 68 навъи тарбуз парвариш меёбанд. Олимон навъи тарбузи зардро дар гармхонаҳо шинонидаанд, ки аллакай пухта расидааст. Дар як қитъаи замини озмоишгоҳ баъди дарави ғалла бо даст пахтаи навъи “Юмен 88” шинондаанд ва он ба таври қатрагӣ обёрӣ мешавад. Ҳамин тухмии пахта дар шароити Тоҷикистон то 50-сентнерӣ ҳосил медодааст ва тухмии он аллакай дар хоҷагиҳои пахтакории кишвар истифода мешавад. Зимни шиносоӣ бо таҷрибаи коргарон Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳову комёбиҳои олимони соҳа баҳои баланд дода, изҳор доштанд, ки мақсади ташриф омӯхтани таҷрибаи якдигар баҳри рушди соҳаи муҳимми иқтисодиёт дар бахши кишоварзӣ мебошад.

Пешниҳод мегардад, ки аз ҷониби Хитой барои омӯзиш ва таҳқиқи адабиётҳо ва маъхазҳои бо хатҳои форсӣ ва арабӣ дар Маркази Дастхатҳои хаттии Хитой маҳфуз буда шароит фароҳам оварда шавад. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Хитой дар соҳаи маориф хеле назаррас аст.

Мубодилаи олимон, аспирантон ташкили конфронсҳои муштарак, семинарҳои мавзӯӣ, симпозиум оид ба масъалаҳои актуалии илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ бо назардошти манфиатҳои тарафайн нигаронида шудаанд; экспедитсияҳои якҷояи геологӣ, археологӣ, этнографӣ, биологӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар доираи ҳамкориҳои муштараки ду ҷонибаи судманд дар бахши такмили тахассусӣ оид ба коркардҳо, тадҳиқот ва таҳлилҳои илмӣ гузаронидани курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо дар самтҳои гуногун барои кормандони илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмии Хитой ташкил карда шавад.

Баҳри омӯзиши услуб ва назари илмии донишмандони чинӣ дар самти омӯзиши масоили кишварҳо, ташкили курсҳои кутоҳмуддат дар заминаи Донишкадаҳои Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии Хитой ва мубодилаи таҷрибаи илмӣ бо ходимони илмии АМИТ, донишгоҳҳои олӣ ва дигар муссисаҳои илмӣ ташкил карда шавад.

Тақвият ёфтани робитаҳои илмӣ-фарҳангӣ ва тайёр намудани кадрҳо ин идомаи мантиқии муносибатҳои дӯстонаи байни ду кишвари бо ҳам дӯст буда, иқдоми нек дар пешрафти муносибатҳои дипломатии ду кишвари ҳамҷавор мебошад.

**Адабиёт:**


1. Кутлуков М. К истории экономических, политических и культурных связей народов Средней Азии с Китаем (в древности и в период средневековья) Академия наук Узбекской ССР. Отделение общественных наук. Научные работы сообщения. КН -4 Ташкент, 1961 - 344 с.
2. Алимов Р.К. Таджикистан Китай: на пути друг к другу. Вожможен ли равноправный диалогов?. Москва. ИДВ РАН, - 2012 - 179 с.
3. Алимов Р.К. Таджикско – китайское культурное сотруничество как важный аспект двустороннего стратегического партнерства / Китай в мировой и региональной политике. История и современность. Выпуск 18. Москва. ИДВ РАН, - 2012 - 197 с.
4. Санади Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. №153053 санаи 01.11.2011.
5. Санади Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 9412 санаи 28.10.2011.
6. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ, бойгонии №2 (с 2001-2009).
7. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ, бойгонии №4 (с. 2014-2002017).
8. Ҳисоботи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017. Бахши робитаҳои хориҷӣ. - 188 саҳ.
9. Ҳисоботи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016. Бахши робитаҳои хориҷӣ. - 301 саҳ.
10. Ҳисоботи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013. Бахши робитаҳои хориҷӣ. - 273 саҳ.
11. Лузянин С.Г. Россия и Китай в Центральной Азии. М. 2005. - стр. 34-37.
12. Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. Душанбе. 2012. - стр. 67.

13. Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ. Папкаи ҳисоботҳои 2017-2018. Санаи мурочиат 22.07.2019.
14. Агентии иттилоотии Ховар.

## ҲАМКОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМХУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ

Мақола ба баррасии робитаҳои байнидавлатии илму фарҳангӣ ва тайёр намудани кадрҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар даврони навин бахшида шудааст. Дар мақола санадҳои байнидавлатии имзогардида, дутарафа, самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистон ва Хитой дар солҳои истиқлолият таҳлил гардида, натиҷаҳои мусбӣ ва самаровари ин ҳамкориҳо арзёби мегардад. Роҳбарони давлатҳои Тоҷикистон ва Хитой чун анъана бо нақшаҳои дарозмуддати худ ҳамкориҳоро ба роҳ мондаанд, ки бо мурури замон ба натиҷаҳои назаррас ноил мешаванд. Онҳо лоиҳаҳои илмии калонҳаҷми худро амалӣ гардонида, истеҳсолоти наву ҷойҳои нави корӣ бунёд ва технологияи пешқадамро ҷорӣ мекунанд.

Захираҳои бойи табиӣ ва фаровони қувваи кории баландихтисос дар Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо имкониятҳои бузурги сармоягузории Хитой барои ҳамкориҳои самарабахш дар кишвари мо заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар маҷмӯъ ҳамкориҳои вусъатёбанда бо Хитой барои рушди соҳаи илму маориф ва фарҳанги кишвар таъсири мусбӣ расонида, боиси табдили ҷумҳурӣ аз кишвари аграрӣ ба кишвари индустриалӣ мусоидат хоҳад намуд. Ин дар навбати худ ба болоравии сатҳи зиндагии мардум оварда мерасонад.

**Калидвожаҳо**: Конфутсий, фарҳанг, муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой, ҳамкорӣ, лоиҳа, нақлиёт, автомагистрал, сармоягузорӣ ба иқтисодиёт, савдо, кишвар, шоир, нависандагон, давлатӣ, аҳли, истиқлолият, муносибатҳои қарордод, илм, маориф, фарҳанг, соҳибихтиёрӣ, стратегия.

**Дар бораи муаллиф**: Мирзоев Хабибҷон, ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдаки 17. Телефон: 933.60.94.94, e-mail: Diplomat.tj94@mail.ru.

## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ В ОБЛАСТИ ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ

Статья посвящена рассмотрению межгосударственных научно-культурных отношений и подготовки кадров между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республики на современном этапе. В статье анализируются подписанные межгосударственны документь приоритетные направления научно-культурного сотрудничества двух стран, (РТ и КНР) в годы независимости и оцениваются положительные результаты плодотворного сотрудничества. Традиционно, таджикские и китайские руководители со своими долгосрочными целями наладили сотрудничества, что поэтапно будут достигать значительных результатов. Они реализовывают свои масштабные научные проекты, создают новые рабочие места и внедряют ведущую технологию.

Богатые природные ресурсы и высококвалифицированные рабочие силы в Таджикистане, в сплочённости с огромным потенциалом капиталовложения Китайской Народной Республики в нашей стране, создадут благоприятные условия для плодотворного сотрудничества. В целом, распространение сотрудничества с Китаем для раз-

вития образования и науки, а также культуры страны способствует и станет фактором превращения Таджикистан из аграрной страны в развитую индустриальную страну. Это, в свою очередь, приведёт к повышению уровня жизни населения страны.

**Ключевые слова:** Конфуций, культура, отношения, Таджикистан, Китай, сотрудничество, проект, транспорт, автомагистраль, инвестиции в экономику, торговля, страны, поэты, писатели, государственные деятели, независимость, отношения, контракт, наука, образование, культура, суверенитет, стратегия.

**Сведения об авторе**: Мирзоев Хабибджон Табрикджонович, научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии ИИПСАЕ Национальной академии наук Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон 933.60.94.94, E–mail: Diplomat.tj94@mail.ru.

## COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA IN THE FIELD OF EDUCATION AND SCIENCE

The article is devoted to the consideration of interstate scientific and cultural relations and training between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China at the present stage. The article analyzes the signed interstate documents, the priority areas of scientific and cultural cooperation between the two countries (RT and PRC) during the years of independence and evaluates the positive results of fruitful cooperation. Traditionally, Tajik and Chinese leaders with their long-term goals have established cooperation, which will gradually achieve significant results. They implement their large-scale research projects, create new jobs and introduce leading technology. The rich natural resources and highly skilled workforce in Tajikistan, in unity with the huge potential for investment of the People's Republic of China in our country, will create favorable conditions for fruitful cooperation. In general, the expansion of cooperation with China for the development of education and science, as well as the country's culture, contributes and will become a factor in the transformation of Tajikistan from an agrarian country into a developed industrial country. This, in turn, will lead to an increase in the standard of living of the country's population.

**Keywords:** Confucius, cultural, Relations, Tajikistan, China, cooperation, project, transport, motorway, economy investment, trade, countries, poets, writers, statesmen, independence, relations, contract, science, education, culture, sovereignty, strategy.

**About the author:** Mirzoev Habibjon, researcher, department of South-East Asia IAES of National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 933.60.94.94, E –mail: Diplomat.tj94@mail.ru.

# МУНОСИБАТҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОНУ ҚАЗОҚИСТОН ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

**Мирзоев Ҳ.Т.**
**Қозиева Ҳ.П.,**
***омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

Ҷумҳурии Қазоқистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун кишвари пешрафта ба ҳисоб рафта, дорои аҳамияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони соҳибистиқлол шуданаш дар ҳалқаи сиёсати хориҷии худ Ҷумҳурии Қазоқистонро ҳамчун шарики боэътимод қабул кардааст, зеро ин кишвар яке аз давлатҳое буд, ки истиқлолияти давлатии моро пазируфта, муносибати дипломатии худро ба роҳ монд. Баъди ба расмият шинохтани истиқлоли якдигар, ҳар ду кишвар ҳамкориҳои худро тақрибан дар ҳамаи соҳаҳо ба роҳ монданд.

Бо дарёфти истиқлолияти сиёсӣ ба Тоҷикистон лозим буд, ки барои ёфтани мақом ва мавқеи худ дар давраи мураккаби таърихӣ талош намояд. Зеро, Тоҷикистон аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар бунбасти коммуникатсионӣ қарор дошт ва ин омил аз кишвари мо тақозо менамуд, то ҳамкорӣ ва муносибатҳоро бо кишварҳои дуру наздик, махсусан бо кишварҳои ҳамсоя барқарор намояд.

Ҷумҳурии Қазоқистон кишварест, ки бо давлати мо пайванди таърихӣ, маънавӣ ва динӣ дорад. Инчунин, бояд қайд кард, ки Қазоқистон ва Тоҷикистон тӯли 70-сол дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ қарор доштанд [18, с. 65-69].

Илова ба ин, раванди инкишофи робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Қазоқистон хеле муҳимманд, чунки:

- Қазоқистон дорои модели муваффақи берун баромадан аз буҳрони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад;
- Дар Қазоқистон ислоҳоти сохторӣ муваффақона амалӣ гардидааст;
- Сохтори сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ва Қазоқистон тақрибан монанд буда, имконияти ҳамкорӣ дар ҳама соҳаҳо мавҷуд мебошад;
- Ҳар ду кишвар ба молу маҳсулоти якдигар эҳтиёҷу зарурат доранд;

Робитаҳои дипломатии Тоҷикистону Қазоқистон 7-уми январи соли 1993 барқарор гардидааст. Аз оғози робитаҳои дипломатӣ ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, илмӣ-техникӣ ва маънавӣ-фарҳангӣ ҷараён гирифтанд. 13-уми январи соли 1993 Сарвари давлат, Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон сафар намуданд. Дар рафти ин сафар "Аҳднома оид ба асосҳои муносибат миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон" баста шуд. Дар ин санад самтҳои асосии робитаҳои давлатҳо, истиқлолияти миллӣ, баробарӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, кӯшиши барқарор кардани ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун ишора шудаанд. Инчунин дар рафти ин сафар байни ду ҳукумат "Аҳднома оид ба асосҳои ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ" ба имзо расонида шуд [14, с. 115].

Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар ибтидои асри XXI бо таъсири воқеаҳои замони муосир тафовути зиёд доранд, ки саъю кӯшиши дуҷониба ба пешрафти ҳамкориҳо мусоидат менамоянд. Ҳамчунин таҳкурсии шартномаҳо, ки имрӯзҳо ба 75 адад расидаанд, комилан тамоми соҳаҳои муносибати дуҷонибаи байни кишварҳоро фаро мегиранд [13, с. 548].

***Соҳаи иқтисод:*** Самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Қазоқистонро саноати истихроҷи маъдан, металлҳои ранга, саноати сабук, кишоварзӣ, обу энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия ташкил медиҳанд.

Аз Тоҷикистон ба Қазоқистон неруи барқ, пахта, аллюминий, меваю сабзавот ва маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ интиқол дода мешавад. Дар навбати худ Тоҷикистон қисмати зиёди маводи ғаллагӣ, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ, металл ва нуриҳои минералиро аз Қазоқистон ворид мекунад [6, с. 59]. Инкишофи ҳамкориҳои иқтисодӣ - тиҷоратӣ хусусияти мусбатро доро буда, ҳамасола дар ҳоли рушд мебошад. Маълумоти оморӣ далели рушди босуръати гардиши моли байни кишварҳоро бори дигар тасдиқ мекунад, ки:

- ҳаҷми он дар соли 2002 ба 75,7 млн. доллари ИМА;
- дар соли 2003 ба 100,4 млн. доллари ИМА;
- дар соли 2004 ба 139,4 млн. доллари ИМА;
- дар соли 2005 ба 160 млн. доллари ИМА;
- дар соли 2006 ба 315 млн. доллари ИМА.

Агар дар соли 1992 табодули мол байни кишварҳо 27,6 млн. доллари амрикоиро ташкил медод, пас соли 2010 ин нишондод ба 347,3 млн. доллари амрикоӣ расид [5]. Гардиши молу маҳсулот дар соли 2016 ба 3,9 млн. доллари амрикоӣ баробар буд.




Расми 1. Ҷараёни содирот ва воридоти Тоҷикистон дар солҳои 2010-2016 (URL://htpp/www/stat/tj)

Харидорони асосии маҳсулоти Тоҷикистон дар соли 2016:

1. Туркия-22%;
2. Қазоқистон-22%;
3. Швейтсария-11%;
4. Афғонистон-8%;
5. Россия-6%;
6. Хитой-5% ва дигар давлатҳо 26% [5].

25 марти соли 2004 дар шаҳри Алмаато бизнес форуми тоҷику қазоқ бо иштироки бархе аз вазирони ду кишвар доир гардид. Дар ҷараёни форум байни корхонаҳои ду кишвар алоқаҳои бевосита барқарор гардида, ба 27 лоиҳаи сармоягузорӣ, таваҷҷуҳи дуҷониба зоҳир гашт [11, с. 22].

Дар ин давра шумораи зиёди коршиносони моли ширкатҳои Қазоқистон, аз қабили АО “Инвестиционный Фонд Казахстана”, АО “Банк Развития Казахстана”, АО “Государственная страховая компания по страхованию экспортных кредитов и инвестиции”, АО “Туран-Алем Банк”, АО “Казкоммерцбанк” аз Тоҷикистон дидан намуданд. Натиҷаи ин сафари корӣ боиси мустаҳкам гардидани ҳамкориҳои байни бонкӣ ва рушди сармоягузорӣ гардид. АО “Туран-Алем Банк” моҳи августи соли 2005 намояндагии худро дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ намуд. АО “Инвестиционный Фонд Казахстана” имкониятҳои сармоягузории васоити молиро ба иқтисодиёти Тоҷикистон тадриҷан вусъат бахшида истодааст. Натиҷаи арзишманди фаъолияти онҳоро афзоиши босуръати сармоягузории мустақим ташкил дода, ҳаҷми он то соли 2006 ба беш аз 100 миллион доллари амрикоӣ расид [3, с. 6].

**Фарҳангӣ-гуманитарӣ:** Муносибатҳо ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Ҳайатҳои ҳар ду давлат дар чорабиниҳое, ки дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ ва илму техника баргузор мегарданд, ширкат меварзанд. Аз солҳои барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ то инҷониб байни ин ду кишвар чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ баргузор гардиданд, ба монанди:

- Моҳи августи соли 2007 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ярмаркаи маҳсулоти кишоварзӣ гузаронида шуд;
- Аз 21 то 24-уми октябри соли 2008 Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид;
- Моҳи декабри соли 2007 дар боғи “Дӯстии халқҳо”-и шаҳри Душанбе Муҷассамаи 35-афсари қазоқистонӣ, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ҷони худро аз даст додаанд, кушода шуд [15.60].
- 7-уми сенябри соли 2019 дар бинои Сафорати Тоҷикистон дар Нур-Султон ба муносибати 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии тантанавӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ муовини вазири корҳои хориҷии Қазоқистон М. Сиздиков, роҳбарони воҳидҳои сохтории Вазорати корҳои хориҷӣ, роҳбарони намояндагиҳои дипломатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар Нур-Султон қарор доранд, олимон, ходимони фарҳанг ва санъат, рӯзноманигорон, инчунин шаҳрвандон ва донишҷӯёни тоҷики муқими Қазоқистон иштирок намуданд. Дар чорабинии ҷашнӣ инчунин ҳайатҳои кории мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятии кишвар таҳти сарварии муовини вазири адлия Ш. Нодирӣ, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Қодирзода ва раиси Иттифоқи нависандагони кишвар Н. Қосим, ки дар доираи сафарҳои хизматӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон қарор доштанд, ширкат варзиданд [11].

Барои боз ҳам мустаҳкам кардани ҳамкориҳо ва амалӣ намудани барномаҳои омӯзишӣ ҳар сол аз тарафи Қазоқистон барои донишҷӯён бурсияҳо ҷудо карда мешаванд. Инчунин, дар доираи барномаҳои мухталиф донишҷӯёни Қазоқистон ба ҷумҳурии мо омада, дар донишгоҳҳо ҳар гуна конфронсҳо ташкил мекунанд ва донишҷӯёни мо низ дар навбати худ ба онҷо сафар намуда, аз рӯи барномаҳои бакалавриат ва магистратура таҳсил менамоянд.

**Сиёсию амниятӣ***:* Ҳамкориҳои ҳарбӣ - фаъолияти якҷояи кишварҳо ва дигар субъектонро дар бар мегирад. Он робитаҳои дӯстонаи кишварҳоро дар самти ҳарбӣ ташкил карда, ба мақсади ҳадафҳои мудофиявӣ равона гардидааст.

Хатари асосие, ки ба амнияти давлатҳои Осиёи Марказӣ таҳдид дорад ин вазъияти мураккаби низомии Афғонистон мебошад. Тоҷикистон бо дарназардошти ҳамсарҳад будан бо ин кишвар ҳар лаҳза хатари ноором ии он ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама ба Тоҷикистон таҳдид мекунад. Тибқи маълумоти мавҷуда, баъд аз соли 2014 дар ҳудуди Афғонистон аз 6,0 то 13,6 ҳазор хизматчиёни ҳарбии хориҷӣ боқӣ мондаанд, ки ин шумора бе шубҳа ба таври комил бо гурӯҳҳои мухталифи экстремистӣ мубориза бурда наметавонанд.

Ба хотири таҳкими амният ҳар гуна машқҳо дар ҳудуди Тоҷикистон таҳти унвони "Норак-Зидди террор-2009" дар машқгоҳи Фахробод, 30 км дуртар аз шаҳри Душанбе ва дар машқгоҳи Матбулақи Қазокистон таҳти унвони "Вазифаи сулҳхоҳона-2010" баргузор гардидаанд. Ин амалҳо бевосита барои таҳкими робитаҳо миёни Тоҷикистону Қазоқистон ва дигар кишварҳо мусоидат карда, дар самти таъмини амнияти минтақавӣ таъсири худро мегузорад [17].

**Муносибатҳои бисёрҷонибаи Тоҷикистон ва Қазоқистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои бисёрҷонибаи худро бо созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба роҳ монда, яке аз самтҳои сиёсати хориҷии худ меҳисобад. Ин созмонҳоро яке аз воситаҳои муборизаи дастаҷамъона бо хатарҳои глобалии замони муосир, ҳаллу фасли мушкилиҳо дар робитаҳои байнидавлатӣ ва воситаи таҳкими амнияту субот мешуморад.

Бо мақсади якдигарфаҳмию мустаҳкам намудани ҳамкориҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон муносибатҳои худро дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ аз қабили Созмони милали муттаҳид, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Ҷомеаи иқтисодии АвруОсиё ва Созмони ҳамкории Шанхай ба роҳ мондаанд.

Самтҳои асосии муносибатҳои ду кишварро дар доираи ин созмонҳо ба бахшҳои зерин метавон ҷудо кард:

- Тиҷоратӣ-иқтисодӣ;
- Ҳарбӣ-сиёсӣ ва амниятӣ;
- Илмӣ-фарҳангӣ.

Ба роҳ мондани робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳо дар соҳаҳои номбаршуда имконият медиҳанд, то ки ин кишварҳо бештар ба ҳадафҳо ва мақсадҳои худ расанд.

Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон бо давлатҳои минтақа ва ҳамсоя аз ҷумла Қазоқистон мақоми авлавиятнокро касб намудааст. Чи тавре, ки дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қайд гардидааст: "Умумияти ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди кишварҳои Осиёи Марказӣ қарор доранд, зарурати рушду тавсеаи муносибатҳоро бо кишварҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон бар пояи эътимод, дӯстӣ ва ҳамкории судманд тақозо менамояд" [7].

Яке аз созмонҳои хусусияти ҳамгироидошта дар минтақаи Осиёи Марказӣ ин Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) мебошад.

Шомил шудани кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ин созмон, ҳамчун аксуламал ба ситезаҷӯиҳо дар ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад, ки кишварҳои минтақа баъд аз эълони истиқлолият бо он рӯ ба рӯ шудаанд.

Кишварҳои аъзои СҲШ дар назди худ ҳалли чунин масъалаҳоро аввалиндараҷа мешуморанд:

- Таъсиси механизми ҳамкорӣ дар самти таъмини амният дар ноҳияҳои сарҳадӣ, мутобиқ гардонидани қувваи умумӣ дар самти мубориза бар зидди терроризм, ҷудоихоҳӣ ва тундгароӣ;
- Ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;
- Ба роҳ мондани ҳамкориҳои иқтисодӣ;
- Таъсиси механизми ҳалли ихтилофҳо миёни кишварҳои иштирокчии созмон.

Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Тоҷикистону Қазоқистон аз ибтидои таъсиси созмон мунтазам ба роҳ монда шудааст. Масалан, соли 2008 савдои хориҷии Тоҷикистон 3 млрд. 269 млн. долларро ташкил мекард. Дар самти кишварҳои СҲШ бошад, ин нишондод ба 1 млрд. 569 млн. доллар баробар буда, байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қазоқистон 9,8 млн. долларро ташкил медод, (нисбат ба соли 2000, 4,1 млн. доллар зиёд гардид, ки 5,7 млн. долларро ташкил медод). Нишондоди мазкур сол то сол афзуда, соли 2014 ба 177,7 млн. доллар баробар гардид, ки он назар ба соли 2008, 167,9 млн. доллар зиёд аст [1].

Саҳми кишварҳои аъзои СҲШ дар тиҷорати хориҷиии Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас буда, миёни онҳо Қазоқистон ҷойи намоёнро ишғол менамояд.




Соли 2013 саҳми умумии кишварҳои СҲШ дар тиҷорати хориҷии Тоҷикистон тақрибан 50% ташкил дода, ин таносуб дар самти мубодилаи мол байни ин ду кишвар содирот мутаносибан - 26,4%, воридот - 56,2 %-ро дар бар мегирад. Инчунин соли 2013 саҳми умумии Қазоқистон дар савдои хориҷии Тоҷикистон миёни кишварҳои СҲШ ба 43,1 % баробар буда, мутаносибан содирот 27,9 ва воридот 15,2 %-ро ташкил менамуд [4].

Ҳаҷми умуми мубодилаи тиҷорати хориҷӣ миёни кишварҳои аъзои СҲШ дар соли 2013, 150 млрд. долларро ташкил дода, ин таносуб миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон ба 711,288 млн. доллари амрикоӣ баробар буд, ки таносуби содирот – 85,531 млн. доллар ва воридот бошад – 625,757 млн. долларро ташкил мекард [12].

Бо вуҷуди фаъолияти мунтазам инкишофёбанда дар созмон ҷиҳатҳои манфӣ низ вуҷуд доранд:

- афзоиши номутаносиби иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ;

- шиддат гирифтани мушкилоти обӣ-экологӣ ва иҷтимоӣ;
- таъсири манфии бунёдгароии исломӣ дар минтақа, бахусус ДИИШ;
- мавҷуд будани мушкилоти сарҳадӣ миёни кишварҳо.

**Пешниҳодҳо:**

✓ Иштироки фаъоли кишварҳо дар се лоиҳа (СҲШ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим) ба кишварҳо имкони рақобатпазириро дар самти ҳамлу нақл, энергетикӣ ва тиҷоратӣ-иқтисодӣ фароҳам меорад;

✓ Таъсиси Фонди рушд ва Бонки рушди СҲШ ба хотири дастгирии ҳамаҷонибаи рушди иқтисодии кишварҳои аъзои созмон.

Созмони дигаре, ки фарогирандаи робитаҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон ба ҳисоб меравад - Иттиҳоди давлатҳои мустақил мебошад. Тоҷикистон ва Қазоқистон аз марҳилаи аввали таъсисёбии ин созмон узви комилҳуқуқи он буда, усул ва санадҳои онро эътироф мекунанд. Бояд таъкид кард, ки Тоҷикистон дар доираи ИДМ тақрибан 2 ҳазор санад ба имзо расонидааст, ки шумораи умумии он то имрӯз ба 3 ҳазор расидааст.

Имрӯз Тоҷикистон ва Қазоқистон тақрибан дар доираи тамоми сохторҳои ИДМ ҳамкорӣ менамоянд. Дар самти ҳамкориҳои фарҳангӣ, Шӯро оид ба ҳамкориҳои фарҳангии кишварҳои иштирокчии ин созмон, ки дар асоси Созишнома дар бораи таъсиси Шӯрои ҳамкориҳои фарҳангии кишварҳои ИДМ аз 26-уми майи соли 1995 сарони ҳукуматҳои 12 кишвар бо мақсади мусоидат ба рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ байни кишварҳо таъсис ёфтааст, фаъолият мекунанд [2.51].

Дар доираи ин барномаи ИДМ робитаҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон ба таври фаъол ба роҳ монда шуда, 15-уми июни соли 2012 шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва соли 2015 шаҳри Кулоби Ҷумҳурии Тоҷикистон пойтахти фарҳангии ИДМ эълон гардидаанд [18].

Дар раванди фаъолияти созмони ИДМ мушкилотҳо низ мавҷуданд, ки онҳоро метавон дар нуктаҳои зерин иброз кард:

- Мавҷуд набудани механизми татбиқи меъёрҳои дар доираи созмон қабулгардида;
- Ба тасвиб нарасидани санадҳои қабулгардида аз ҷониби давлатҳои аъзои созмон;
- Мавҷуд набудани возеҳияти мавқеи сиёсӣ-ҳуқуқии созмон. Ҳарчанд таъсиси ИДМ дар моҳи декабри 1991 эълон шуда буд, аммо то ҳол раванди шаклгирии он анҷом наёфтааст;

Мушкилиҳои номбурда бевосита ба сатҳи рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии аъзоёни созмон бахусус Тоҷикистон ва Қазоқистон таъсири манфии худро мерасонад.

**Пешниҳодҳо**:

✓ Фароҳам овардани мавқеи умумии сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар доираи созмон;

✓ Таъсиси механизми назораткунанда дар самти иҷроиши санадҳои дар доираи созмон қабулгардида, дар мисоли – Шӯрои назоратии ИДМ.

Ҳамкориҳои ҳарбӣ - фаъолияти якҷояи кишварҳо ва дигар субъектонро дарбар мегирад. Он робитаҳои дӯстонаи кишварҳоро дар самти ҳарбӣ ташкил карда, ба мақсади ҳадафҳои мудофиавӣ равона гардидааст.

Ҳарду кишвар иштироки худро дар созмонҳои минтақавӣ ба хотири таъмини манфиатҳои миллӣ ба роҳ мондаанд. Аз ин рӯ, узвияти кишварҳо дар СААД аз омилҳои муҳимми таъмини амнияти кишвар ва ҳифзи субот дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Дар доираи СААД Қувваҳои дастаҷамъии зудамал, Қувваҳои сулҳофар, Қувваҳои дастаҷамъии зудамали кишварҳои Осиёи Марказӣ, Қувваҳои ҳавоии дастаҷамъӣ фаъолият карда, дар раванди фаъолияти дастаҷамъонаи онҳо Тоҷикистон ва Қазоқистон ҳамкории худро ба роҳ мемонанд.

**Дурнамои ҳамкориҳо.** Аз оғози ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон то ҳол натиҷаҳои назаррас мушоҳида мешавад.

Сарвари давлат дар робита ба ин изҳор намуданд, ки мо наслҳои нави ин минтақа имкон дорем ва инчунин вазифадорем, ки тағйироти бунёди муносибатҳои байналхалқии асри XXI ва инкишофи робитаҳои Тоҷикистону Қазоқистонро дар арсаи ҷаҳонӣ боло барем.

Қазоқистон ба таклифи Тоҷикистон дар бораи иштирок дар азхудкунии самараноки захираҳои обӣ, аз ҷумла дар доираи консорсиуми байналмилалӣ оид ба анҷом додани сохтмони нерӯгоҳи барқии обии Роғун таваҷҷуҳи махсус дорад. Дар ҷараёни муносибатҳои дуҷониба имконияти иштироки ин давлат дар сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ дар дарёи Зарафшон ва як қатор нерӯгоҳҳои хурд дар назар аст.

***Хулоса.*** Муносибати ду кишвар ба пешрафти минбаъда нигаронида шудааст ва рушди ҳамкорӣ дар ҳама самтҳо, бахусус дар соҳаи тиҷорат ва иқтисодиёт ба назар мерасад. Ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон ба таҳкими рӯҳияи дӯстӣ ва саҳмгузорӣ, шарикии стратегӣ, ҳамсоягӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, ки ин ба муҳити минтақавӣ таъсири мусбат мерасонад, мусоидат хоҳад кард.

Бояд ёдовар шуд, ки новобаста аз хуб ба роҳ мондани муносибатҳо, бояд самтҳои афзалиятноки муносибатҳои тарафҳо барои рушди ҳамкории ҷонибҳо ва афзоиши мунтазами нишондиҳандаҳои гардиши ду кишвар муайян гарданд.

Барои беҳтар намудани муносибатҳо ва сатҳи ҳамкориҳо бо Қазоқистон тавсияҳои зерин пешкаш мешаванд:

1. Дар соҳаи амният ин барпо гаштани сулҳ дар Афғонистон аввалиндараҷа мебошад. Чунки гурӯҳҳои террористие, ки дар онҷо мавҷуданд, ҳар лаҳза метавонанд ба давлатҳои ҳамсоя ворид гарданд, ки мисоли ин - ҳодисае, ки рӯзи 6-уми ноябр дар бунгоҳи сарҳадии "Ишқобод" рӯй дод, шуда метавонад;

2. Дар соҳаи маориф бошад ин ба роҳ мондани барномаҳои нав оиди ивази талабагон ва донишҷӯён байни Тоҷикистон ва Қазокистон;

3. Инкишофи робитаҳои дуҷониба дар дарёфти захираҳои зеризаминӣ ва коркарди онҳо;

4. Рушди ҳамкориҳо дар соҳаи экологӣ ва заҳролудшавии муҳити зист;

5. Инкишофи соҳаи туризм;

6. Такмил додани ҳамкориҳо дар соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия;

7. Ташкили ҳамкорӣ дар соҳаи ҳалли мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ;

8. Иштироки фаъоли Тоҷикистон ва Қазоқистон дар се лоиҳа (СҲШ, Иттиҳоди иқтисодии АврuОсиё, Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим) ба кишварҳо имкони рақобатпазириро дар самти ҳамлу нақл, энергетикӣ ва тиҷоратӣ-иқтисодӣ фароҳам меорад;

9. Маблағгузорӣ барои рушди истеҳсолоти якҷоя дар сатҳи байниҳукуматӣ, бо иштироки намояндагони бизнеси хурду миёна ва инчунин рушди бизнеси коммуникатсионӣ.

**Адабиёт:**

1. Tajikistan and Kazakhstan bilateral relations URL: htpp/www/mfa/nur-sultan (сана 10.12.2019).
2. Анализ отношения населения стран СНГ к продвижению российской культуры на территории этих стран. Отчет по Государственному контракту № 1022-01-41/06-12 от 30.05.2012. - Москва, 2012.
3. Вечерный Душанбе. №40 08-10-2004= с.6.
4. Внешняя политика. Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. № 2, 2014. - с.69.
5. Гардиши молу маҳсулоти Тоҷикистон дар соли 2016URL: htpp/www/stat/tj (санаи мурочиат 10.12.2019).
6. Зарифи Х. Дипломатия Таджикистана вчера и сегодня (первая часть). -Душанбе: Ирфон, 2009.
7. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст.
8. Межгосударственная программа “Культурные столицы Содружества” URL: htpp/www/cis/minsk/by/page/php?id=19155 (санаи муроҷиат 12.12.2019).
9. Муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон URL: htpp//www/mfa/tj (сана 7.12.2019).
10. Сармояи мустақими хориҷӣ// Тоҷикистон № 9 (375) 3- Марти соли 2005.
11. Сафаров С. Казахстан-Таджикистан: потенциал и перспективы сотрудничества //Таджикистан и современный мир. -№1(4), 2004. - с.00-00.
12. Таджикистан-Казахстан: Приоритеты сотрудничества. Материал публикуется в рамках председательства Республики Таджикистан в ШОСв 2013-2014 гг. и преддверии Саммита глав государств-членов ШОС. МИД РТ.
13. Токаев К. Внешняя политика Казахстана в условиях глобализации. -Алматы: АО “САК”, 2000.
14. Токаев К. Под стягом независимости. Очерки о внешней политике Казахстана. -Алматы: Билим, 1997. -736 с.
15. Ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Тоҷикистон ва Қазоқистон URL: htpp//www/president/tj (санаи муроҷиат 2.12.2019).
16. Ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Тоҷикистон ва Қазоқистон URL: htpp://www/stat/tj/ (санаи муроҷиат 2.12.2019).
17. Ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Тоҷикистон ва Қазоқистон URL: htpp//www/mfa/tj (сана 7.12.2019).
18. Шарипов А.Н. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон (1991-1997) // Известия АН РТ, 2009. №3. –с. 65-69.

## МУНОСИБАТҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОНУ ҚАЗОҚИСТОН ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

Мақола ба мавзӯи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Қазоқистон дар шароити муосир бахшида шудааст. Ҷумҳурии Қазоқистон кишварест, ки бо давлати мо пайванди таърихӣ, маънавӣ ва динӣ дорад. Инчунин бояд кайд кард,

ки Қазоқистон ва Тоҷикистон тӯли 70-сол дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ қарор доштанд. Робитаҳои дипломатии Тоҷикистону Қазоқистон 7-уми январи соли 1993 барқарор гардидааст. Аз оғози робитаҳои дипломатӣ ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии, илмӣ-техникӣ ва маънавӣ-фарҳангӣ ҷараён гирифтанд.

Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар ибтидои асри XXI бо таъсири воқеаҳои замони муосир тафовути зиёд доранд, ки саъю кӯшиши дуҷониба ба пешрафти ҳамкориҳо мусоидат менамояд. Ҳамчунин таҳкурсии шартномаҳо, ки имрӯзҳо ба 75 адад расидаанд ва комилан тамоми соҳаҳои муносибати дуҷонибаи байни кишварҳоро фаро мегиранд. Таҳлили ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисод, ҳарбӣ-сиёсӣ ва фарҳангию гуманитарӣ анҷом ёфтааст. Дар ҷамъбасти мақола тавсияҳо барои рушди ҳамкорҳо дар соҳаҳои иқтисод, ҳарбӣ-сиёсӣ ва фарҳангию гуманитарӣ оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Қазоқистон, ҳамкорӣ, созишнома, илм, фарҳанг, робита, таълим, минтақа, шарики стратегӣ, Осиёи Марказӣ, нақлиёт, минтақа, рӯзҳои фарҳангӣ, некуҳамсоягӣ, таҳқиқот.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Мирзоев Ҳ.Т., ассистенти кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Тел. 933.60.94.94, Поч. эл: Diplomat.tj94@mail.ru.

Қозиева Х.П., донишҷӯи курси 4, факултаи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Буниҳисорак 205. Тел: 92.807.88.44, Поч. Эл.: qozievahumairo@gmail.com.

## СОВРЕМЕННЫЕ ВЗАИМООТНОШЕНИЕ ТАДЖИКИСТАНА И КАЗАХСТАНА И ПЕРСПЕКТИВЫ ИХ РАЗВИТИЯ

Статья посвящена двусторонним и многосторонним взаимоотношениям Таджикистана и Казахстана в современных условиях. Республика Казахстан - это страна, которая имеет исторические, духовные и религиозные отношения с нашим государством. Следует также отметить, что Казахстан и Таджикистан входили в состав Советского Союза в течение 70 лет. Дипломатические отношения между Таджикистаном и Казахстаном были установлены 7 января 1993 года. С момента установления дипломатических отношений двустороннее сотрудничество осуществляется в политической, экономической, социальной, научно-технической, духовной и культурной сферах.

Двусторонние отношения между Республикой Таджикистан и Республикой Казахстан в начале XXI века в значительной степени зависят от развития современного мира, способствующего двустороннему сотрудничеству. Проанализированы экономические, военно-политические, культурно-гуманитарные сферы сотрудничества. В заключении приведены рекомендации по развитию сотрудничества в экономической, военно-политической, культурной и гуманитарной сферах.

**Ключевые слова:** Казахстан, сотрудничество, военно-политические отношение, наука, культура, сотрудничество, центр, образование, регион, взаимоотношение, транспорт, дни культуры, инвестиция, исследования, торговля.

**Сведения об авторах:** Мирзоев Х.Т., ассистент кафедры международных отношений факультета международных отношений Таджикского Национального Университе-

та. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе пр. Рудаки 17, Тел. 933 60 94 94, E–mail: Diplomat.tj94@mail.ru.

**Козиева Х.П**, студентка 4-того курса, факультета международных отношений, Таджикского Национального Университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе пр. Бунихисорак 205, Тел.: 92 807 88 44. G-mail: qozievahumairo@gmail.com.

## MODERN RELATIONSHIP OF TAJIKISTAN AND KAZAKHSTAN AND PROSPECTS FOR THEIR DEVELOPMENT

The article is devoted to bilateral and multilateral relations between Tajikistan and Kazakhstan in modern conditions. The Republic of Kazakhstan is a country that has historical, spiritual and religious relations with our state. It should also be noted that Kazakhstan and Tajikistan have been members of the Soviet Union for 70 years. Diplomatic relations between Tajikistan and Kazakhstan were established on January 7, 1993. Since the establishment of diplomatic relations, bilateral cooperation has been carried out in the political, economic, social, scientific, technical, spiritual and cultural spheres.

Bilateral relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Kazakhstan at the beginning of the XXI century depend to a large extent on the development of the modern world that promotes bilateral cooperation. The economic, military-political, cultural and humanitarian spheres of cooperation are analyzed. The conclusion provides recommendations on the development of cooperation in the economic, military-political, cultural and humanitarian spheres.

**Keywords**: Kazakhstan, modern, military-political, science, culture, cooperation, center, education, region, relationship, transport, days of culture, investment, areas, trade.

**Information about the authors:** Mirzoev H.T., Assistant department's of International Relations, Faculty of International Relations, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, Tel.: 933.60.94.94, E–mail: Diplomat.tj94@mail.ru.

**Qozieva H.P.,** The student of 4th course Faculty of International Relations Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Bunihisorak ave. 205, Tel. 92.807.88.44, G-mail: qozievahumairo@gmail.com.

# РОБИТАҲОИ ГУНОГУНСАМТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ЯПОНИЯ: САТҲ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲО.

**Файзуллоева Н.Н.,**
**магистри бахши дуюми**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**АМИТ**

Ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд миёни кишварҳо ва ниҳодҳои хислати гуногундошта яке аз шартҳои рушди пайвастани ҳар як кишвар бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз замони истиқлолияти худро ба даст овардан аз ин қоида берун набуда, ҳамеша кушиш ба харҷ медиҳад, то бо давлатҳои гуногун ба воситаи ҳамкориҳои дуҷониба, ҳамчунин бо ниҳодҳою созмонҳои минтақавию байналхалқии хислати гуногундошта дар шакли муносибатҳои бисёрҷониба бо ташаббусу ибтикорот, ҳамкориҳои хуберо, ки ҷавобгӯй ба манфиатҳои тарафайн бошад ба роҳ монад. Сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон далели он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо кишварҳои гуногун бидуни мамоният ҳамкориҳои дуҷонибаю гуногунҷанбаро ба роҳ монад. Япония кишваре мебошад ки, аз ҷиҳати илму техника ва технология рушд ёфтааст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишвар муносибатҳои хуберо ба роҳ мондааст. Япония яке аз аввалин кишварҳои Шарқи Дур мебошад, ки истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро 28 декабри соли 1991 эътироф намуд. Муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар 2 феврали соли 1992 барқарор гардиданд [1, с. -56].

Барои тақвият додани рушди соҳаҳои гуногун бо Япония Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшиш намуда, ҳамкориҳои худро бо ин кишвар ҳамавақт ба таври мувозинат нигоҳ медорад. Муносибатҳо миёни ин ду кишвар дар даврони истиқлолият оғоз гардида, заминаи шартномавӣ - ҳуқуқии ду кишварро зиёда аз 30 созишномаҳои байниҳукуматӣ ташкил медиҳад. Дар тӯли муносибатҳои дуҷониба, бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои судманд, сафарҳои муштараки ҳайатҳои сатҳи баланд ва олӣ барпо гардиданд. Ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои гуногунҷанба бо Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон бахусус, ба даст овардани сулҳу субот ва амнияти минтақавӣ, ҷоннок намудани муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ мебошад.

Хусусиятҳои геосиёсию геоиқтисодии таҳаввулоти ҷаҳони имрӯза тақозо мекунанд, ки ин афзалиятҳо пайваста мавриди бозбинӣ қарор дода шаванд. Онҳо бо дарназардошти сатҳ ва муҳтавои муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои алоҳида ё гурӯҳи давлатҳо, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин бино ба ниёзҳои манфиатҳои милливу давлатӣ метавонанд тағйир пазиранд [7, №332]. Дар ин самт баъди истиқрори муносибатҳо бо Ҷумҳурии Япония, Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста саъйю кушиш менамояд, ки муносибатҳояшро бо ин кишвар боло бурда, онҳоро ба сатҳи нав ба нав расонад.

Дар шароити босуръати ҷаҳонишавӣ ва тавсеаи рӯзафзуни равандҳои ҳамгироии сиёсиву иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳон, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозишавиҳои ҳамкориҳои бисёрҷониба бо созмонҳову ниҳодҳои минтақавию байналмилалиро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ мешуморад [8, №332].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гуна созмону ниҳодҳоро воситаи муҳимми муборизаи дастаҷамъона бо хатарҳои глобалии замони муосир, мушкилот дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва василаи муассири таҳкими амнияту суботи ҷаҳонӣ медонад.

Дар ин замина муносибот бо Созмони милали муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Машварату ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ афзалият доранд [10].

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо Япония дар доираи созмонҳои зиёди молиявию хусусияти тиҷоратӣ ва сиёсидошта, аз қабили СММ, СУТ ва дигар ниҳодҳои байналмилалию минтақавӣ ҳамкории худро ба роҳ мондааст.

Дар шароити ҳозира рушди кишвар ва муносиботи ҳамаҷониба бо кишварҳои гуногун бидуни сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи нарм вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин ру Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сиёсати хориҷию дохилӣ ва дипломатия таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати “дарҳои боз”-ро эълон намуд.

Бо даъвати Ҳукумати Япония аз 14 то 18 майи соли 2001 сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Япония сурат гирифт. Зимни сафари мазкур гуфтушунидҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Император Акихито ва Сарвазири мамлакат Дзюнитиро Коидзуми ба вуқӯъ пайвастанд. Дар натиҷаи сафар Баёнияи муштарак оид ба дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Япония ба имзо расид. 15-16 январи соли 2002 сафари намояндаи махсуси Сарвазири Япония, узви Палатаи мушовирони Япония ҷаноби Мунэо Судзуки ба Тоҷикистон анҷом ёфт [2, с. 36].

Рушд ва пешрафти муносибатҳои дуҷониба пас аз сафари Эмомалӣ Раҳмон ба Япония моҳи декабри соли 2007 далели он аст, ки изҳори қаноатмандӣ намуданд ва ҳамақида буданд, ки мубодилаҳои байниҳукуматӣ ва байнипарлумонӣ барои тавсеаи муносибатҳои дуҷониба абзорҳои муҳим мебошад.

Санаи 24 октябри соли 2015 бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Сарвазири Япония Синдзо Абэ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон боздиди расмӣ анҷом дод [4, с. 68]. Дар рафти музокирот бо ҳайатҳои ҳар ду ҷониб ҳолат ва дурнамои рушди босуръати муносибатҳои Япония бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои минтақавию байналмилалиро баррасӣ намуданд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон аз боздиди ҷаноби Синдзо Абэ ба ҳайси нахустин сафари Сарвазири Япония ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқбол намуданд. Дар ин мулоқот Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пеш аз ҳама Сарвазири Япония Синдзо Абэро ба муносибати аз нав ба мақоми Сарвазири Япония интихоб шуданашон бори дигар табрику таҳният намуда, чунин изҳор намуданд: “Ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд бо Япония барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба истиқлоли давлатӣ расиданаш аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ буд ва ҳаст.” Аз ин ташрифоти нахустини Сарвазири Япония ба Ҷумҳурии Тоҷикистон умед бар он намуданд, ки ин метавонад барои рушду таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва заминаю қарордоди ҳуқуқии ҳамкорӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дар ин мулоқот масъалаҳои муҳимми минтақавию ҷаҳонӣ ва дохилӣ, доир ба густариши робитаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ мавриди таваҷҷуҳи ҳар ду ҷониб гуфтугӯйи судманд сурат гирифт [9].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Япония барои дастгириҳои пайвастаи ин кишвар аз рушди иҷтимоии Тоҷикистон изҳори сипос намуданд ва чунин қайд карданд, ки бо кӯмаки техникию молиявии Япония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 340 лоиҳаи иҷтимоӣ татбиқ шудааст. Ҳамзамон дар доираи ин гуна муносибатҳои дуҷониба дар бахшҳои саноат, кӯҳкорӣ, энергетика, нақлиёту роҳсозӣ, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои бунёдии иқтисодии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд. Дар заминаи ин воҳӯрӣ аз фаъолияти босамари нахустин корхонаи муштараки Тоҷикистону Япония бо номи "Аввалин" аз ҷониби соҳибкорони тоҷик ва ширкати ҷопонии Коки дар вилояти Хатлон таъсис гардидааст, зикр намуданд ва инчунин таъкид намуданд, ки барои таъсиси шумораи зиёди чунин корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои фаровон мавҷуд аст.

Муколамаи байниҳукуматӣ, ки солҳои охир аз ҳарду ҷониб фаъолона сурат мегирад, дар тақвият додани муносибатҳои дуҷониба нақши муҳимро мебозад ва инчунин нияти худро барои мусоидати беш аз пеш ба рушди муколамаи дуҷониба ибрози андеша карданд. Ҳамзамон Сарвазири Япония Синдзо Абэ аз фурсати муносиб истифода бурда, оиди таъин намудани Сафири Фавқулодда ва мухтори Япония Ҳаҷиме Китаока дар Тоҷикистон аз оғози соли 2016-ро пешниҳод намуданд ва аз ҷониби Тоҷикистон ин пешниҳод қабул шуд.

Соли 2015 сарони ду кишвар бар аҳамияти баргузории ин сафар, ки ба 70 солагии анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва ташкилёбии Созмони милали муттаҳид мувофиқат мекунад, таъкид намуданд. Сарвазири Япония ҷаноби Синдзо Абэ нияти Японияро ҷиҳати саҳми беш аз пеш гузоштан дар таъмини сулҳу суботи ҷаҳонӣ ва инчунин шукуфоӣ аз мавқеи "саҳми фаъол барои сулҳ", ки бо принсипҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ аз ҷумла "Бастаи қонунҳо оид ба сулҳ ва амният"-и Япония асос ёфтааст, шарҳ доданд. Эмомалӣ Раҳмон гузориши пайгиронаи Ҷопонро дар роҳи кишвари сулҳҷӯёна дар даврони пас аз ҷанг саҳми Ҷопонро дар таъмини сулҳи ҷаҳонӣ баланд арзёбӣ намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кумакҳои башардӯстона дар бахшҳои зерсохторӣ, тандурустӣ, беҳдошт, некуаҳволии мардум, омӯзиш ва такмили ихтисоси кадрҳо дар чорчӯбаи "Кумакҳои расмӣ ба ҳадафи рушд" (ODA) ба Ҷопон изҳори сипос намуданд. Фаъолияти Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷопон (JICA), ки барномаҳои ODA-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ менамояд, баланд арзёбӣ шуд. Ҷонибҳо барои фаъол намудани ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи сармоягузорӣ ва идомаи мусоидати Япония дар талошҳои Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла зиёд намудани сармоягузории муассисаҳои Япония дар Тоҷикистон изҳори минатдорӣ намуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шарикии Япония ва Тоҷикистон, аз ҷониби Тоҷикистон Комиссияи байниҳукуматии Япония ва Тоҷикистон оид ба ҳамкории иқтисодӣ, техникӣ ва илмӣ қайд карда шуданд ва ташкили онро зарур донистанд, аз ҷониби Япония бошад ин пешниҳод барои баррасӣ қабул карда шуд. Ҷонибҳо аҳамияти муҳимми табодули фарҳангӣ ва робитаҳои инсониро дар муносибатҳои дуҷониба таъйид намуданд. Аз ин лиҳоз, аз ҳар ду ҷониб ба як андешаи аниқе омаданд, ки дар

оянда низ масъалаҳои расонидани кумаки зарурӣ барои беҳтар намудани сифати омӯзиши забони японӣ дар Тоҷикистон равона шудааст, баррасӣ хоҳанд намуд [12].

Ба ҳадафи пешрафти ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Миёна ҳамкории зичро ба роҳ мемонанд. Ҷонибҳо бори дигар аҳамияти Муколамаи “Осиёи Марказӣ + Япония”-ро, ки ҳадафи он талошҳои муштараки кишварҳои минтақа ва Ҷопон ҷиҳати ҳалли масоили минтақавӣ ба хотири рушди босуботи Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи мустақил ва кушода барои ҷаҳон мебошад, таъйид намуданд [3, с. 172].

Дар раванди фаъолсозии сиёсати хориҷии Япония, ба рушди робитаҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ низ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Дар солҳои охир Япония дар ҳамаи кишварҳои минтақа сафоратҳои худро таъсис дода, соли 2015 аввалин сафари силсилавии Сарвазири Япония Синдзо Абэ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуд. Ҳадафи асосии сиёсати хориҷии Япония дар Осиёи Марказӣ “ ин аз бумбасти иртиботию иқтисодӣ баровардан ва глобалӣ кардани ин минтақаи муҳимми стратегии ҷаҳон” дониста мешавад. Мазмуни иқтисодии ин сиёсат таъмини дастрасии Осиёи Марказӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва дар айни замон, дастрасии иштирокчиёни ҷиддии бозорҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла Япония, ба имкониятҳо ва сарватҳои ин минтақа мебошад [5, с.75].

Барои рушди минтақаи Осиёи Марказӣ таҳкими иртиботи нақлиётии байниминтақавӣ ва дохилиминтақавӣ бисёр муҳим арзёбӣ шудааст ва ба вазирони корҳои хориҷии ду кишвар дастур доданд, ки тадбирҳои минбаъдаро барои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистика дар чорчӯбаи Муколамаи “Осиёи Марказӣ + Япония” омӯзанд. Аз тарафи Япония барои роҳандозии ҳамкорӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва нарм кардани масъалаҳои минтақавӣ, аз ҷумла истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ назариёташро баён карданд. Аз ҷониби Тоҷикистон изҳори умед карда шуд, ки ин ҳамкорӣ саҳми худро дар ташвиқи ҳамкориҳои минтақавӣ низ хоҳад гузошт.

Ҷонибҳо назари яксон доштанд, ки амали ҳар як кишвар бар асоси принсипи “Волояти Қонун” барои сулҳу субот дар минтақа зарур аст [13]. Тарафҳо аҳамияти идомаи фаъолиятеро, ки бар андешаи амнияти инсон асос ёфтааст ва ба ҳалли чунин масъалаҳои ҷаҳонӣ мисли рушд, тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист, коҳиши паёмадҳои офатҳои табиӣ равона шудааст, тасдиқ карданд. Япония ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саҳм гузоштан дар баргузории бомуваффақиятона Конфронси 3-юми ҷаҳонии СММ оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ арзи сипос намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳоеро, ки дар рафти ин Конфронс ҳосил шуданд, баланд арзёбӣ намуданд. Инчунин аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пуштибониро аз пешниҳоди Япония оид ба эълон кардани 5-ноябр чун “Рӯзи ҷаҳонии тсунамӣ” бо ҳадафи дарки амиқтари хатари тсунамӣ ва боло бурдани эътирофи аҳамияти тадбирҳо ҷиҳати коҳиши паёмадҳои он иброз намуд. Бояд зикр намуд, ки аз ҳар ду ҷониб роҷеъ ба зарурати ҳамкорӣ барои ташкили шарики ҷаҳонӣ дар чорчӯби “Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030”, ки моҳи сентябри соли 2015 қабул шуд, мувофиқат намуданд. Онҳо инчунин оид ба зарурати ба тавофуқ расидан ҷиҳати ташкили низоми байналмилалии одилона ва муассир бо иштироки ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дар чорчӯби Конфронси 21-уми тарафҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии иқлим “СОР-21” назари яксон доштанд [14].

Бо ишора ба саҳми арзандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди ”Рӯзномаи ҷаҳонии об”, тарафҳо тасдиқ намуданд, ки бино ба аҳамияти махсуси об чун захираи муҳимми стратегӣ, масъалаҳои марбут ба об таваҷҷуҳи бештарро ба худ тақозо мекунанд ва дар замони муосир ҳамчун мушкилоти мубрам арзёбӣ мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Япония барои пуштибонӣ ва иштироки фаъол дар баргузории Конфронси сатҳи баланд аз рӯи натиҷаҳои татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амалиёт “Об барои ҳаёт”, 2005-2015, арзи сипос намуд. Япония ҷиҳати дар оянда низ пуштибонӣ кардан аз ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба об ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар сатҳи бисёрҷониба омодагии худро иброз дошт. Ҷонибҳо бар зарурати баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофияти фаъолият ва ҷойгоҳи СММ, ки ҷавобгӯи вазъи воқеии ҷомеаи байналмилалии асри XXI бошад, таъкид намуданд.

Аз ҷумла, ҷонибҳо зарурати ҳамкориро барои расидан ба натиҷаҳои мушаххас дар раванди ислоҳоти Шӯрои Амнияти СММ, ки дар таъмини сулҳ ва амният нақши муҳим дорад, қайд намуданд. Ҷониби Тоҷикистон пуштибонии худро аз номзадии Япония барои шомил шудан ба ҳайати васеи аъзои доимии Шӯрои Амнияти СММ дар сурати ислоҳоти ин созмон баён намуд. Ҷонибҳо ҳамагуна амалҳои ғайри инсонӣ, зӯроварӣ, ваҳшоният ва амалҳои террористиро қотеъона маҳкум карданд. Ҷонибҳо дар мавриди зарурати ҳамроҳ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳми фаъол гузоштан барои таъмини сулҳу суббот дар тамоми ҷаҳон ва роҳ надодан ба пирӯзии терроризм назари муштарак доштанд.

Робитаҳои дуҷонибаи Япония бо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳоли густариш буда, дар солҳои охир хеле фаъол гаштаанд. Аммо баррасиҳои мо нишон медиҳанд, ки сиёсати Япония нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз бо чанд масъала рӯбарӯ будааст: [6, с.76].

1. Дар сиёсати хориҷии Япония, Тоҷикистон асосан “яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ” шинохта шуда, муносибот бо он дар чорчӯбаи консепсияи умумии муносибати Япония нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ ба роҳ монда шудааст. Чун сиёсатгузорони ҷопонӣ ба Осиёи Марказӣ ҳанӯз ҳамчун ба як воҳиди ягонаи сиёсию иқтисодӣ менигаранд, ҷойгоҳ ва аҳамияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ба таври алоҳида муайян намешавад. Ин аст, ки ҳаҷм ва сатҳи муносиботи Япония бо Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои дигари минтақа бисёр маҳдуд мебошад. (Оморҳо барои муқоиса дастрасанд.)

2. Маҷмуи баррасиҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати хориҷии Япония иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро иқтисодиёти вобаста ба маҳсулот ва сармоягузории Чин дониста, аз воридшавии фаъолона ба он худдорӣ менамояд. Албатта, ин хулоса дидгоҳи муайянкунандаи сиёсати хориҷии Ҷопон нест, аммо ба мавқеи сармоягузорон ва соҳибкорони ҷопонӣ таъсири ҷиддӣ мегузорад.

3. Дар айни замон, сармоягузорони ҷопонӣ бо сабаби камбудии иттилоот, дар бораи вазъият ва дурнамои амнияту суботи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасаввуроти боварибахш надошта, онро осебпазир эҳсос менамоянд. Хусусан, аз сар гузаронидани низои мусаллаҳони дохилӣ, сар задани баъзе фаъолиятҳои гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ва бештар аз ҳама, ҳамсоягии Тоҷикистон бо Афғонистон ва ғайра дар зеҳни сармоягузории ҷопонӣ тасаввури эҳтиёткоронаеро нисбат ба Тоҷикистон ташаккул додааст.

4. Ҳамчунин, дар масъалаи рушди сармоягузории Япония дар иқтисодиёти Тоҷикистон, аксари коршиносони ҷопонӣ онро аз назари иқтисодӣ ва тиҷорӣ камсуд

меҳисобанд. Мушоҳида нишон медиҳад, ки сармоягузорони японӣ ҳангоми арзёбии фазои сармоягузории Тоҷикистон ба маълумотҳои созмонҳои байналмилалӣ, ҷадвалҳои ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ва ахбори бунёду ширкатҳои калони тиҷории хориҷӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳанд. Масалан, онҳо аз мақоми муайяни Тоҷикистон дар ҷадвалҳои байналмилалии сатҳи андозбандиҳо ва коррупсия, дидгоҳи баъзе сармоягузорони хориҷӣ, аз фазои Тоҷикистон рафтани баъзе ширкатҳои нефтии хориҷӣ ва ғайра аз шабакаҳои иттилоотӣ огоҳӣ ёфта, ба он аҳамияти ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Ин ҳолат бори дигар вобастагии байни имиҷи мусбати ҳар кишвар ва ҳаҷми воридшавии сармояи хориҷӣ ба он кишварро нишон медиҳад.

Ҷонибҳо мухолифати худро бо амалҳое, ки ташаннуҷро дар нимҷазираи Корея афзоиш медиҳад, эълон намуда, бори дигар аҳамияти иҷрои содиқонаи қатъномаҳои дахлдори Шӯрои Амнияти СММ-ро роҷеъ ба масъалаҳои амниятӣ ва ғайра, аз ҷумла тарҳрезӣ ва сохтани силоҳи ҳастаӣ ва мушакҳои баллистикӣ, ки ӯҳдадориҳои байналмилалиро нақз мекунанд ва инчунин роҳандозии иқдомҳои мушаххас ҷиҳати аз минтақа зудудани силоҳҳои атомиро таъкид карданд. Ҷонибҳо ҳамчунин аҳамияти ҳалли масъалаҳои гуманитарӣ дар ин минтақа, аз он ҷумла мушкилоти одамрабоиро, ки мавриди нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, қайд намуданд.

Дар хотима Сарвазири Япония Абэ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми мардуми тоҷик барои истиқболи гарм ва меҳмоннавозие, ки нисбат ба ҳайати Ҷопон сурат гирифт, изҳори сипос намуд. Роҳбарони ҳарду кишвар нияти қатъии худро барои дар оянда низ идома додан ба робитаҳои Ҷопон ва Тоҷикистон дар сатҳҳои олию баланд таъйид намуданд. Сарвазири Япония Синдзо Абэ изҳори умед кард, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Япония сафари расмӣ анҷом хоҳад дод. Таърихи сафар бо роҳҳои дипломатӣ мувофиқа хоҳад шуд [11].

**Хулоса**, метавон гуфт, ки аз замони шинохти истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Япония муносибатҳои дипломатии ин ду кишвар оғоз гардид ва то кунун идома дорад. Дар аввал муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Япония дар шароити ниҳоят бад будани вазъи дохилии кишвар ба роҳ монда шуда буд. Вале ба ин нигоҳ накарда ҳар ду кишвар аз оғоз талош бар он доштанд, ки муносибатҳои худро дар тамоми ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда, пайваста барои густариши онҳо шароити мусоид фароҳам меоварданд.

**Адабиёт:**

1. Зарифӣ Х. "Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз". Душанбе "Ирфон", 2009. - 56 с.

2.Зарифи Ҳ. "Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз". Душанбе "Ирфон", 2009. – 36 с.

2. Назаров Т., Сатторзода А. "Дипломатияи муосири тоҷик". Душанбе "Ирфон", 2006. - 172 с.

3. Сайидзода Зафари Шералӣ. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в период становления её внешней политики (1991-2004гг). –Душанбе, 2016. –68 ..

4. Ҳаким Абдуллоҳи Раҳнамо. "Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ". Душанбе, 2018. - 75 с.

5. Ҳаким Абдуллоҳи Раҳнамо. "Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ". Душанбе, 2018. - 76 с.

**Сомонаҳои интернетӣ**

6. Консепсияи сиёсати хоричии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 27 январи соли 2015, № 332. www.mfa.tj;
7. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 27 январи соли 2015, № 332. www.mfa.tj;
8. Музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои васеи Тоҷикистону Ҷопон www. President.tj;
9. Сомонаи интернетии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, www mfa.tj;
10. Сомонаи интернетии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, www mfa.tj;
11. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷопон, www mfa.tj;
12. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷопон, www mfa.tj;
13. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷопон www mfa.tj.

## РОБИТАҲОИ ГУНОГУНСАМТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶОПОН: САТҲ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲО

Дар мақолаи мазкур робитаҳои гуногунсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷопон: сатҳ ва дурнамои хамкориҳо мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати "дарҳои кушод"-ро эълон намуд. Муаллиф бар он назар аст, ки ба роҳ мондани муносибатҳои гуногунсамта миёни кишварҳои дуру наздик барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хело муфид ва зарур аст. Алалхусус ба роҳ мондани муносибатҳои густурда бо Ҷопон, ки барои тақвият додани рушди соҳаҳои гуногун иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ-илмӣ, сайёҳӣ, техника ва технология муҳим мебошанд. Муносибатҳо миёни ин ду кишвар дар даврони истиқлолият оғоз гардида, заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии ду кишварро зиёда аз 30 созишномаҳои байниҳукуматии дутарафа ташкил медиҳад. Дар тӯли муносибатҳои дуҷониба, бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои судманд, сафарҳои муштараки ҳайатҳои сатҳи баланди ҳукуматӣ ва олӣ барпо гардиданд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Ҷопон, ҳамкорӣ, илм, маориф, созишнома, технология, шарикӣ, дуҷониба, чандҷониба, ҳайат, табодулот, маҳсулот, Осиёи Марказӣ, Созмонҳои байналмилалӣ, сиёсат, судманд, муштарак.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Файзуллоева Нигора Негматовна, магистри бахши дувуми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. E-mail: Nigora.f94@mail.ru, тел: 901 22 88 18.

## МНОГОГРАННЫЕ ОТНОШЕНИЯ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ЯПОНИЕЙ: УРОВЕНЬ И ПЕРСПЕКТИВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА

В статье "Многогранные отношения между Республикой Таджикистан и Японией: уровень и перспективы сотрудничества", были рассмотрены и обсуждены насыщенные проблемы. После получения политической независимости Республика Таджикистан объявила политику "открытых дверей". Автор предполагает, что установление многогранных отношений между дальними и ближними странами очень полезно и необходимо для Республики Таджикистан. Особенно выстроить долгосрочные отношения с Японией очень важно для развития отраслей как экономики, общества, науки, культуры,

туризма, техники и технологии. Отношения между двумя странами начали складываться в период государственной независимости. Правовая база сотрудничества двух стран состоит из более чем 30 двусторонних, межправительственных соглашений. В годы развития двусторонних отношений укрепились взаимовыгодное сотрудничества, были осуществлены совместные визиты высокопоставленных правительственных делегаций. В статье мы приложили усилия, что в соответствии с возможностями и условиями взаимоотношения проблемы и перспективы сотрудничества между Таджикистаном и Японией расширяются.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Япония, сотрудничество, наука, просвещение, соглашение, технология, соучастие, двусторонние и многосторонние отношения, состав, обмен, продукция, Центральная Азия, Международная организация, политика, выгода.

**Об авторе:** Файзуллоева Нигора Негматовна, магистрант второго курса Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. E-mail: Nigora.f94@mail.ru, тел: 901 22 88 18.

## MULTILATERAL RELATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH JAPAN: LEVEL AND PROSPECTS OF COOPERATION

This article discusses and explores the multifaceted relations of the the Republic of Tajikistan with Japan: levels and prospects of cooperation. After gaining political independence, the Republic of Tajikistan proclaimed its “open door” policy. The author believes that the establishment of multifaceted relations between near and far abroad is very useful and necessary for the Republic of Tajikistan. Methods and technologies are especially important forestablishing broad relations with Japan to strengthen economic, social, cultural technology and tourism. Relations between the two countries began during the period of independence, and the legal basis of the two countries is more than 30 bilateral intergovernmental agreements. During bilateral relations, joint visits were made at the highest level of government and senior delegations to strengthen mutually beneficial cooperation. In the article we tried we consider the problems and prospects of cooperation between the Republic of Tajikistan and Japan in accordance with the possibilities and conditions.

**Keywords**: Tajikistan, Japan, cooperation, science, educayion, agreement, technology, partnership, bilateral, multilateral, exchange of delegations, products, Central Asia, international, organizations, politics, mutual, joint.

**About the author**: Faizulloeva Nigora Negmatovna, Master`s in Institute for Asian and European Studies of the National Acadamy of Sciences of Republic of Tajikistan. E-mail: Nigora.f94@mail.ru, тел: 901 22 88 18.

# ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ

**Раҷабалиев Хайрулло,**
**ходими хурди илмии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**АМИТ**

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбари бонуфӯзи Созмони милали Муттаҳид аз ҷомеаи байналмилалӣ даъват намуд, ки "...сулҳу суботи пойдор дар Афғонистон омили калидии таъмини суботу амният дар ҳавзаи Осиёи Марказию Ҷанубӣ ва дигар минтақаҳои ҳамсоя мебошад ва ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар эҳёи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётиву иртиботии он мусоидату кумакҳои ҳадафрас намояд" [11].

Дар самти маориф ва илм Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди захираҳои инсонии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз эълони Истиқлолият то ҳол кӯшиш ба харҷ дода истодааст. Ҳангоми сафари Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ (19-22 декабри соли 1993) [3, с. 27] ба Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд шартномаҳо миёни ин ду кишвар ба имзо расид, муҳимтарини он дар соҳаи фарҳанг ва илм ба ҳисоб мерафт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди татбиқи ҳадафҳои созандаи сиёсати хориҷии худ ҳамчунин кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар ҳалли мушкилот ва ихтилофу низоъҳо дар минтақаҳои Осиё бар асоси Ойинномаи Созмони милали Муттаҳид меъёрҳои пазируфташудаи муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ саҳмгузор бошад.

Қобили тазаккур аст, ки талошҳо ва нақши Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҷалби таваҷҷуҳ ва кумакҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҷиҳати зудтар хотима додани низоъҳои дохилӣ ва раҳоии ин кишвари азияткашида аз буҳрони сиёсиву иқтисодӣ дар тӯли ин солҳо бениҳоят арзишманд ва бузург мебошад.

Албатта, мавҷудияти муносибатҳои расмии ду кишвар дар замони Шӯравӣ заминаи фароҳам шудани падидаҳое буд, ки ҳанӯз мавриди омӯзишу мутолиаи коршиносӣ қарор нагирифтаанд. Дар он солҳо ҳузури садҳо нафар мушовир, тарҷумон, афсар ва сарбози тоҷик дар сохторҳои мухталиф ва артиши Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки ба таври рӯзмара бо мардуми он тамос доштанд, имкони ошноии лозими тоҷикони муқими Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро бо ҳамнажодони ин тарафи дарёи Омӯ ба миён оварданд. Солҳои Ҳукумати Шӯравӣ, чӣ пеш аз воридсозии неруҳои мусаллаҳ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва чӣ баъд аз он, дар доираи Анҷумани дӯстии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон даҳҳо ҳайатҳои илмию фарҳангӣ ва ҳунарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сафар дошта, муносибатҳои наздик барқарор намуда будаанд.

Аз сӯи дигар, ҳузури сершумори мутахассисони тоҷик дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ ба рӯҳияи худшиносии миллии онҳо ва махсусан таваҷҷуҳ ба покиза

нигоҳ доштани забони тоҷикӣ таъсири мусбат дошт. Ин таъсир дар солҳои баъдӣ дар расонаҳо ва таълимоти адабиву илмӣ бараъло мушоҳида мешуд. Фарҳангиёни тоҷике, ки дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон кору фаъолият доштанд, аз тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва шаклии истилоҳот парҳез карда, ибораву калимаҳои бисёр зиёди барои он давра комилан тозаву ҷаззобро ба гардиш даровarданд [9].

Бояд зикр намуд, ки 70% аҳолии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо забони форсии дарӣ ё тоҷикӣ ҳарф мезананд. Имрӯз бо забони зебои тоҷикӣ сухан гуфтани на танҳо фарҳангиён, балки роҳбарону мансабдорон чун як амри табиӣ пазируфта мешавад, вале дар он замон ин падида бисёр арзишманд буд.

Дар асоси супоришҳо 22-уми феврали 2005 Вазорат лоиҳаҳои созишнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф ва дар навбати худ лоиҳаи нави созишнома миёни ҳукуматҳои ҳарду кишвар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф, фарҳанг, илм ва техника чунин қарорҳоро қабул намуданд [1].

1) Тарафҳои Аҳдкунанда ҳамкориҳои ду кишварро дар соҳаҳои маориф, фарҳанг, ҳунар, тармим ва нигоҳдории мероси фарҳангӣ, осорхонаҳо, китобхонаҳо, муҳофизат ва ташвиқи мероси бойгонӣ ва санадҳо, ҳамкориҳо дар соҳаи маориф ва байни донишкадаҳо, саёҳат, табодули иттилоот ва санадҳои навтарин доир ба таълими мактабӣ таъмин намоянд.

2) Тарафҳои Аҳдкунанда ба робитаҳои мустақими соҳаҳои илмӣ – техникӣ аз тариқи ба имзо расонидани созишномаҳои ҷудогона миёни Академияҳои улум, марказҳо, донишкадаҳо, иттиҳодияҳои илмӣ ва техникӣ, табодули коршиносон татбиқи барномаҳои муштарак ва таъсиси марказҳои муштараки тадқиқотӣ ва дигар шаклҳои ҳамкориро мусоидат менамояд.

3) Тарафҳои Аҳдкунанда ҳифзи ҳуқуқи таълиф, ихтироъ ва моликияти зеҳнии шаҳрвандони кишварҳои якдигарро мутобиқи қонунгузории кишварҳои худ ва уҳдадориҳои тарафҳои Аҳдкунанда, ки аз санадҳои байналмилалӣ бармеояд, таъмин менамоянд.

Ҳамкории тарафҳои Аҳдкунанда дар соҳаи маориф, таълим ва тарбия аз тариқи чорабиниҳои зерин сурат мегирад.

а) табодули таҷриба дар тадбиқи воситаҳо ва услубҳои таълимӣ, табодули мавод ва барномаҳои таълимӣ, ки дар низоми таълими мактабии ҳарду кишвар мавриди истифода қарор доранд;

б) табодули устодони донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ ва таҳсилоти олӣ, коршиносони соҳаи маориф, донишҷӯён, ҳамчунин намояндагони созмонҳо ва муассисаҳое, ки ба таълиму тарбия ва тайёр намудани кадрҳо машғул мебошанд;

в) барқарор намудани муносибатҳои бародарӣ ва робитаҳои мустақими ҳамкорӣ миёни донишкадаҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ;

г) мусоидат ба барқарор намудани ҳамкорӣ дар соҳаи маориф миёни мақомоти маҳаллӣ, иттиҳодияҳо ва дигар муассисаҳо ва созмонҳои ҷамъиятии вобаста ба таълиму тарбия;

д) ташвиқ ва пуштибонӣ аз ташаббусҳои марбута ба рушди соҳаи маориф, таълим ва тарбия дар ҳарду кишвар [1].

Ҳадафи ин созишнома аз таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф, фарҳангу ҳунар ва илму техника ба мақсади мусоидат ба ҳамдигарфаҳмии бештари мардумони ду кишвар,

ташвиқи мутақобили мероси илмӣ ва фарҳангӣ бар асосҳои баробар ва мутаносиб бо назардошти қонунгузории дахлдор ва риояти уҳдадориҳои байналмилалии тарафҳои аҳдкунанда иборат мебошад.

Моҳи феврали соли 2006 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи якуми Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба ҳамкориҳои илмӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва техникӣ барпо шуда, Протоколи ҳамкорӣ ба имзо расид. Бояд тазаккур дод, ки ин Комиссия имконияти баррасии ҳаматарафаи ҳамкориҳои байни ду кишварро дар соҳаҳои мухталиф фароҳам овардааст.

Дар соли 2006 кормандони илмии Институти биологии Помир дар доираи мавзӯи тадқиқотӣ: “Захираҳои генетикӣ ва гуногуннамудии биологии киштзорҳо ва ҷойҳои муқаддаси Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон” бо деҳаҳои наздисарҳадии музофотҳои Ишкошим ва Шуғнони вулусволии Бадахшон ду маротиба сафар намуданд. Ҳангоми сафар дар бораи гуногуннамудии зироатҳои кишоварзӣ, махсусан ғалладонагиҳо ва зироатҳои хӯроки чорво маълумоти муфиди илмӣ гирд оварда шуд. Зиёда аз 200 адад гербарияи растаниҳо таҳия шуда, ба Институт ворид карда шуд. Инчунин дар деҳаи Зебоки ноҳияи Ишкошими Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар замине, ки барои таҷрибагузаронӣ ҷудо шуда буд, бори аввал навъҳои нави гандуми серҳосил, лашак, бокло, мушунг, ки пеш дар он ҷо мавҷуд набуданд, кишт карда шуда, ҳосили дилхоҳ гирифта шуд. Инчунин кишти навъҳои сабзавот, коркард ва истифодаи онҳо ба деҳқонони маҳаллӣ фаҳмонида шуд. Ҳамчунин генофонди навъҳои нави гандум, лашак, ҷав ва алафҳои хӯроки чорво ҷамъ карда шуда, дар участкаи тадқиқотии ноҳияи Ишкошимбудаи институт кишт карда мешавад. Тадқиқоти илмӣ дар ҳудуди Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз рӯи мавзӯи номбурда дар солҳои 2007 ва 2008 низ идома ёфт [1]. Ин таъсир дар солҳои баъдӣ дар расонаҳои ҷамъӣ ва таълифоти адабиву илмӣ бараъло мушоҳида мешуд.

Ҳангоми сафари президенти қаблии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 – 26 октябри соли 2010 масъалаҳои рӯзмарраи муносибатҳои дӯстонаи кишварҳо ва мавзӯъҳои мубрами сиёсати байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла дар доираи маориф ва илм, баррасӣ гардид. Баъди баррасӣ ва қабул гардидани ин санадҳо соли 2010, 100 нафар донишҷӯён ва хизматчиёни сарҳадӣ ва 300 нафар духтурон муддати 6 – моҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаомӯзи карда ба ватани худ баргаштанд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояш чунин қайд намуданд: “Мо омода ҳастем, ки ҳар сол 100 нафар донишҷӯёни афғонро ба Коллеҷи тиббӣ ба тариқи буҷавӣ қабул намоем” [1].

Имрӯз, байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба хотири фароҳам намудани заминаи густариши муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии дуҷониба беш аз 40 санади байниҳукуматӣ имзо шудааст. Дар ҳошияи татбиқи Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамсоягии нек вохӯриву мулоқоти Сарони ҳар ду кишвар солҳои 1993, 1996, 2001, 2002, 2004, 2006, 2007, 2008, 2009, 2014, 2018 ва 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои 1993, 1995, 2005 ва 2010 дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баргузор гаштанд, ки дар тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба ва таъйини иқдомҳои муштарак дар самти таъмини амният ва ҳамкориҳои минтақавӣ нақши барҷастаи таърихӣ доранд [12].

Ба роҳ мондани муносибатҳои судманд бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва саҳмгузорӣ дар ҳалли бuҳрони ин кишвар яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Сиёсати хориҷии Ҷумуҳурии Тоҷикистон дар ин самт бар асоси манфиатҳои миллии кишвар, асли ҳамсоягии нек, бо назардошти муштаракоти ҷуғрофӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, динию мазҳабӣ ва ғайра бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва ҳамчунин, бо таваҷҷуҳ ба моҳияти мураккаби равандҳои геополитикӣ дар минтақа шакл мегирад.

Дар доираи ҳамкориҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар соҳаи маориф ва илм барои рушди захираҳои инсонии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ кишвари мо пайваста кушиш ба харҷ медиҳад. Барои донишҷӯёни ин кишвар ҳамасола беш аз 50 бурсияи ҳукуматӣ барои таҳсилоти олӣ дар ихтисосҳои барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон муҳим ҷудо карда мешаванд. Масалан, бар асоси Созишномаи ҳамкории миёни вазоратҳои дифои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Коллеҷи ҳарбӣ дар шаҳри Душанбе аз моҳи марти соли 2003 гурӯҳи низомиёни Вазорати дифои миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таҳсил намуданд [7, с.78]. Ҳамеша Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳадди тавону имконоти худ дар раванди барқарории сулҳу субот ва рушди маориф ва илм дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон саҳм мегирад. Аз ҷумла, ба манзури тақвияти зарфияти инсонӣ ва кадрии ниҳодҳои қудратӣ ва низомии ин кишвари ҳамсоя Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими намояндагони ин ниҳодҳоро дар муассисаҳои омӯзишии марбутаи худ ва аз ҷумла Коллеҷи минтақавии САҲА дар шаҳри Душанбе ба роҳ мондааст [10].

Ба қавли Шамсулҳаққи Ориёнфар (вобастаи фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон), бархе аз шоирону нависандагони тоҷик дар фестивали «Гули Сурӣ», ки дар шаҳри Кобул доир гардида буд, ширкат карданд. Донишмандони ин кишвар дар конфронсҳои илмии Кобул иштирок намуданд. Бахшида ба устоди сухан Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шаҳри Ҳироти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бузургдошти байналмилалӣ сурат гирифт, ки ҳайати калони расмӣ ва фарҳангӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ширкат дар он даъват шуда буд [13].

Ҳамчунин ба муносибати ҷашни истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1150-солагии устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фарҳангиён ва донишмандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват шуданд. 20 тан аз устодони вилояти Балх барои кор ва таҷрибаомӯзӣ ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омаданд ва як давраи омӯзишии 20-рӯзаро сипарӣ карданд. Донишмандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо даъвати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои донишмандони арсаи физик ва риёзӣ конфронс доданд [13].

Ба хотири иҷрои ин ҳадафҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари имконоти мавҷуди мавриди истифода, инчунин ташкили Маркази бисёрсоҳаи касбӣ-техникӣ барои омодасозии кадрҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо мусоидати ҷомеаи ҷаҳонӣ дар назар гирифта шудааст. Забон, фарҳанг ва расму одоти муштарак харҷу хазинаҳои чунин тарҳро коҳиш дода, самаранокии онро бамаротиб афзоиш медиҳад [9].

Донистани мавҷудияти кишваре бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳарф задани аҳолии он бо забони тоҷикӣ барои хеле аз сокинони одии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон падидаи хушҳолкунанда ва ҳувиятдиҳанда мебошад [2, с. 23].

Таваҷҷуҳ ба ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз ин назар аҳамияти бештар касб карда буд, ки аз ибтидо Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамзабонро яке аз ҳадафҳои усулии сиёсати хориҷии худ мушаххас намуд. Бар изофаи ҳамзабонӣ, таърих, дин, фарҳанг, расму оин, арзишҳо ва суннатҳои муштараки ҳамсоягӣ низ аҳамияти Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро хеле афзалятнок намудааст. Бо шинохти аҳамияти хоссаи масъала аст, ки тайи даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан даҳаи ахир ҳатто як иҷлосия, ҳамоиши минтақавиву байналмилалӣ ва мулоқотҳои ду ва чандҷонибаро наметавон пайдо кард, ки дар онҳо Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва зарурати кумаку мусоидати воқеии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳаллу фасли мушкилоти он таъкид накарда бошад [4, с. 125].

Муассисаи таълимии Сомониён аз Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон литсензияи фаъолият гирифт. Тафоҳумнома дар заминаи маориф ва бахусус фаъолияти Муассисаи таълимии Сомониён дар шаҳри Душанбе барои омӯзиши фарзандони муҳоҷири афғон байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуд, ки тибқи ин шартнома фарзандони муҳоҷирини афғон дар он таҳсил мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон пайванди наздики ҷуғрофӣ ва умумиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ, забонӣ, динӣ, қавмӣ, урфӣ ва ғайра доранд. Ин пайвандҳо ва умумиятҳо то ҳадде амиқанд, ки дар ду ҷониби марзи сиёсӣ амалан, на ду кишвари хориҷӣ, балки дар воқеъ, идомаи як фазои фарҳангӣ ва бахшҳои як ҳавзаи таърихию мардумӣ қарор гирифтаанд.

Хулоса, яке аз муқаддимаҳои ба сатҳи табиӣ ва барои ҳар ду ҷониб комилан муфид баромадани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳарчӣ зудтар расидан ба шинохти воқеӣ дар бораи ҷомеаҳои ҳамдигар мебошад. Барои дарки то чӣ ҳад наздик будани мардуми ду кишвар, зарур аст, ки ба ҳамдигар махз аз дидгоҳи манфиатҳои миллии худ назар намоянд.

**Адабиёт:**


1. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ, бахши “Афғонистон”;
2. Аслов С. 25- қадам дар паҳнои олам, Душанбе: Ирфон, 2016, - 220 с. сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (схт);
3. Казаков Р. Таджикско – Афганские взаимоотношения в 1991 – 2013 гг. Душанбе, 2017;
4. Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, «Ирфон», 2012. - 272 саҳ.;
5. Ҳамрохон Зарифӣ, Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2009. - 296 с.;
6. Искандаров Қ. Ҷумҳурии Исломии Афғонистон и имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ. Душанбе: 2018, Дониш, 219 саҳ.;
7. Современный Афганистан и сопредельные страны (Сборник статей): Москва, 2011. - 315 с.;
8. Шамсулҳақи Ориёнфар. “Робитаҳои фарҳангӣ тавсеа меёбанд”, Нашрияи “Ҷумҳурият”;
9. Раҷабалиев Хайрулло.”Ваҳдат ва якдигарфаҳмӣ омили асосии оромӣ дар ҳар кишвар аст”. Садои мардум №130 (3924) 27.10.2018.
10. Муносибатҳо бо кишварҳои Осиё ва Африка www.http://mfa.tj;

11. Суханронии, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 72-юми Маҷмаи Созмони Милали Муттаҳид http://www.president.tj/node/16227;
12. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон. www.http://mfa.tj;
13. Вазорати Фарҳанги ҶТ https://www.vfarhang.tj/index.php/tj/.

## ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ

Дар мақолаи мазкур равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар соҳаи маориф ва илм мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар доираи ҳамкориҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар соҳаи маориф ва илм барои рушди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ кишвари мо пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад. Инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша дар ҳадди тавону имконоти худ дар раванди барқарорзозии сулҳу субот ва рушди маорифу илм дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон саҳми худро мегузошт ва айни ҳол низ гузошта истодааст, ки барои донишҷӯёни ин кишвар ҳамасола беш аз 50 бурсияи ҳукуматӣ барои таҳсилоти олӣ дар ихтисосҳои гуногун барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии муҳим ҷудо мекунад.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, илм, маориф, фарҳанг, равобит, ҳамкорӣ, сулҳ ва амният.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Раҷабалиев Хайрулло, ходими хурди илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институт. Тел: 93 858 58 15.

## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ АФГАНИСТАН В ОБЛАСТИ ОБРАЗОВАНИИ И НАУКИ

В данной статье рассматриваются отношения между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан в области образования и науки. В рамках этого сотрудничества между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан в области образования и науки наша страна прилагает усилия для развития Афганистана. Кроме того, Республика Таджикистан, насколько это возможно и всеми возможными способами, внесла вклад в процесс восстановления мира и стабильности, развития образования и науки в Исламской Республике Афганистан.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Исламская Республика Афганистан, наука, образование, культура, общение, сотрудничество, мир.

**Информация об авторе:** Раджабалиев Хайрулло, младший научный сотрудник отдела Среднего и Ближнего Востока Института. Тел: 938 58 58 15.

## COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ISLAMIC REPUBLIC OF AFGHANISTAN IN THE FIELD OF EDUCATION AND SCIENCE

This article discusses the relationship between Tajikistan and the Islamic Republic of Afghanistan in the field of education and science. In the framework of cooperation between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Afghanistan in the field of education and science, our country is also making efforts to develop the human resources of the Islamic Republic of Afghanistan. In addition, the Republic of Tajikistan, as far as possible in all possible ways, has contributed to the process of restoring peace and stability and the development of education and science in the Islamic Republic of Afghanistan.

**Key words:** Republic of Tajikistan, Islamic Republic of Afghanistan, science, education, culture, communication, cooperation, peace.

**Copyright Information**: Rajabaliev Khairullo, Junior Research Fellow, Institute for the Near and Middle East. Tel: 93 858 58 15.

# ҶУМҲУРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ТУРКМАНИСТОН:
# 25-СОЛИ ДӮСТӢ ВА ҲАМКОРӢ

**Шамсуддинов Ш.С.,**
**ходими хурди илмии**
**шуъбаи Осиёи Марказии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Туркманистон баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар сиёсати байналмилалиаш самти ҳамроҳ нашудан ва бетарафиро интихоб намуда, 16 декабри соли 1995 парлумони Туркманистон бо ташаббус ва дастгирии Президенти ҷумҳурӣ мақоми бетарафии кишварро эълон кард. Тибқи талабот ва стандартҳои байналмилалӣ лозим буд, ки мақоми бетарафиро қонунӣ гардонанд. Ин ташаббус низ аз тарафи Созмони милали муттаҳид ҷонибдорӣ карда шуд. Бори нахуст қарори Ассамблеяи Генералии СММ №50.80 қабул гардид ва қайд карда шуд, ки мақоми мазкур барои сулҳу амнияти ин минтақа мусоидат хоҳад кард.

11 феврали соли 2007 баъди марги Сафармурод Ниёзов, президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов интихоб шуд. Пӯшида нест, ки Сафармурод Ниёзов дар солҳои роҳбарии худ барои гулгулшукуфоии кишвар ва бахусус мардуми Туркманистон корҳои хеле назаррас карда буд. Дар ҳақиқат шаҳрҳо дар Туркманистон тағйир ёфта, илм, фарҳанг тараққӣ кард, инчунин дар як муддати кӯтоҳ ба барқарорсозии анъанаҳои миллӣ низ ноил гардиданд. Навсозии саноат ва истифодаи технологияҳои пешрафта, дар бахши кишоварзӣ, фаъолияти худро ҳамчун самти афзалиятнок, барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти халқ равона карда буд. Миллиардҳо доллар барои сохтмони роҳҳои нав ва эҳёи "Роҳи Абрешим" равона шуд. Роҳбарияти кишвар соҳаи иҷтимоиро ба таври ҷиддӣ таҳти назорат қарор дод. Халқи туркман аз ҳаққи пардохти хидматрасонии коммуналӣ озод карда шуд. Чоряк аср инҷониб аҳолӣ аз қувваи барқ, гази табиӣ, об ва намак ройгон истифода мебаранд. Як қатор тағйироти назаррас ва баъзе навъҳои ислоҳот дар низоми идоракунӣ ба амал омад. Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов дар як муддати кутоҳ маҳбуби мардуми худ гардид. Дар замони идоракунии ӯ корҳои зиёде барои беҳбудии зисту зиндагонии аҳолӣ анҷом дода шудааст. Аз ҷумла:

- ислоҳоти системаи маориф;
- қонунигардонии Интернет;
- таъсиси комиссияи давлатӣ оид ба баррасии шикоятҳо ва пешниҳоди шаҳрвандон;
- ворид кардани тағйирот ба қонунгузории андоз;
- аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод намудани муассисаҳои тиббӣ ва воридоти таҷҳизоти тиббӣ - техникӣ;
- ислоҳот дар соҳаи Академияи илмҳо;
- кушодани биржаҳои байнибонкӣ ва нуқтаҳои мубодилаи асъор;
- тасдиқи қонун «Дар бораи сензура» ва қонун «Дар бораи ВАО»;
- ташкили комиссияи махсус дар назди Дастгоҳи Президент оид ба арзёбии сатҳи санъати рассомӣ ва додани иҷозатнома барои чоп, ба саҳна гузоштан ва филмбардорӣ [10].

Дар соли 2017 маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 40,16 миллиард доллари ИМА расида, ба ҳар сари аҳолӣ 6389 доллари ИМА-ро ташкил дод. Шумораи аҳолии кишвар ба 5 663 000 нафар расид [9].

Маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар Туркманистон асосан аз ҳисоби соҳаи хизматрасонӣ - 70,3%, саноат ва сохтмон 21,4%, кишоварзӣ - 8.3%-ро ташкил медод. Бо назардошти нишондодҳои зикршуда, дарозии умри миёнаи аҳолии Туркманистон соли 2017 аз 65 ба 74 сол расид.

Дар ҷумҳурӣ корхонаҳои коркарди нафту гази табиӣ, саноати шиша, саноати сабук, пахта, либос ва саноати хӯрокворӣ инкишоф дода шудааст. Корҳои ҷустуҷӯии кӯҳӣ нишон медиҳанд, ки Туркманистон аз захираҳои табиии канданиҳои фоиданоки арзишманд ва муфид, ба монанди нафт, гази табиӣ, сулфур, сурб, йод, бром ва як қатор ашёҳои хом бой аст. Қобили қайд аст, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлол шудан Туркманистон ба гурӯҳи калонтарини содиркунандаи захираҳои бузурги нафт (2 миллиард тонна) ва гази табиӣ (25 триллион метри мукааб) ворид гардид. Ҳаҷми зиёди маҳсулоти нафти истеҳсолкардаи худро тавассути роҳи оҳан ва гази табииро тавассути лӯла интиқол медиҳад [2, с.10].

Бо назардошти захираҳои азими дар боло зикргардида, дар айни замон қубурҳои зерини интиқоли газ фаъолият мекунанд:

- интиқоли гази "Назди Каспий";
- интиқоли гази "Осиёи Марказӣ";
- интиқоли гази "Туркманистон-Чин";
- интиқоли гази "Туркманистон - Эрон".

Илова бар ин, солҳои охир бо бастани як қатор шартномаҳои байналхалқӣ чунин сохтмонҳои интиқоли газ бошиддат роҳандозӣ шуда истодааст:

- қубури интиқоли гази "Туркманистон-Афғонистон-Покистон- Ҳиндустон" (ТАПИ);
- қубури интиқоли гази "Туркманистон-Афғонистон-Покистон-Чин (Набуко);
- қубури интиқоли гази "Туркманистон-Афғонистон-Тоҷикистон-Чин" (ТАТК).

Дӯстии мардумони Тоҷикистону Туркманистон аз қаъри асрҳо сарчашма гирифта, имрӯз муколамаи доимии сиёсӣ ва заминаи қарордодию ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта шудааст [3].

Муносибатҳои Тоҷикистон ва Туркманистон ҳамчун ду давлати мустақил аз 27 январи соли 1993 то имрӯз дар сатҳи хуб қарор доранд. Аз моҳи феврали соли 1995 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ашқобод фаъолият дорад. Сафорати Туркманистон дар шаҳри Душанбе низ аз 4 майи соли 1999 фаъолият мекунад.

Новобаста аз иваз шудани ҳокимон аз давраи қадим туркманҳо риштаҳои дӯстиро бо мардуми тоҷик нигоҳ дошта, асрҳо зери ҳукмронии давлатҳои гуногун ба мисли як оила паҳлу ба паҳлу зиндагӣ мекарданд.

Ҳамкориҳои байни ду давлат на танҳо дар соҳаи сиёсат, балки дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ рушд мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои мутақобиланд судмандро бо Туркманистон дар асоси ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстиву бародарӣ ва шарикӣ, инчунин мавқеъгирии якҷоя оиди масъалаҳои мубрами байналхалқӣ ва минтақавӣ ба роҳ монда истодааст. Умумияти ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди давлатҳои минтақа қарор доранд, зарурати рушду тавсеаи муносибатҳоро аз рӯи эътимод, дӯстӣ ва ҳамкории судманд бо

Туркманистон тақозо мекунад. Роҳбарияти давлати Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад ва ин бардоштро дар амалияи сиёсии худ дар тӯли бист соли охир борҳо намоиш додааст.

Нуқтаи сароғози муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Туркманистон ин баъди ба имзо расидани Протокол “Дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон ” 27-январи соли 1993 сурат гирифтааст. Аз лаҳзаи барқарор гаштани муносибатҳо таҳким ва тавсеаи минбаъдаи онҳо дар маркази диққати Сарвари давлати Тоҷикистон қарор дорад. Ифтитоҳи намояндагии дипломатии Ҷумҳури Тоҷикистон моҳи марти соли 1993 дар Ашқобод сурат гирифт. Туркманистон дорои иқтидори бузурги нақлиётӣ ва комуникатсионӣ буда, пайвасткунандаи минтақаи Осиёи Марказӣ бо манотиқи дигари ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки ин амр барои роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо кишвари мазкур афзуд.

Аз лаҳзаи роҳандозии муносибатҳо пайваста сафарҳо ва мулоқотҳои гуногуни сатҳи байниҳукматӣ миёни ин ду кишвари ба ҳам дӯст ва ҳамҷавор баргузор мегардад.

Моҳи июли соли 1995 Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ба пойтахти Туркманистон - шаҳри Ашқобод ташриф овард. Зимни ташриф Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти Туркманистон Сафармурод Ниёзов мулоқот анҷом дод, ки зимни он роҳбарони ҳарду давлат Баёнияи муштарак қабул карданд, инчунин оид ба густариши ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ табодули назар намуданд. Моҳи апрели соли 1999 сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Туркманистон сурат гирифт, ки зимни он роҳбари кишвар дар кори ҷаласаи Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ширкат варзид. Мақсади мулоқоти «Саммити Ашхобод» муайян кардани ҳадафҳои ҳамкориҳои минбаъда, ки ба ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ равона гардидаанд, ба ҳисоб мерафт [7, с. 57].

Бояд қайд намуд, ки дар доираи вохӯриҳои бисёрҷонибаи сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ мулоқотҳои роҳбарони давлатҳои Тоҷикистону Туркманистон мунтазам сурат мегирифтанд, ки зимни онҳо зарурати ташкили шароити мусоид барои ҳамкориҳои судманд байни ду кишвар дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисоду савдо ва илму техника таъкид мегардид. Зимни вохӯриҳои сатҳи олӣ дар марҳалаҳои минбаъда (солҳои 2006-2007) президентҳои ҳарду давлат оид ба самтҳои гуногуни муносибатҳои дуҷониба табодули афкор намуда, таваҷҷуҳи худро ҷиҳати таҳким ва тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои табодул ва интиқоли мол, нерӯи барқ, маҳсулоти нафтӣ ва алюминий таъкид карданд. Сафарҳои расмии Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Туркманистон дар соли 2007-ро метавон ҳамчун оғози марҳалаи нав дар таърихи муносибатҳои тарафайн арзёбӣ кард. Зимни ин сафарҳо чанд санади фарогири ҳамкориҳо дар соҳаҳои мухталифи муносибатҳои дуҷониба ба имзо расонида шуданд.

Рӯзҳои 9-ум ва 10-уми октябри соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ба Туркманистон ташриф овард. Қобили таъкид аст, ки ин сафари корӣ бо ҷараёни мулоқотҳои Эмомалӣ Раҳмон ва Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов масоили ҳамкории дуҷониба ва минтақавиро нахуст дар мулоқоти хоса ва сипас бо иштироки ҳайатҳои бонуфузи ду ҷониб баррасӣ намуданд ва 4 санади нави

ҳамкорӣ ба имзо расид. «Муносибот бо Туркманистони бародарӣ барои мо аҳамияти хоса дошт, дорад ва хоҳад дошт», - изҳор намуд зимни суҳбати хосса Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон афзуд, ки мутобиқат ва ё наздикии мавқеъҳо дар масоили минтақавӣ ва байналмилалӣ худ заминаи мусоиди сиёсӣ аст барои рушди робитаҳои судманди ду кишвар дар ҳама самтҳо. Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов дар навбати худ посух дод, ки дар муносиботи Туркманистону Тоҷикистон боварии байниҳамдигарӣ, ҳусни ҳамсоягию тафоҳум ва дӯстию рафоқат ҳамеша мақоми хосса доранд. Таъкид гардид, ки миёни Тоҷикистону Туркманистон имкону захираҳои истифоданашудаи ҳамкорӣ хеле зиёданд, аз ҷумла бахри беҳтар намудани равобити нақлиётӣ, шароити рафтуомади шаҳрвандон, рушди тиҷорати дуҷониба ва ғайра. Кушодани хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ ва роҳи оҳан миёни ду кишвар зарур шумурда шуд. Ҳамгироӣ бахри истифодаи босамар аз захираҳои обию энергетикии минтақа аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои ду кишвар арзёбӣ гардид.

18 марти соли 2010 Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов бо сафари давлатӣ ба Тоҷикистон ташриф овард.

Зимни баррасии масоили ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Туркманистон ба таҳким ва густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, нақлиётӣ, энергетикӣ ва гуманитарӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуд. Таъкид гардид, ки ҳарду ҷониб барои кашидани хатҳои интиқоли нерӯи барқ, лӯлаҳои нафту газ ва бунёди роҳҳои оҳану мошингард миёни Тоҷикистону Туркманистон аз тариқи қаламрави Афғонистон талош хоҳанд намуд. Сарони ду давлат азм доранд, ки баҳри ба сатҳи боз ҳам болотар баровардани муносиботи дӯстию ҳамкории Тоҷикистону Туркманистон ҷаҳду талош намоянд, зеро ҳарду ҷониб ба ин андешаанд, ки имкону захираҳо барои рушди ҳамкории бисёрсоҳа хеле зиёданд. Баъди анҷоми музокироти расмӣ бо иштирок ва дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов 7 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид. Дар охир Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 1 мукофотонида шуд. Тавре Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов бо ин мукофоти олии давлатии Тоҷикистон барои нақши намоёнаш дар таҳкими дӯстӣ ва рушди ҳамкорӣ миёни ду кишвар сарфароз гардонда мешавад.

3-юми сентиябри соли 2011 Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов, ки барои иштирок дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Тоҷикистон ташриф овард, бо Эмомалӣ Раҳмон мулоқот намуд. Дар мулоқот масоили ҳамкории гуногунпаҳлуи ду кишвар, аз ҷумла татбиқи амалии санадҳои сершумори ҳамкории дуҷониба баррасӣ шуд. Гуфтугӯи судманд, ҳамчунин доир ба роҳҳои густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, металлургия, нақлиёту роҳсозӣ, пайвасти мустақими шабакаҳои барқию нақлиётии ду кишвар ва атрофи масоили минтақавию байналмилалӣ сурат гирифт.

5-уми майи соли 2014 Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов бо сафари расмӣ вориди Тоҷикистон шуд. Зимни мулоқот баррасии масоили вобаста ба рушди муносиботи дӯстӣ ва густариши ҳамкории бисёрпаҳлӯи ду кишвар дар мулоқоти хоссаи сарони давлатҳо оғоз ёфт. Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ 10 санади нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Туркманистон ба имзо расид. Дар натиҷаи гуфтушунидҳо дар сатҳи олӣ, самтҳои ҳамкориҳои минбаъда дар соҳаҳои энергетика,

нақлиёт, нафту газ, маориф ва фарҳанг ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифт. Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла изҳор дошт, ки “рушди муносибат бо Туркманистон аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон аст”. Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов дар навбати худ муносиботи ду кишварро “босуръат рушдёбанда” номида, ҳамзамон ба роҳбарияти Тоҷикистон барои дастгирии пайваста аз ташаббусҳои байналмилалии Туркманистон арзи сипос намуд. Масоили вобаста ба тезондани сохтмони роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон дар маркази таваҷҷуҳи ҳарду ҷониб қарор дошт. Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба авзои кунунӣ ва оянддаи Афғонистони ҳамсоя ва ҳам дигар мавзӯъҳои минтақавию байналмилалии мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Пас аз анҷоми музокирот 9 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд, ки барои густариши ҳамкориҳои тарафайн заминаи воқеӣ гузоштанд.

17 сентябри соли 2017 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати анҷоми сафари корӣ ба Туркманистон ташриф овард. Зимни сафар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ашқободи Туркманистон дар ҳошияи маросими ифтитоҳи 5-умин бозиҳои осиёӣ бо Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов мулоқоти дуҷониба намуд. Таъкид гардид, ки ин гуна чорабинии муҳташами варзишӣ дар Осиёи Марказӣ бори нахуст баргузор мегардад ва умед аст, ки он ба рушди варзиш ва оммавияти бештари он дар минтақа такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Эмомалӣ Раҳмон ва Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов аз рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, ки дар ин самт кишварҳо имконоти зиёд доранд, ёдовар шуда, баргузории комиссияҳои байниҳукуматии ду кишварро дар соҳаҳои энергетика, ҳамлу нақл, кишоварзӣ ва соҳаи туризм дар ин ҷода муҳим арзёбӣ намуданд.

Ҷонибҳо иброз доштанд, ки Тоҷикистону Туркманистон имрӯз имконот ва лоиҳаҳои зиёдеро барои рушди ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика доранд. Дар ҳамин замина, аз сохтмони хати лӯлаи гази Туркманистон – Ӯзбекистон – Тоҷикистон – Қирғизистон – Чин ва лоиҳаи бунёди роҳи оҳани Туркманистон – Афғонистон – Тоҷикистон ёдоварӣ гардид. Мавриди таъкид аст, ки соли 2017-ро метавон марҳалаи ҷадиди ҳамкориҳо номид, чунки маҳз дар ҳамин сол ташрифҳои тарафайн анҷомида шуд, ки дар натиҷа миёни ин ду кишвар ҳамкориҳо ба шарикии стратегӣ табдил дода шуд.

2-юми ноябри соли 2017 Президенти Туркманистон бо сафари расмӣ ба Душанбе ташриф овард. Зимни ташриф Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов таъкид намуд, ки давоми даҳсолаҳои охир равобити кишварҳо марҳалаҳои нави рушдро касб карда, барои амиқ гаштани ҳамкории ду давлат ва мардумони дӯст такони ҷиддӣ мебахшад. Яке аз омилҳои мусоидаткунанда ба ин раванд имзои Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон оид ба шарикии стратегӣ арзёбӣ карда шуд. Ҷонибҳо нақши Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмию техникӣ ва баргузории бизнес-форумҳо байни доираҳои соҳибкории ду кишвар барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ муҳим маънидод карданд.

Тоҷикистону Туркманистон дорои иқтидори бузурги захираҳои на танҳо иқтисодӣ, балки имкони таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги нақлиётию энергетикӣ мебошанд. Сохтмони роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон намунаи олии ҳамкорӣ дар ин самт номида шуд. Дар соҳаи нақлиёт ҷонибҳо ҳамчунин ба масъалаи ба роҳ мондани хатсайри мустақими ҳавоии байни ду кишвар аҳамияти махсус зоҳир карданд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо ҳамчунин масъалаҳои рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои фарҳангӣ-гуманитарӣ ва маорифро баррасӣ карда, баргузории рӯзҳои фарҳанги кишварҳоро омили муҳимми таконбахши равобити дуҷониба маънидод карданд. Дар охири мулоқоти ҷонибҳо, ки дар фазои дӯстӣ ҷараён гирифт, ҳар ду ҷониб омодагии худро барои таҳкиму густариши ҳамкорӣ дар арсаи байналмилалӣ ба хотири ҳалли мушкилоти глобалӣ, муборизаи муштарак бо таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, таъмини амну субот дар минтақа ва ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ дар Афғонистонро баён доштанд. Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ 13 санади нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Туркманистон ба имзо расид.

То имрӯз заминаи қарордодию ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Туркманистонро зиёда аз 60 санад ташкил медод, акнун бо имзои санадаҳои нав, ки бахшҳои тиҷоратию иқтисодӣ, сохтмону саноат, мудофиаи гражданӣ, кишоварзӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ ва сармоягузориро дар бар мегирад, шумораи он ба беш аз 70 адад расид. Мавриди таъкид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Туркманистон дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ва барномаҳо аз ҷумла СММ, ИДМ, СҲИ, Бунёди байналмилалии наҷоти Арал (ББНА), С5+1, Конференсияи ҳафтуми Ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ барои Афғонистон (RECCAVII) фаъолият менамоянд [8].

Муносибатҳои ду кишвари бо ҳам дӯст ва шарик дар соҳаи фарҳанг дар сатҳи баланд қарор дошта бо ибтикороти тарафайн рӯзҳои фарҳанги кишварҳо баргузор мегардад. Соли 2010 Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Туркманистон, худи ҳамон сол Рӯзҳои фарҳанги Туркманистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гадид. Мавриди таъкид аст, ки моҳи июни соли 2013 дар Ашқобод зимни оғози расмии роҳи оҳани Туркманистон–Афғонистон–Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Соли 2013 ба муносибати барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ рузҳои фарҳанг дар ҳарду кишвар баргузор гардид. 14 июни соли 2017 Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Туркманистон баргузор гардид. Ин амр барои рушди ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ ва равобити дӯстонаи миёни кишварҳо замина фароҳа меорад. Инчунин мавриди таъкид аст, ки теъдоди зиёди донушҷуёни туркман дар донишгоҳҳои олии Тоҷикистон ба тахсил фаро гирифта шудаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки барои рушду равнақи муносибатҳои илмиву фарҳангӣ миёни ду кишвар "Ҷаъмияти туркманҳои ҷаҳон" таъсис дода шудааст [9].

Мавриди таъкид аст, ки дар рушду тавсеаи ҳамкориҳо саҳму азми сулҳҷӯёнаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов бузург буда, барои ба роҳ мондани хамкорихои гуногунсамтаи тарафайн бо фарогирии манфиатҳои миллии ҷонибҳо мусоидат намуда истодаанд. Азми пайвастаи тарафҳо буд, ки 2-юми ноябри соли 2017 баъди мулоқоти сатҳи олӣ Туркманистон шарики стратегии 4-уми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Айни ҳол муносибатҳои ҳамҷаворий тарафайн ба сифати шарики стратегии Тоҷикистон ва Туркманистон расида, умед аст, ки он барои халқҳои дӯсту бародари тоҷику туркман хизмат хоҳад намуд.

**Адабиёт**:

1. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. Душанбе -2006;
2. Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 соли истиқлолияти давлатӣ Душанбе - 2016;
3. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик (зери назари Ҳамрохон Зарифӣ). Душанбе - 2013;
4. 25- қадам дар паҳнои олам. Зери таҳрири Сироҷиддин Аслов Душанбе -2016;
5. Маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттиллоотии ВКХ ҶТ №1/2016, 2014;
6. Зарифӣ Ҳамрохон. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе - 2012;
7. Саидов З. Внешная политика Республики Таджикистан (1991-2016) Душанбе - 2017;
8. Mts.tj;
9. www.mfa.tj;
10. www.president.tj;
11. www.khovar.tj.

## ҶУМҲУРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ТУРКМАНИСТОН: 25-СОЛИ ДӮСТӢ ВА ҲАМКОРӢ

Аҳамиятнокии мавзӯи мақоларо дӯстии мардумони Тоҷикистону Туркманистон, нақши рӯзафзуни ду давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва хусусан минтақавӣ, инчунин дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ муайян мекунад. Ҳамаи ин таваҷҷуҳи баланди илмӣ ва амалии Туркманистону Тоҷикистонро муайян мекунад, ки дар натиҷаи фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1991 давлатҳои мустақил гардиданд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Туркманистон, давлат, муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, Иттиҳоди Шӯравӣ, давлатҳои мустақил.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Шамсуддинов Ш.С., ходими хурди илмии шуъбаи Осиёи Марказии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи милли илмҳои Тоҷикистон. Тел: 934 77 40 39, E-mail: Shuhratjonsh@mail.ru.

## РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН И ТУРКМЕНИСТАН: 25 ЛЕТ ДРУЖБЫ И СО-ТРУДНИЧЕСТВА

Актуальность статьи - дружба между народами Таджикистана и Туркменистана. Растущая роль двух стран в международных отношениях на глобальном и региональном уровнях, а также в мировой экономике. Все это определяет высокий научный и практический интерес Туркменистана и Таджикистана в результате падения Советского Союза в 1991 году стали независимыми государствами.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Туркменистан, государство, международные отношения, мировая экономика, Советский Союз, независимые государства.

**Об авторе**: Шамсуддинов Ш.С., младщий научный сотрудник отдела “Центральная Азия” Института изучения проблем государств Азии и Европы АН РТ. Тел: 934 77 40 39, E-mail: Shuhratjonsh@mail.ru.

**REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND TURKMENISTAN: 25 LETTERS**

The relevance of this article conducts friendship between the people of Tajikistan and Turkmenistan. The growing role shows the best ways of various spheres of these two friend countries in international relations at the global and regional levels, as well as in the global stage. All these analyses determines the high scientific and practical interests of Turkmenistan and Tajikistan as a result of the Post-Soviet Union until their independence in 90s years.

**Keywords:** Tajikistan, Turkmenistan, state, international relations, world economy, Soviet Union, independent States.

**About the author**: Shamsuddinov Sh.S., Junior Researcher, Department of Central Asia, Institute for the Study of the Problems of Asia and Europe of the Academy of Sciences of the RT. Phone: 934 77 40 39, E-mail: Shuhratjonsh@mail.ru.

## ТАЪРИХ, ҲУҚУҚШИНОСӢ, ИҶТИМОИЁТ

# ПАЙВАНДИ АҚИДАТӢ ВА РАФТОРИИ ТЭТ НАҲЗАТИ ИСЛОМӢ БО ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ ТЕРРОРИСТИВУ ЭКСТРЕМИСТИИ ШАРҚИ НАЗДИК ВА МИЁНА

**Ниёзӣ Ё.Б.,**
**номзади илмҳои фалсафа,**
**директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**Н.Холназаров,**
**ходими калони илмии Институти мазкур.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаи бисёр мубрам ва доғи рӯз - терроризм, ҳанӯз хеле барвақт иброз дошта буданд, ки: **«терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст»** [7].

Барои равшанӣ андохтан ба мавзӯи болозикр, ба таърихи мухтасари пайдоиш ва паҳншавии созмону ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ дар Шарқи Наздик муроҷиат менамоем.

Яке аз созмонҳои сернуфус, пурқудрат ва фаъоли исломӣ бо номи «Ихвону-л-муслимин» ҳанӯз аз солҳои 1928 ба фаъолият пардохта, дар сафҳои худ то 2 миллион нафарро муттаҳид карда буд. Аз ин рӯ, созмони «Афсарони озод» таҳти сарварии Ҷамол Абдулносир то солҳои 50-уми асри сипаришуда маҷбур буд, ки бо ин созмон мадоро намояд.

Дар охири солҳои 70-уми асри гузашта, боз як қатор созмону ташкилотҳои террористии дигар бо номҳои «ал-Ҷиҳод», «ал-Ҷамоа-ал-исломия», «ат-Такфир-вал-ҳиҷра» ва дигарҳо дар Миср пайдо шуданд.

Пайдоиши чунин созмону ташкилотҳои ифротӣ ва террористӣ дар Миср, сабаби зуҳури мазҳаби «Ваҳҳобия» дар як қатор кишварҳо, аз ҷумла дар кишвари мо гардид ва зуҳури ин мазҳаб иртиботи ногусастанӣ дорад, бо таъсиси «Ҳизби наҳзати исломӣ» дар Тоҷикистон.

Марҳум, С. Кенҷаев дар ҷилди аввали китоби худ - «Табаддулоти Тоҷикистон» ба ҳамин мавзӯъ ишора карда ҳамчун далел менависад: «Аввалин маротиба мазҳаби «Ваҳҳобия» пардапӯшона бо номи «Созмони ҷавонон» дар вилояти Қурғонтеппа таъсис ёфта буд. Соли 1978 созмони мазкур бо сарварии Абдуллоҳи Нурӣ дар назди бинои кумитаи вилоятии ҳизби коммунист гирдиҳамоӣ гузаронида, ба бинои мазкур ҳуҷум намуда, тартиботи ҷамъиятиро вайрон карда, дару тирезаҳои бинои Кумитаи вилоятии ҳизби коммунистии вилоятро шикаст. Вале ҳукуматдорон ба ин амалиёти ҷинояткоронаи мазҳаби «Ваҳҳобия» аз паси панҷа нигариста, аҳамияти лозима надоданд…» [2, с.259].

Чунин бетафовутӣ ва хунукназрии низоми вақт боис гашт, ки гурӯҳҳои ҷиноӣ таҳти ниқоби дини ислом бо истифода аз таҷрибаҳои даҳшатафкании гурӯҳҳои ифротии динӣ ва қавмӣ ташаккул ёбанд ва барои пиёда кардани ҳадафҳои қудратталабию ҷудоихоҳона даст ба куштору ноором ва зиддияти иҷтимоӣ зананд.

Ин таҷрибаҳо аввалан дар ибтидои асри XX дар Шарқи Миёна, махсусан Миср, аз тарафи созмони «Афсарони озод» таҳти роҳбарии подполковник Ҷамол Абдулносир арзи вуҷуд намуда буд. Созмони мазкур соли 1952 шоҳ Форукро аз тахт дур ва аз кишвар хориҷ намуд ва аз ҳамин давраҳо сар карда, террори мардони сиёсӣ ё ба тарзи дигар агар иброз намоем, сиёсатмардон дар Шарқи Наздик шурӯъ шуд. Сарвазири Ироқ Нури Саид ба қатл расонида шуда ҷасадашро соатҳо дар кӯчаҳои Бағдод кашола карда гардониданд. Шоҳи ҷавони Ироқ Файсал ҳам новобаста аз он, ки ӯ ба қабилаи Ҳошимиҳо, яъне ба авлоди Паёмбари Ислом, ҳазрати Муҳаммад (С.С) тааллуқ дошт, кушта шуд. Ҳамин гуна ҳодисаҳо дар Тунис, Алҷазоир, Яману Ливия, Сурияву Судон ва ғайраҳо ба амал омаданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар солҳои навадум, дар аввали замони ошкорбаёнию истиқлолталабӣ, митингбозиҳо ва зиддиятҳо аъзои Ҳизби наҳзати исломӣ бо мақсади тарсонидан (ногуфта намонад, ки яке аз аҳдофи терроризм - ин тарсафканӣ ва даҳшатпароканӣ дар ҷомеа мебошад) чанд тан аз ҷонибдорони сохти конститутсиониро ваҳшиёна ба қатл расонида, рӯи ҷасади онҳо рафторҳои ғайриинсонӣ намуда, онҳоро дар кӯчаҳо гардонида, баъдан дар чуқурие бе шустану кафан кардан 20 нафариву 30 нафарӣ партофта бо трактор аз болояшон хок гардонида, муҳофизини хешро дар сари ин «қабрҳо» таъин намуда буданд, то ки хешу табор ва пайвандон онҳоро пайдо ва гирифта натавонанд. Ҳолатҳое буданд, ки муҳофизин бар ивази пул хокҷои ҷасадҳоро ба пайвандони онҳо нишон дода, аз ин амал ҳам «фоида» ба даст меоварданд.

Таъсиси кушторгоҳ ва шиканҷахонаҳо дар ҳаммоми «машҳур»-и совхози «Туркманистон»-и ноҳияи собиқ Бохтар, ҳоло Кушониён, дар таҳхонаҳои театри Лоҳутӣ ва Қозиёт, дар муассисаи нақлиётии рақами 3, дар маҳаллаи «Южный», дар комбинати гӯшти Душанбе ва ҷойҳои дигар аз фаъолиятҳои дигар ва «қаҳрамониҳо»-и солҳои аввали навадуми Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дарак медоданд.

Раиси созмони «Ошкоро» Рустами Абдураҳим, намояндаи мардумӣ Мавлон Олимов, шоир Махсум Олимӣ дар шаҳри Душанбе ва падари Файзалӣ Саидов дар вилояти Қурғонтеппа аз дасти ҳамин гуна ҷиноятпешаҳои Ҳизби наҳзати исломӣ ва дар ҳамин кушторгоҳҳо бо тарзу усулҳои ваҳшиёна ва ғайриинсонӣ ба қатл расида буданд.

Дар замони ҷанги аввали Фаластин дар соли 1948 Ҷамол Абдулносир дар Фелуҷ баъд аз оташбас бо ду нафар афсарони исроилӣ, яке бо номи Игол Аллон ва дигаре бо номи Мордахем Коэн мулоқот намуд. Ҳарду афсари соҳаи кашшофии Исроил буданд ва таҷрибаи ғании иҷрои амалҳои террористиро доштанд. Игол Аллон баъдҳо то ба мансаби сардори Ситоди генералии Исроил расид. Бурди Ҷ. Абдулносир дар он буд, ки вай новобаста аз ошноӣ бо разведчикҳо ва террористҳои машҳури исроилӣ, дар тамоми давраи раҳбарияш аз террор кор нагирифт.

Новобаста аз ин, баъди заиф шудан ё аз саҳнаи сиёсат дур шудани миллатгароии миллии арабӣ ҳаракатҳои террористии исломие, ки дар солҳои 70-ум арзи вуҷуд карда буданд, ба фаъолият пардохтанд. Ҳадафашон аз байн бурдани режими дунявӣ дар Миср ва роҳбари ин кишвар Анвар Содот буд. Мутаассифона, онҳо Содотро ба қатл расониданд. Чанд маротиба ба ҷони Ҳуснӣ Муборак сӯиқасд ташкил намуда, алайҳи вазирони Миср ва сайёҳони хориҷӣ низ амалҳои террористӣ анҷом додаанд, ки айни ҳамин ҳодисот дар солҳои аввали истиқлолият анҷом дода шуда буданд.

Солҳои 90-ум исломгароёни тоҷикистонии аз мактаби ифротӣ-террористӣ гузашта дар Тоҷикистон низ ба корҳое даст заданд, ки хоҳ-нохоҳ пайванди ақидатӣ ва рафтории

онҳоро бо ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистии Шарқи Наздик, ки зикрашон дар боло рафт, исбот менамояд. Қатли Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев дар моҳи августи соли 1992, қатли ҷонишини аввали раиси кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб С. Сангов дар ҳамин моҳ, аз тарафи Ризвон Содиров гаравгон гирифтани 12 нафар соҳибкорону ҳамраҳони ширкати «Восток-Меркурий» ва аз ҷониби ӯ мусодира кардани моли онҳо ва ба қатл расонидани соҳибони молу ширкат ва ҳамраҳони онҳо дар ҳудуди ш. Ваҳдат ва ш. Норак, қатли кормандони милитсияи вилояти Кулоб дар ағбаи Чормағзак, қатли 170 нафар зодагони минтақаи Кулоб ва водии Фарғона дар ш. Қурғонтеппа (Бохтар) аз тарафи ҷангиёни исломгаро дар моҳи октябри соли 1992, ба қатл расонидани ҷонишини Сарвазири кишвар, Мунавваршо Назриев октябри соли 1994 ва ғайра далели раднашаванда ба гуфтаҳои болоянд [6].

Акнун бармегардем ба ибтидои давраи «террори Шарқи Наздик». Дар сарчашмаи фаъолиятҳои террористии он замон созмони дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон дар Фаластин созмонёфтаи Лехи меистод. Роҳбари ондавраи Лехи Авраам Штерн (шоир, ходими намоёни сионист, асосгузор ва раҳбари ташкилоти пинҳонкори террористӣ) ном шахс буд ва ӯ феврали соли 1942 тавассути пулиси Британияи Кабир кушта шуд.

Баъди кушта шудани А. Штерн роҳбарии Лехиро иттиҳоди сегона (триумвират) ба уҳда гирифт ва аъзои ҳамин иттиҳод Ицхак Шамир баъдҳо Сарвазири Исроил шуд. Лехи соли 1943 ба ҷони комиссари Олии Фаластин сӯиқасд ташкил намуда, баъд аз чанд моҳ дар Миср вазири мустамликаи Британияи Кабир лорд Мойнаро ба қатл расонид. Баъд аз итмоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, соли 1948 Лехи намояндаи СММ, дипломати шведӣ Ф. Бернадотаро, ки ҳамчун нозир барои мушоҳидаи қатъи оташбас таъйин шуда буд, ба ҳалокат расонид.

Ҳамин тавр, кор бо террорҳои инфиродӣ ба охир нарасид. Дар қатори Лехи боз як созмони террористии дигар бо номи Эцель низ ба фаъолиятҳои террористӣ машғул буд ва ин созмони террористиро соли 1944 Сарвазири дигари ояндаи Исроил Менахем Бегин роҳбарӣ мекард. Террористҳои ин созмон 22 июли соли 1946 меҳмонхонаи «Кинг Девид»-ро, ки дар як қаноташ идораҳои маъмурии англисӣ ҷойгир буданд, таркониданд. Дар натиҷа, 91 нафар кушта ва 45 нафар захмӣ гаштанд, ки дар миёни онҳо англисҳо, арабҳо ва яҳудиҳо низ буданд. Ҳадафи аслии ин амалҳои террористӣ аз чӣ иборат буд?

Аҳдофи аслии ин амалҳои террористӣ пеш аз ҳама, куштори ҳар чӣ бештари арабҳои таҳҷоӣ, маҷбуран рондани онҳо аз ҷойи сукунаташон, пур кардани маҳалҳои холишудаи арабнишин бо яҳудиҳо буд. Ин гуфтаҳоро амалҳои террористии дар моҳи январи соли 1948 дар гулгашти шаҳри Яффа ба иҷро расида, ки он замон арабнишин буд ва дар яке аз деҳаҳои арабнишини канори Иэрусалим, бо номи Дейр-Ясин анҷом додаи Лехи ва Эцеля пурра исбот намудаанд. Дар натиҷаи ин амалиёти ғайриинсонӣ, ҷамъан, наздик ба 280 нафар аз аҳолии осоишта кушта шуда, миқдори зиёди одамон захм бардоштанд. Ё тирборони аҳолии арабнишини деҳаи Кафр-Қасим, воқеъ дар ҳудуди Исроил, дар моҳи октябри соли 1956 аз ҷониби патрули исроилӣ, ки сабаби ҷон бохтани 43 нафар гардид, аз мисолҳои дигари тасдиққунандаи ин даъвост [9, с. 33-34].

Баъд аз таъсиси давлати Исроил, террор ба яке аз олатҳои муборизаи фаластиниҳои муқими кишварҳои ҳамсояи арабӣ табдил гашт. Амалҳои террористӣ натанҳо аҳолии яҳудии манотиқи соли 1967 ишғол намудаи Исроилро аз байн мебурд, балки бар асари ин амалиёт аҳолии осиштаи муқими худи Исроил низ қурбон мешуданд. Амалҳои террористӣ тибқи қоида, дар ҷойҳои серодам - дискотекаҳо, магазинҳо ва

меҳмонхонаҳо анҷом дода мешуданд. Маҳалҳои аҳолинишини Исроил дар шимоли Галилеро аз ҳудуди Лубнон тавассути «Ҳизбуллоҳ» ракетаборон мекарданд.

Дар солҳои 90 дар кишвари мо низ исломгароён ба русҳо ва русизабонони дигар миллатҳо фишору таҳдидоти зиёдеро ворид намуданд. Куштори афсарони дивизияи 201, гаравгон гирифтани хонандагони русзабони мактаби рақами 8, воқеъ дар маркази пойтахти кишвар, таҳдидҳо ба яҳудиёни муқими ш. Душанбе ва атрофи он аз амалҳои носавоби исломгароён дар солҳои 90 буданд.

Ҳангоми аз кӯҳи Маъбад боздид намудани генерал Ариэль Шарон (дар ин ҷо яке аз ҷойҳои барои мусалмонони дунё муқаддас-масҷиди Ал-Ақсо ҷойгир аст), амалиётҳои терористии тавассути террористҳои маргталаб иҷрошаванда ба авҷи аъло расиданд. (Ариэль Шарон солҳои 2001-2006 Сарвазири Исроил буд. 04. 01. 2006 ба ҳолати беҳушӣ афтод ва баъд аз 8 сол, яъне 11.01.2014, аз дунё гузашт).

Террор ё «террори Шарқи Наздик» дорои хусусиятҳои хоси хеш буд. Ин террори ду тарафа, террори тарафҳои ба муноқишаҳои Шарқи Наздик ҷалб шуда буд. Хусусияти ин террорҳо сиёсӣ буда, ягон шакл ё ниқоби динӣ надоштанд ва аз ҷониби дигар, ин амалҳо аз чорчӯбаи минтақа берун намерафтанд.

Агар оиди терроризми байналмилалии ҳозиразамон, ки асосан аз ҷониби созмони террористии «ал-Қоида» созмон дода шудааст, сухан ронем, ба натиҷае хоҳем расид, ки терроризми муосири байналхалқӣ аз ҳаракати Фаластинӣ барнахостааст. Ангезаҳои динӣ-экстремистии «ал-Қоида» аз ҷониби ИМА дар шароити ҷанги сард бисёр моҳирона истифода шуда буданд.

Ин созмони байналхалқии террористӣ бо кӯмак ва дастгирии ЦРУ (РМК) ва бо мақсади мубориза бо артиши Шӯравӣ дар Афғонистон ба вуҷуд омад. Ба яке аз сарварони чунин созмони террористӣ Бен Лодан иҷоза дода шуда буд, ки ҳаммаслаку ҳамақидаҳояшро ҳатто дар ҳудуди ИМА пайдо ва ба созмонаш ҷалб намояд. Роҳзанҳои ӯро пинҳонӣ яроқнок карданд, онҳоро соҳиби силоҳи «Стингер» намуданд, то ба муқобили ҳавопаймо ва чархболҳои Шӯравӣ истифода шаванд [10, с. 33-35].

Чӣ тавре, ки дар боло қайд шуд, имрӯзҳо дар тамоми ҷаҳон асосан 2 созмони пурқудрати террористӣ («ал-Қоида» ва «Толибон») ба таври фаъол бо дастгирии абарқудратҳо кору фаъолият анҷом дода истодаанд. Созмонҳои зикргардидаи террористӣ аз гурӯҳҳои ҷиноии абарқудратҳо ва ҳампаймонҳояш аз ҳама ҷиҳат бо сару либос, пул, хӯрока, яроқу аслиҳа, техникаву дастгоҳҳои ҳозиразамони алоқа ва ҷангӣ таъмину муҷаҳҳаз карда мешаванд. Маблағи масрафшуда бештар аз ҳисоби закот, садақа ва хайроти мусалмонон ҷамъоварӣ шуда, бар зидди худи кишварҳое, ки аҳолияшон пайрави дини мубини ислом ҳастанд, истифода мешаванд.

Дар давраи майдоннишиниҳо дар майдони «Шаҳидон», исломгароён мардуми бечораро бо фиребу найранг ба майдон кашонида, тамоми анвои хӯрокаи ин майдонро аз ҳисоби худи мардум ва боз ҳам бо роҳҳои ғайриқонунӣ ва ғайриинсонӣ таъмин менамуданд.

Барои тасдиқи даъвои ташкилу таъсиси созмону ҳизб ва ҳаракатҳои экстремистӣ-террористӣ аз ҷониби кишварҳои абарқудрат ба мусоҳибаи Сарвазири собиқи Покистон-хонуми аз ҳар ҷиҳат зебо ва сиёсатмадори варзида Беназир Буҳутто, ки худ низ қурбони террор гашта буд, рӯй меорем. Ӯ ба саволҳои хабарнигори ВВС оиди масъалаи кӯмак ва дастгирии созмонҳои террористии дар Покистон будаи «ал-Қоида»-ву «Толибон» чунин посух медиҳад: «Фарзи дигари мо дар мавриди низоми сиёсии Толибон ин буд, ки Толибон дастнишондаи қудратҳои бузурги ҷаҳон ва минтақа ҳастанд. Покистон танҳо ҳомии Толибон нест, балки муҷрии сиёсатҳои гурӯҳҳои

ҷиноии Амрико ва Инглистон аст. Ӯ дар идома меафзояд: Инглистон мубтакир ва тарроҳи аслии ҷунбиши “Толибон” аст ва Покистон бо таслиҳот ( яроқу аслиҳа) ва дуллорҳои гурӯҳҳои ҷиноии Амрико ва Арабистони Саудӣ онҳоро созмондеҳӣ ва басиҷ менамояд [5, с. 28].

Дар солҳои 80-уми асри гузашта мақсади асосии он кишварҳое, ки Ҷиҳод, яъне Толибонро сармоягузорӣ мекарданд, ҷазо додани Иттиҳоди Шӯравӣ барои ба Афғонистон даровардани қувваҳояш буд ва онҳо ният доштанд, ки барои шӯравиҳо як «Ветнами худӣ» ташкил намоянд.

Сиёсатшиноси машҳури Фаронса Жиль Капель дар китоби худ: «Джихад: экспансия и закат исламизма» дар бораи кумакҳо ва пуштибонии Толибон аз ҷониби ИМА борҳо ишора кардааст ва мо яке аз ин иқтибосҳоро зикр менамоем: «…ҳамон сол, яъне соли 1979 пирӯзии инқилоби исломӣ дар Теҳрон бо шиорҳои «Нест бод Амрико» оғоз гардида, бо воридшавии қувваҳои Шӯравӣ ба Афғонистон ба охир расид, ки иштироки бениҳоят васеи РМК (ЦРУ)-ро дар ҳаёти муҷоҳидони афғон дар пай дошт. Кӯмакҳои амрикоӣ ва Саудӣ ба муҷоҳидон асосан аз тариқи Покистони Зиё-ул-ҳақ мерасид [1, қ.1,боби 1, с.2-3].

Маълум гардид, ки таърих ба онҳое, ки гумон мекарданд, ки «ал-Қоида» то охир ҳамчун як олоти итоаткор боқӣ мемонад, хандаи талхе кардааст.

Оҳиста-оҳиста амалҳои террористии даҳшатафканӣ, куштор, одамрабоӣ ва ғайра ба тамоми дунё паҳн гардида, хусусияти зиддимардумӣ ва умумиҷаҳонӣ пайдо намуданд. Ҳоло дар дунё тақрибан кишваре вуҷуд надорад, ки аз ин вабои аср дар канор ва дар амон монда бошад ва ба танҳоӣ аз уҳдаи таъмини амнияти хеш баромада тавонад. Ба болои ин даҳшатҳо боз даҳшати дигар, истеҳсол ва пахши маводи мухаддир илова гардид. Ягона роҳи ҳалли ин мушкилот ҷалби таваҷҷуҳи тамоми кишварҳо ба ин масъала, даст ба даст додани тамоми қувваҳои солимақли ҷомеаи ҷаҳонӣ ва мубориза беамон аз ҷониби тамоми ниҳодҳои зидди террористӣ мебошад.

То нимаи дувуми солҳои 70-уми асри сипаришуда тамоми мусулмонони Тоҷикистон (ғайр аз шиаҳои исмоилии Бадахшон) дорои як мазҳаби воҳид буданд ва ин мазҳаб бо номи мазҳаби ҳанафӣ ёд мешуд. Пушт андар пушти мо аз ин мазҳаби одилонаю оқилонаи дини мубини ислом пайравӣ мекарданд ва дур аз тафриқаандозиву гурӯҳбандӣ, аз даъвову васвасаи шайтонии сиёсат буда, ҳаргиз тарафдори рехтани хуни ҳаммазҳабон набуданд.

Асосгузори мазҳаб Абуҳанифа ибни Собит Ҳайбонӣ буд, ки байни солҳои 699 - 767 умр ба сар бурда, яке аз барҷастатарин олимони замони хеш буд ва ин мазҳабро асос гузошта ба пайравони дини мубини ислом таълим додааст.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо аз нимаи дувуми солҳои 70-ум сар карда, дар натиҷаи фориғболӣ, бемасъулиятию кундфаҳмӣ, ноӯҳдабароии роҳбарони давр, фалаҷшавии мақомоти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, созмонҳои ҷосусии хориҷӣ ба кишвари мо сар халонида иддае аз ҳамватанони сустирода ва ҳариси моро, бо нисор кардани пулу мол ва долларҳои хориҷӣ ба ғуломи зархарид табдил додаанд. Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравиро ҳамаҷониба истифода бурда, дар миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа мавқеи худро мустаҳкам намуданд.

Солҳои 1970-1992-юм ин созмонҳо бо истифода аз вазъияти ба амал омада, барои пайдо намудани ҷонибдорон ва ҳамақидаҳо дар симои нимчамуллоҳои ҷоҳил, ҳарисони пулу мол, унсурони ҷиноӣ, ватанфурӯшону бесаводон, ташкили зиёрату сафарҳо ба хориҷа, аз ҷумла ба зиёрати макони Муқаддаса ва дигар кишварҳои исломӣ, ба хусус он кишварҳое, ки дар макотибу мадорисашон тарзу усулҳои мубориза бо низомҳои

мавҷуда, террор кардани одамони маъруфу машҳур, сиёсатмадорон, радикализми исломӣ таълим дода мешуд кӯшишҳо ба харҷ доданд. (Террори одамони маъруфу машҳури ҷумҳурӣ: Б. Исҳоқӣ, М. Ғуломов, М. Осимӣ, М. Назаршоев, С. Кенҷаев, М. Олимпур ва ғайра аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад).

Ин амалҳоро аъзои ҷараёну равияҳои «Ваҳҳобия» ва «Ихвону-л-муслимин», анҷом медоданд, ки бо роҳҳои сунъӣ ба Тоҷикистон ворид кунонида шуда буданд.

Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) маҳз дар пояи таълимоти ҳамин ҷараёну равияҳо таъсис ёфта, ҳаммароми онҳо буда, бо онҳо пайвандҳои ақидатӣ ва амалии ногусастанӣ дошт. Ҷараёну равияҳои номбурда дар аксари кишварҳои исломӣ мамнӯъ эълон шуда буданд. Вале дар солҳои 70-90-уми асри гузашта беназмиҳое, ки дар Тоҷикистон амал мекард, мувофиқи табъи чунин ҷараёну равияҳо буд.

Марҳум С. Кенҷаев дар ҷилди аввали китоби худ «Табаддулоти Тоҷикистон» таъкид мекунад, ки аз қозикалони ҷумҳурӣ Ҳоҷиакбар Тураҷонзода сар карда, то ҳамаи роҳбарони ҲНИТ ҳама аз мактаби «Ваҳҳобия» ва «Ихвону-л-муслимин» гузашта буданд. Дар ҳамин ҷо барои тасдиқи ин фикр суханҳои Тураҷонзодаро овардааст, ки мегӯяд: «…Ба ҷаҳонбинии ман Ихвону-л-муслимин», ки дар матбуоти Ғарб онҳоро ҳамчун иртиҷоиён ба қалам медиҳанд, таъсири зиёд расондаанд. Ман онҳоро файласуфҳои хуб мешуморам» [3, с. 259].

Ҳодисаҳои солҳои 90-ми асри гузашта дар кишвари мо, парда аз рӯи ҳар гуна ҳизбу ҷараёнҳо ва созмонҳои ифротиву ҷудоихоҳ бардошт. Маълум гардид, ки ҲНИТ дар ҳақиқат бо кӯмак ва дастгирии ташкилотҳои ба ном динӣ ва дар амал террористии хориҷӣ арзи вуҷуд намудааст. Оиди ҳамин мавзӯъ Муҳаммадшариф Ҳимматзода, раиси вақти Ҳизби наҳзати Ислом мегӯяд: «Кору амали мо асосан тавассути кутубу дастуроте, ки аз ҷониби хоҷагони хориҷӣ барои иҷрои вазоиф дастраси мо мешуданд, ба роҳ монда шуда буд. Дар ин маврид, донишҷӯёне, ки муҳассилини мамолики хориҷӣ буданд, ба мо кӯмакҳои хубе карданд. Кутубу рисолоти пешгомону пешвоёни давлат ва ҳаракатҳои исломии олам Шайх Ҳасани Банно, бародарон Саид Қутб ва Муҳаммад Қутб, Саид Ҳавво, Абдуллои Мавлудӣ боис гардиданд, ки мо бо худ роҳ ёбем, тарзу усули муборизаро биомӯзем. Ислом танҳо ибодат нест. Ислом ҳам дин, ҳам давлат, ҳам сиёсат, ҳам дунё ва ҳам охират аст» [4, с. 259].

Дар натиҷаи рехтани хуни ҳазорон ҳаммиллатон, ҳамватанону ҳаммазҳабон ин гурӯҳҳои тундрави террористӣ, то дараҷае тавонистанд ба ҳадафҳояшон бирасанд. Вале ба кадом қимат ва оқибати корашон ба куҷоҳо расид, барои ҳамагон маълум аст.

Масъалаи ифротгароию тундгароӣ ва хатарҳои ба он вобаста ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Сарвари кишварамон ин масъаларо пайваста зимни маърӯза ва баромадҳояшон дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалию минтақавӣ ва маҳаллӣ мавриди ҳаллу фасл қарор додаанд.

Дар моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст: «Терроризм содир намудани амалҳое мебошад, ки ба одамон хатари марг ба миён меоварад, истифодаи он мақсади ҷисман бартараф кардани рақиби сиёсӣ, вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир барои аз тарафи ҳокимият қабул кардани қарорҳо мебошад» [7].

Ҳаводиси солҳои 1990-1992 дар пойтахти кишварамонро ба ёд меорем. Наҳзатиҳо доду фарёд бардошта, бо фиристодани вакилонашон ба дохили Шӯрои Олӣ ва ширкати онҳо дар ҳаллу фасли масоили ҳаётии ҷомеа, фишору зӯрӣ ба намояндагони миллат, гаравгонгирӣ ва тарсонидани депутатҳо ба кори Шӯрои Олӣ халал расонида, саъй

мекарданд, ки қарорҳоро ба нафъи онҳо ва бар зарари ҷомеа қабул карда, вазъияти сиёсӣ-ҳарбиро муташанниҷ созанд. Чунончи: фишор ба Шӯрои Олӣ (раис Қ. Аслонов) ва қабули қарор барои кандани ҳайкали В.И. Ленин (соли 1992), гаравгонгирии кормандони масъули Дастгоҳи Иҷроияи Президент ва Девони Вазирон (2 дафъа: моҳҳои апрел ва августи с-1992), гаравгонгирии 2 ҷонишини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 17 нафар аз намояндагони Шӯрои Олӣ (соли 1992) ва ғайра. Бо ҳамин роҳ онҳо муваффақ шуданд, ки амалан ҳукумати конститутсиониро муддате ғасб намоянд.

Ҳамин аъмоли шуми наҳзатиҳоро ба инобат гирифта, бо мақсади дур будан аз шарру фишори онҳо ва дар ҷои бехавфу хатар, дур аз дастрасии ифротгарони исломӣ ва дар шароити мусоид пеш бурдани кори Сессияи XVI, Фронти халқии Тоҷикистон 24 октябри соли 1992 вориди Душанбе-шаҳр гардид ва имзои зимомдорони вақтро барои даъвати Сессияи XVI дар шаҳри бостонии Хуҷанд гирифт.

Яке аз созмонҳои ҳизбии дар Кӯҳистони Мастчоҳ будаи ҲНИТ-ро дар он солҳо Шамсиддинхоҷа ном шахс, ки дар миёни мардум бо лақаби «Карасинхоҷа ва Светофор» (чун ронандаи мониши бензину керосинкашонӣ буда, чашмҳои калон-калон дошт, машҳур буд), раҳбарӣ мекард. Ӯ худро «Амир-ал-мӯъминин» эълон карда, борҳо таъкид карда буд, ки: «Иншоаллоҳ мо ба қарибӣ пирӯз хоҳем шуд ва куштани коммунистону тарафдорони сохти Конститутсиониро аз деҳоти Фалғар шурӯъ мекунем. Рӯйхати онҳое, ки аз ҳар деҳа бояд кушта шаванд, омодааст». Ман итминон дорам, ки наҳзатиҳо чунин рӯйхатро дар ҳамаи нуқоти кишвар тартиб дода буданд. Хайрият, ки натанҳо ӯ, балки ҳамаи наҳзатиҳое, ки дар сар чунин андешаи ботил доштанд, низ ба ин нияти нопокашон нарасиданд.

Дар моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм» бошад омадааст: «Ифротгароиро ҳамчун зуҳуроти аз ҷониби ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар шакли амалҳои номатлуб инъикос ёфтае маънидод мекунанд, ки ба бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низоъи нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ даъват мекунад» [12].

Боз ҳам месазад, ки ҳаводиси солҳои 1990-1992-ро ба ёд биёрем. Ташкили созмони ҷиноятпешае бо номи «Наҷоти Ватан», ки аз ҷониби як нафар кӯрдил ва мардумозор бо номи Шодмон Юсуф таъсис ёфта буд ва дар доираву чаҳорчӯбаи ҲНИТ фаъолият мекард, комилан шабеҳи созмону ташкилотҳои фашистӣ дар даврони Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд. Ин созмон дар ҳамон давра миёни мардум бо номи «Ҷаллоди Ватан» шинохта шуда буд. Аъзои ин созмон барои ба ҳадафҳои нопок ва зидди миллии худ расидан аз ҳеҷ бадкирдорие рӯ намегардониданд. Гӯё миёни демократҳои норафтароҳ, ки аслан ба демократ монанд набуданд ва исломиҳо як иттиҳод ба вуҷуд омада буд, вале мо дар саҳифаҳои таърих эътилофи гургу гӯсфандро ёд надорем.

Ба номгӯи нопурраи гурӯҳҳои террористӣ созмону ҳизб ва ҳаракатҳои: «Ал-қоида», ДИИШ, «Ҳизбу-т-таҳрир», «Бародарони мусулмон», ҷунбиши «Толибон», «Ҳаракати исломии Узбакистон», «Салафия», «Ҷамоати даъват ва таблиғ», «Ихвону-л-муслимин», «Ҳизби исломии Туркистони Шарқӣ», «Акрамия», «Ҷамоати муҷоҳидони Осиёи Марказӣ», «Аш-Шабоб», «Боко Ҳарам» ва «Ансоруллоҳ» дохиланд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, тибқи қонунгузории ҷорӣ фаъолияти чунин созмонҳои экстремистӣ, ба мисли: «Ал-қоида», «Толибон», «Бародарони мусалмон», «ҲИУ», «Ҳизбу-т-таҳрир» «Салафия», «Ҷамоати таблиғ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Ҷабҳат-ан-Нусра», «Гурӯҳи 24» ва «ҲНИТ» ғайриқонунӣ эълон карда шуда, фаъолияти онҳо дар

ҳудуди кишвар манъ карда шудааст. (Чи тавре, ки иттилоъ дорем, рӯзи 9 сентябри соли 2019 боқимондаҳои фирории ҲНИ, «Ҳаракат барои ислоҳот ва пешравӣ», «Форуми озодфикрони Тоҷикистон», «Ассотсиатсияи муҳоҷирони Осиёи Миёна», «Гурӯҳи 24» ва «Тоҷикистони озод» дар Варшава ҷамъ омада як эътилоф, яъне коалитсияи нав таъсис доданд, то дар конференсияи ОБСЕ ҳузур пайдо кунанд. Як рӯз баъд ОБСЕ дар ҳамин ҷо аз 10 то 21-уми сентябри соли 2019 конференсия доир намуд. Коалитсияи навташкил аз ҷониби Прокуратураи Генералӣ ғайриқонунӣ ва террористӣ эълон гардид.

Чи тавре, ки дар боло қайд кардем, солҳост, ки терроризму ҳаракатҳои террористӣ, экстремизму ифротгароӣ аз ҳудуди кишварҳо ва минтақаҳо берун рафта, ба миқёси ҷаҳон баромадаанд ва ҷаҳонӣ гаштаанд. Имрӯзҳо бештар аз 100 кишвари дунё аз ин вабо ранҷ мекашад. Танҳо дар кишвари ҳамсояи мо Афғонистон дар соли 2017 беш аз 10 ҳазор нафар аҳолии осоишта зарар дидаанд. Аз ин миқдор 4 ҳазор нафар кушта шуда, ҳазорҳо нафар захмӣ гаштаанд, ки 53 фоизи онҳоро занону кӯдакон ташкил медиҳанд.

Агар солҳои пеш дар сафи «Толибон» намояндагони 15 кишвар меҷангиданд, ҳоло дар сафҳои ДИИШ ва дигар гурӯҳҳои террористӣ намояндагони бештар аз 100 давлати ҷаҳон шомиланд.

Тибқи маълумоти оморӣ ҷангиёни гурӯҳҳои террористие, ки дар Ироқу Сурия гирд омада буданд, аз 100 ҳазор бештар буданд. Хушбахтона то имрӯз тавассути амалиётҳои зиддитеррористӣ аз нисф зиёди онҳо маҳв гардидаанд.

Тоҷикистон аз назари демографӣ кишвари дар ҳоли рушд аст. Аз нисф зиёди аҳолии онро, яъне қувваи пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Президенти мамлакат барои ташкили ҷойҳои кори доимӣ ва ба таҳсилу тарбия фаро гирифтани ҷавонону наврасон тамоми чораҳоро андешида истодаанд, то ки онҳо ҳамеша машғули кору омӯхтан ва аз бар кардани дониш бошанд. Ба ин хотир, дар тамоми маҳаллаҳои аҳолинишин сохтани майдончаҳои варзишӣ ва корхонаҷоти хурду калон дар кишвар яке аз он амалҳои солеҳе мебошанд, ки дар амал татбиқ шуда истодаанд.

Ё мисоли дигар, то соли 2015 танҳо дар хориҷи кишвар ва аз ҳисоби давлат бештар аз 12 ҳазор ҷавонон машғули омӯзиш буданд. Ҳоло бошад, шумораашон боз ҳам бештар шудааст. Дар дохили кишвар бошад, теъдоди онҳо аз 200 ҳазор мегузарад.

Мутаассифона ва новобаста аз ҳамаи ин кӯшишу ибтикорҳои наҷиб, ҳоло ҳам шомил шудани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракат ва гурӯҳҳои террористию ифротӣ идома дорад. Чунончи, аз ҷониби мақомоти РВКД вилояти Суғд тайи солҳои 2010-66 нафар, 2011-73 нафар, 2012 -5, 2013-31, 2014-84 ва дар 2 моҳи аввали соли 2015 -52 нафар, ҷамъ 311 нафар боздошт гардиданд, ки ба гурӯҳҳои болозикр мансуб буданд. Таҳлилҳо нишондиҳандаи онанд, ки 70 фоизи ин ашхос дар хориҷи кишвар ҳангоми дар муҳоҷирати меҳнатӣ будан ба ин гурӯҳҳо пайвастаанд.

Аз 1140 нафар ҷавони тоҷик, ки дар сафҳои ДИИШ меҷанганд, 521 нафараш аъзои Ташкилоти террористӣ–экстремистии ҲНИТ мебошанд. Тибқи маълумоти расмӣ то моҳи сентябри соли 2018 аз Тоҷикистон танҳо ба "Давлати исломӣ" (фаъолияташ дар кишвар мамнӯъ) 1899 нафар шаҳрванди тоҷик пайваст шудаанд, ки аз ин шумора 75% -ро муҳоҷирон ташкил медиҳанд. То соли 2018 аз ҷониби КДАМ алайҳи 110 нафар барои ифротгароӣ ва терроризм ва нисбати 74 нафар барои ширкат дар ҷангҳои Сурияву Ироқ парвандаи ҷиноӣ боз шудааст.

Аз ҷумла, дар зарфи 6 моҳи аввали соли 2019 тибқи маълумоти Вазири корҳои дохилӣ, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Р.Ҳ., ки дар ҷамъбасти нимсолаи

фаъолияти ВКД дар соли 2019 ироа гашт, аз тарафи ВКД 1 амали террористӣ ошкор ва 2 суиқасд ба амали террористӣ пешгирӣ карда шудааст. Дар муддати 6 моҳи соли 2019 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 226 ҷинояти дорои хусусияти террористӣ дошта ва 378 ҷинояти ифротгароиро ошкор ва 97 нафар аъзои ташкилоти террористиро муайян ва дастгир намудаанд. Ҳамчунин бо доир кардани чорабиниҳои оперативию фаҳмондадиҳӣ 169 нафар шаҳрвандоне, ки дар амалиёти мусаллаҳонаи дигар кишварҳо иштирок доштанд, бо мусоидати мақомот ихтиёрӣ ба ватан баргардонида шудаанд.

Баста шудани ҲНИТ, манъи фаъолиятҳои тахрибкоронаи он дар қаламрави ҷумҳурӣ ва ҳамчун ҳизби террористӣ эълон шудан ва шиносонидани симои аслии он ба мардум, яке аз иқдомҳои пурсамари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Амали мазкур барои тарбияи ҷавонон ва пешгирии онҳо аз ҳамроҳ шудан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракат ва ҷараёнҳои динии экстремистӣ хидмати босазое хоҳад кард.

**Адабиёт**:


1. Капель Жиль. Джихад: Экспансия и закат исламизма, Россия, «Ладомир», 2014;
2. Кенҷаев С. Табаддулоти Тоҷикистон, ҷ.1. Душанбе, 1993. - 259 с.
3. Кенҷаев С. Табаддулоти Тоҷикистон, ҷ.1. Душанбе, 1993. - 259 с.
4. Кенҷаев С. Табаддулоти Тоҷикистон, ҷ.1. Душанбе, 1993. - 259 с.
5. Муҳаммад Ҳошим Исматуллоҳӣ, Ваҳид Биниш, Муҳаммадқосим Дониш Бахтиёрӣ, Ҷараёни пуршитоби Толибон, Теҳрон, 1991 (Мусоҳибаи Беназир Буҳутто бо радиои БиБиСи, ҳафтаномаи «Фарёди Ошӯро», № 179;
6. Назиров Д., СССР, №18 (555) аз 2 майи соли 2019;
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ, 20.01.2016, ш. Душанбе;
8. Примаков Е.М. История одного сговора, Москва, 1985.
9. Примаков Е.М. Конфиденциально. Ближный Восток на сцене и за кулисами, Москва, 2016. - С. 33-34.
10. Примаков Е.М. Конфиденциально. Ближный Восток на сцене и за кулисами, Москва, 2016. - С. 34-35;
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ 20.01. 2016, ш. Душанбе.
12. Терроризм: http: /dsk.tj/ view.php?catid=848;
13. Қонуни ҶТ. «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ), Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, 2003, № 12.


## ПАЙВАНДИ АҚИДАТӢ ВА РАФТОРИИ ТЭТ НАҲЗАТИ ИСЛОМӢ БО ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ ТЕРРОРИСТИВУ ЭКСТРЕМИСТИИ ШАРҚИ НАЗДИК ВА МИЁНА


Дар мақолаи мазкур, таърихи пайдоиши созмону ташкилотҳои террористӣ дар Шарқи Наздик, ба хусус дар Миср, аз қабили: «Ихвону-л-муслимин», «ал-Ҷиҳод», «ал-Ҷомаа-ал-исломия», «ат-Такфир-вал-ҳиҷра» ва дар асоси таълимоти ин созмонҳо зуҳур намудани мазҳаби «Ваҳҳобия» ва пайравони «Ихвону-л-муслимин» дар як қатор кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон дар солҳои 70-ум, пайвандҳои ақидатӣ ва рафтории ТЭТ ҲНИТ бо ин ташкилоту созмонҳо бо далелу бурҳонҳои раднопазир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллифон бо истифода аз сарчашмаҳои мухталиф ва боэътимод нишон додаанд, ки ташкилотҳои террористии сионистии «Лехи» ва «Эцель» кай, дар куҷо ва

бо чӣ мақсад созмон дода шуданд. Вобаста ба мавзӯъ, муаллифон ҳамчун далел чанде аз амалҳои анҷомдодаи террористии ин созмонҳо дар минтақаи Шарқи Наздикро ба таври возеҳ нишон додаанд. Ғайр аз ин, муаллифон пайдоиши созмонҳои террористӣ-экстремистии байналхалқии ангезаҳои динӣ-мазҳабӣ дошта ба мисли: «ал-Қоида», «Толибон» ва созмондиҳандагону пуштибонҳои онҳоро бо далелҳо исбот намудаанд.

**Калидвожаҳо**: ТЭТ Наҳзати исломӣ, амалҳои террористӣ, созмону ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ, пуштибон ва сарпарастони созмонҳои террористӣ, Миср, Фаластин, Покистон, «Ихвону-л-Муслимин», «Толибон», «Ваҳҳобия», Шарқи Наздик.

**Дар бораи муаллифон**: Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо, н.и.ф., директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел: 919-16-90-42, E-mail: niyozi74@mail.ru.

Холназаров Назар Мирзоевич, ходими калони илмии Институти мазкур. Тел: (+992) 501 99 50 33.

## ИДЕЙНЫЕ И НРАВСТВЕННЫЕ ИСТОКИ ТЭО ИСЛАМСКОГО ВОЗРОЖДЕНИЯ И ЕЁ СВЯЗЬ С ТЕРРОРИСТИЧЕСКИМИ И ЭКСТРЕМИСТСКИМИ ПАРТИЯМИ И ДВИЖЕНИЯМИ СРЕДНЕГО И БЛИЖНЕГО ВОСТОКА

В данной статье рассматривается история становления таких террористических организаций на Ближнем Востоке, особенно в Египте, как «Ихвану-л-муслимин», «ал-Джомаа-ал-исламия», «ат-Такфир-вал-хиджра» и другие, ставшие впоследствии идейными и нравственными источниками «Вахабизма» и последователей «Ихвану-л-муслимин» в некоторых странах, в том числе в Таджикистане в 70-ые годы прошлого столетия, которые стали идейным и нравственным связем ТЭО ПИВТ.

Сылаясь на официальные источники, авторы показали, что сионистские террористические организации «Лехи» и «Эцель» когда, где и с какой целью были созданы. В связи с этим, авторы привели конкретные цифры о завершенных терактах этих организаций в регионе Ближнего Востока. Вместе с тем авторы, приведя убедительные факты, показали процесс возникновения международных террористически-экстремических организаций «Ал-Каида» и «Талибан», рассказали об их организаторах и покровителях.

**Ключевые слова**: исламское возрождение, террористические действия, террористическо-экстремистские организации, покровители и инвесторы, Египет, Палестина, Пакистан, «Ихван-ул-муслимин», «Талибан», «Ваххабизм», Ближный Восток.

**Об авторах:** Ниёзи Ёрмахмад Бобо, кандидат философских наук, директор Института изучения проблем стран Азии и Еропы Национальной Академии наук Таджикистана, Тел: 919-16-90-42, E-mail: niyozi74@mail.ru.

Холназаров Назар Мирзоевич, старший научный сотрудник института. Тел: (+992) 501 99 50 33.

## THE IDEOLOGICAL AND MORAL ORIGINS STUDY OF THE ISLAMIC REVIVAL FEASIBILITY AND RELATIONSHIPS WITH THE TERRORIST AND EXTREMIST GROUPS AND THEIR MOVEMENTS IN THE MIDDLE AND MIDDLE EAST

This article discusses the issues of history formation of the terrorist organizations in the Middle East, such as in Egypt *Ihvan-ul-muslimin* and *al-Jomaa-al-Islam*. Some groups as*At-Takfir-val-hijrah* and others, which later became ideological and moral sources of Wahhabism and followers of *Ihvan-ul-muslimin* in some countries, including Tajikistan in the 70-s of the last century became ideological and moral link of feasibility studies.

Referring to the official sources the authors showed that how? When and where was created the Zionist terrorist organizations "*Lehi*" and "*Etzel*" and for what purpose were created. In this regard, the authors cited specific figures on the completed terrorist attacks of these organizations in the Middle East region. At the same time, the authors citing convincing facts, showed the process of the emergence of the international terrorist, extremist organizations *Al-Qaida* and the *Taliban*, and spoke about their organizers and creators.

**Keywords:** Islamic revival, terrorist acts, extremist terrorist organizations, patrons and investors. Egypt, Palestine, Pakistan, Ihvan-ul-Muslimin, Taliban, Wahhabism, the Middle East and etc.

**About the authors**: Niyazi Yermahmad Bobo, Ph.D., Director of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, Тел: 919-16-90-42, E-mail: niyozi74@mail.ru.

Kholnazarov Nazar Mirzoevich, senior researcher at this institute, Тел: (+992) 501 99 50 33.

# МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ТАҲКИМИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Назарзода Н.Ҷ.,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**сарходими илмии Шуъбаи Шарқи Наздик ва Миёнаи**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**Назарзода А.Н., адъюнкти Академияи ВКД**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники адлия.**

Истиқлолият, соҳибихтиёрӣ, озодӣ ва комилҳуқуқии ҳар як халқу миллати дунё аз ҷумлаи дастовардҳои бузург маҳсуб меёбад. Зеро ин мафҳумҳои воқеан ҳам пурарзиш барои одамон, кишвару миллатҳо на танҳо неъмати бебаҳо, балки инчунин тимсоли мустақилияти хос, манбаъи ифтихору осоиш, оромию суббот, сарчашмаи созандагию бунёдкорӣ, мояи ифтихору фараҳ ҳисобида мешаванд.

Истиқлолияти кишвари мо низ дар ибтидо одатан тифли навзодеро мемонд, ки ба чунин рӯзи сайид имрӯз расидааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки агар дар хонадони ободе тифле ба дунё ояд, парваришу тарбияи вай гарчанд заҳматталаб бошад ҳам, ба осонӣ сипарӣ хоҳад гашт. Вале, баръакс дар хонадоне, ки ба ҳар балою кашмакашӣ ва бесарусомониҳо дучор гаштааст, тарбияи чунин фарзанд хеле гарон хоҳад гузашт.

Истиқлолияти Тоҷикистони мо ба ибораи дуюм мутааллиқ мебошад. Зеро, вақте ки ин тифл, ин дастоварди бузург ба хонадони мо қадам гузошт, хонаи ободи мо ба мотамхона табдил ёфта буд. Ба сари мардуми тоҷик кулфатҳои зиёде пеш омад, вале, мардуми тоҷик, бо мушкилиҳо ҳам бошад онҳоро пушти сар кард.

Тоҷикистони азизи мо 9- сентябри соли 1991 соҳибистиқлол гашт. Аз 2 марти соли 1992 ба аъзогии Созмони миллали муттаҳид (СММ) пазируфта шуд. Муддати беш аз 4-сол (1992-1996) ҷанги мусаллаҳонаи граждани идома ёфт.

Гуфтушуниди миёни тоҷикон ба таври расмӣ аз моҳи апрели соли 1994 оғоз ёфта, 27 июни соли 1997 бо имзои «Созишномаи умумии сулҳ ва ягонагии миллӣ дар Тоҷикистон», ки дар ш. Москва ба имзо расида буд, анҷом ёфт [21].

Аз 27 июни соли 1997 то 1-апрели соли 2000-ум татбиқи ин Созишномаи умумӣ дар симои фаъолиятҳои «Комиссияи оштии миллӣ» сурат гирифт ва баъди иҷрои вазифаҳояш Комиссияи мазкур фаъолияташро қатъ сохт [3].

Аз апрели соли 2000-ум раванди мустаҳкам кардани комёбиҳои бомашаққат ба даст оварда шуда, яъне, таҳкими эъмори сулҳи бо мушкилиҳо муваффақ гашта идома ёфт.

Гарчанд, дар Тоҷикистон ниммаи якум ва миёнаи солҳои 90-ум ҳоло дар манотиқи гуногуни он ҷанг мерафт, раванди гуфтушунидҳо бошад миёни сохторҳои ҳукуматӣ ва фармондеҳони саҳроӣ дар ҳудуди кишварҳои Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Россия, Туркманистон, Қирғизистон ва дигар ҷойҳо бо монеаҳо ҳам бошанд, яке паи ҳам мегузаштанд [19, с.66-67].

Мардуми тоҷик дар зери сарварии марди оқилу фозил, хирадманд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ба комёбиҳои чашмрасе ноил гаштанд.

Аз нав зинда кардани таъриху фарҳанги аҷдодон, гузоштани ҳисси эҳтиром ба олимон, донишмандон ва арбобони гузашта ва имрӯза, муттаҳидшавӣ дар атрофи Пре-

зидент ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ тамоми сокинони ин марзро ба сулҳ, ваҳдат ва ягонагӣ раҳсипор сохт.

Ҳаллу фасл ва бунёди зиндагии навин барои кишвари мо хеле гарон афтод. Зеро аз як тараф даргириҳои байниҳамдигарӣ монеаи ҳалли масъалаҳо мегашту, аз тарафи дигар дар чунин рӯзҳои сангин мо масоили иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ, ва амсоли онро баррасӣ мекардем.

Ба ноумедию нобовариҳо, хастагию афсурдагиҳо, нокомию талафоти азим нигоҳ накарда Сарвари азизи кишварамон, Пешвои миллат, Ҷаноби олӣ, Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки бо талошҳои фидокорона, ҷасурона, мардона ва ватандӯстона мамлакати ҷангзадаро аз вартаи ҳалокат барорад.

Бо ташвиқу тарғиби меҳру вафо, ҳамфикрию ҳамзистии сокинони кишвар, эҳёи ғайрату ғурур ва панду ахлоқи ниёгон, бедор кардани ҳисси ифтихори миллӣ, муттаҳидсозии қавму қабоили парокандаи мамлакат, Сарвари тоҷикони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки мардумро муттаҳид созад ва роҳи ояндаи дурахшонро ба ҳамватанон фурӯзон намояд.

Дар тӯли 28 соли истиқлолият кишвари мо таҳти сарварии Пешвои Миллат дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузошт; Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид; пояҳо ва рукнҳои асосии давлатдории худ - артиши миллӣ, қувваҳои сарҳадиро ба вуҷуд овард ва устувор гардонид;

Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ пазируфта шуд ва бо аксари мамлакатҳои пешрафтаи дунё робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намуд; асосҳои сохтори конститутсионӣ ва идоракунии давлат танзим гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад, шиносномаи миллӣ эътироф гардид.

Тоҷикистон дар интиҳои асри XX аз фоҷиаи миллӣ раҳоӣ ёфта, истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшид ва миллати тоҷик баъд аз ҳазор сол дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардид ва имрӯз ба сӯи ояндаи нек устуворона қадам мегузорад.

Имрӯз дар пойтахти Тоҷикистон намояндагиҳо ва сафоратхонаҳои беш аз 100 мамолики дунё фаъолият карда, Тоҷикистон бо беш аз 160 кишварҳо равобити дипломатӣ ва дар беш аз 70 кишварҳо сафоратхонаҳои худро дошта, 190 кишвари дунё онро шинохтааст.

Хусусан, дар ҳаёти иқтисодӣ ба комёбиҳои мушаххас ноил гаштем: сохтмон ва ба истифода додани роҳи оҳани Қурғонтеппа-Кӯлоб, НОБ-и Сангтуда, Роғун, Помир-2 ва боз беш аз 400 стансияҳои иқтидорашон ками барқӣ, аз нав сохтани роҳҳои автомобилгарди Душанбе-Қурғонтеппа, Қурғонтеппа-Данғара-Кӯлоб, Душанбе-Айнӣ-Шаҳристон, Уротеппа, Хуҷанд, Мастчоҳ, Чаноқ, Кӯлоб - Шуробод, Дарвоз, Душанбе – Кулма - Карокорум, Душанбе – Хоруғ, Айнӣ-Панҷакент, Душанбе- Турсунзода, Восеъ-Ховалинг, Исфара-Конибодом-Ҷаббор Расулов, майдонҳои ҳавоии ш. Кӯлоб, Хӯҷанд, Душанбе, Айнӣ, эмори ҳазорҳо иншоотҳои нав, (автостансияҳо, стансияи роҳҳои оҳан, китобхонаҳо, мактабҳо, донишгоҳҳо, донишкадаҳо, боғчаҳои кӯдакон, меҳмонхонаҳо, мағозаю бозорҳо, сохтмони ағбаҳои Шар-Шар, Анзоб, Шаҳристон, Чормағзак, ба истифода додани шаҳракҳои нав, ҳазорҳо хонаҳои баландошёнаю зебо ва замонавӣ, майдонҳои варзишӣ, Қасрҳои варзишӣ ва ғайра.

Хусусан барои мақомоти корхои дохилии Тоҷикистон солҳои 90-и асри гузашта давраи вазнин ва озмоишҳои мураккаб ба шумор мерафт.

Мақомоти милитсия ба назари мо маҳз аз ҷумлаи қувваҳои вафодору содиқе ба шумор меравад, ки аз ибтидо то ба имрӯз дар ҳама шароит ва замон, гармию сардӣ,

шароитҳои ноқулай, бобу нобоб манфиатҳои давлат, шаҳрвандону сокинони марзи Тоҷикистонро шабу рӯз муҳофизат намуданд ва имрӯзҳо низ дар сафи пеши мубориза қарор доранд.

Дар тамоми чорабиниҳои истиқлолияти кишварамон фикр менамоем, ки кормандони ин мақомоти бонуфузи кишварамон дар ҳолати омодабош карор доштанд, онҳо ҳамеша ҳозир буданд ва бе иштироки онҳо ягон чорабинӣ сурат нагирифтааст.

Ҳаёти воқеӣ исбот кард, ки ба мамониатҳо ва мушкилиҳо нигоҳ накарда, мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазъиятҳои мушкил бо сарбаландӣ баромадааст. Ва ҳамзамон, сазовори боварӣ ва эҳтироми Сарвари давлат ва халқи тоҷик гаштааст.

Сохтори пешинаи мақомоти корҳои дохилӣ ба талаботи давлати мустақил ва соҳибистиқлол мутобиқ карда шуд.

Бенизомӣ дар ҷумҳурӣ дар оғози истиқлолияти давлат дар назди маъмурияти ВКД вазифаҳои нав ва ҷиддӣ гузошт. Дар сохтори Вазорат – ҷузъу томҳо, раёсатҳо ва шӯъбаҳои нав таъсис дода шуданд, ки фаъолияти босамари онҳо дар оянда ба таъмини дурусти тартибот, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, пешгирии ҷиноятҳо дар самти гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои мухталифи иқтисодӣ, ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқи кормандон, пешгирии ҷиноятҳо миёни ҷавонон ва ноболиғон, ҷиноятҳои муташаккил ва амсоли он мусоидат кардааст.

Чунончӣ, дар муддати солҳои соҳибистиқлолии кишварамон дар низоми МКД Тоҷикистон бо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармонҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои гуногун тибқи талаботи давру замон, зарурияти ҳолатҳои мушаххас таҷдиди сохторӣ ба амал оварда шудааст.

Чунончӣ, дар муддати ин солҳо 1 Сарраёсати ВКД, 1 Сармаркази ВКД, 1 Сарситоди ВКД, 24 Раёсатҳои ВКД ва 4 Шуъбаҳо дар назди ин Раёсатҳо, 5 Хадамотҳои ВКД, 19 Шуъбаҳои корҳои дохилӣ, 12 Марказҳои гуногунмазмуни ВКД, 3 таълимгоҳҳои тахассусии ВКД, 6 факултетҳо, 3 Курсҳои такмили ихтисос, 6 осоишгоҳҳои истироҳатию фароғатӣ, 7 Полку бригада, баталёну роттаҳо, 6 Дастаҳои таъиноти махсус ва дигар гурӯҳу ҷузъу том, хоҷагиҳо, шуъбачаҳо, сомонаю шабака ва ҳафтаномаҳо ва ғайра ташкил ва таъсис дода шуда, дар хизмати сокинони кишварамон шабу рӯз қарор доранд.

Чунин таҷдиди ташкилотӣ аз боло то ба поин, ё худ аз марказ то ба маҳаллот сурат гирифтааст. Ҳамаи ин аз он гувоҳ медод, ки ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити нав ворид гашта кормандони он дар муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ дар тамоми нуқоти он хизмати софдилона карда, вазъи ҷамъиятию сиёсии пойтахт ва маҳаллотро таҳти назорати боэътимоди худ қарор додаанд.

Ба мушкилиҳои ба миён омадаи ин мақомот, яъне нарасидани сару либос, мошинаҳои хизматӣ, маводи сӯхт ва қисмҳои техникӣ, мутахассисони лаёқатманд ва ғайра, ки хусусан дар солҳои 90-ум ба чашм бештар мерасид, нигоҳ накарда кормандони милитсияи тоҷик тули солҳои истиқлолият бо сари баланд хизмати софдилона намуданд.

Содиқтарин кормандони мақомоти милитсияи ҷумҳурӣ дар сангарҳои хизматии худ ба хотири таъмини тартибот, муҳофизати сокинон ва шаҳрвандон, ҳифзи молу амволи давлатӣ ва шахсӣ ҷони худро нисор кардаанд ва бо он корнамоиҳояшон дар саҳифаҳои таърихи милитсияи Тоҷикистон номи худро ба абад гузоштаанд.

Дар тӯли солҳои 1992-2008–ум шумораи талафоти ҷонии кормандони Раёсату шуъба ва ҷузъу томҳо ба ҳисоби маълумотҳои нопурра чунин буд:

| | |
|---|---|
| РВКД дар вилояти Суғд | 120 нафар |
| РВКД дар вилояти Хатлон | Беш аз 300 нафар |
| РВКД дар вилояти АБК | 10 нафар |
| ШВКД-и ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ | 153 нафар |
| РВКД дар гурӯҳи ноҳияҳои Рашт | 87 нафар |
| РВКД дар шаҳри Душанбе | беш аз 110 нафар |
| Дастгоҳ ва Раёсатҳои ВКД | 205 нафар |
| РКД ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | 480 нафар |

Дар ҳаводиси вилояти Ленинобод, ки соли 1998 ба вуқуъ пайвастааст беш аз 60 нафар кормандони мақомоти милитсия, ки дар маҷмӯъ қариб то ба имрӯз беш аз 2500 нафар талафшудагонро ташкил медиҳанд [18, с.15]., кормандони ин мақомот ба таври қаҳрамонона, ҷасурона ва мардонавор нангу номуси корманди ин макомотро дифоъ намуданд. Ва онҳо ҳамеша дар ёди мо мебошанд ва ному кор ва хотири чунин кормандони шуҷоъро фаромӯш нахоҳанд гашт.

Тӯли солҳои 1993-1996 вазъияти иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон ба масъалаи хоста гирифтани кадрҳо таъсири манфӣ расонд. Шароити он рӯзҳо маҷбур сохт, ки ба сафҳои милитсия шахсони бемаълумот ва номуносибу нолоиқ қабул карда шаванд ва ин категорияи кормандон дар ин ё он маҳалли хизматӣ ба корҳои ғайр даст заданд, ки дар маҷмуъ ба номи Мақомот иснод овард. Мутаассифона, чунин категорияи кормандон ба сафҳои дигар Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ низ шомил шуда буданд.

Бо муътадил гаштани вазъи ҷумҳурӣ дар ин арса дигаргуниҳои куллие ба вуҷуд омад. Аз ҷумла аз ниммаи дуюми соли 1996 то охири 1999 424 корманд маҳкум шуда, қариб 500 нафар барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ аз сафҳои милитсия ронда шудаанд.

Танҳо соли 2000-ум дар натиҷаи сиёсатии ҷиддии ВКД оид ба риояи қонун ва интизом 546 нафар кормандони РКД вилояти Суғд ва беш аз 100 нафар кормандони РКД вилояти Хатлон дараҷаҳои гуногуни ҷазо гирифта, беш аз 100 нафар аз сафҳои милитсия хориҷ карда шудааст.

Миқдори садҳо нафар кормандони нолоиқи милитсия вақти фаъолияти Комиссияи муштараки атестатсионӣ солҳои 1998-2000-ум аз иҷрои вазифаҳои худ маҳрум гаштанд.

Имрӯз аҳолии Тоҷикистон ба беш аз 9 миллион нафар расидааст. Дар ҳудуди он намояндагони беш аз 70 миллату халқиятҳо зиндагӣ доранд. Дар ҷумҳурӣ беш аз 21 шаҳр, беш аз 70 ноҳияҳо, 48 маҳаллаҳои типи шаҳрӣ, 280 ҷамоатҳо вуҷуд дорад [15, с.80-81].

Ва маҳз дар ҳамин ҷойҳо кормандони милитсия хизмати хешро ба таври шабонарузӣ сипарӣ менамоянд.

Дар ҳудуди пойтахти ҷумҳурӣ бошад РВКД дар ш. Душанбе имрӯз 7 ШВКД-ро муттаҳид карда, дар онҳо кормандони милитсия назму низоми ҷамъиятии шаҳрвандонро муҳофизат менамоянд. РВКД дар ш. Душанбе аз ШВКД-ҳои зерин: Исмоили Со-

монӣ, Сино-1 ва Сино-2, Фирдавсӣ ва Фирдавсӣ-1, Шоҳмансур ва Шоҳмансур-1 иборат аст.

Танҳо соли 1999 дар ҳудуди пойтахт 3983 ҷиноят ба қайд гирифта шуда, кӯшоиши онҳо 58,2 %-ро ташкил дода бошад, пас кушоиши ҷиноятҳо дар солҳои оянда ба боло рафт. Ва имрӯз дар пойтахти кишвар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, меҳмонони он дар сатҳи талаботи имрӯза гузошта шудааст.

Дар ин муддат беш аз 250 гурӯҳҳои ҷинояткор, ки 20 тои он ба гурӯҳҳои муташаккил мансуб буду беш аз 200 ҷиноятҳои вазнин содир карда буданд, саркӯб шуданд [15, с.81].

Маълум аст, ки ҳар як ҷанг бадбахтиҳои зиёд меорад. Солҳои 1992-1994 теъдоди бе ному нишони гумшудагон ба чандин ҳазор расида буд. Агар садои Тоҷикистон ба воситаи барномаҳои «Хоки Ватан», «Ту дар куҷоӣ ҳамватан», «Мо туро мекобем ва интизорем» онҳоро ҷустуҷӯ мекарда бошад, пас аз соли 1992 сар карда, дар назди ШВКД-ҳо гурӯҳи кофтуков ташкил карда шуд ва ҳамасола тавассути ин гурӯҳҳо ҳазорҳо нафар одамони гумшуда аз дохил ва хориҷӣ он пайдо карда шуда ва ба Тоҷикистон оварда мешуданд.

Истиқлолияти Тоҷикистон воқеан ҳам дар баъзе соҳаҳои самти фаъолияти милитсия дигаргунсозиҳо овард.

Чунончи, аз соли 1994 рӯзномаи Тоҷикистон [24] ва аз соли 1998 рӯзномаи «Криминфо» [25], ки ҳафтае дар ҳаҷми 16 саҳифа аз чоп мебаромад, аз ҷумла ҳаёту мамоти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва минҷумла милитсияи Тоҷикистонро низ инъикос мекарданд.

Аз соли 1998 ҳафтаномаи ВКД ҶТ «Сипар» ва аз соли 2008 ҳафтаномаи «Қонун ва ҷомеа» ва аз соли 2015 «Набзи Милитсия» рузномаи Академияи ВКД ҶТ [26] фаъолиятҳои ҳамешагии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистонро ташвиқгаранд.

Ҳамзамон, маҷаллаҳои Раёсатҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Милиция сегодня», «Бозрас» [ 11], «Муҳофиза», «Наркофронт» [10 ], аз соли 1997 то ба имрӯз маҷаллаи илмии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Осори илмӣ» [9] ва дигар маҷаллаҳои ҷашнӣ: «Милитсия ҳомии назму субот», «Дастаи таъиноти махсуси милитсия», [13] маҷмӯаҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ дар РВКД-ҳои ВКД [14], дар факултетҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимии он [20] ҳаёти воқеии милитсияи Тоҷикистонро пайваста инъикос ва ташвиқ менамоянд.

Дар ин муддат аз соли 1998 то 2020-ум беш аз 40 ҷилди маҷмӯаи мақолаҳои Мактаби Олӣ ва Академияи ВКД «Осори Академия» аз чоп баромад, 4 - маҷаллаи ҷашнӣ бахшида ба 75, 76, 80 ва 85 солагии Милитсияи тоҷик баромаданд, ки ин ҳам дастовардҳои истиқлолияти Тоҷикистон мебошанд.

Ғайр аз он баъзе маҷаллаҳои махсуси ҷашнӣ кору фаъолияти милитсияҳои вилоятҳои Суғду Хатлонро инъикос кардаанд.

Ба замми он соли 2011 бахшида ба 20-мин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон китоб-маҷаллае бо номи «ВКД такягоҳи боэътимоди Истиқлолият» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз чоп баромад, ки тамоми дастовардхои МКД Тоҷикистонро дар тӯли ин солҳои сипаришуда ба таври фишурда баён кардааст ва ин аввалин кушише буд, ки ба чунин ҷашнвора бахшида шуда буд ва аз комёбиҳои олимони Академия ва дастовардҳои ин ниҳоди бузурги ҷумҳурӣ дарак додааст [22].

Ва ҳиссаи онҳо дар инъикоси таърихи милитсияи тоҷик бузург низ мебошанд, зеро то кунун чунин рисолаҳо мавҷуд набуд. Дар Мақомоти корҳои дохилӣ бошад, имрӯз 63

нафар профессорон, докторон, дотсентон ва номзадҳои илм фаъолияти пурсамар мебаранд ва дар ин муддат беш аз 40 нафар рисолаҳои докторию номзадии илмро дифоъ намуданд [12, с.25].

Чунончи, генералҳои милитсияи тоҷик н.и.ҳ. Каҳҳоров Абдураҳим Абдулаҳадович, д.и.ҳ., профессор Раҳимзода Рамазон Ҳамро, д.и.ҳ., профессор Маҷидзода Ҷурахон Зоир, н.и. сиёсатшиносӣ Саймуддинов Шамсулло, д.и.т., профессор Розиқзода Абдулҳакими Шералӣ, н.и.т., Имомёрбеков Атобек, н.и.ҳ. дотсент Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, афсарони милитсия, омӯзгорони Академияи ВКД ҶТ ва кормандони амалии ВКД д.и.ҳ., Назарзода Носир Ҷобир, н.и.ҳ., дотсент Солиев Карим Ҳоҷиевич, н.и.ҳ., Шоҳиён Абдусаттор, н.и.ҳ., Раҷабов Равшан Муҳиддинович, н.и.ҳ., Саидзода Зикрулло Алӣ, н.и.ҳ., Хайруллоев Фаррух, н.и.ҳ., Шерализода Абдуғаффор Одина, н.и.ҳ., Гадоалиева Наргис, н.и.ҳ., Нозиров Нақиб Алиевич, н.и.ҳ., Ализода Алиҷон Шариф, н.и.ҳ., Насуриён Пӯлод, н.и.ҳ., Умаров Хайём, н.и.ҳ., Юсупов Акмал Ҳотамович, н.и.ҳ., Ғафуров Меҳриддин Садриддинович, н.и.ҳ., Абдурашидов Азиз Абдумансурович, н.и.техникӣ, Нарзуллоев Саидаҳмад Алиевич, н.и.ҳ., Артиков Зафар Муҳаммадҷонович, н.и. фалсафа Ҷураев Раҷаббой Зуҳурович, н.и.филологӣ Ҷабборова Муясараҷон Тоҳирҷоновна, д.и. филологӣ, профессор Шокиров Туғрал Сироҷович, н.и.т., Ҳасанов Ҳасан, н.и.иқтисодӣ Расулов Туйғун, н.и.педагогӣ Нозимов Соҳиб Суннатуллоевич, н.и.ҳ., Сайфиддинов Азимчон Аҳмадович, н.и.ҳ., Аминҷонов Бахтиёр Самиҷонович, н.и.фалсафӣ Абдулатипов Усуф Ҳасанович, н.и.филологӣ Ализода Баҳриддин, н.и.ҳ., Отабоева Лола Ортуковна, н.и.ҳ., Муҳаммадиев Ҳайдар Холович, н.и.филологӣ Саидолимов Комилҷон, н.и.ҳ., Мубораккадамов Абдураҳмон, н.и.ҳ., Юлдошев Рифат Раҳмадҷонович, н.и.ҳ., Давлатов Сафархӯҷа, н.и.т., Маҷонов Мирзоалӣ, н.и.филологӣ Давлатшоева Азизабегим, н.и.педагогӣ Эшахмедов Шомурод Ҳайдарович, н.и.сиёсатшиносӣ Ҳалимова Дилафрӯз Додихудоевна, н.и.ҳ., Тошев Амиршоҳ Мансурович, н.и.ҳ., Шарипов Саймузаффар Саймузафарович, н.и.ҳ., Каримов Ҳусейн Мухторович, н.и.ҳ., Сафаров Ҳаёт Сайдамирович, н.и.ҳ., Ёров Ёраҳмад Ҳакимович, ва даҳҳо нафарони дигар.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 Шуъбаи адюнктура ташкил карда шуд, ки то ба имрӯз теъдоди зиёди адюнктон, унвонҷӯён, докторантонро чӣ аз ҳисоби олимони Академия, ва чӣ аз ҳисоби кормандони амалии МКД Тоҷикистон ва дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ имрӯз муттаҳид карда баҳри татбиқи ҳадафҳои дар наздашон гузошташуда талош доранд ва дур нест, ки оянда хеле наздик дар таърихнигории ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон китобу рисолаҳои нав ба нав ба чоп хоҳанд расид.

Хизматҳои шоистаи кормандони милитсияи Тоҷикистон ҳамеша аз ҷониби Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр карда мешаванд.

Чунончи, соли 1999 бо фармони Президент беш аз 400 нафар кормандон, аз ҷумла 8 нафар бо ордени Спитамен, 23 нафар бо медали «Барои Ҷасорат», 3 нафар бо орденҳои Дӯстӣ, Исмоили Сомонӣ ва «Ситора»-и Президент, инчунин гурӯҳи афсарон бо унвони олии «Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон» соли 2000-ум бошад, қариб 1000 нафар бо медали «75- солагии Милитсияи тоҷик» мукофотонида шудаанд [15, с. 81].

Соли 2005-ум бошад 800 нафар бо медали «80 солагии милитсия» ва беш аз 1000 нафар бо нишони сари синагии «80-соли милитсия» сарфароз гардидааст. Соли 2010 бошад теъдоди мукофотонидашудагон ба беш аз 1600 расидааст.

Дар ташкилу танзим ва такомули таълиму тарбия ва омода сохтани мутахассисони лаёқатманд барои милитсияи Тоҷикистон тӯли солҳои истиқлолият Мактаби Олии ВКД

(с.1991) [4], факултаи дар Хуҷанд будаи он (с. 1994) [5], Академияи ВКД (декабри с.2000) [6], Марказҳои таълимии ВКД ва МДТ Коллеҷи милитсияи ВКД (2014) саҳми беандоза бузург доранд.

Имрӯз дар 6-факултетҳои Академия дар шуъбаҳои рӯзонаю ғойибонаи он 3783 нафар курсантону шунавандагон масруфи таҳсиланд.

Коллективи беш аз 500-нафараи устодону профессорони Академия, ки дар миёни онҳо беш аз даҳҳо нафар профессорону дотсентҳо, беш аз 40-нафар аълочиёни маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аълочиёни милитсияи Тоҷикистон, Ҳуқуқшиносони шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кормандони фахрии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон заҳмат мекашанд, бо дониши мукаммалу замонавӣ раванди таълиму тарбияро такон медиҳанд.

Ва имрӯз теъдоди ин мутахассисоне, ки дар кафедраҳои муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, қодиранд барои тамоми сохторҳои ВКД маводу рисолаҷот, барномаҳо, китобҳо, дастурҳои раҳнамудӣ ва ғайра омода намоянд.

Тӯли ин муддат Мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон барои мутобиқ сохтани ҳайати шахсӣ ва сохторҳои худ беш аз 200 номгуй қонуннома, низомнома фармону дастурамал ва санадҳои гуногунмазмунро қабул кардааст, ки муддати солҳои охир мавқеъ ва мақоми ҳар як корманди милитсия ва сохторҳои онро вобаста ба сохтори давлати соҳибистиқлол муайян сохтааст.

Чунончи, Қонун «Дар бораи милитсия» (№650 аз 2 майи соли 1992) ва (17 майи соли 2004) [1], Қонун «Дар бораи қӯшунҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» (№916 аз 28 декабри соли 1993) [7], Қонун ва низомнома «Дар бораи бехатарии сӯхтор»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995 аз 21 июли 1994), инчунин чандин низомномаҳои ҳуқуқӣ ва асосҳои ташкил ва фаъолиятҳои мақомоти тафтишотӣ, ҷиноятӣ ва ғайра қабул шудааст, ки фаъолиятҳои гуногунҷабҳаи милитсияро ба танзим медароранд.

Муносибатҳои берунаи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Конвенсияи Минск соли 1993 ва Саммити Минск соли 1998 оғоз ёфта, тули ин солҳои истиқлолият беш аз 30 шартномаҳои байнисоҳавии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД ИДМ ба имзо расидааст [16, с.101-126].

Фаъолиятҳо дар арсаҳои гуногун: ҷиноятҳои муташакил, терроризм, экстремизм, нашъаҷаллобӣ ва ғайра ҷараён доранд. Ба замми он октябри соли 2004 ВКД Тоҷикистон ба аъзогии политсияи байналмилалӣ «Интерпол» шомил шуда, имрӯз дар мубориzаи худ боз ҳам фаъолтар гардидааст [2, с.161-163].

Аз соли 2009 то инҷониб бо иқдом ва дастгириву ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти милитсия оғоз гардида, таҳти роҳбарии бевоситаи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодааст.

ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи Барномаи ислоҳоти милитсия, ки барои солҳои 2014-2020 нигаронида шудааст чорабиниҳои азиме татбиқ кардааст, ки дар ояндаи наздик тағйиротҳои мушаххас дар назар аст.

Бо мақсади амалӣ гардонидани ҳадафҳои гузошташуда ва дар доираи Барномаи мазкур чанд гурӯҳҳои корӣ ва Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия корҳои мушаххасро ба анҷом расонидаанд.

Чунончи: ҷиҳати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар 14 шаҳру ноҳияҳо утоқҳои корӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила таъсис дода шуда, дар 8 шаҳру ноҳия гурӯҳҳои кори байниидоравӣ ташкил карда шудаанд, ки фаъолияти муназзам бурда истодаанд [17, с. 4].

Тавассути ин гурӯҳҳо ва ҷалби мутахассисону собиқадорони соҳа аллакай чандин санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ ба тасвиб расонида шуда [23], теъдоди 7 лоиҳаҳо барои тасвиб омода карда шуданд [8].

Дар доираи ин Барнома аллакай дар марказу маҳаллоти ҷумҳурӣ дар доираи МКД Тоҷикистон чорабиниҳои зиёде дар самти фаъолиятҳои нозирони минтақавии милитсия, таъмиру тармими утоқҳои кории онҳо, омӯзиши таҷрибаи пешқадами политсияи кишварҳои Европа, Осиё, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Амрико ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Чунончи: ба мақсади татбиқи ин Барнома аз ҷониби шарикони иҷтимоӣ дар соли 2017 маблағи 810 ҳазор доллари ИМА, аз ҷониби Дафтари САҲА дар Тоҷикистон 28200 евро кӯмакҳои башардӯстона расонида шуд [17, с. 5-6 ].

Тавассути ин маблағҳои ҷудошуда биноҳои хизматӣ, утоқҳои кории нозирони минтақавии милитсия дар ҷамоати деҳоти Эсанбойи н. Рудакӣ, Ванҷ, Шаҳритуз, Фирдавсӣ, Ваҳдат, Дарвоз, Бохтар, Хорӯғ ва ғайра сохта ва таҷҳизонида шудааст.

Ҳамзамон, бо ин маблағҳо алоқаи видеоконференсиявӣ байни раёсатҳои минтақавии ВКД, фазаи якум ва дуюми лоиҳаи «Низоми ягонаи бақайдгирӣ ва баҳисобгирии электронии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ» ба иҷро расонида шуда, бо ҷалби 250 нафар кормандони милитсия ва 140 нафар фаъолони ҷомеа дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кулоб, Хоруғ ва Хуҷанд Тренинги омӯзишӣ дар самти тақвият бахшидани ҳамкории милитсия бо ҷомеа гузаронида шуда аст.

Дар самти таъминоти техникӣ, таҷҳизотӣ, иттилоотӣ, сару либос, силоҳу техникаи ҳозиразамони ҷангӣ, биноҳои ҳозиразамони хизматӣ барои кормандон, нақлиёти хизматӣ, воситаҳои мухобира ва ғайраҳо корҳои ҷиддӣ ба амал оварда шуда истодааст.

Дар арафаи соли таҳсили 2017-2018 барои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон руйдоди таърихие рух дод - ин аз тарафи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истифода додани бинои нави Академияи ВКД мебошад, ки санаи 30 сентябри соли 2017 ба вуқуъ пайваст. Дар ин рӯз дар баробари кушодашавии бинои нав меҳмонон ва мустақиман тамоми ҷумҳурӣ суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бахшида ба Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ тамошо намуданд.

Акнун, баъд аз ба истифода додани бинои нави Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон пояи моддию техникии раванди таълимро дар ин таълимгоҳ 1 толори гӯштин, 3 майдони футбол, 2 толори варзиш, 4 майдони волейболу баскетбол, 1 ҳавзи шиноварӣ, 2 шаҳраки варзишӣ, 3 машқгоҳи тирпарронӣ, 6 толори лексионӣ, 2 толори маҷлисгоҳ, 100 синфхона, 17 синфхонаи махсуси кафедраҳо, 3 китобхонаи умумӣ ва 2 китобхонаи махсус, китобхонаи электронӣ, 2 гӯшаи китоб, 1 майдони техникаи ҳарбӣ-хизматӣ ва 3 майдони сафоройӣ ташкил медиҳанд, ки барои мутобиқ ба замони муосир гузаронидани машғулиятҳо бо шогирдон тамоми шароитҳо муҳайё гаштааст.Инчунин барои фароҳам сохтани шароити таҳсил ва зисту зиндагони курсантон хобгоҳ барои беш аз 500 нафар мавҷуд буда, 4 ошхона фаъолият менамояд.

Тағйироти дигаре, ки дар сохтори Академия ворид карда шуд, ин ба таври расмӣ аз оғози соли таҳсили 2017-2018 фаъолият намудани факултети № 6 - факултети тайёр намудани кадрҳои оперативӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Ҳамин тариқ, мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои истиқлолияти давлатӣ дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ нақши азими худро гузоштааст. Аз ибтидои

истиқлолият то ба имрӯз милитсия такягоҳи боэътимоди муҳофизати тартибот буд ва дар оянда низ хоҳад буд.

**Адабиёт:**

1. Закон Республики Таджикистан «О милиции».//Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан. -1992, №12. -ст. 208. Принято 30 апреля 1992 года.; Закон Республики Таджикистан «О милиции». Душанбе, 2004. -23С. Принято 3 мая 2004 года.

2. Икромӣ С. Таърихи таъсиси ҳайати байналмилалии пулиси ҷиноӣ (Интерпол). //Милитсияи Тоҷикистон 85 сол. Душанбе, 2010. - С. 161-163.

3. «Комиссияи оштии миллӣ» фаъолияташро 15 сентябри соли 1997 оғоз намуда баъди иҷрои вазифаҳояш аз 1 апрели соли 2000-ум фаъолияташро қатъ кард.

4. Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №327 аз 12 декабри соли 1991 «Дар бораи таъсиси Мактаби олии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид.

5. Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №388 аз 11 августи соли 1994 Факултети Хуҷандии Мактаби олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тафтишотӣ-криминалистӣ ташкил карда шуд.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №519 аз 30 декабри соли 2000 «Дар бораи табдил додани Мактаби олии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба тасвиб расонид.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қӯшунҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон». //Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан. -1994, №3. -ст. 62. Таҳти №916 аз 28 декабри соли 1993 қабул карда шудааст.

8. Лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия».; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои истифодабарии қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва силоҳи оташфишон аз ҷониби субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ».; Лоиҳаҳои «Дастурамал дар бораи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон».; «Дастурамал дар бораи тартиби гузаронидани шинохтани шахс, дар шароите, ки имконияти мушоҳидаи биноии шинохташавандаро аз тарафи шиносанда истисно мекунад».; «Дастурамал оид ба тартиби дастраскунӣ ва нигоҳдории муваққатии шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбар дониста шудаанд, ба ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе».; «Консепсияи рушди иттилоотонӣ ва низоми ягонаи иттилоотию коммуникатсионии мақомоти корҳои дохилӣ барои солҳои 2014-2020».

9. Маҷаллаи илмӣ соли 1998 дар назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфта то ба имрӯз 35 ҷилди он ба табъ расидааст ва аз 6 июни соли 2017 бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризӣ, ки дар онҳо бояд натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илмҳо ва доктори илмҳо нашр гарданд, ворид гардидааст.

10. Маҷаллаи мазкур ду маротиба бо ташаббусҳои бевоситаи Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон, н.и.ҳ., генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ба дасти чоп расидааст, ки дар саҳифаҳои он масъалаҳои доғи самти мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

11. Милиция сегодня: подбор и воспитание кадров (Материалы конференции) На таджикском и русском языках.- Душанбе, 2000. -111с.; Бозрас (Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ). Душанбе: Мушфиқӣ, 2010. -127 с.

12. «Милитсия ҳомии назму субот» Душанбе: «Эр-граф» 2017. - С. 25.

13. «Милитсия ҳомии назму субот» Душанбе: «Эр-граф», 2017. -152 С.; «Дастаи таъиноти махсуси милитсия» Душанбе: «Эр-граф», 2016. -32 с.;

14. «Сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат бо экстремизм ва терроризм: вазъият ва дурнамо». Хуҷанд, 4-6 сентябри соли 2012.; «Омилхои асосии пайдошавии мунокишаҳои оилавӣ дар ҷомеа ва чорахои пешгирии онҳо», Хуҷанд, 18 декабри соли 2013; // Муҳоҷирати аҳолӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои муосир: нақши ҷомеа ва мақомоти давлатӣ дар мубориза бо чунин зуҳурот / Зери тахрири умумии Вазири корҳои дохилӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Р.Ҳ. / маҷмӯаи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (Хуҷанд, 16 марти соли 2015) (Миграция населения, современные вызовы и угрозы: роль общество и государственных органов в борьбе с подобными явлениями / сборник материалов республиканской научно-практической конференции (Худжанд, 16 марта 2015 года). – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. –232 с.

15. Назаров Н.Ҷ. Милитсия такягоҳи боэътимоди истиқлолият.// Труды Академии выпуск 4. Душанбе, 2001. - С. 80-81.

16. Назаров Н.Д. Милиция Таджикистана в условиях независимости (1991-2009 гг.). - Душанбе: Эр-граф, 2010. - С. 101-126.

17. Нақшаи чорабиниҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 вобаста ба амалигардонии Нвқшаи чорабиниҳои татбиқи Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020. -Душанбе, 2018. -С. 4.

18. Раҳимзода Р.Ҳ. Истиқлолият дар таърихи милитсия саҳифаи нав кушод! // Милитсия ҳомии назму субот. -Душанбе, 2017. -С.15.

19. Саймуддинов Ш. Социально-политические факторы укрепления мира в суверенном Таджикистане. Душанбе: Ирфон, 2001.- С. 66-67.

20. Садоқат. - (Маҷмуаи мақолаҳои профессорону омӯзгорон ва маъррӯзаҳои курсантони факултети №4 бахшида ба 20-солагии Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ). - Душанбе, 2014. -200 саҳ.; //Маърифат. - (Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон бахшида ба 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «25 соли таҳкими ӣстиқлолияти кишвар рушду нумӯи давлатдории миллӣ, дастовардҳои беназири сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон» 17.06.2016. ) Хуҷанд: Меъроҷ, 2016. -236 с.

21. «Созишномаи умумии сулҳ ва ягонагии миллӣ дар Тоҷикистон» 27 июни соли 1997, ш. Москва. - Душанбе: 1997.

22. Таджикской милиции 76-лет. Душанбе, 2001. - 75с.; Милитсияи Тоҷикистон 85 сол. Душанбе, 2010. -216 С.; Милиция Хатлонской области (Вчера и сегодня). Душанбе, 2003. -80с.; «Вазорати корҳои дохилӣ такягоҳи боэътимоди Истиқлолият. Министерство внутренних дел надёжная опора независимости» Ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.- Душанбе:ООО «Контраст», 2011. -228 с.

23. Фармони ВКД ҶТ таҳти №256 аз 10.06.2017 «Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар назди мақомоти милитсияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон».; Фармоиши ВКД ҶТ, таҳти №77 б/з аз 03.07.2017 «Дастурамал дар бораи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон».; Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №1 б/з аз 03.01.2018 «Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ».

24. Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» қариб, ки 4-5 саҳифаи хешро ҳар ҳафта ба ин мақомотҳо мебахшид ва хонандагон аз фаъолиятҳои ин мақомотҳо огоҳӣ пайдо мекарданд. Ин пеш аз ҳама аз ибтикориҳои маъмурияти ҳафтанома буд, ки маводҳои муҳимро ба таваҷҷӯҳи хонандагон пешниҳод мекард.

25. Ҳафтаномаи «Криминфо» низ чи тавре, ки дар боло ишора рафт, роҳу равиш, вазъу ҳолати ҷиноятковиро дар ҷумҳурӣ бо мазмуну мақолаҳои ҷолибаш дар ҳаҷми як, ду саҳифа дар ин солҳо ҳар ҳафта инъикос мекард, ки ин амалҳои дурандешонаи ҳайати эҷодии ҳафтанома буд.

26. Ҳафтаномаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Сипар» аз моҳи феврали соли 2004 то соли 2008 ба табъ расидааст. Ҳафтаномаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонун ва ҷомеа» аз моҳи феврали соли 2008 дар ВА Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №001-4664 ба қайд гирифта шудааст, ки то ҳоло қариб 470 барориши он ба дасти хонандагон расидааст. Моҳвораи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Набзи Милитсия» аз 24 августи соли 2015 таҳти №0383/рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

## НАҚШИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ТАҲКИМИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи мавқеъ ва мақоми Мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дар солҳои таҳкими истиқлолияти давлатии кишварамон меравад. Соҳибистиқлолӣ, ки барои Тоҷикистон гарон омад, беназмиҳои зиёдро ба миён гузошт.

Дар ин солҳо яке аз ниҳоди бузурги мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат, МКД Тоҷикистон фаъолияти худро тибқи талаботҳои давлати соҳибихтиёр мувофиқ гардонида на танҳо таҷдиди сохтории худро аз сар гузаронид, балки инчунин дар таъмини тартибот, мубориза бо ҷиноятковӣ, таълиму тарбия ва омодасозии мутахассисон, кадрҳои педагогӣ ва олимони соҳа барои ниёзи ВКД, гузаронидани ислоҳот дар ҷузъутомҳо нақши муассир гузошта истодааст.

**Вожаҳои калидӣ:** ВКД, МКД, милитсия, истиқлолияти давлатӣ, раёсат ва идора, таҷдиди сохторӣ, комёбиҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, омодасозии кадрҳо, ислоҳоти милитсия.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: Назарзода Носир Ҷобир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (12.00.01), сарходими илмии шуъбаи Шарқи Наздик ва Миёнаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 735025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел.: (+992) 37 221.04.77. E-mail: nosir.nazarov@List.ru.

Назарзода Абдулқодир Носир, адюнкти Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники адлия. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов 3.

## ВКЛАД ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ В УКРЕПЛЕНИЕ МИРА, НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА И НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье речь идёт о месте и занимаемой положение Органов внутренних дел Таджикистана в годы укрепления государственной независимости страны. Независимость была дана Таджикистану с большими трудностями, сопровождавшей ее хаосом и беспорядком.

В эти годы одно из влиятельных правоохранительных органов страны, органы внутренных дел Таджикистана не только проводил реорганизацию своей структуры и

соответствовал свою деятельность требованиям независимового государства, но и вместе с тем внёс важный вклад в деле борьбы с преступностью, обеспечение общественного порядка, обучение, воспитание и подготовка специалистов, педагогических кадров, профессиональных ученых для нужд МВД и проведения реформы в подразделениях.

**Ключевые слова:** МВД, ОВД, милиция, государственная независимость, управление, реорганизационная структура, достижение социально-политической и экономической жизни, общественная порядка, подготовка специалистов, реформа милиции.

**Сведения об авторов:** Назарзода Носир Джобир, доктор юридических наук (12.00.01), главный научный сотрудник Отдела Ближнего и Среднего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: 735025, г. Душанбе, пр. Рудаки, д. 33, тел.: (+992) 37 221.04.77. E-mail: nosir.nazarov@List.ru.

Назарзода Абдулкодир Носир, адъюнкт Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник юстиции. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Мастонгулова 3.

## CONTRIBUTION, ROLE AND REORGANIZATION STRUCTURE OF THE ATS OF TAJIKISTAN IN STRENGTHENING PEACE, NATIONAL UNITY AND INDEPENDENCE OF THE COUNTRY

In this article we are talking about the place and position of the Ministry of Internal Affairs of Tajikistan in the years of strengthening state Independence of the country. Independence was given with great difficulties to Tajikistan, accompanied by chaos and disorder.

In these years, one of the most influential law enforcement agencies of the country, the Internal Affairs Bodies of Tajikistan not only carried out the reorganization of its structure and corresponded to the requirements of an independent state, but also made an important contribution to combating crime, ensuring public order, education, upbringing and training of specialists, pedagogical personnel, professional scientists for the needs of the Ministry of Internal Affairs and reform in the units.

**Key words**: Ministry of Internal Affairs, Internal Affairs Department, militia, state independence, management, reorganization structure, achievement of socio-political and economic life, public order, training of specialists, police reform.

**Information about the authors**: Nazarzoda Nosir Chobir, Doctor of Law (12.00.01), Senior Researcher, Department of Near and Middle East, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: 735025, Dushanbe, Rudaki Ave., 33, tel.: +992.37 221.04.77. E-mail: nosir.nazarov@List.ru

Nazarzoda Abdulkodir Nosir - Adjunct of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Lieutenant Colonel of Justice. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, st. Mastongulova 3.

# ВАЗЪИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

**Давлиёрова Сафаргул Тешаевна,**
**ходими пешбари илмии шуъбаи**
**Осиёи Марказии Институти омӯзиши**
**масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**АМИТ**

**Истиқлолият дари худшиносиро ба рӯйи мо кушод, эҳтироми ҳамаи суннату ойинҳои муқаддаси аҷдодӣ, пос доштани қадру қимати давлати миллӣ ва ваҳдати миллиро ба ҳар фарди бедордил омӯзонд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Фаромӯш набояд кард, ки худшиносӣ танҳо фирефтаи дастовардҳои гузашта шудан ва аз мероси илмиву адабӣ ва фарҳангии ниёгон ифтихори хушку холӣ доштан нест, балки он пойгоҳи устувори маънавиест, ки фарзандони бонангу номус ва огоҳу бедордили миллатро ба қиёсу хулосабарориҳои таҳлилӣ ва бо дарки воқеияти замони нав, пайрезӣ кардани ҳадафҳои неки созанда барои даҳсолаҳои минбаъда ҳидоят месозад [9, с. 81-82]. Маҳз дар ин замина ҳангоме, ки сухан дар бораи нақши шаҳрвандони кишвар ва саҳми онҳо дар тарғиби ғоя ва арзишҳои миллӣ меравад, бегумон зарур дониста мешавад, ки пеш аз ҳама ба мафҳумҳои Истиқлолият, Ваҳдат, Ватану ватанпарастӣ, худшиносии миллӣ, ифтихороти миллӣ, арзишу омилҳои дигар ва пайвастагии сокинон ба ин арзишҳо диққати вижа равона гардад.

Суоле ба пеш меояд, ки ин ҳама андешаҳо ва ангезаҳо, ки реша аз умқи таърихи куҳани мардумонамон доранд, имрӯзҳо чаро пайгирӣ мегардаду пайваста ба таъкид гуфтаву гӯшрас карда мешаванд? Дар ин маврид, пеш аз ҳама дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, дар як давраи муайяни таърихӣ, ба сифати як ҷумҳурии алоҳидаи собиқ Шӯравӣ шинохта шудани Тоҷикистон буд, ки худшиносии миллӣ дар фазои он реша давонда, ноаён бо кӯмаки дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нумӯ ёфт. Дар ин бора набояд ҷои шакку тардид бошад. Яъне, ба таври умумӣ, дар оғози асри XX бо ҳамроҳ шудани сарзамини тоҷикон ба собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мардуми мо озодии нисбии худро ба даст оварда, дар баробари дигар халқияту миллатҳои Шӯравӣ будани худро дар ҷаҳон ҳамзамон дарк намуд, рӯ ба омӯхтани таъриху фарҳанги худ ниҳод ва ояндабинона қадамҳои устувор ба пеш гузошт.

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аллакай Ҷумҳурии Тоҷикистонро мешинохтанд ва ба адабу фарҳанг ва дигар омилҳои пешбарандаи ҳаёти ҷамъиятии он эҳтиром доштанду арҷ мегузоштанд. Чуноне ки аз таърихи дуродури давлатдориҳои ҷаҳон медонем, дар давлатдорӣ бештар вакт ҳар оғозеро анҷоме будааст. Ҳамин аст, ки давлати як муддати муайян таърихии абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 90 - уми асри XX рӯ ба инқироз ниҳод, пош хӯрд ва ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бар сари худ, бо ҳар шароити объективию субъективӣ мустақил гардиданд ва 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон худро кишвари соҳибистиқлол эълон намуд. Солҳои аввали баъди пошхӯрии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ, асосан байни солҳои 1992-1997 кишвари тоҷикон дар ҳолати бухрони вазнини сиёсию иқтисодӣ қарор гирифт. Роҳу равиши ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ба куллӣ тағйир ёфт ва то ҳадде рӯ ба поёнравӣ шиддат гирифт. Дар ин шароити давраи гузариш Ҳукумати навтаъсиси ҷумҳурӣ ҳамаи саъю

кӯшишҳои бударо ба роҳ андохта, пеш аз ҳама барои таҳкими истиқлолияти иқтисодии давлат аз тамоми имкониятҳо истифода мекард ва ба раҳоии он аз ҳолати ниҳоят вазнини буҳронӣ, ба ҳаёт татбиқу пиёда намудан ва ташаккули сиёсати мустақили иқтисодиёт ҳусни оғоз бахшид.

Дар гузаронидани ислоҳоти бо мушкилӣ бадастомадаи иқтисодиёти густурда ва ба рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ пояи амалӣ гузошт, ки ин ба ҳамагон маълум аст.

Ин раванди таърихии барои оянда забту сабтгардида солҳои 90 - уми асри сипаришуда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар баробари дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ давраи нави таърихӣ оғоз гардид. Буҳрони иқтисодӣ, паст рафтани ҳаёти сиёсию фарҳангӣ, ҷомеаро фаро гирифта буд. Дар назди тамоми қишрҳои ҷомеаи Тоҷикистони тозасоҳибистиқлол вазифаҳои душвор меистод. Масалан: мунокишаҳои байни гурӯҳҳо, маҳалҳо, ки аксар вақт сабаби нигоҳдории пешрафт гардида буд. Дар кишвар барои ба ҳадафҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ расидан байни мардум, пеш аз ҳама, барқарроr намудани ҳамдигарфаҳмию сулҳу ваҳдат, ҳар чӣ тезтар мустаҳкам намудани иттифоқу иттиҳоди мардум меистод, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон гаштаву баргашта худшиносиро талқин менамуданд. Сарвари хирадманди давлатамон дар навбати аввал ба гӯшу ҳушҳои шаҳрвандон мерасонд, ки: “Имрӯзҳо барои мо вазифаи аз ҳама муҳим ин ташаккули худшиносии миллӣ ва ҳифзи арзишҳои миллии халқи тоҷик мебошад. Танҳо дар ҳамин сурат метавон гуфт, ки шуури ҳуқуқию сиёсии халқамон, омодагии шахсии ҳар як шаҳрванд барои меҳнати содиқона ва софдилона ба хотири ободии рӯзгори худ ва Ватани хеш - ин аст он қудрати асосие, ки кишвари моро дар кӯтоҳтарин муддат аз панҷаи буҳрону ақибмонӣ раҳо дода метавонад. Маҳз ҳамин омил имконият медиҳад, ки шаҳрванд такягоҳ ва сарчашмаи нерӯбахши давлат ва ҷамъият шавад” [6, с.158].

Дар ҳамин давра бо тарғибу ташвиқи ҳукумати навтаъсис ва равшанфикрони кишвар шаҳрвандони ҷумҳуриро лозим буд, ки дар атрофи давлати тозаистиқлол муташаккилона муттаҳид шаванд, монеаҳои давраи гузаришро бартараф намоянд ва бо рӯҳияи озодипарастонаю истиқлолхоҳона ватанро обод созанд. Новобаста ба паст будани ҳаёти иқтисодӣ ва норасоию нобаробариҳо барои ҳар чӣ бештар аз пештар муттаҳид намудани мардуми кишвар, ки баъзе олудаи гурӯҳбозиҳои бепоя буданд, бедор намудани ҳисси худшиносии миллӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳои сатҳи давлатӣ гузаронида шуданд: ҷашни 1100 - солагии таъсиси Давлати Сомониён, 2700 - солагии китоби “Авасто”, ҳазораи “Шоҳнома” - и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, 2500 - солагии Истаравшан, 2700 - солагии Кӯлоб, таҷлили пуршукӯҳи 1150 - солагии мелоди Одаму-ш-шуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, бузургдошти чеҳраҳои тобони адабӣ, илмӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ғ., ки ин падида имрӯз ҳам идома дорад. Бахусус, баъди ба соҳибистиқлолӣ расидани ватанамон ҳарсола таҷлил намудани Ҷашни истиқлолияти кишвар аз воқеаи бузурги худшиносии миллӣ дониста мешавад. Зиёда аз ин баргузории чорабиниҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, гузаронидани конфронсҳои илмӣ - амалӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ, таҳқиқҳои илмӣ, навиштани рисолаҳо, нашри рӯзномаву маҷаллаву китобҳо дар баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ таъсири амиқ гузошта метавонад.

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки нисбат ба ҷомеаи даврони Шӯравӣ, дар ҷомеаи имрӯзаи кишвар дигаргуниҳои куллӣ дар тамоми соҳаҳо: иқтисодиёт, сиёсат, ҳуқуқ, ҳаёти иҷтимоӣ амалӣ шуда истодаанд, ки инҳо бешубҳа ба раванд ва сиёсати имрӯза

бетаъсир нестанд. Зимни ин гуфта агар мафҳуми “трансформатсия”-ро “тағйирёбӣ” ё “дигаргуншавӣ” тарҷума кунем, пас ин ҳамон дигаргунсозиҳои куллие, ки дар ҷомеаи имрӯзи мо дар давраи нави таърихӣ ба вуҷуд омадааст, мебошад. Ин равандест, ки шаклҳо, навъҳо, хусусиятҳои низоми сиёсӣ - иҷтимоӣ дигар мешавад.

Дар шароити муосир раванди ҷаҳонишавӣ бо шитоб одамонро ба гирдоби ояндаи норавшани худ печонда истодааст. Аксар давлатҳои хурд арзишҳои миллии худро аз даст дода, дар муқобили давлатҳои абарқудрат ба мушкилот дучор мешаванд. Сиёсати нави ҷаҳонӣ, шаҳрвандони давлатҳои муосирро водор месозад, ки консепсияи нави муносибатҳои сиёсии худро тарҳрезӣ кунанд, бо муносибатҳои нави ҷаҳони муосир муросо намоянд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест.

Дар давраи ҷаҳонишавӣ бархӯрди тамаддунҳо мавзӯи актуалӣ ба шумор меравад. Сиёсатшиносон заҳмат ба харҷ дода истодаанд, ки шаклҳои гуногуни бархӯрд ва муносибати некбинонаи тамаддунҳои шарқӣ ва ғарбиро муайян намоянд. Ин маънои онро дорад, ки дар кишвар дар сатҳи баланд ба таҳаввули худшиносии миллӣ эътибор дода шавад. Агар амиқтар назар андозем, раванди ҷаҳонишавӣ дар баробари падидаҳои манфӣ доштан, падидаҳои матлуби мусбӣ низ доранд, яъне наздикшавии фарҳанги Шарқу Ғарб аз омилҳои сулҳу оромӣ дар дунё шуда метавонад.

Аз ҳамин зовия агар ба кишварамон нигоҳ кунем, пас равшан мебинем, ки “...маҳз баъди соҳибистиқлол гаштан ва қабули Конститутсия, халқи Тоҷикистон роҳи нави инкишофашро интихоб намуд ва роҳ ба сӯи эъмори давлати ҳуқуқбунёд кушода шуд ва дар ин замина дар ҷомеа дигаргунсозиҳои куллии соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ, ислоҳоти иқтисодию сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ оғоз гардида, самтҳои пешрафти давлат ва ҷомеа муайян карда шуданд. Бо гузашти солҳо таърих собит намуд, ки маҳз бо шарофати хизматҳои бузурги Сарвари хирадманди кишвар, Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон ба сарзамини сулҳу салоҳ табдил гардид. Дар муддати на чандон тӯлонӣ Тоҷикистон ба рушди босуботи иқтисодӣ муваффақ гашт ва давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон илман ва амалан бунёд гардида, ба харитаи сиёсии ҷаҳон ворид шуд” [3, 7].

Аз ин рӯ, барои муайян намудани давраи инкишофи таърихӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он қарор дорад, барои ба ҳисоб гирифтани таъсири омилҳои дохилӣ, шаклҳои мушаххаси гузариши роҳҳои ҳалли вазифаҳои дохилӣ - сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ, таъсири он ба сиёсати берунӣ таҳлили ҳамаҷонибаи сохтори иҷтимоӣ - иқтисодии кишвар муҳим мебошад. Ва худ аз худ ин ҷо боз худшиносии миллӣ пеш меояд, ки ба шаҳрвандони кишвар иртиботи қавӣ дорад. Ҳамзамон бояд гуфт, ки дигаргунсозиҳои сохтори иҷтимоӣ - иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибӣ ва муҳимми худшиносии миллӣ мебошад. Ҳалли масоили иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар ҷомеаи имрӯз ба истиқлолият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии амиқ дорад, зеро аз оғоз ҷумҳурӣ роҳи иқтисодиёти бозоргониро ихтиёр намудааст ва ин боис гардида, ки дар иқтисодиёти мамлакат дигаргуниҳои бозорӣ ба вуҷуд оянд. Самаранок истифода намудани рафтор, мафҳумҳо ва муносибатҳо дар иқтисоди бозорӣ, имкониятҳои истифодаи раванди бозорӣ, ба вуҷуд омадани заминаҳо ва шароитҳои дилхоҳ барои гузаштан ба муносибатҳои бозоргонӣ, вазифаҳои бозор ва методи танзими давлатии иқтисодиёти бозорӣ омӯхта шудаанд, ки ин ҳам аз омилҳои худшиносии миллӣ маҳсуб меёбад.

Бояд гуфт, ки истиқлолият маънои мустақил будан дар ҳалли масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дорад. Он падидаи хеле серҷабҳа ва мураккаби таърихию сиёсӣ ба шумор меравад, ки ҳам ғоя асту ҳам воқеият. Он дар навбати аввал ҳамчун ғоя пурқуввату ҷолиб аст. Дар навбати сонӣ бошад пурмуҳтавою пурмушкилот асту дар таркибаш забон, фарҳанг, хотираи таърихӣ, худогоҳии миллӣ, манфиатҳои миллӣ, истиқлолиятҳои зеҳнӣ барин арзишҳои ғайримоддӣ ва истиқлолиятҳои иҷтимоиро дар партави худшиносии миллӣ дорад.

Он чи ёдрас гардид, аз арзишҳои миллӣ буда, маҳз барои ҳифзи истиқлолият хидмат мекунанд ва бо гузашти вақт қимати таърихию сиёсӣ пайдо менамоянд. Давлати миллӣ - ифодакунандаи тамоми андешаҳо, орзую ормонҳои миллат аст ва барои амалӣ гардидан доим талош меварзад, ҳамаро чун арзишҳои миллӣ меафзояду ҳифз менамояд. Барои миллати мо истиқлолият чун ғояи созанда ва бунёдкори миллӣ ба шумор рафта, амалӣ гардидани он ба шаҳрвандони кишвар алоқаи занҷирӣ дорад. Ва баланд гардидани худшиносии миллӣ, афзудани он, ҳамаро таъмин карда метавонад, яъне яке дигареро ба пешравии бошуурона такон медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз равандҳои ҳам иҷтимоӣ, ҳам сиёсӣ ва ҳам иқтисодие, ки дар баробари дигар ҷомеаҳо ҷомеаи моро фаро гирифту он имрӯз ҳам идома дорад, ин падидаи муҳоҷират буду мебошад, ки ба давраи гузариш ва ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар алоқаманд аст. Дуруст аст, ки муҳоҷирати корӣ дар замони ИҶШС фаъолият дошт ва шаҳрвандони Тоҷикистон ба тариқи вахтаи меҳнатӣ дар Русия, Қазоқистон, Туркманистон расман фаъолият мекарданд, вале он баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ранги дигар, раванди дигарро ба худ касб намуд. Акнун муҳоҷирати шаҳрвандони Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолии он ба чандин маротиб афзуд ва ҷуғрофияи он ҳам хеле васеъ гардид.

Агар ба давраи аввали соҳибихтиёрии кишвар, ки бисёр сангин буд, назари амиқ афканем, мебинем, ки "Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ 35723 хона вайрон гашта, даҳ миллиард хисороти пулӣ расид, 25000 бесаробон, 53000 бепадар, 150000 - 200000 маҳкуми марг шуданд. Гузашта аз ин 60 ҳазор ба Афғонистону 195 ҳазор шаҳрванд ба давлатҳои собиқ Шӯравӣ фирорӣ шуданд. Шояд ин қисмат буд, ё ин сабақи нави таърих, ки дар билоди мо тоҷикон боди бисёр ҳам тезу тунде вазид. Ҳарчанд бисёре аз фирориён ба ватан баргашта бошанд ҳам, вале теъдоди каме аз онҳо дар Русия, Ҷопон, Куриё, Қатар, Яман ва кишварҳои дигар сокин шуда, имрӯз робитаи қавӣ бо ватани худ - Тоҷикистон доранд. Мувофиқи маълумоти дақиқ, он ҳангом 79% мусофиронро дар ин ё он кишварҳо муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил медоданд, ки аз онҳо 30% - ро мардони аз 40 то 50 - сола ташкил менамуданд" [7].

Муҳоҷирати тоҷикистониён, дар баробари бештар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пуршиддат ба мушоҳида мерасад. Дар ин маврид нахустин муҳоҷиратҳо муҳоҷирати этникӣ буд, ки дар идомаи он инкишофи иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - сиёсӣ, кушиши ба даст овардани худмухторӣ, ҳамоҳангӣ дошт. Дар ин маврид Иҷлосияи тақдирсози XVI-ум аз 16 ноябр то 2-юми декабри соли 1992 дар қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд дар баҳамоии халқамон заҳмати арзанда ва бесобиқа буд. Аз ин рӯ, ҳодисаҳои мудҳиш ва нанговари таърихи халқи хешро дидан ва онро хирадмандона муҳокима намудан, аз гузашта, ҳозира ва ояндаи он сабақ гирифта тавонистан ба дарки амиқи худогоҳию худшиносии миллӣ шаҳрвандонро ба мурод бурда мерасонида метавонад. Дарёфти сулҳу оштӣ ва ба қадри он расидани шаҳрвандони Тоҷикистон заминаи

мусоидеро барои ваҳдати миллӣ омода сохт ва некӯст, ки ваҳдати миллӣ дар навбати худ ба болоравии худшиносии миллӣ боис гардид [4, с.22].

Дар даврони истиқлолияти кишвар дар баробари баланд гардидани ҳисси ватанпарастию меҳнатдӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дар байни ҷавонон падидаи номатлубе низ ҷорист, ки он ноогоҳона ва бо роҳи фиребу тазвири дохилию берунӣ шомил шудани ҷавонон ва ҷалби онон ба равияҳои радикалӣ мебошад. Бояд гуфт, ки ба майдони омӯзиш омадани "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" [2], ки пеш аз ҳама роҳҳои ба тарбия кашидани ҷавонон мебошад, бе аҳамият нест. Мавриде, ки доир ба масъалаи ҷавонон, сиёсати давлатии ҷавонон, ҷараёни татбиқи он сухан меравад, ҷои таъкид аст, ки доираи мавзӯи ҷавонон ба қишре нигаронида шудааст, ки ҳам аз ҷиҳати нуфуз табақаи васеи ҷомеаро фаро мегираду ҳамзамон дар ин замина ба табақаи ҳассоси ҷомеа нигаронида шудааст. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро ояндаи кишвар, қувваи бузурги пешбаранда ва ҳамзамон омили муҳимми рушди ҷомеаи муосир хонда буд [3, с. 7].

Сафарбар ва ҷалби ҷавонон ба артиши миллӣ мактаби бузурги камолот ва обутоби ҷавонон ва яке аз паҳлуҳои муҳимми худшиносӣ дониста мешавад. Артиши миллӣ мактаби бузурги камолот ва обутоби ҷавонон ба ҳисоб меравад. Ҷои ишора аст, ки баъзан байни ҷавонон саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ ҳанӯз ҳам ба назар мерасад, ки мушкилиҳо ба бор меорад. Бояд дар ин самт, ки асосан ҷавонони нав ба балоғатрасида ҷалб карда мешаванд, корҳои фаҳмондадиҳӣ дурусту фаҳмо ба роҳ монда шавад. Роҳбарияти соҳаи маҳкур баъзе саҳлангорӣ, хунукназарона ба сарбоз нигоҳ карданро аз нигоҳу ниҳоди худ дур созанд ва нисбат ба қувваи ҳимоятгари ватан ба фасод роҳ надиҳанд.

Айни замон барномаву нақшаҳои бисёри корӣ барои ҷавонон таҳияву тадвин шуда истодаанд, ки дар амалигардонии онҳо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш чун сохтори боэътимоди давлатӣ тадбирҳои ҳамешагиро роҳандозӣ кардаву карда истодаанд. Гузашта аз ин, мувофиқи маълумоти Вазорати адлия, айни замон беш аз 400 ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ба қайд гирифта шудааст, ки ҳадафи асосӣ ва ягонаашон самти кор бо ҷавонон мебошад. Дар ин росто, яке аз созмонҳои бонуфузи кишвар, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон мебошад, ки аз замони таъсисёбиаш то имрӯз корҳои шоистаю созандаро анҷом дода истодаасту бештар аз пештар фаъолият дорад. Вале боз ҷои таассуф аст, ки дар байни ҷавонон бекорӣ ҷои вижа дорад ва ин масъала дар радифи қашшоқӣ дар ҷомеа аз масъалаҳое мебошад, ки ҳанӯз роҳи ҳалли худро пайдо накардаанд.

Дохилшавии ҷавонони бекор ба сафи ташкилотҳои ғайридавлатии ҳизбию гурӯҳӣ ва ҷалби онҳо ба ташкилотҳои ҷиноятпеша метавонад ба оромию суботи кишвар садама ворид созад. Аз ин рӯ, барои пешгирию ҳалли бекорӣ дар сатҳи институтҳои ҷамъиятӣ, амалӣ намудани теъдоди корхонаҳои мушаххас беаҳамият нест, ки ин дар тарбия ва ҷалби ҷавонони бекор саривақтист. Дар ин росто қабули "Қонун дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлат роҷеъ ба ҷавонон" аз таърихи соли 2005 хеле бомавриду муфид буд, ки оҳангу рӯҳияи худогоҳию худшиносиро дар ҷомеа тарғиб менамояд.

Дар кишвар, ҷорӣ намудани барномаи истилоҳоти иқтисодӣ низ дар ҳоли амалӣ шудан аст. Дар раванди ин ислоҳот кишварамон соҳиби комёбиҳои ҷиддӣ гардид, ки он ҳама ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистон таъсири мусбӣ доранд. Дар худшиносии миллӣ дар қатори ҷамъбасти комёбиҳо, гузаштан аз пастравии истеҳсолот ба рушди он, таъсис додани иқтисодиёте, ки дар асоси шаклҳои гуногуни мо-

ликият амал мекунад, таъсиси инфрасохтори иқтисодӣ , истеҳсолӣ, иҷтимоӣ барои самаранок амалӣ намудани соҳаҳои хоҷагии қишлоқи мардуми ҷумҳурӣ муҳимтарин омиланд.

Бояд донист, ки "Ислоҳи иқтисодӣ ба муносибатҳои хусусӣ дар ҷумҳурӣ вобаста аст" [1, с. 135] ва "яке аз роҳҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ ва баромадан аз буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ин ташаккули қишрҳои иҷтимоии моликияти шахсии соҳибкорон, ки қувваи пешбарандаи иқтисодиёт ба шумор меравад, мебошад [1, с. 136].

Соҳаи маориф низ аз омилҳои муҳимтарини худшиносии миллӣ ба шумор рафта, ташаккули таҳаввули он вобаста ба ҷаҳонишавӣ дар кишвари мо хеле назаррас аст ва маблағгзорӣ ба ин соҳа сол аз сол меафзояд. Ин маблағгузорӣ соли 2010 ба 1 млрд. 92 млн. сомонӣ расида буд, ки 4,7 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медод. Ин маблағ нисбат ба нишондиҳандаи соли 2000 - ум 26,6 баробар ва нисбат ба нишондиҳандаи соли 2005 - ум 4,5 баробар зиёд аст. Дар баробари маблағгузории буҷавӣ барои соҳаи маориф ҳатто хеле зиёд аз кӯмакҳои молӣ ва грантҳо низ истифода шудаанду мешаванд. Аз соли 1991 то ба ҳол бо ҷалби муассисаҳои байналмилалии молиявӣ барои дастгирии соҳаи маориф 14 лоиҳаи спонсорӣ ва грантҳо ба маблағи умумии 160 млн. доллари амрикоӣ аз худ ва амалӣ гардонида шудааст. Таъмин намудани шароити хониш дар мактабҳо, коллеҷҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, сохтмони пайвастаи мактабҳои нав бо таҷҳизоти навтарини замонавӣ ва ғ. низ ба худшиносии миллӣ таъсири амиқи мусбӣ мерасонад, ки ҳоҷат ба шарҳи муфассали он нест.

Хулоса, бояд гуфт, ки баъди соҳибистиқлолии кишвар дар шароити дигаргунсозиҳои ҷомеаи Тоҷикистони муосир дар тамоми соҳа: ҳам ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоию адабию фарҳангӣ дар худшиносии миллӣ такондиҳандаи пешравиҳо ва аз омилҳои асосӣ ва ҳатмӣ ба шумор мераванд. Таконҳои беруна низ ба худшиносии миллӣ бешубҳа таъсири амиқи худро расонида метавонад. Дар ин раванд, бояд сабабҳои объективӣ ва субъективӣ низ аз омилҳои худшиносии миллӣ дониста шавад. Барои ин аҳли ҷомеа, шаҳрвандони он новобаста ба ирқу нажод, миллияту халқият бояд тоҷикистонӣ будан ва шаҳрванди Тоҷикистон будани худро бошуурона дарк намоянд, зодгоҳу ватани худро дӯст доранд, барои муваффақ шудан ба дигаргунсозиҳои тоза ба тозаи ҷисмонию маънавӣ бо нигоҳи солим омода бошанд.

Ниҳоят, дар шароити дигаргунсозиҳои ҷомеаи Тоҷикистон омилҳои асосии худшиносии миллӣ иборатанд аз донистани пурраи забони давлатӣ, сиёсати муттаҳидкунанда, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамидаи шаҳрвандон, ҳифзи арзишҳои миллӣ, хотираи таърихӣ, эҳсоси ифтихори миллӣ, ҳифзи забону анъанаҳои миллӣ ва ғ., ки ин ҳама ҳамеша дар байни ҷомеа тарғибу ташвиқ гардад. Дар ин раванд пайваста ормонҳои миллии мо, ба монанди озодӣ, истиқлолият, инсондӯстӣ, ватанпарастӣ, озодфикрӣ, ваҳдат бо тамоми маънояш, озодандешию илмдӯстӣ, дӯстии байни миллату халқиятҳо, таҳаммулпазирӣ аз омилҳоеанд, ки устувории ҷомеаи моро метавонанд, таъмин намоянд.

**Адабиёт**:

1. Калонов А.Ғ. - Бекорӣ дар байни ҷавонон ҳамчун манбаи хатар ба суботи ҷомеа/ А.Г. Калонов// Традиции и процесссы демократии в Таджикистане. Материалы научно - практического семинара «Внешние и внутренные угрозы национальному суверенитету Таджикистана». - Душанбе, 2013. - С. 133 – 145;

2. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 03.01.2018. by mri/o;

3. Латифзода А. Нақши ҷавонон дар тарғиби ғоя ва арзишҳои миллӣ / Асрор Латифзода // Минбари халқ, 2019 22 май.

4. Масъалаҳои ташаккули идеяи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводи конференсияи илмӣ - амалӣ. - Душанбе, 18-19 апрели соли 2006. - С.22;

5. Маҳмадбеков М., Ҳакимов П. Муҳоҷират / М. Маҳмадбеков, П. Ҳакимов. - Душанбе, 2013. - С.6;

6. Раҳмонов Э. Тоҷикон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ / Эмомалӣ Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 1995. - С.158;

7. Раҳмонзода А. Пешвои миллат ва ваҳдати миллӣ / А. Раҳмонзода // Конференсияи илмӣ - назариявӣ дар мавзӯи “Садоқат ба Президент - садоқат ба Ватан”. https://www.osiyoavrupo.tj;

8. Современное таджикистанское общество, трансформационные процессы. - Душанбе, Дониш, 2001. - С.12;

9. Сайидзода З. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2017. - С. 464.

## ВАЗЪИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, ки фарогири ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, ин масъалаи худшиносии миллӣ мебошад. Муаллиф дар мақола кӯшиш намуда аст, ки баъди пошхӯрии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар шароити дигаргунсозиҳои ҷомеаи Тоҷикистони муосир вазъи худшиносии миллиро бо мисолҳои мушаххас ба риштаи таҳқиқ кашидаву баррасӣ намояд. Ба андешаи муаллиф баъди соҳибистиқлололии кишвар дар шароити дигаргунсозиҳои ҷомеаи Тоҷикистони муосир дар соҳаҳои ҳам ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва ҳам ҳаёти иҷтимоию адабию фарҳангӣ, забон, тарбияи ҷавонон, хотираи таърихӣ дар худшиносии миллӣ такондиҳандаи дастоварду пешравиҳо ва аз омилҳои асосӣ ва ҳатмӣ дониста мешаванд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистони муосир, худшиносии миллӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, маориф, сулҳу ваҳдат, ифротгароӣ, дигаргунсозиҳо, ғояҳои созанда, тарбияи ҷавонон, хотираи таърихӣ.

**Дар бораи муаллиф**: Давлиёрова Сафаргул Тешаевна, ходими пешбари илмии шуъбаи Осиёи Марказии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел: 985 29 40 97, E-mail: dsafargul@mail.ru.

## СОСТОЯНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

Один из проблем затрагивающая общественности независимого Таджикистана является проблема национального самосознания. Автор в своей статье попытался выявить и всесторонне рассматривать состояние национального самосознания современного таджикского общества после распада СССР в условиях трансформации общественности современного Таджикистана. По мнению автора после приобретения Таджикистаном независимости, в условиях трансформации современного таджикского общества в отраслях политики, экономики, а также в культурно - общественной жизни, воспитание молодёжи, историческая память в формировании национального самосо-

знания считаются толчком к достижению основных целей и фактором развития общества.

**Ключевые слова:** современный Таджикистан, национальное самосознание, общественная жизнь, образование, мир и согласие, экстремизм, трансформация, созидательные идеи, историческая память.

**Об авторе:** Давлиёрова Сафаргул Тешаевна, ведущий научный сотрудник Отдела Центральной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Тел: 985 29 40 97, Phone: dsafargul@mail.ru.

## THE STATUS OF NATIONAL IDENTITY IN TAJIKISTAN IN MODERN TIME

The national identity is one of the public problems in Tajikistan during the independence. The author in his article tried to identify and comprehensively consider the state of national identity of modern Tajik society after the collapse of the Soviet Union in the conditions of the transformation of the public modern Tajikistan.

According to the author’s thought, after gaining the independence of Tajikistan, in the conditions of transformation of modern Tajik society in the fields of politics, economics, as well as in cultural and social life, youth education, historical memory in the formation of national self-consciousness and etc. considers an impetus achieves the main goals and factors in the development of society.

**Keywords**: modern Tajikistan, national identity, public life, education, peace and harmony, extremism, transformation, creative ideas, historical memory.

**About the author**: Davliyorova Safargul Teshaevna, leading Specialist of the Central Asian Department of the Institute of the studying of the issues of Asian and European countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Phone: 985 29 40 97, E- mail: dsafargul@mail.ru.

# НУКТАҲОИ МУҲИММИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ПЕРОМУНИ УСУЛҲОИ ДЕМОКРАТИИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ИНТИХОБОТ

**Холов Неъматулло,**
**магистри шуъбаи ҳуқуқшиносии**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**АМИТ**

Дар шоҳроҳи давлатдории муосири миллати тоҷик, Паёми Сарвари давлат ба сифати падидаи муҳимми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ зуҳур ёфта, дар раванди инкишофи таърихии ҷомеа ва давлати Тоҷикистон нақши ба худ хосро касб намудааст.

Метавон тазаккур дод, ки дар Паёми навбатии худ ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар - Маҷлиси Олӣ, Сарвари давлат чун ҳамешагӣ, ба тамоми паҳлуҳои зарурӣ-ҳаётии рушди ҷомеа ва давлатдории миллӣ дахл намуда, оид ба замина, самтҳои густариш ва тақвият бахшидани василаи расидан ба мақсадҳои стратегии миллӣ, афкори судманд иброз дошта аст.

Самтҳои асосӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ ҳамчун ҳувайдокунандаи мароми ҳадафҳои стратегии миллату давлат дар мундариҷаи Паём таҷассум гардида, дар дигар санадҳои дахлдор инкишоф ёфта, муваффақона, дар амал татбиқ мегардад, ки ин ҳолат яке аз хусусиятҳои Паёмро ҳамчун омил ва ё механизми самаранок татбиқ гардидани стратегияҳои муҳимми рушд ва лоиҳаҳою барномаҳои мақсадноки давлатӣ ифода менамояд. Маврид ба зикр аст, ки бо ҳамин мақсад Паёми соли 2020 низ, ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ, дастурамали фаросоҳавӣ ва маъхази таҳлилию таҳқиқотӣ хусусияти ҳидояткунандагию уҳдадорсозандагиро дар худ таҷассум намудааст.

Иродаи халқ дар асоси Эъломияи ҳуқуқи башар ба сифати поя ва асоси қудрати ҳукумат маънидод гардида аст. Ин ирода… ба воситаи интихоботи давра ба давра ва бидуни сохтакорӣ ба амал бароварда мешавад [1, с. 15].

Дар идомаи мантиқии ин талабот, дар мундариҷаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтарин меъёрҳои хусусияти демократидошта таҷассум ёфтааст, ки кишварро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун, давлати мардумсолор муаррифӣ менамояд.

Роҳбари давлат дар заминаи чунин муқаррароти дахлдори Конститутсия, баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқро ёдрас намуда, аз ҷониби халқ бевосита ва ё бавоситаи вакилони худ амалӣ намудани ҳокимиятро таъкид намудаанд. Президенти кишвар бо дарназардошти талаботи Конститутсия интихоботро ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ баҳо дода, тавассути изҳори озодона ва ихтиёрии иродаи интихобкунандагон амалӣ гардидани онро мувофиқи матлаб дониста аст [5, с. 38].

Мусаллам аст, ки интихоботи озодона дар заминаи усулҳои демократӣ баргузоршуда хоси давлати демократӣ буда, маҳз вакили дар чунин интихобот интихобшуда ва мақомоти намояндагии бо ҳамин усул ташкилёфта салоҳияти қонуниро соҳиб мегардад. Ба ҳамин мақсад, Пешвои миллат бо дарназардошти талаботи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ба таври демократӣ ва озоду шаффоф баргузор намудани интихоботро яке аз вазифаҳои муҳимми давлат кафолат додааст.

Соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъракаи муҳимми сиёсӣ - интихоботи навбатии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

маҷлисҳои маҳаллӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2019, рӯзи баргузории он 1 марти соли 2020 таъин гардидааст, баргузор гардид.

Парламенти миллӣ ҳамчун қоида бо роҳи низоми интихоботи умумӣ сурат мегирад [7, с. 78]. Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ бо дарки воқеии ин муҳтаво перомони моҳият ва сатҳи зарурии баргузор намудани интихобот муфассал ибрози ақида намуда, бо дурандешии сиёсӣ ва донишу малакаи бунёдсозандагии худ интихоботро ҳамчун падидаи сиёсиву ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ ва баҳодиҳии воқеӣ қарор дода, ҳуқуқи истисноии интихобкунандагон будани интихоб намудани вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, маҷлисҳои маҳаллӣ ва ҷамоатҳоро таъкид намудааст.

Албатта, ҳар як фарди солимақли ҷомеа аз муҳтавои ин гуфтаҳои расмии Пешвои муаззами миллат, то кадом андоза дар замони муосир, дар раванди эъмори давлати миллии ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ унсури муҳимму зарурӣ будани падидаи интихоботро дарк менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун, Роҳбари Олии сиёсӣ ва сиёсатмадори пуртаҷриба ба мақсади пандомӯзу мулоҳизакор будани мардуми кишвар аз ноороmiву бесарусомониҳо, ба гурӯҳҳои муқобил ҷудо шудани шаҳрвандони кишвар ва ихтилофи шадиди дар соли 1991 вобаста ба интихоботи Президент ба вуқӯъпайваста, ки ба сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони тозаистиқлол сабаб гардида буд, мушаххасан ёдовар шуд.

Пешвои миллат бо баррасии мушаххаси ҳаводиси фавқуззикр дар ироаи ин ҳуҷҷатти муҳимми таърихӣ, иброз доштанд, ки «интихобот ҳамчун маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҳар як шаҳрванди кишвар ба хотири рушду ободии фардои мамлакат ва осоиши наслҳои оянда фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро тақозо мекунад» [5, с. 38].

Дар заминаи таҳлилҳои воқеӣ ва дастуру ҳидоятҳои мантиқии дар Паём ироагардида, мо бояд ба он рӯҳияе назар дошта бошем, ки дар ҷодаи ташкил ва татбиқнамоии дилхоҳ чорабиниҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ба мақсади таҳкими сохти конститутсионии давлат, суботи сиёсии ҷомеа ва таъмини амнияти миллӣ равонагардида, танҳо афрод ва ё ниҳодҳои алоҳидаро муваззаф надониста, ҳамагон самимона саҳмгузор бошем.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё бавоситати вакилони худ иштирок намояд [2, м.27]. Дар идомаи мантиқии ҳамин меъёр, аз синни 18 солагӣ ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан ва дар асоси талаботи асноди меъёрӣ-ҳуқуқии марбута ҳуқуқи интихоб шуданро доштани шаҳрванд муайян гардидааст [2, м.27].

Муносибатҳои ҳуқуқӣ-интихоботӣ қисми таркибии демократия, нишондиҳандаи амалӣ шудани он мебошад [6, с.471]. Гузашта аз ин метавон гуфт, ки ҳуқуқи интихобот яке аз ҳуқуқҳои асосии сиёсии шаҳрванд буда, дар муайян намудани вазъи ҳуқуқии он нақши бузург дорад.

Маврид ба зикр аст, ки дар ҷодаи тавассути интихобот ташкил ёфтани Парламент риояи дақиқи усулҳои демократӣ ва бетақаллуб ифода ёфтани иродаи интихобкунандагон унсури асосӣ ба ҳисоб меравад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сиёсатмадори муваффақ ва меъмори давлати миллии муосири тоҷик ҳамеша аз қонуният, адолат ва дигар унсурҳои хусуси-

яти демократидошта пуштибонӣ намуда, дар ҷодаи баргузории интихоботи навбатии вакилони Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллӣ низ, бо ҳамин манзур иброз доштанд, ки «ҳеҷ як ҳизбу созмон ё шахси мансабдор ҳақ надорад, ки ин ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро вайрон карда, иродаи худро ба интихобкунандагон зӯран ё бо роҳҳи дигар таҳмил намояд» [5, с. 38].

Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихоботи мансабдори ҳокимияти давлатӣ, интихоби вакилон ба мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва ба мақомоти худидораи маҳаллӣ воқеияти муҳимми ҳуқуқӣ-сиёсии замони муосир мебошад [7, с.83].

Нақши комиссияҳои интихобот дар ҷарёни баргузории интихобот хеле калон буда, онҳо барои ташкил кардани маъракаи интихобот, тайёрӣ ба рӯзи овоздиҳӣ ва ҷамъбасти кори интихобот масъул мебошанд. Ҳеҷ кадоме аз дигар иштирокдорони маъракаи интихоботӣ ҳуқуқ надоранд, ки ваколати комиссияҳои интихоботро соҳиб бошанд. Комиссияҳои интихобот дар фаъолияти худ аз ягон мақомоти дигари давлатӣ вобастагӣ надорад.

Бо дарназардошти ин муҳтаво, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун, пешвои сиёсӣ ва роҳбари олии давлат масъалаи роҳу усулҳои ташкил ва баргузории интихоботро мавриди тадқиқу таҳлил қарор дода, дар заминаи меъёрҳои самарабахш ва усулҳои демократӣ амалӣ кардани онро, пуштибонӣ намудаанд.

Дар ин маъракаи муҳимми сиёсӣ бо масъулияти баланд иштирок намудани шаҳрвандонро Сарвари давлат унсури зарурӣ ҳисобида, дар ин ҷода фаъолияти дурусту самарабахши Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро омили асосӣ медонад. Дар ҳамин робита, Пешвои миллат аз Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба амал оварданд, ки ниҳоди мазкур дар ин самт «корро бояд тавре ташкил намояд, ки шаҳрвандон дар ин маъракаи сиёсӣ бо масъулияти баланд иштирок кунанд» [5, с.38].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати демократию ҳуқуқбунёд гомҳои устувор мегузорад. Дар асоси Конститутсия эълон гардидани моҳияти демократии давлат ҳамаи иштирокдорони интихоботи умумӣ ва дигар маъракаҳои муҳимми сиёсиро дар ҷодаи расидан ба ҳадафҳои худ танҳо, бо дарназардошти талаботи қонун амал намуданро талаб менамояд.

Президенти мамлакат, ҳамчун ҳомии қонун ва кафили мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, бо манзури дар сатҳи баланд баргузор намудани интихоботи дар пешистода мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро муваззаф намуданд, ки дар доираи талаботи қонун барои комиссияҳои интихоботӣ шароити мусоиди корӣ муҳаё намоянд.

Бо дарназардошти талаботи принсипи волоияти қонун ва эҳтироми дигар арзишҳои демократӣ, Пешвои миллат аз манъ будани дахолат ба фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ ишора намуда, аз сохтору мақомоти дар ин ҷода масъул, танҳо машғул шудан ба иҷрои вазифаҳои қонунан ба онҳо вогузоршударо талаб намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон намудани талаботи муқарраршудаи интихобот ҷавобгариро пешбинӣ намуда, шахсонеро, ки барои озодона амалӣ намудани ҳуқуқи интихоб кардан ва ё интихоб шудани шаҳрвандон дар ҷараёни ташвиқоти пешазинтихоботӣ монеъа эҷод менамоянд, аз масъулият доштан ҳушдор месозад. Талаботи мазкур инчунин, нисбати аъзои комиссияҳои интихобот, мансабдорони мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки

қонуни интихоботро лағв месозанд паҳн мегардад. Муҳтавои ин муқаррарот дар моддаҳои 145 ва 150-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтааст.

Дар интихоби вакилон ба мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иштирок намудани ҳизбҳои сиёсӣ падидаи замони муосир ва хоси давлати демократию ҳуқуқбунёд мебошад.

Талаботи ба меъёрҳои демократӣ мувофиқат намудани сохтор ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар қонунгузории марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфта, иштирок намудани онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, дар асоси гуногунандешии сиёсӣ ҳамчун, омили мусоидаткунанда барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ муайян гардида аст. Бо ҳамин маъно, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди баргузории интихобот, яке аз шартҳои асосии риояи усулҳои демократӣ ба ҳисоб меравад.

Роҳбари давлат дар ин росто бо ишора намудан аз он, ки дар асоси қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсӣ масъул ва субъекти асосии пешбарӣ намудани номзадҳо ба вакилӣ мебошанд, муваззаф будани онҳоро барои танҳо дар доираи талаботи Конститутсия ва дигар қонунҳои амалкунанада ба роҳ мондани фаъолият таъкид намуданд. Дар ҳамин радиф, Пешвои миллат инчунин, шаҳрвандони алоҳидаи худпешбаришударо, ки барои соҳиб шудан ба мандати вакилӣ талош меварзанд, танҳо бо назардошти волоияти Конститутсия ва қонунҳои марбута фаъолият намуданро хотирнишон сохтанд.

Чуноне ки аз таҳлилҳои воқеӣ ва пешниҳодоти расмии Пешвои миллат бармеояд, танҳо дар доираи талаботи қонунҳои амалкунанда иштирок намудани ҳизбҳои сиёсӣ ва шаҳрвандон ҷиҳати баргузор намудани ин маъраки сиёсию ҳуқуқӣ, метавонад ҳамчун омили муҳим дар «таҳкими боз ҳам бештари ваҳдати миллӣ, сулҳу суббот ва густариши демократия дар кишвари соҳибистиқлоламон мусоидат намояд» [5, с. 38].

Яке аз омили тақвиятдиҳандаи иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва мусоидаткунанда ба дигаргунсозиҳои ҷомеа ин муборизаи ошкорою қонунии пешазинтихобии онҳо мебошад. Муносибатҳои ҷамъиятии интихобот яке аз муносибатҳои муҳимтарини сиёсиву хуқуқист [6, с. 471].

Сарвари давлат бо дарназардошти ҳамин муҳтаво аз ҳизбҳои сиёсӣ ва шаҳрвандон дар ин ҷода расман даъват ба амал оварданд.

Пешвои миллат бо дарки воқеии моҳияту зарурияти падидаи интихобот хотирнишон сохтанд, ки Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ва комиссияҳои интихоботӣ дар маҳалҳоро дар ҷодаи ҳаматарафа санҷидани шахсияти номзадҳои пешбаришуда ва баррасии ҷиддии мутобиқати онҳо ба талаботи қонун ӯҳдадор мебошанд.

Дар асоси муқарраротиКонститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ баёнгарӣ соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё бавоситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст [2, м. 6]. Бо ибораи дигар падидаҳои мазкур шакли олии изҳори иродаи халқ эътироф гардида аст.

Шаҳрванде, ки боварии халқро сазовор гардида аст вакили ӯ мебошад ва аз номи халқ идораи давлатро амалӣ менамояд [6, с. 460].

Бинобар ин, дар маъракаи интихобот бояд сифатҳои сиёсӣ, корӣ ва шахсии номзад ба вакилӣ ҳаматарафа воқеӣ ва объективона мавриди тадқиқу таҳлил қарор гирад.

Дар ин росто, Ҷаноби Олӣ дар ироаи Паёми худ таваҷҷуҳи ҳамагонро дар асоси хулосабарориҳои мантиқӣ ба он ҷалб намуд, ки ба парламенти кишвар пешниҳод ва

интихоб шудани шахсони донишманду соҳибмаърифат, ботаҷрибаву обрӯманд ва ватандӯсту поквиҷдон амри зарурист. Бо пуштибонии ҳамин матлаб, Роҳбари давлат бо эҳсоси баланди мардумдӯстию меҳанпарастӣ, дар сатҳи ин ҳуҷҷати сиёсию таърихии муайянкунандаи дурнамои рушди кишвар ба ҳамаи шаҳрвандон муроҷиат намуданд, ки «дар баргузории интихоботи навбатӣ, аз вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ сар карда, то вакилони ҷамоатҳо бо дарки баланди масъулият намояндагони арзандаи худро барои ояндаи давлату миллат интихоб намоед» [5, м. 40].

Ҳамин тавр, дар асоси муҳтавои Паёми Пешвои миллат метавон хулоса баровард, ки воқеан ҳам, сиёсати пешгирифтаи миллат ва давлати муосири тоҷик, бо таҷассум намудани ҳифзи манфиат ва татбиқи ормонҳои миллӣ дар меҳвари худ, роҳи дурусту ояндасоз мебошад.

Бо ин мақсад, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари пешбарандаи сиёсати хориҷии сулҳҷӯёнаву созанда эътироф гардида, эътибор пайдо кардааст [5, с. 43] .

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори муваффақ муҳим будани ҳифзи мафиатҳои мардуми кишварро тарғиб намуда, иброз доштанд, ки «ҳадаф аз стратегияву барномаҳои қабулшуда, ки ҷараёни татбиқи онҳо дар Паём… таҳлилу баррасӣ гардид, инчунин мақсади ниҳоии қонунҳои қабулкардаи парламент, фармону амрҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумати мамлакат аз он иборат аст, ки ободии Ватан ва муҳимтар аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон таъмин карда шавад» [5, с. 46].

Дар фаровард метавон қайд намуд, ки изҳорӣ дилпурӣ ва итминони комили Сарвари давлат аз идрок ва қудрати созандаи мардуми кишвар, дар ҳодаи бартараф намудани ҳамагуна мушкилоти ҷомеа, ҳар як шаҳрванди саодатманди Тоҷикистони азизро, аз ҳарвақта бештар водор месозад, ки «ба хотири пешрафти давлати соҳибихтиёр ва Ватани аҷдодиамон - Тоҷикистони озоду маҳбуб мибаъд низ сарҷамъона заҳмат кашем» [5, с. 47] ва дар роҳи ҳифзи сулҳу субот ва амнияти кишвар, эҳё, такомул ва гиромидоштани муқаддасоти ниёгону муосири миллӣ, боз ҳам маъулиятшинос бошем.

**Адабиёт:**


1. Асноди асосии байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқи башар. Шуъбаи кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2002;
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, аз 6-уми ноябри 1994, бо тағйироту иловаҳо аз 26-09-1999, 22-06-2003, 22-05-2016. –Душанбе: Ганҷ, 2016.
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1999, №12, м. 296, бо тағйироту иловаҳои минбаъда;
4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1999, №12, м. 298, бо тағйироту иловаҳои минбаъда;
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосиии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. КВД КТН «Шарқи озод»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2019;
6. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Офест-Империя, 2017;

7. Имомов А. Ҳуқуқи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Офест-Империя, 2016;
8. Современный парламент: теория, мировой опыт, российская практика. Москва, Эксмо, 2005.

## НУКТАҲОИ МУҲИММИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ПЕРОМУНИ УСУЛҲОИ ДЕМОКРАТИИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ИНТИХОБОТ

Дар мақолаи мазкур нуктаҳои муҳимми Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи усулҳои демократии ташкил ва баргузории интихобот мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтааст. Паёми Сарвари давлат дар бораи самтҳои асосиии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба сифати падидаи муҳимми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ тавзеҳ ёфта, дар раванди инкишофи таърихии ҷомеа ва давлати Тоҷикистон нақши ба худ хосро касб намудани онро нишон дода шуда аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъракаи муҳимми сиёсӣ - интихоботи навбатии вакилони Маҷлиси намиояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2019, рӯзи баргузории он 1 марти соли 2020 таъин гардида буд, баргузор шуд.

Иродаи халқ дар асоси Эъломияи ҳуқуқи башар ба сифати поя ва асоси қудрати ҳукумат маънидод гардида аст. Дар идомаи мантиқии ин талабот, дар мундариҷаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтарин меъёрҳои хусусияти демократидошта таҷассум ёфта аст, ки кишварро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун, давлати мардумсолор муаррифӣ менамояд.

Сарвари давлат дар Паёми навбати худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон перомуни моҳият ва сатҳи зарурии баргузор намудани интихобот муфасал ибрози ақида намуда, интихоботро ҳамчун падидаи суёсиву ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ ва баҳодиҳии воқеӣ қарор додааст. Дар мундариҷаи Паём, Пешвои миллат бо дарназардошти талаботи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд, ба таври демократӣ ва озоду шаффоф баргузор намудани интихоботро яке аз вазифаҳои муҳимми давлат кафолат дода аст.

Роҳбари давлат дар заминаи муқаррароти дахлдори Конститутсия, баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқро ёдрас намуда, аз ҷониби халқ бевосита ва ё бавоситаи вакилони худ амалӣ намудани ҳокимиятро таъкид намуданд. Дар Паём интихобот ҳамчун, ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ маънидод гардида, тавассути изҳори озодона ва ихтиёрии иродаи интихобкунандагон амалӣ гардидани он мувофиқи матлаб дониста шуда аст.

Дар маърӯза дар асоси муҳтавои Паём метавон хулоса кард, ки воқеан ҳам, сиёсати пешгирифтаи миллат ва давлати муосири тоҷик, таҳти роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат, сиёсатмадори муваффақ Эмомалӣ Раҳмон бо таҷассум намудани ҳифзи манфиат ва татбиқи армонҳои миллӣ дар меҳвари худ, роҳи дурусту ояндасоз мебошад.

**Калидвожаҳо:** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои маҳаллӣ, интихобкунандагон, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, вакили маҷлисҳои маҳаллӣ, вакили ҷамоат, ҳокимияти халқ, интихобот, комиссияҳои интихобот, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Холов Негматулло, магистри Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ, тел: 905.77.68.89.

## КЛЮЧЕВЫЕ МОМЕНТЫ ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ МЕТОДАХ ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ ВЫБОРОВ

В данной статье рассматриваются и исследуются ключевые моменты в послании Президента Республики Таджикистан о демократических методах организации и проведения выборов. Послания Глава государства, размышляя об основных направлениях внутренней и внешней политики республики как важного политического, правового и социального явления, обозначил его роль в историческом развитии общества и государства Таджикистан.

Важной политической кампанией в Республике Таджикистан стали очередные выборы депутатов Маджлиси намояндагон и местных собраний, назначенные Указом Президента Республики Таджикистан 4 декабря 2019 года, проведенным 1 марта 2020 года.

Воля народа на основе Всеобщей декларации прав человека истолковывается как опора и основа власти правительства. В логическом продолжении этого требования содержание Конституции Республики Таджикистан воплощает в себе лучшие нормы демократического характера, представляя страну на международной арене как демократическое государство.

В своем Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан Глава государства выражает суть сути и необходимый уровень проведения выборов и рассматривает выборы как юридическое и правовое явление. Содержание Послания Лидера Нации, отвечающего потребностям гражданского общества и верховенства закона, гарантирующего демократические, свободные и справедливые выборы, является одной из важнейших задач государства.

Глава государства упомянул независимость народа на основе соответствующих положений Конституции, выражение суверенитета и единственного источника государственной власти, а также подчеркнул прямое или косвенное использование власти людьми. Выборы были истолкованы как высшее прямое выражение суверенитета народа, и было желательно исполнить волю и волю избирателей.

Исходя из содержания послания, мы можем сделать вывод, что политика, проводимая современной нацией и современным таджикским государством во главе с ребенком нации, успешным политиком Эмомали Рахмоном, является четким и многообещающим способом содействия защите интересов и реализации национальных устремлений.

**Об авторе:** Холов Негматуло, магистр Института философии, политологии и право НАНТ, tel: 905.77.68.89.

## THE KEY POINTS OF THE MESSAGE OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON THE DEMOCRATIC METHODS OF ORGANIZING AND CONDUCTING ELECTIONS

This article examines the key points in the message of the President of the Republic of Tajikistan on the democratic methods of organizing and conducting elections. Message of the Head of State, reflecting on the main directions of domestic and foreign policy of the republic

as an important political, legal and social phenomenon, indicated its role in the historical development of the society and the state of Tajikistan.

An important political campaign in the Republic of Tajikistan will be the next elections of deputies to the MajlisiNamoyandagon and local assemblies, appointed by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan on December 4, 2019, the date of its holding March 1, 2020.

The will of the people on the basis of the Universal Declaration of Human Rights is interpreted as the pillar and the basis of the power of government. In the logical continuation of this requirement, the content of the Constitution of the Republic of Tajikistan embodies the best norms of democratic character, representing the country in the international arena as a democratic state.

In his Message to the MajlisiOli of the Republic of Tajikistan, the Head of State expresses the essence and the necessary level of conduction of elections and investigates the election as a legal and legal phenomenon. The content of the Message, the Leader of the Nation, meeting the needs of civil society and the rule of law, guaranteeing a democratic and free and fair election is one of the most important tasks of the state.

**Keywords**: Message from the President of the Republic of Tajikistan, Majlisi Namoyandagon, local councils, electors, deputies of the Majlisi Namoyandagon, local Majlis deputies, community, people's deputies, elections, election commissions, the Central Election and Referendum Commission of the Republic of Tajikistan.

**About the author**: Cholov Negmatullo, Insitute of philosophy, politicalscience and law National Academy of Sciences of Tajikistan. tel: 905 77 68 89.

# МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМ ОИД БА АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ДУЗДӢ

**Нозимиён Абубакри Ҳайдарализод,**
**адъюнкти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,**
**криминология ва психологияи факултети №2**
**Академияи ВКД**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**капитани милитсия**

Тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати аломатҳои объективии ин ё он таркиби ҷиноят объекти ҷиноят ва тарафи объективии ҷиноят баромад мекунад. Аломатҳои объективии таркиби ҷиноят барои дуруст бандубаст кардани ҷиноят мавқеи асосиро дошта, ҳамчун асоси тафовути ҷиноятҳои ҳамшабеҳ аз ҳамдигар баромад мекунанд.

Дуздӣ, яъне тасарруфи ниҳонии амволи ғайр, ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият дохил гардида, дар моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) муқаррар гардидааст.

Барои дуруст муқаррар кардани объекти ҷиноят, ба ақидаи С.Ҳ. Ҳусейнзода ҳатман бояд мафҳуми объекти ҷиноят муқаррар карда шавад ва зикр менамояд, ки объекти ҷиноят ин муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае эътироф мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба онҳо зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба миён меорад [8, с.28].

Ба сифати объекти гурӯҳии (хелии) ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла дуздӣ, иқтисодиёт ҳамчун муносибати ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда баромад мекунад.

Объекти намудии дуздиро моликият ҳамчун муносибати ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда ташкил медиҳад. Ҳуқуқдорӣ ба моликиятро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода, ҳифз менамояд.

Ҳуқуқ ба моликият дар моддаи 232 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки тибқи он ҳуқуқи моликият ҳуқуқи қонунан эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект оид ба тибқи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулкаш мебошад. Молик ҳуқуқ дорад молу мулки худро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намояд. Ҳуқуқи соҳибият аз имконияти ҳуқуқии таъминшударо ҳақиқатан татбиқ гардидани моликияти ҳуқуқи молу мулк иборат мебошад. Ҳуқуқи истифодаи молу мулк имконияти қонунан аз молу мулк ба даст овардани хосиятҳои табиии фоиданоки он ва ҳамчунин аз он фоида гирифтан аст. Молик ҳақ дорад мутобиқи салоҳдиди худ нисбати молу мулкаш ҳама гуна амалро раво бинад, аз ҷумла онро ба дигар ашхос фурӯшад, худ молик монаду ҳуқуқҳояшро дар мавриди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулк ба онҳо вогузорад, молу мулкро ба иҷора диҳад ва аз он бо усули дигар истифода барад ё онро ба тарзи дигар ихтиёрдорӣ кунад. Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ - ин имконияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таъминшудаи муайян намудани тақдири ҳуқуқии молу мулк иборат мебошад [3].

Объекти бевоситаи дуздиро моликияти мушаххаси соҳибмулк ташкил медиҳад, ки ҷиноят ба он равона гардидааст.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 236 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хусусӣ ва оммавӣ (давлатӣ) мавҷуд ме-

бошад, ки ҳамаи онҳо ҳамчун муносибати муҳимми ҷамъиятӣ бо қонунгузории ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд.

Предмети ҷиноят бояд ҳамчун аломати иловагии объекти ҷиноят муайян карда шавад. Предмети ҷиноят ин чизҳо ва ашёҳои олами моддии беруние эътироф мешавад, ки доир ба онҳо ва ё вобаста ба онҳо ҷиноят содир карда мешавад. Ҷиноятко бa предмети ҷиноят таъсир расонида, ба объекти ҷиноят зарар мерасонад ё таҳдиди расониданӣ чунин зарарро ба миён меорад.

Дар дуздӣ предмети ҷиноят аломати ҳатмии объекти ҷиноят эътироф мешавад. Ба сифати предмети дуздӣ амволи ғайр баромад мекунад. Амволи ғайр молу мулке эътироф мегардад, ки ба он шахси тасарруфкунанда ҳуқуқи ихтиёрдориро надорад. Барои он, ки моликият ба сифати предмети дуздӣ баромад кунад, вай бояд дорои чунин аломатҳо бошад:

1. **Аломати моддӣ**. Ба сифати предмети дуздӣ чизҳои олами моддии берунӣ баромад мекунанд. Неруи барқ ва гармидиҳӣ, моликияти маънавӣ [7, с. 503 – 504], инчунин чизҳои олами моддие, ки гардишашон озод намебошанд, ба сифати предмети ҷинояти мазкур баромад карда наметавонанд;

2. **Аломати иқтисодӣ**. Предмети дуздӣ ҳатман бояд арзиши иқтисодӣ дошта бошад, инчунин ба он бояд меҳнати инсонӣ сарф шуда бошад. Чизҳое, ки вазъи табиӣ дошта, ба он меҳнати инсонӣ сарф нагардидааст, ба сифати предмети дуздӣ баромад карда наметавонанд. Мисол, ҳайвоноти ваҳшӣ, моҳӣ дар обанбор, дарё ё баҳрҳо, олами наботот ва ба мисли инҳо баромад карда метавонанд, ба шарте, ки барои парваришу нигаҳдории онҳо неруи инсони сарф нагардида бошад. Ҳамчунин, амволе, ки соҳибаш онро партофтааст, предмети дуздиро ташкил намедиҳад.

3. **Аломати ҳуқуқӣ**. Шахси амволро тасарруфкунанда соҳибмулки амвол намебошад, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардани онро надорад, амвол моликияти муштараки гунаҳгор ва дигар шахсон эътироф намешавад, инчунин амволи мазкур ба сифати предмети баҳси гражданӣ баромад намекунад [5, с. 278 – 279].

Бойигариҳои табиат, инчунин чизҳое, ки ба он меҳнати инсонӣ сарф нагардидааст, ба сифати предмети дуздӣ баромад карда наметавонанд. Амволе, ки предмети дуздӣ эътироф мешаванд, ҳамеша арзиши иқтисодӣ доранд.

Ҳамчунин, предмете, ки аз муомилоти озоди шаҳрвандӣ берун аст, ба сифати предмети дуздӣ баромад карда наметавонанд. Мисол, моводи сахттаъсир, заҳрнок ва ғайра). Бояд зикр намуд, ки агар амволе тасарруф карда шаванд, ки ба амнияти ҷомеа ва саломатии аҳолӣ таҳдид намоянд (моводи радиоактиви, аслиҳа, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, нашъаовар, прекурсорҳо ва психотропӣ), дар ин сурат кирдори содиршуда на ҳамчун ҷинояти ба муқобили моликият равонагардида, балки мутобиқи моддаҳои дахлдори бобҳои 21 (ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ) ва 22 (ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ) КҶ ҶТ (моддаҳои 194, 199 ва 202) бандубаст карда мешавад.

Муҳим ба ишора кардан аст, ки предмети дуздӣ бояд танҳо амволи ғайр бошад. Дар ин аломат хусусиятҳои ҳуқуқии дуздӣ ифода мегардад. Доир ба он, муҳаққиқ А.В. Сидорова зикр менамояд, ки моликияти ғайр ин моликияте эътироф карда мешавад, ки шахс ба он ҳуқуқи мустақилона соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ карданро надорад [6, с. 106 – 110].

Ба сифати предмети дуздӣ ҳам амволи манқул ва ҳам ғайриманқул баромад карда метавонанд. Мутобиқи муқарраროти моддаи 142 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (КГ ҶТ) ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул) инҳо дохил ме-

шаванд: бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом, ниҳолҳои бисёрсола ва молу мулки дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст. Ба молу мулки ғайриманқул инчунин киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳон, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст, дохил мешаванд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Боқимонда ашёе, ки ба молу мулки ғайриманқул дохил намешавад, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, манқула дониста мешавад.

Ба сифати предмети дуздӣ инҳо баромад карда метавонанд:

1. Ашёи тақсимшаванда ва тақсимнашаванда. Ашёи тақсимшаванда молу мулкест, ки қисмҳои он дар натиҷаи тақсимкунӣ таъиноти (функцияи) худро аз даст намедиҳанд (моддаи 145 КГ ҶТ). Ашёе, ки тақсимоти он одатан бидуни тағйир додани таъиноташ имконнопазир аст, тақсимнашаванда дониста мешавад. Хусусиятҳои ҷудо кардани ҳисса дар ҳуқуқи моликият ба ашёи тақсимнашаванда тибқи қонун муайян карда мешавад (моддаи 146 КГ ҶТ) [3].

2. **Ашёи мураккаб**. Агар ашёи ҳархела чизи томи ба мақсади умумӣ истифодашавандаро ташкил намоянд, онҳо ҳамчун як чиз (ашёи мураккаб) арзёбӣ мешаванд. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, амали аҳдҳо дар мавриди ашёи мураккаб ба ҳамаи қисмҳои таркибии он дахл дорад (моддаи 147 КГ ҶТ).

3. **Ашёҳои асосӣ ва мансубият**. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, тақдири ашёе, ки барои хизматрасонии ашёи дигар (асосӣ) пешбинӣ гардида, бо он аз рӯи таъиноти (мансубияти) умумӣ алоқаманд мебошад, ба қисмати ашёи асосӣ вобаста аст (моддаи 148 КГ ҶТ).

4. **Самара, маҳсулот ва даромад**. Воридоти дар натиҷаи истифодаи молу мулк бадастомада (самара, маҳсулот, даромад), агар дар қонун, санади дигари ҳуқуқӣ ё шартномаи истифодаи ин молу мулк тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ба шахсе тааллуқ дорад, ки аз ин молу мулк дар асоси қонунӣ истифода менамояд (моддаи 149 КГ ҶТ).

5. **Ҳайвонот.** Нисбати ҳайвонот қоидаҳои умумӣ дар хусуси молу мулк истифода мешаванд, зеро дар қонун ё санади дигари ҳуқуқӣ тартиби дигаре муқаррар нагардидааст (моддаи 150 КГ ҶТ).

6. **Пул** (асъор). Пул як гуногуншаклии моликиятро ифода карда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми пулии мамлакатро муайян мекунад ва пули миллии Тоҷикистон воситаи қонунии пардохт ба шумор меравад, ки кабули он аз рӯи арзиши эътибории худ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист (моддаи 155 КГ ҶТ).

7. **Арзишҳои асъорӣ**. Намудҳои молу мулке, ки арзишҳои асъорӣ эътироф карда мешаванд ва тартиби бо онҳо анҷом додани аҳдҳо тибқи қонун дар бораи танзими асъор ва назорати асъор муайян карда мешаванд. Ҳуқуқи моликият ба арзишҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи асосҳои умумӣ муҳофизат мешавад (моддаи 156 КГ ҶТ).

8. **Коғази қиматнок**. Коғази қиматнок ҳуҷҷате мебошад, ки бо риояи шакли муқарраргардида ва реквизитҳои ҳатмӣ ҳуқуқи молу мулкиеро тасдиқ менамояд, ки татбиқ ё гузашт кардани онҳо танҳо дар сурати нишон додани он имконпазир аст. Бо додани коғази қиматнок дар маҷмӯъ тамоми ҳуқуқҳои тасдиқнамудаи он мегузарад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун барои татбиқ ё гузашт кардани ҳуқуқи дар қоғази қиматнок тасдиқгардида далелҳои дар феҳрасти махсуси (муқаррарӣ ё компютерии)

шахсе, ки коғази қиматнокро аз номи худ бароварда, аз рӯи уҳдадории дар он сабтшуда масъулият дорад, кифоя мебошад (моддаи 157 КГ ҶТ). Ба коғазҳои қиматнок инҳо дохил мешаванд: вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент, саҳмия ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки мутобиқи санади қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қиматнок ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи онҳо ба ҷумлаи коғазҳои қиматнок мансуб дониста шудаанд.

Тарафи объективии дуздиро кирдор дар шакли ҳаракат ташкил медиҳад, яъне тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр.

Дуздӣ як гуногуншаклии тасарруф ба ҳисоб рафта аз қаллобӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва дигар шаклҳои тасарруф бо тарзи содир намуданаш тафовут дорад: «тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр». Мафҳуми тасарруф бори нахуст дар эзоҳи 1 ба моддаи 244 КҶ ҶТ соли 1998 ифода карда шудааст, ки тибқи он, таҳти мафҳуми тасарруф дар моддаҳои Кодекси мазкур ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон дар назар дошта шудааст. Аз мафҳуми тасарруф бармеояд, ки он дорои чунин аломатҳо мебошад:

1) ғаразнокӣ;

2) гирифтани амвол;

3) зиддиҳуқуқӣ гирифтан;

4) ройгон гирифтан.

Аломатҳои тасарруфро К.Ҳ. Солиев хуб шарҳ додааст [5, с.507].

*Ғаразнокӣ* - ин кӯшиши шахс барои ба даст даровардани фоидаи ғайриқонунии молумулкӣ бо роҳи истифодаи амволи ғайр ба фоидаи худ ё фоидаи шахси сеюм мебошад. Мавҷуд набудани ғараз ҷавобгариро барои дуздии амволи ғайр истисно менамояд.

*Гирифтани амвол* - ин ба даст овардан, хориҷ кардан, ҷудо намудан ва тағйири макони молумулк аз ихтиёри молдор бо гузаронидани он дар ихтиёри ғайриқонунии шахси гунаҳгор аст. Дар натиҷа, ҷабрдида воқеан ихтиёрдории молу мулки тасаррруфшудаашро аз даст медиҳад.

Гирифтани амволи ғайр метавонад бо ду тарзи воқеӣ ва ҳуқуқӣ содир шавад. Дар ҳолати якум молу мулк дар макону фазо ҷойиваз карда мешавад ва қисман аз ихтиёри молик ба ихтиёри ғайриқонунии каси дигар мегузарад. Дар ҳолати дуюм бошад, ивазшавии субъекти соҳибмулкӣ ба амал меояд, яъне ҳуқуқи моликиятӣ ба амвол ба таври ғайриқонунӣ ба каси дигар мегузарад. Мисол, ба таври «қонунӣ» аз нав ба расмият даровардани ҳуқуқи моликиятӣ ба хона. Ё ҳамин тавр, гирифтани амвол дар мавриди тасарруф дар ҳама ҳолатҳо, ҳамеша бо табдил додани он ба манфиати худи гунаҳгор ё дигар ашхос равон мешавад.

*Зиддиҳуқуқи гирифтан* - нишонаи ҳатмии дигари тасарруфи амволи ғайр мебошад. Зиддиҳуқуқӣ чунин маъно дорад: шахсе, ки амволи ғайрро гирифтааст, ба он на ҳуқуқи воқеӣ ва на ҳуқуқи эҳтимолӣ дорад. Дар ин сурат амволи тасарруфшуда бе ягон асоси ҳуқуқӣ ва бе розигии молик ба ихтиёри воқеии гунаҳгор мегузарад. Аломати зиддиқонунӣ, инчунин он маъноро дорад, ки дар сурати тасарруф гирифтани амвол бо яке аз роҳҳои дар қонун нишон додашуда ба вуҷуд меояд.

*Ройгон гирифтан* - аломати ҳатмии дигари тасарруф аст. Ройгон ду маъно дорад:

а) амвол бе пардохти арзиши эквивалентии он гирифта мешавад, яъне бар ивази он на пул на амволи баробарқимат ва на меҳнати шахсӣ товон дода мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки ҷинояткор арзиши амволи гирифтаашро талофӣ намекунад, он бе пул ё бо рамзӣ ва ё бидуни баробартовонӣ мегирад (қисман товон кардани арзиши амволи гирифташуда);

б) амвол бе бозгашт ва доимӣ гирифта мешавад ва шахси гунаҳгор мақсади ба молик баргардонидани онро надорад. Аз ин ҷиҳат, истифодаи муваққатии амволи ғайр тасарруф ҳисоб намеёбад. Чунин кирдорҳоро мумкин аст дар мавриди ҷой доштани нишонаҳои мутобиӣ, бо моддаҳои 252, 334 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Чи тавре зикр гардид, дуздӣ бо роҳи пинҳонӣ тасарруфи молу мулки ғайр эътироф мешавад. Дар ин ҳолат тасаввуроти худи субъекти ҷиноят ба инобат гирифта мешавад, яъне ӯ ҳисоб кунад, ки тасарруфро пинҳони содир намуда истодааст. Гарчанде ҳангоми тасарруф субъекти ҷиноятро дигарҳо бевосита ё ба воситаи камераҳои назоратӣ назорат карда бошанд ҳам, аммо ӯ ҳисоб кунад, ки тасарруфро пинҳонӣ содир намудааст, дуздӣ эътироф мешавад.

Дуздӣ аз он лаҳза хотимаёфта эътироф мешавад, ки агар субъекти ҷиноят молу мулки ғайрро бо роҳи пинҳонӣ тасарруф ва имконияти воқеии ихтиёрдорӣ ба онро пайдо карда бошад. Б.В. Волженкин дуруст ифода намудааст, ки дуздӣ аз лаҳзаи тасарруфи пинҳонии молу мулки ғайр ва бартараф кардани монеаҳои ба он вобастабуда, хотимаёфта эътироф мешавад [3, с. 361].

Ба миён наомадани имконияти воқеии ихтиёрдорӣ ба молу мулки дуздидашуда, таркиби хотимаёфтаи дуздиро ташкил намедиҳад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Сомон-граф, 2018.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700; №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., № 1178.
4. Волженкин Б.В. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под. ред. Б.В. Волженкина, В.П. Верина, Г.Н. Борзенкова. М.: Юрай-Издат, 2008. -661 с.
5. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / отв. ред. А.И. Рарог. 4 – е изд., перераб. И доп. М.: Велби: Проспект, 2007. – С. 278 – 279.
6. Сидоров А.В. Объективные признаки кражи // Вестник Челябинского государственного университета. 2013. №11 (302). Право. Выпуск 36. – С. 106 – 110.
7. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири Ҳ.Ҳ. Шарипов. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. – С. 507.
8. Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят. Дастури таълимӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 270 саҳ.


## МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМ ОИД БА АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ДУЗДӢ


Дар мақолаи мазкур доир ба аломатҳои объективии дуздӣ ҳамчун шакли тасарруф баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дода шудааст. Тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объект ва тарафи объективии дуздӣ муқаррар карда шуда, доир ба он фикру ақидаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ ифода гардидаанд.



***Калидвожаҳо:*** тасарруф, дуздӣ, объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят, моликият, ҳаракат.



***Дар бораи муаллиф:*** Нозимиён Абубакри Ҳайдарализод, адъюнкти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД

Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов – 3, тел.: (+992) 556 55 55 57.

## ВАЖНЫЕ ВОПРОСЫ ОБ ОБЪЕКТИВНЫХ ПРИЗНАКАХ КРАЖИ

В статье дана правовая оценка объективных признаков кражи, как формы хищения. Уголовно-правовое, теоретическое и практическое значения объекта и объективной стороны преступления кражи. Также рассмотрены высказывания как отечественных, так и иностранных ученых правоведов.

**Ключевые слова**: хищение, кража, объект преступления, объективная сторона преступления, имущество, действия.

**Об авторе:** Нозимиён Абубакри Хайдарализод, адъюнкт кафедры уголовного права, криминологии и психологии факултета №2 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции, 734019, г. Душанбе, ул. Мастонгулова – 3, тел.: (+992) 556 55 55 57.

## IMPORTANT QUESTIONS ABOUT OBJECTIVE SIGNS OF THEFT

The article gives a legal assessment of the objective signs of theft as a form of theft. Criminal law, theoretical and practical significance of the object and the objective side of the crime of theft. The statements of both domestic and foreign scholars of jurisprudence are also considered.

**Keywords**: theft, theft, object of crime, the objective side of the crime, property, actions.

**About the author**: Nozimiyon Abubakri Hyderalizod, adjunct of the Department of Criminal Law, Criminology and Psychology of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, senior police lieutenant, 734019, Dushanbe, ul. Mastongulova - 3, tel .: (+992) 556 55 55 57.

# МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН

**Саримсаков Изатулло,**
**ходими илмии шуъбаи Осиёи Марказии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Ҷумҳурии Қазоқистон дар баробари кишварҳои ҷаҳон ва минтақа имрӯзҳо таҳдиду хатари терроризм ва экстремизми байналмилалиро эҳсос менамояд. Мубориза бо ин падидаҳои номатлуб ба масъалаи мубрами муосир барои тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Қазоқистон табдил ёфтааст.

Ба ақидаи таҳлилгарони қазоқ А. Кенжебекова ва А.К. Батырбаев "Терроризм дар Қазоқистон ҳеҷ вакт ҳамчун таҳдиди воқеӣ арзёбӣ намегардид, он бештар ба категорияи хатарҳои потенсиалӣ ё эҳтимолӣ дохил мешуд. Бинобар ин, системаи амнияти миллӣ бештар ба роҳ надодан ва пешгирӣ кардани таҳдидҳои дигар - муноқишаҳои этникӣ, қочоқи маводи мухаддир, хатарҳои иқтисодӣ, коррупсия равона гардида буд. Дар сатҳи коршиносон низ проблемаи терроризм дар Қазоқистон дар алоҳидагӣ баррасӣ нагардидааст [1].

Имрӯзҳо бошад муқовимат бо терроризм яке аз самтҳои аввалиндараҷа дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Қазоқистон ба шумор меравад ва ин кишвар қотеъона терроризмро дар ҳама шаклу намуди он маҳкум намуда, тарафдори муборизаи дастаҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди ин зуҳуроти номатлуб мебошад.

Қазоқистон қарори Шӯрои амнияти СММ-ро иҷро мекунад ва ҳисоботи ҳамасоларо аз натиҷаи фаъолияти худ дар самти мазкур ба Кумитаи зиддитеррористии СММ пешниҳод менамояд. Илова ба ин Ҷумҳурии Қазоқистон дар доираи созмонҳои дигари байналмилалӣ ва минтақавӣ аз қабили САҲА, ИДМ, СҲШ, СААД ва ғайра низ самаранок фаъолият дорад.

13 июли соли 1999 бошад Қонуни Ҷумхурии Қазоқистон "Дар бораи муқовимат бо террроризм" қабул карда шуд, ки он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии мубориза бо терроризмро дар ҷумҳурӣ, инчунин, тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳоро, сарфи назар аз шакли моликият, ҳуқуқ, вазифа ва кафолати шаҳрвандон вобаста ба амалӣ намудани мубориза бо терроризмро муайян кардааст[2].

Ҷумҳурии Қазоқистон аз 4 ноябри соли 1992 узви Интерпол мебошад. Дар доираи ин созмон Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Қазоқистон бо хадамоти махсуси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон, Фаронса ва Британиё дар масъалаи муқовимат бо созмонҳои байналмилалии террористӣ ҳамкорӣ менамояд.

Моҳи июни соли 2002 бо ташаббуси Ҷумҳурии Қазоқистон дар нахустин Саммити Созишнома оид ба масъалаҳои боварӣ дар Осиё (СВДМА) ҳуҷҷати ниҳоӣ – "Декларатсияи Алма - Ато" қабул карда шуд, ки он принсипҳои муҳимтарини мубориза бар зидди терроризмро дар фазои Осиё муайян кардааст. Дар он таъкид карда шудааст, ки мубориза алайҳи терроризм бояд на интихобӣ ва табъизӣ, балки характери глобалӣ, ҳамаҷониба ва пайгирона дошта бошад.

Тибқи қарори Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз декабри соли 2003 барои муборизаи босамар бо падидаҳои терроризм ва экстремизми динӣ Маркази зиддитеррористӣ (МЗТ) созмон дода шудааст. Фаъолияти маркази номбурда ҳамоҳангсозии кори тамоми мақомотҳои махсус, ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳоро дар

самти мубориза бо терроризм ҳамоҳанг мекунад. Дар қаламрави ҷумҳурӣ фаъолияти созмону ташкилотҳои характери террористидошта манъ карда шудаанд. Чунончи, ба руйхати миллии ташкилотҳои мамнуъгардида 16 созмони террористии зерин ворид карда шудааст: «Ал-Қоида», «Асбат ал-Ансар», «Ихвон–ал–муслимин», «Боз гурд», «Ҷамоати муҷоҳидини Осиёи Марказӣ», «Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон», «Ҳизби исломии Туркистони Шарқӣ», «Конгресси халқии курдҳо», ҳаракати «Толибон», «Лашкар-и-Тойиба», «Ҳизбу-т-Таҳрир – ал муслимин», «Таблиғи ҷамоат», «Ҷамъияти ислоҳоти иҷтимоӣ», «АУМ Синрикё», «Ташкилоти озодихоҳи Туркистони Шарқӣ», «Джунда-л-Халифат»[3].

Дар соли 2017 “Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин барои солҳои 2017-2020” қабул шуд, ки дар он масъалаи бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти пешгирии паҳншавии экстремизми динӣ, хусусан дар байни ҷавонон пешбинӣ гардидааст.

Соли 2018 бошад “Барномаи давлатӣ оид ба муқовимат бо экстремизми динӣ ва терроризм дар Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2018-2022” таҳия шудааст. Барномаи мазкур мақсадҳои зеринро дорад: таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат аз зӯроварӣ; мубориза бо зуҳуроти ифротгароии динӣ, чораҳои пешгирии он; паст кардани таъсири омилҳои беруна ба ифротшавии аҳолии ҷумҳурӣ ва оқибатҳои онҳо ва ғайра.

То соли 2004 дар қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон барои содир кардани ҷиноятҳои террористӣ ҳукми қатл пешбинӣ гардида буд. Аз соли 2004 инҷониб он ба ҳабси якумра иваз карда шудааст.

Тибқи маълумоти Прокуратураи Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳафт соли охир дар кишвар 9 ҳамлаи террористӣ ба амал омадааст, ки барои давлат оқибатҳои нохуш доштанд. Танҳо соли 2016 дар шаҳрҳои Актобе ва Алма-Ато ду амали террористии калон ба қайд гирифта шуд, ки дар натиҷаи он даҳҳо одамони бегуноҳ ба ҳалокат расиданд [4].

Тибқи омори соли 2019 айни замон дар Ҷумҳурии Қазоқистон зиёда аз 500 нафар барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ дар маҳбас қарор доранд. Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ нақшаи муштаракро дар самти мубориза бо ифротгароии зӯроварӣ ва терроризм дар муассисаҳои ислоҳотӣ бо СММ ба имзо расонидааст. Тибқи он дар як колонияи мардона ва занона як лоиҳаи озмоишӣ барои гузаронидани пажӯҳиш ба роҳ андохта мешавад. Маблағи 3 миллион доллари ИМА барои татбиқи он аз тарафи СММ бояд ҷудо карда шавад.

Дар марҳилаи ҳозира Ҷумҳурии Қазоқистон ба монанди кишварҳои дигари ҷаҳону минтақа ба проблемаи бозгашти ҳамватанони ба ҷангҳои Сурия ва Ироқ дар ҳайъати ДИИШ/ДИ ҷалбгардида дучор гардидааст. Яъне, аз як тараф, фарзандони шаҳрвандони Қазоқистон ба дастгирӣ, кӯмак дар роҳи мутобиқ шудан ба ҳаёти осоишта, расонидани ёрии тиббӣ ва таҳсилот ниёз дошта бошанд, аз ҷониби дигар, волидони террористи онҳо бояд ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шаванд. Чунончи, аввали соли ҷорӣ 30 кӯдак, 11 зан ва 6 мард аз Сурия баровarda шуданд. Барои ҳамаи мардони баргардонидашуда ва як зан тафтишот дар бораи ҷалби онҳо ба фаъолияти террористӣ идома дорад.

Назар ба маълумоти Кумитаи амнияти миллии Қазоқистон алҳол тақрибан 300 нафар қазоқистониён дар минтақаи низоъ дар Сурия, Ироқ ва Афғонистон қарор доранд. 100 нафари онҳо ҷангҷӯ ҳастанд ва боқимондаҳо зану фарзандони онҳо мебошанд. Ҷумҳурии Қазоқистон талош дорад, ки шаҳрвандони худро аз Сурия баргардонад. Дар ин бора Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қасим Токаев дар

баромади худ дар сессияи 74 Ассамблеяи Генералии СММ чунин қайд кард: "Соли 2019, Қазоқистон дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ миссияи махсуси гуманитарии таҳти номи "Жусан"-ро бомуваффақият анҷом дод. Дар натиҷа, 595 шаҳрванди қазоқистонии зери тарғиботи террористӣ монда, аз ҷумла 406 кӯдак, аз ҷангҳои Сурия ба ватан баргаштанд [5].

Илова ба ин, аз қаламрави ҷумҳурӣ дар соли 2018 58 нафар шаҳрванди хориҷии марбут ба гурӯҳҳои радикалӣ аз кишвар ихроҷ карда шуданд. Дар тӯли 10 соли ахир бошад дар Ҷумҳурии Қазоқистон 100 ҳамлаи террористӣ пешгирӣ карда шудааст.

Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамкориҳои босамари худро дар мубориза бо терроризм дар якҷоягӣ бо ҳамсояҳои худ низ ба роҳ мондааст. Чунончи, 11 марти соли 2019 дар Алма-Ато даври сеюми машваратҳои Қазоқистону Русия дар сатҳи муовинони вазирони корҳои хориҷӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм баргузор гардид. Зимни машваратҳо ҷонибҳо масъалаҳои мубориза бо гурӯҳи террористии ДИИШ/ДИ ва созмонҳои дигари байналмилалии террористӣ, инчунин, ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва мушкилоти ифротшавиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар марҳилаи ҳозира Ҷумҳурии Қазоқистон муборизаро бар зидди терроризм ва экстремизми байналмилалӣ дар се самти зерин фаъол намудааст:

1. Такмил додани шаклу усулҳои пешгирии таҳдидҳои террористӣ.

2. Таъмини амнияти объектҳо ва инфрасохторҳои аҳамияти стратегӣ ва давлатидошта.

3. Корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ [6].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки Ҷумҳурии Қазоқистон бинобар доро будан ба захираҳои бузурги энергетикӣ (нафту гоз), канданиҳои фоиданоки аҳамияти стратегидошта (уран) дар маркази диққати абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ки барои дастрасӣ пайдо кардан ба ин захираҳо мубориза мебаранд, қарор дорад. Ба ин асос, барои расидан ба ин мақсад онҳо аз тамоми усулу воситаҳо, аз ҷумла терроризму экстремизми байналмилалӣ истифода мекунанд. Зеро, исбот шудааст, ки терроризму экстремизми байналмилалӣ бидуни фармоишгар ва маблағгузории ӯ вуҷуд дошта наметавонад. Таҳдиду хатарҳои ин падидаҳои номатлуб ба Ҷумҳурии Қазоқистон дар оянда низ боқӣ мемонанд.

**Адабиёт**:

[1] Кенжебекова А. Батырбаев А.К. Международный терроризм и его влияние на Казахстан https://articlekz.com/article/21692

[2] Закон Республики Казахстан от 13 июля 1999 года № 416-I О борьбе с терроризмом (с изменениями и дополнениями по состоянию на 20.12.12) Электронный сайт-aktau-site.ru/index.php?fla=stat&nm...

[3]http://www.mfa.gov.kz/ru/content-view/borba-s-terrorizmom-i-ekstremizmom-v-kazakhstane

[4] Девять терактов совершены в Казахстане за семь лет.
https://ru.sputniknews.kz/incidents/20191030/11898038/terakty-kazakhstan-genprokuratura.html

[5]Казахстан готов поделиться опытом по борьбе с терроризмом. https://www.inform.kz/ru/kazahstan-gotov-podelit-sya-opytom-po-bor-be-s-terrorizmom-prezident-rk_a3568983

[6] Кенжебекова А. Батырбаев А.К. Международный терроризм и его влияние на Казахстан https://articlekz.com/article/21692

## МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН

Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллиф масъалаи мубориза бо терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба таври мушаххас баррасӣ карда шудааст. Муаллиф вазъи мубориза бо ин падидаҳои номатлуб дар Ҷумҳурии Қазоқистон, роҳу усулҳои мубориза бо онҳоро хеле равшан баён кардааст. Ба ақидаи муаллиф, муқовимат бо терроризм яке аз самтҳои аввалиндараҷа дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Қазоқистон ба шумор меравад ва ин кишвар қотеъона терроризмро дар ҳама шаклу намуди он маҳкум намуда, тарафдори муборизаи дастаҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди ин зуҳуроти номатлуб мебошад.

**Калидвожаҳо:** терроризм ва экстремизми байналмилалӣ, муборизаи этникӣ, қочоқи маводи мухаддир, радикализатсия, минтақаи низоъ.

**Дар бораи муаллиф**: Саримсаков Изатулло, ходими илмии шуъбаи Осиёи Марказӣ Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. E-mail: marat.savin.2018@bk.ru тел: 919 62 84 81.

## БОРЬБА С ТЕРРОРИЗМОМ И ЭКСТРЕМИЗМОМ В РЕСПУБЛИКЕ КАЗАХСТАН

В данной статье автор подробно рассматривает проблему борьбы с терроризмом и экстремизмом в Республике Казахстан. Автор достаточно ясно описывает ситуацию в борьбе с этими негативными явлениями в Республике Казахстан, и способов и методов борьбы с ними. По мнению автора, борьба с терроризмом является одним из приоритетных направлений обеспечения национальной безопасности Республики Казахстан, и она решительно осуждает терроризм во всех его формах и поддерживает мировое сообщество против этого негативного явления.

**Ключевые слова:** международный терроризм и экстремизм, этническая борьба, наркотрафик, радикализация, конфликтная зона.

**Об авторе:** Саримсаков Изат, научный сотрудник отдела Центральной Азии ИИПГАЕ **НАНТ** E-mail: marat.savin.2018@bk.ru тел: 919 62 84 81.

## COMBATING AGAINST TERRORISM AND EXTREMISM IN THE REPUBLIC OF KAZAKHSTAN

In this article the author has discussed in detail the issues of combating terrorism and extremism in the Republic of Kazakhstan. The author mainly analyzes the situation with the fight against these negative phenomena and also the ways and methods of combating them in the Republic of Kazakhstan. According to the author, the combat against terrorism is one of the priority directions in ensuring the national security of the Republic of Kazakhstan and it strongly condemns terrorism in all its forms, which supports the global community against this negative phenomenon.

**Keywords:** international terrorism and extremism, ethnic struggle, drug trafficking, radicalization, conflict zone.

**About the author:** Sarimsakov Izat, Scientific Researcher of the Department of Central Asia of the Institute of the studies of the issues of the Asian and European countries of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan E-mail: marat.savin.2018@bk.ru Phone: 919 62 84 81.

## ИҚТИСОДИЁТ

# ЗАМИНА ВА ОМИЛҲОИ МӮЪҶИЗАНОК ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНИИ МАЛАЙЗИЯ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

**У. Сайдалиев,**
**номзади илми сиёсатшиносӣ,**
**ходими калони илмии шуъбаи**
**Осиёи Ҷанубу Шарқии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**АМИТ**

**Малайзия яке аз «палангҳои осиёӣ»**

Малайзия давлати нодирест, ки таърих ва фарҳанги ғанӣ дорад. Ин давлати Осиёи Ҷанубию Шарқӣ дар як муддати кӯтоҳ дар панҷоҳ соли истиқлолияташ аз Британияи Кабир ҷаҳиши бузурги иқтисодӣ намуда, аз як давлати фақири мустамликавии "ҷаҳони сеюм" ба давлати пешқадами сатҳи намоён бо некӯаҳволии баланди аҳолӣ табдил ёфт ва дар воқеъ тавонист худашро дар радифи тиҷорату савдо, илм ва тиб ҳеле фаъолона инкишоф диҳад. Ин кишвар аз фурӯши захираҳои энергетикӣ дар бозорҳои хориҷӣ вобаста нест. Суботи сиёсӣ, таҳаммулпазирӣ, омода будан ба азнавсозӣ ва дар айни замон ҳифз кардани ҳувияти миллӣ, дар маҷмӯъ пешравии Малайзияро таъмин намуданд. Ин кишвар дар асоси низоми қонунгузории британиёӣ ***давлати парлумоние*** бунёд кард, ки дар он ҳокимияти иҷроияи нерӯманд ва афзалиятдошта дар тамоми соҳаҳо амал мекунад [1,4-22].

Аҳолии Малайзия 31,8 миллион нафарро ташкил мекунад. Аз чор як ҳиссаи аҳолӣ чиноиҳо мебошанд ва аз рӯи маълумоти ғайрирасмӣ 65%-и иқтисоди кишварро назорат мекунанд. Пойтахти Малайзия шаҳри Куала Лумпур мебошад. Он як шаҳри зебою ҳозиразамон буда, аҳолиаш 1,8 миллион аст ва тамоми ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар он ҳам ба тариқи дунявӣ ва ҳам исломӣ ҷараён дорад.

Дини расмии давлатӣ дини ислом аст ва анъанаҳои исломӣ ба таври маъмулию муқаррарӣ дар ин кишвар риоя карда мешаванд. Низоми давлатдорӣ ва фарҳанги малайзӣ нисбат ба динҳои дигар таҳаммулпазирӣ зоҳир менамояд, ки ин дар шароити мавҷудияти миллатҳои гуногун ва динҳои мухталиф дар таркиби аҳолӣ хеле муҳим аст.

Дар марҳилаи соҳиб шудани Малайзия ба истиқлолият, ҳизби қудратманди сиёсӣ бо номи "Созмони муттаҳиди миллии Малайзия" ташаккул ёфт ва он тавонист дастгирии кулли интихобкунандагони кишварро ба даст оварда, назоратро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти дохили давлат таъмин намояд. Ҳар дафъа баъди бомуваффақият гузаштани интихоботи парлумонӣ ҳизби ҳоким мансаби сардори ҳукуматро дар даст нигоҳ медорад ва бо татбиқи сиёсати давлатдории оқилона суботи ҳокимият ва вазъи дохилии иҷтимоӣ-иқтисодиро дар мамлакат таъмин менамояд.

Дар Малайзия дар давоми 62 соли истиқлолият панҷумин сарвазир иҷрои вазифа мекунад. Табдили роҳбари ҳизби ҳоким ва дар айни замон сарвазир дар кишвар одатан бидуни кашмакашиҳо ва задухӯрдҳои сиёсӣ мегузарад, зеро ҳама мансабдорони давла-

тию сиёсатмадорон медонанд, ки иваз шудани ҳокимият ва дигар шудани роҳбари ҳизб маънии дигар кардани сиёати давлат ва идеологияро надорад.

Дар кишвар ба ғайр аз судҳои расмӣ, судҳои шариатӣ низ дар ҳар вилоят амал мекунанд, ки онҳо таҳти итоати ҳукуматҳои иҷроияи маҳаллӣ қарор доранд.

Соли 2018 дар кишвар дар рафти интихоботи сартосарии парламентӣ ба сари қудрат қувваҳои мухолиф омаданд. Эътилофи мухолифон бо номи «Иттиҳоди Умед» таҳти роҳбарии собиқ Сарвазири Ҳукумат Махатхир Муҳаммад бо аксарияти овозҳо ғалаба намуд. Ба Эътилофи «Иттиҳоди умед», ки соли 2015 ташкил ёфт, чор ҳизб шомил шуд ва ягонтои он номи исломӣ надорад. Вазъияти сиёсии дохили Малайзия ба таври лозимӣ устувор аст, ҳол он ки дар он дар ҳудуди 40-то ҳизб фаъолият менамояд.

Сохти давлатдорӣ – подшоҳии конститутсионӣ мебошад. Давлат аз 13 вилоят ва минтақаҳои аҳолинишини федералӣ иборат аст. Сардори Олӣ - Шоҳаншоҳ буда, ба муддати 5 сол аз мобайни 9 нафар ҳокимони вилоятҳо – шоҳзода ва султонҳо интихоб карда мешавад. Аз 31 январи соли 2019, Абдуллоҳи II (султони вилояти Паханг) подшоҳи кишвар аст. Вазифаи ҳокимияти иҷроияро кабинети вазирон бо роҳбарии Сарвазир ифо менамояд. Вазири корҳои хориҷӣ Сайфуддин Абдуллоҳ аст.

Мақомоти қонунбарор иборат аз парламенти дупалатагӣ аст. Палатаи болоӣ ба муддати се сол ва палатаи поёнӣ ба муддати 5 сол интихоб мешаванд. Низоми судии Малайзия мисли низоми Британияи Кабир аст, ки қабл аз 62 сол мустамликаи он буд.

**Ҷойгоҳи Малайзия дар ҷомеаи ҷаҳонӣ**

Малайзия бо тамоми давлатҳои аъзои СММ, ба истисноӣ Исроил, муносибатҳои дипломатӣ дорад. Дар пойтахти давлат - шаҳри Куала Лумпур намояндагии дипломатии СММ фаъолият мекунад. Намояндагиҳои дипломатии Малайзия дар 104 давлати ҷаҳон расман вуҷуд доранд.

Малайзия – узви аксарияти созмонҳои бузурги байналмилалӣ мебошад. Дар давоми солҳои 1998-2000 дар қатори 10 давлати бонуфузи дунё узви ғайридоимии Шӯрои амнияти СММ буд. Ғайр аз ин, Малайзия узви Созмони ҷаҳонии савдо, Хазинаи байналмилалии асъор ва Иттиҳоди Британия мебошад. Малайзия ба ҳайси иштирокчии боташаббус дар иттиҳодҳои давлатҳои рушдкунанда, ба монанди Гурӯҳи 77 ва созмонҳои минтақавии АСЕАН (Иттиҳоди Осиё дар соҳаи ҳифзи сулҳ ва амният), АРФ (Созмони Осиё оид ба дастгирии тадбирҳои боварӣ), АТЕС (Созмони ҳамкории иқтисодии Осиё дар Уқёнуси Ором) ва ВАС (Созмони Осиёи Шарқӣ оиди ташкили низоми амниятӣ) аст. Малайзия дар давоми солҳои 2003-2006 - Раиси Ҳаракати давлатҳои бетараф, солҳои 2003-2008 - Раиси Созмони ҳамкории исломӣ ва солҳои 2005-2006 - Раиси Созмони АСЕАН интихоб шуда, фаъолият намудааст [2].

Таносуби таркиби аҳолии Малайзия ба таври зайл мебошад: дар ҳудуди 50% - малайҳо, 24,6% - хитоиҳо, 7,3% - тамилҳои ҳиндустонӣ. Забони давлатӣ - забони малайӣ мебошад. Дини расмӣ – дини ислом буда, 60 % аҳолӣ пайрави мазҳаби суннӣ мебошанд.

**Малайзия дар асоси стратегияи "Дурнамои рушд - 2020"**

Дигаргуниҳои солҳои охир дар Малайзия аз рӯи нақшаи стратегии рушди марҳила ба марҳила асос ёфтаанд, ки "Дурнамо-2020" ном дорад ва ин барнома дар миёни солҳои 90-ум тартиб дода шудааст. Тибқи ин санад Малайзия тасмим дорад худро дар соли 2020 дар радифи кишварҳои аз ҳама рушдёфтаи дунё бинад ваояндаи давлаташро ба таври зайл тасаввур мекунад: "Малайзия миллати ягонаест, ки дар ҷомеаи дорои арзишҳои баланди ахлоқӣ, қавмӣ, демократӣ, либералӣ зиндагӣ дошта, аз нигоҳи иқти-

содӣ дорои сохти одилона, баробарҳуқуқ, пешқадам мебошад ва рушди имрӯзаи кишвар бояд дар асоси иқтисоди солим, рақобатпазир ва афзоишкунанда идома ёбад». Роҳбарияти кишвар мунтазам барномаи худро мукаммал менамояд, онро дар амал месанҷад, бо ҷиддият муҳокима мекунад ва бурду бохтҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Барои пешбурди ин барнома 40 сохтори махсуси ҳукуматӣ ташкил ёфтааст, ки салоҳияти онҳо аз назорати иҷрои бандҳои стратегияи “Дурнамо-2020” иборат аст.

Муваффақиятҳои бузурги Малайзия дар натиҷаи такя кардан ба модели самарабахши иқтисодии Япония дар кори ҷалби сармоя ва технологияи хориҷӣ, аз худ кардани таҷрибаи пешқадами давлатҳои саноаташ пешрафта, истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва баланд бардоштани имконоти содиротӣ, азнавсозии иқтисод дар шароити истиқрори иҷтимоӣ-сиёсӣ ба даст омадаанд, ки ***истифодаи ин гуна роҳҳои инноватсионӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлоли рӯ ба тараққӣ низ зарур аст.*** Дар Малайзия, агар дар соли 1957 даромад ба ҳар сари аҳолӣ ҳамагӣ 350 долларро ташкил карда бошад, пас имрӯз ин нишондиҳанда ба 9,4 ҳазор доллар баробар аст. Аз миёнаи солҳои 80-ум банди асосии содироти Малайзия электроника мебошад. Аз охири садсолаи гузашта Малайзия дар радифи ИМА, Япония, Кореяи Ҷанубӣ ва Тайван ба рӯйхати калонтарин истеҳсолкунандагони нимноқил дар дунё ворид шуд.

Бояд қайд кард, ки Малайзия ҳамчун яке аз давлатҳои пешсафи мусулмонӣ, прогресси иқтисодиашро на фақат аз ҳисоби фурӯши захираҳои зеризаминии кишвараш ба бозорҳои хориҷӣ ба сифати ашёи хом таъмин менамояд. Ба захираҳои бузургаш аз ҳисоби газ, нафт, металҳои нодир, маъданҳои қалъагӣ нигоҳ накарда, Малайзия асосан ба истеҳсоли маҳсулоти технологияи олӣ, қабл аз ҳама электроника такя менамояд. Имрӯз ин давлат чоряки истеҳсоли ҷаҳонии электроника ва компютерҳои муосирро таъмин менамояд.

Дар охири солҳои 90-ум Малайзия яке аз ҷойҳои пешсафро миёни давлатҳое ба даст овардааст, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ рушд меёбанд ва дар натиҷа ба сатҳи баъзе давлатҳои рушдёфта расидааст. Сарфи назар аз он, ки буҳрони молиявии соли 1997-1998 дар ҷаҳон ба рушди кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз ҷумла ба рушди Малайзия низ таъсири манфӣ расонид, бо вуҷуди ин кишвар тавонист дар як муддати кӯтоҳ паёмадҳои буҳронро пушти сар кунад. Масалан, ҳаҷми содироти кишвар дар соли 2017 маблағи 190,3 миллиард доллари ИМА-ро ташкил кард, ки аз он 69,6 миллиард доллараш ба маҳсулоти саноати электронӣ рост омадааст [1,6].

Он тавре, ки иқтисоддонҳои маҳаллӣ эътироф мекунанд, ба рушду тараққиёти иктисоди ин кишвар, асосан таҷрибаи аз модели рушди иқтисоди япониягиҳо истифодашуда такон додааст. Дар ин робита, масалан, барномаи махсус коркардашудаи “Мӯйҳои сафед” (номи минбаъдааш “Малайзия - хонаи дувум”) лоиқи таваҷҷуҳ аст, ки ба ҷалби мутахассисони баландихтисоси дар нафақабудаи японӣ вобастагӣ дорад. Ин тоифа коргарони нодиру баландтаҷриба барои кор дар Малайзия даъват шуда буданд. Дар натиҷа, дар иқтисоди Малайзия 50 ҳазор намояндагони Япония, ки дар соҳаҳои бонкдорӣ, молия, маркетинг, технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, тандурустӣ ва ғайра донишҳои касбӣ доштанд, ҷои кор ёфтанд.

Ҳамчунин модели дигари банақшагирии иқтисоди Япония, ки аз тарафи Малайзия истифода шуд, ин "Malaysia Incorporated" (соли 1983) мебошад, ки сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошад. Ин модел ҳамкории зичро миёни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ дар назар дорад. Ин усули ҳамкорӣ ба рушди бизнеси хурд ва миёна такони азим дод ва инчунин ҳукуматро ба соҳибкории хусусӣ наздик кард, ки ин ҳолат дар Тоҷикистони мо мекала-

вад ва ҳарсола, тибқи маълумоти ВАО, боиси тарки соҳибкорӣ намудани ҳазорҳо соҳибкорони ҳуқуқии хурду миёна гардида истодааст.

Дар маҷмӯъ татбиқу пешбурди барномаи иқтисоди Малайзия ба модели марказонидашудаи банақшагирии стратегӣ такя мекунад, ки бар нақшаҳои панҷсолаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ асос ёфтааст. Ин ҷо танзими қавии давлат ҳузур дорад ва дар айни замон давлат соҳибкорро аз таваккалкориҳо ва аз дунёи ҷиноӣ ба таври боэътимод муҳофизат менамояд. Малайзия доимо таҷрибаи пешқадами тамоми дунёро меомӯзад ва онро бо назардошги хусусиятҳои иқтисоди маҳаллиаш пиёда месозад.

Ҳукумат муносибатҳои озоди бозаргониро барқарор нигоҳ дошта, ба бахши хусусӣ озодӣ додааст. Низоми пешбурди бизнес ниҳоят мувофиқу муваффақ аст: барои сармоягузорон, махсусан маҳаллиҳо имтиёзҳо ҷорӣ карда шудааст ва ғайр аз ин давлат ба онҳо қарзҳои имтиёзнок медиҳад. Дар Малайзия корхонаҳои нав, ҷойҳои нави корӣ бунёд карда мешаванд. Бо вуҷуди демократӣ будани фазои умумӣ дар ҷомеа, аз болои он назорати дақиқ амал мекунад ва намегузорад, ки истеҳсолот монополия карда шавад, нархҳо ва хизматрасониҳо гарон карда шаванд. Ин ҳолат низ дар Тоҷикистони мо ба беҳбуд ниёз дорад. Дар истеҳсолот технологияҳои навтарин ворид карда шуда, зимни он низоми рақобати озод ва одилона амал мекунад.

Ҳукумат аз тариқи муттаҳид намудани буҷа (консолидация) як қатор ташаббусҳои калидиро амалӣ намудааст, ки ҳадаф аз он афзун намудани сарфу хароҷот дар бахши давлатӣ мебошад, аз он ҷумла ворид сохтани буҷаи сифриро дар назар дорад ва ин навоварӣ тибқи қонуни нав дар мавриди иҷозат ба давлат барои харидорӣ, роҳандозӣ карда шудааст.

Аз тарафи дигар таваҷҷуҳи афзалиятнок ба бисёрҷанба намудан ва тавсиа додани доираи манбаъҳои воридот ба буҷа дода шудааст, ки он дар навбати худ зарурияти ташкили Кумитаро дар бахши ислоҳоти андозсупорӣ лозим донист. Ҳамзамон Ҳукумат бо ташкили сохтори нав дар шакли Кумита оид ба ислоҳоти андозсупорӣ лозим медонад, ки дар соли 2021 ба методи ҳисобу китоби миқдори маблағ гузарад, то ҳаҷми қарзи давлат таҳти ҳисоботу назорат қарор дошта бошад, омадааст дар сомонаи интернетии «New Straits Times» аз 17.10.2019.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, Малайзия ба шумораи давлатҳои нави саноатӣ дохил мешавад. Соли 2017 суръати рушди ММД - 5,7 %-ро ташкил намуд. ММД ба ҳар сари аҳолӣ 9,9 ҳазор доллар буд. Гардиши ҳаҷми тиҷорати хориҷии кишвар дар моҳи декабри соли 2017 ба 413,0 млрд. доллари ИМА баробар шуд, ки ин дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2016 ба андозаи 15,3% афзоишро нишон медиҳад. Содироти давлат-218,0 млрд. доллар ва воридот-195,0 млрд. доллари ИМА-ро ташкил намуд. Фарқияти мусбати тавозуни тиҷоратӣ баробари 23,0 млрд. доллар буд. Дар давоми 19 соли охир ин нишондиҳандаи иқтисодӣ бетағйир савдои мусбат дорад. Захираҳои тиллои давлат 102,8 млрд. долларро ташкил намудааст. Сатҳи таваррум – 3,8%, бекорӣ – 3,3%. Тибқи курси асъори миллӣ 1 доллари ИМА - баробари 4,05 ринггити малайзиягӣ мебошад.

Бахши бузургтарини иқтисодиётро соҳаи хизматрасонӣ ташкил намуда, баробари 52,4 фоизи ММД мебошад. Соли 2018 шумораи сайёҳон ба кишвар -25,8 миллионро ташкил намуд. Маводи пешсафи истеҳсолии саноатӣ – ин маснуоти электронӣ ва барқӣ-техникии содиротӣ, аз ҷумла, нақшаҳои интегралӣ, кондинсионерҳо, радиою телевизион мебошад. Соҳаҳои дигари бузурги саноат - ин химия, маводи хӯрока, саноати радиотехника, асбобҳои коркарди металл мебошанд. Кишвар 3 адад саноати маҳалии авто-

машинабарорӣ ва саноати истихроҷи нефту газ дорад. Дар соҳаи кишоварзӣ корхонаҳои истеҳсоли равғани палма мавқеи пешсаф доранд. Воридоти кишварро автомашинаҳо, таҷҳизот ва молҳои саноатӣ ташкил медиҳад. Шарикони асосии тиҷоратии Малайзия – Хитой, Сингапур, Япония, ИМА мебошанд. Давлатҳои бузурги сармоягузор барои Малайзия асосан Япония ва ИМА буда, кишварҳои дигар низ мисли Корея, Сингапур ва Хитой ба ин гурӯҳ шомил мебошанд.

Дар давоми солҳои охир дар Малайзия сиёсати давлатии оқилона ва устувори гуногунҷанба дар самти макроиқтисодиёт, танзими буҷаю андозбандӣ гузаронида шуда истодааст, ки ҳадаф аз он гузаронидани тадбирҳои вобаста ба таъмини фаъолияти собити иқтисод ва дастгирии рушди он аз тариқи боло бурдани нишондиҳандаҳои воридотии буҷа, хароҷоти он, даромадҳои андоз, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва таваррум, инчунин пешгирӣ намудани бӯҳронҳо иборат мебошад. Дар натиҷаи татбиқи ин қабил тадбирҳо дар Малайзия суръати баланди рушди пайдошавии сармояи асосӣ (сарват, дороӣ) ба қайд гирифта шуд. Дар ҳамин асос ҳоло Ҳукумати Малайзия итминон дорад, ки то соли 2020 соҳиби унвони кишвари рушдёфта мегардад, ба шарте ки суръати рушди иқтисодиёташро солона ба 5% расонад.

Тибқи гузориши Бонки марказии Малайзия, рушди ММД дар кишвар дар соли 2019 дар ҳудуди аз 4,3 % -4,8% пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон нисбати таваррум гуфта шудааст, ки он дар соли 2018 - 1,0% ташкил карда буд, пас дар соли 2019 ин нишондиҳанда дар ҳудуди аз 0,7 то 1,7 фоиз пешбинӣ шудааст ва сатҳи бекорӣ - 3,4 % мемонад.

Сохтори давлатии масъул барои таҳия сохтан ва татбиқ намудани сиёсати саноатӣ ва сармоягузорӣ дар Малайзия Вазорати тиҷорати байналмилалӣ ва саноатӣ мебошад.

Малайзия ташкил шудани Бонки инфрасохтории сармоягузориро (АБИИ) ҷонибдорӣ намуд ва тасмим дорад ҳамкориҳояшро на танҳо бар асоси дуҷониба, балки дар чорчӯбаи ҳамкориҳои минтақавии васеътар (АСЕАН-Хитой) густариш диҳад. Доир ба шомил шудан ба ин сохтори нав алакай Британияи Кабир, Австралия, Россия, Нидерландия, Франсия, Олмон, Италия, Швейтсария ва Люксембург омодаанд.

**Такя ба ақлу заковат ва зеҳнияти баланд**

Дар соли 2020 Малайзия бояд ба давлате табдил ёбад, ки иқтисод ба донишҳо асос ёфтааст. Донишҳо бояд ба даромад табдил ёбанд ва ин навоварӣ ба ғайр аз соҳаи технологияи иттилоотӣ, ба дигар соҳаҳо низ тааллуқ дорад. Аз нигоҳи стратегҳо, дар чунин давлат ҳар як шаҳрванд идораи давлатӣ, муассисаи таълимӣ ва корхонаи тиҷоратӣ бояд дошта бошад ва шаҳрванди қафомондатаринаш ҳадди ақал бо Интернет таъмин бошад. Ин назарияро малайзиҳо “ҷомеаи иттилоотӣ барои ҳама” меноманд.

Ҳоло дар кишвар дар шуури омма чунин фикре давр мезанад, ки танҳо аз ҳисоби фурӯши захираҳои нефт, газ, қӯрғошим, каучук ва ҳатто электроника зиндагӣ кардан номумкин аст. Имрӯз вазифаи муҳимтарини давлат бо дониш таъмин кардани мардум аст. Иттилоот бояд як чизи муҳим мисли талаботи иҷтимоӣ ба об, газ ё барқ бошад ва ба касе, ки ба он ниёз дорад, осон дастрас гардад. Ба андешаи онҳо чунин сиёсат ба пайдоиши ҷомеаи баландмаърифат ва озоди демократӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои авлавиятноки давлат ҳоло рушд ва дар ҳама ҷо ворид намудани технологияи иттилоотӣ мебошад, ки ин дар навбати худ ба рушди иқтисод ва бунёди ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад. Иттилоот захираи муҳимми истеҳсолот мегардад.

Дар ин ҷо ба лоиҳаи нодири “Даҳлези бузурги мултимедия” умеди калон мебанданд. Ин даҳлезест, ки бараш 15 км ва дарозиаш 50 км буда, аз маркази Куала Лумпур сар шуда, ба тарафи ҷануб, ба самти фурудгоҳи байналмилалии Куала Лумпур тӯл кашидааст. Он зерсохтори муосири иттилоотиест, ки барои санҷидан ва амалӣ намудани навигариҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ истифода мешавад. Барои иштирок дар ин лоиҳа ширкатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ҷалб шудаанд ва имрӯз дар чаҳорчӯбаи он ду шаҳри пешқадам: Путраҷай-маркази нави маъмурии ҳукумат ва Саберҷай - маркази навгониҳои технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ иштирок менамоянд.

Тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии ин ду шаҳр ба истифодаи технологияҳои навтарини иттилоотӣ асос ёфтаанд: ҳукумати электронӣ, телетандурустӣ, тиҷорати электронӣ ва мактабҳои зеҳнӣ, истифодаи кортҳои якчандамалиёта, ки дар як вақт чун шаҳодатномаи тасдиқи шахсият, корти тиббӣ ва ҳуҷҷати пардохт хизмат мекунанд. Масалан, дар чаҳорчӯбаи ҳукумати электронӣ барномаҳое чун хизматрасонии давлатии электронӣ, хариди давлатии электронӣ, низоми мониторинги амалисозии лоиҳаҳо, биржаи меҳнати электронӣ, низоми идораи захираҳои меҳнатӣ, низоми беҳтарсозии шароити кори хизматчиёни давлатӣ амал мекунанд. Ҳар яке аз ин барномаҳо дастрасӣ ва шаффофияти тамосҳои ҳукуматро бо шаҳрвандони қаторӣ, ширкатҳои хусусӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ таъмин месозад, барои ин тендерҳо ба тариқи шаффоф ва дар асоси рақобати умумӣ мегузаранд. Бо мурури замон чунин кибершаҳрҳои мазкур дар тамоми кишвар бунёд ва ба киберфазои ҷаҳонӣ ҳамгирою ҳамоҳанг хоҳанд гашт ва тамоми кишвар як навъ майдони санҷишии лоиҳаҳои навтарини мултимедӣ хоҳад шуд.

Давлат на вақт ва на маблағро барои мукаммалгардонии илму маориф ва тарғиби парастиши дониш дареғ намедорад, ***ки ин ҳолат имрӯз дар Тоҷикистон махсусан нисбат ба илм ба назар намерасад.*** Барои тасдиқи ин фикр чунин далелро меорем. Вазири маорифи Малайзия аз рӯи дараҷа, сеюмин мансабдори олии кишвар баъд аз сарвазир ва вазири мудофиа ба ҳисоб меравад. Дар Куала Лумпур дар даҳсолаи охир бахшҳои (филиалҳои) донишгоҳҳои бузургтарини дунё бунёд ёфтаанд, ки дар онҳо дар баробари малайзиягиҳо 40 ҳазор хориҷиён таҳсил мекунанд. Дар чунин филиалҳо, ки аз нигоҳи сифат ва обрӯ аз аслашон қариб фарқе надоранд, арзиши таҳсил қариб 30-35 % арзонтар мебошад.

Сиёсати давлатии Малайзия чунон ба роҳ монда шудааст, ки бояд аз шуури ҷомеа мафҳуми таассуби диниро берун андозад. Аз соли 2003 Ҳукумати Малайзия кӯмаки давлатро ба мадрасаҳои динӣ қатъ кард ва 120 ҳазор талабаро ба мактабҳои стандартӣ гузаронд.

Малайзиягӣ ба таври умум, шахси баимон, маълумотдор ва то ҳадди муайян аз ҷиҳати иҷтимоӣ таъмин мебошад ва ӯ дар банди шариат нест ва ҳамеша моил ба боло бурдани сатҳи зеҳнӣ ва касбии худ аст. Шиори ӯ “хондан, хондам ва кор кардан” аст. Шояд мӯъҷизаи Малайзия дар ҳамин ниҳон бошад, ки ҳамчун давлати исломӣ бо захираҳои на он қадар бузург ба иқтисоди рушдёбанда ноил гардидааст.

Дар хусуси сатҳу дараҷаи зиндагии малайҳо дар ҷомеа ҳамчун аҳолии бумии кишвар чанд нуқтаро тазаккур додан мумкин аст, ки муҳим ба назар мерасад. Имрӯз малайҳо миллати имтиёздошта гардидаанд ва ин ҳолат аз ҷониби қавмҳои дигар инкор намешавад ва ҳамзамон мавриди эътирози онҳо низ қарор надоранд. Малайҳо мансабҳои баланди давлатиро ишғол мекунанд, лоиҳаҳои тиҷоратии бузургро дар ихтиёр

доранд, армия дар дасти онҳост, ба соҳаҳои муосири технологӣ ҷалб шудаанд ва зимни дохилшавӣ ба донишгоҳҳои олӣ аз квотаҳои беҳтарин бархурдоранд. Аз рӯи эътирофи ҳамагон тарбия кардану тағйир додани менталитети малайҳо кори осон набуд, зеро онҳо бо чиниҳою ҳиндиҳои корчалон рақобат карда наметавонистанд. Пешвоён, махсусан Махатхир Муҳаммади машҳур аз аҳолии бумӣ ҳамеша даъват мекарданд, ки аз сифатҳое чун танбалӣ, нарасидан ба қадри пул, моликият ва вақт худро раҳо созанд.

Малайзия кишваре мебошад, ки дорои бозорҳои серҳаракат ва босуръат рушдкунанда дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз ҷиҳати маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Сатҳи истеъмоли чунин намуд маҳсулот дар Малайзия аз ҳаҷми маҳсулоти дар кишвар истеҳсолшаванда ба тариқи назаррас зиёдтар аст. Аз ин рӯ, рушди рӯзафзуни соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати иқтисодии ҳукумат мебошад.

Ба Малайзия воридшавии сармояи хориҷӣ идома дорад, ки заминааш мавҷудияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ва дурнамои рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Сармояи хусусӣ, аз ҷумла сармояи хориҷӣ асосан ба самти истихроҷи захираҳои фоиданок, пешбурди коркарди истеҳсолот, бахши хизматрасонӣ, сохтмон, инчунин бахши нефту газ, нақлиёт ва энергетика равона карда мешавад. Таваҷҷуҳи махсус ба пурзӯр намудани мавқеъҳои бахшҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва технологияи олӣ равона шудааст.

Дар давоми солҳои охир роҳбарияти олии Малайзия ба масъалаҳои рушди технологияҳои «сабз», густариши истифодаи энергияи барқароршаванда ва манбаъҳои нави он таваҷҷуҳи махсус медиҳад.

**Масъалаи оқилона муносибат намудани Малайзия ба гирифтани қарзи хориҷӣ.**

Натиҷаи интихоботҳои моҳи майи соли 2018 дар Малайзия мавҷудияти як қатор ихтилофотҳоро дар масъалаи ташаббуси Хитой «Як камарбанд, як роҳ» нишон дод. Махатхир Муҳаммади 92-сола, ки дар давоми 22 сол, аз 1981 то 2003 сарвазири кишвар буд, баъди мурури 15 сол, яъне дар соли 2018 аз сари нав сарвазир интихоб гардида, ба сари қудрат омад. Дар интихобот Махатхир Муҳаммад аз болои сарвазири собиқ Наҷиб Абдул Разоқ ғалаба кард. Дар ҷараёни интихобот М. Муҳаммад ***ошкоро бар зидди пурзӯршавии нуфузи Хитой дар кишвараш*** баромад кард. Аз вақти аз сари нав шурӯъ намудан ба вазифаи сарвазирӣ, пеш аз ҳама ду лоиҳаи калонтарини инфрасохтории Хитойро, ки сарвазири пешин қабул карда буд, бекор кард. Яке аз онҳо ба маблағи 20 млрд. доллар - сохтмони роҳи оҳан ва дигарӣ сохтмони лӯлаи газ, ба маблағи 2,3 млрд. доллар арзиш дошт. Сарвазири нав изҳор намуд, ки кишвараш қодир нест, ки ин гуна қарзи Хитойро пардохт намояд [3].

Чунин ҳолати нигоҳи манфӣ ба ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ»-и Хитой бо Покистон низ рӯй додааст. Ҳангоми роҳбарии сарвазири собиқи Покистон Навоз Шариф, Хитой ба Покистон 62 млрд доллари ИМА қарз дод. Лекин сарвазири нави Покистон Имран Хан ҳоло дида истодааст, ки Покистон қобилияти ин қарзро баргардондан надорад, дар ҷомеа бошад, фазои зиддихитойӣ ба миён омадааст, вале ба ин нигоҳ накарда, сиёсатмадорони Покистон дар ҷараёни интихоботи моҳи июли соли 2018 атрофи ин масъала худдории сиёсӣ нишон доданд ва ҳоло бошад, сарвазир Имран Хан мисли сарвазири Малайзия рафтор накарда, балки тасмим гирифтааст бо ҳар роҳе, ки набошад, қарзи худро дар назди Покистон адо намояд. Бинобар ин қарор дода шудааст, ки барои ҷудо намудани кӯмаки молиявӣ ба Сандуқи байналмилалии асъор муроҷиат намоянд, ҳол он ки дар ибтидои фаъолияти сиёсӣ Имран Хан намехост дар ин хусус бо СБА (МВФ) ба гуфтушунид ворид шавад.

Ба ҷой доштани чунин ҳолат ба наздикӣ дар Малдив низ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Бо ҳамин сабаб президенти собиқ Абдуллоҳ Ямин моҳи сентябри соли 2018 интихоботро ба ислоҳотгари демократӣ Иброҳим Солеҳ бохт. Сабаби бохтро аз қарзҳои калоне, ки кишвар аз Хитой гирифта буд, донистанд ва чунин маънидод намуданд, ки ин қарзҳо ба Хитой имконият медод, ки Пекин аз болои Малдив назорат ҷорӣ намояд. Шояд президент И. Солеҳ қарордодҳои қарзии басташударо бо Хитой ба маблағи 1,3 млрд. доллар бо шумули сохтмони пул дар пойтахт ш. Мале бекор накунад, вале ба таври возеҳ фаҳмондааст, ки бо Хитой муносибатҳояшро таҷдиди назар хоҳад кард.

Азбаски ҳолатҳои коррупсионӣ дар ҷараёни сохтмони роҳи оҳан дар Кения ва дигар намуди лоиҳаҳо дар Уганда, Замбия рӯй додаст, аз ин лиҳоз давлатҳои мазкур аз гирифтани қарзҳои калон аз Хитой барои татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтории худ бо фоизҳои баланд дар ҳарос ва ташвиш афтодаанд, зеро ҳолатҳои гирифтани қарзҳои калон, дар мисоли Малайзия ва сарвазири собиқи он Наҷиб Абдуллоҳ Раззоқ, ки ҳоло бо оилаашу шарикони пештараи ҳаммансабаш таҳти ҳабс қарор доранд, сабаби пайдоиш ва реша давондани коррупсия дар кишварҳои мазкур гардидааст.

Аз сабаби пайдо шудани ҳолатҳои ҷанҷолии коррупсионии вобаста ба қарзҳои пешниҳодшаванда аз тарафи Хитой дар чорчӯбаи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ», як қатор кишварҳо ба хулоса омадаанд, ки шароитҳои қарзие, ки Хитой ба давлати қарзгиранда фароҳам меоварад, ба чунин вазъият оварда мерасонад.

Ҳама гуна танқидҳоро нисбат ба ташаббуси худ «Як камарбанд, як роҳ», давлати Хитой ҳамчун қабул надоштани ташаббуси мазкур аз ҷониби Ғарб арзёбӣ менамояд. ***Муаллифи ин гузориш низ бо ин фикр розӣ мебошад,*** зеро дар давоми як соли охир Президенти ИМА Доналд Трамп бо Хитой ҷанги тиҷоратӣ эълон карда, ҳамаи он давлатҳоеро, ки бо Хитой алоқаҳои хуби тиҷоратӣ-иқтисодӣ доранд, маҷбур намудааст, ки ҳамкориҳояшонро, бахусус сиёсати гирифтани қарзро аз Хитой таҷдиди назар намоянд. Дар ҳоле ки як қатор таҳлилгарон дар ин хусус мегӯянд, ки танқид на аз Ғарб, балки аз Африка ва Осиё пайдо шуда истодааст, зеро ҳукуматҳои ин минтақаҳо аз афтодан ба қапқон ва аз ғазаби халқашон раҳоӣ ёфтан мехоҳанд. Агар Пекин хоҳад, ки модели қарздиҳии худро ба дигар давлатҳо содир (экспорт) карда, бо ин роҳ эътибори байналмилалии худро баланд бардорад, пас бояд бо давлатҳои демократӣ кор карданро ба роҳ андозад ва баъди он хулоса намояд, ки модели Хитой ба онҳо маъқул мешавад ё не, мегӯяд таҳлилгари рус Александр Белов [4].

Тибқи хабари Yieh.com, «Малайзия, металлургия, горнодобыча», metalbulletin.ru, саноати пулодгудозӣ яке авлавиятҳои рушди Малайзия буда, чунин соҳаҳоро дар бар мегирад: сохтмон, нафт, газ, автомошинбарорӣ, саноати вазнин ва ғайра.

Бо вуҷуди ҳамаи ин нозукиҳои дар боло зикргардида дар ҳамкориҳои Малайзия бо Хитой, сарвазир Махатхир Муҳаммад воридоти сармояҳоро аз Хитой шодбош мегӯяд ва умед мебандад, ки Хитой ба Малайзия технологияҳои нав ворид месозад ва ин истеҳсолоти Малайзияро васеъ намуда, фаровонии ҷои кориро таъмин менамояд. Азбаски Малайзия давлати тиҷоратист, бинобар ин шод мешавад, вақте мебинад, ки шарикони тиҷоратиаш бойтар мешаванду гул-гул мешукуфанд. Барои Малайзия Хитой орому рушдкарда муфид аст, мегӯяд сарвазир М. Муҳаммад. Ба қавли М. Муҳаммад, ҳамкории ин ҳар ду давлат солҳои охир бемайлон рушд карда, соли 2019 ҳаҷми он аз 100 млрд. доллар ҳам зиёд мешавад. Ғайр аз ин соли дуюм аст, ки Хитой калонтарин сармоягузор дар соҳаи саноати истеҳсолоти маҳсулоти Малайзия ба ҳисоб меравад [5].

Як чизи дигари ҷолибро низ қайд кардан зарур аст, ки дар Малайзия чунин маъдани хеле муҳим барои истеҳсоли алюминий, ки боксит ном дорад, ба миқдори 600

ҳазор тонна дар як сол истеҳсол карда мешавад. Ҳоло Ҳукумати Малайзия истеҳсолкунандагони бокситро вазифадор намудааст, ки пеш аз ба кор даровардани конҳо, дар қадами аввал ҳатман аз ҷиҳати экологӣ иҷозати истифодаи онҳоро гиранд. Тибқи маълумоти сомонаи "Polpred.com", то пайдо шудани баҳсҳои экологӣ дар атрофи истеҳсоли боксит дар Малайзия, содироти ин маъдан ба Хитой то охири соли 2015, ҳарсола ба 3,5 млн. тонна расида буд.

**Махатхир Муҳаммад асосгузори "мӯъҷизаи иқтисоди Малайзия"**

Сарвазири чаҳоруми Малайзия Махатхир Муҳаммад аз соли 1981 то соли 2003 дар ин мансаб буд. Ӯ соли 1925 дар оилаи марди ҳиндӣ ва зани малайӣ ба дунё омадааст. Баъди ба даст овардани маълумоти тиббӣ кори худро дар низоми тандурустии давлатӣ оғоз кардааст. Соли 1945 ба "Созмони муттаҳиди миллии малайзиягӣ" (UMNO) дохил шуд ва аз соли 1964 узви Парлумони федералии Малайзия мебошад. Ин шахсият дар болоравии иқтисоди Малайзия нақши калидӣ дорад. Дар замони роҳбарии ӯ Малайзия аз як давлати кишоварзии истеҳсолкунанда ва содиркунандаи ашёи хом ба давлати мутараққии саноатӣ табдил ёфт, ки дар он саҳми бахши саноат ва соҳаи хизматрасонӣ дар ММД - 90%-ро ва саҳми молҳои саноатӣ 85 фоизи ҳаҷми умумии содиротро ташкил мекунад. 80 фоизи автомобилҳо дар роҳҳои Малайзия истеҳсоли маҳаллӣ мебошанд.

Маҳатхир Муҳаммад пеш аз ҳама миёни дин ва сиёсат ҳудуд гузошт ва баъди ин хатти рушди кишварро муайян кард. Суханони машҳури ӯ: "Агар ман ибодат кардан хоҳам, ба Макка меравам ва агар дониш гирифтан хоҳам, ба Япония меравам" асоси шуури иҷтимоии малайзиягиҳо гашт. Имрӯз ӯро намунаи пешвои сиёсие медонанд, ки дар худ муносибати муосири технократиро бо идораи давлат аз рӯи усули динии мусулмонӣ тавъам кард. Дар натиҷаи ин, дар баробари дастовардҳои бузург ва рушди баланди иқтисодӣ ҷомеаи малайзиягӣ тавонист суннатҳои динӣ ва фарҳангии худро муҳофизат кунад. Дар ҳақиқат, дар Малайзия мӯъҷиза рух дод ва дар радифи мӯъҷизаи Кореяи Ҷанубӣ, намунаи барҷастаи рушди иқтисоди Осиё гардид.

Тибқи нақшаи офаридаи М. Махатхир асоси рушди давлат бо номи "Нақшаи малайзӣ" машҳур гаштааст, ки усули асосии он иқтисоди "миллатдӯстии корпоративӣ" ва моҳияти он бунёди корпоратсияҳо дар соҳаҳои технологияи баланд мебошад. Ҳадафи ин корпоратсияҳо на фоида, балки кор ба хотири шукуфоии тамоми ҷомеа аст.

Давлат дар навбати худ на рақиб, на танзимгар, балки шарики баробарҳуқуқи чунин корпоратсияҳо мегардад. Дар 22 соли ҳокимияти Махатхир чунин тарзи кор натиҷаҳои назаррас овард. Дар кишвар ширкатҳои миллии шакли муосир, ба монанди "Петронас" дар соҳаи нефт, "Астра" дар соҳаи телевизиони моҳворавӣ ва "Протон" дар соҳаи автомобилсозӣ машҳур шуда, фаъолияти худро бемайлон идома дода истодаанд.

Махатхир Муҳаммад муаллифи андешаи ҳамгироии кишварҳои мусулмон ва бунёди бозори иқтисоди умумии онҳо мебошад. Соли 1997-1998, вақте Осиёро буҳрони молиявӣ фаро гирифта буд, М. Махатхир қотеона кӯмаки Сандуқи байналмилалии асъорро рад кард ва иброз дошт, ки Малайзия метавонад мустақилона аз буҳрон раҳо ёбад. Баъди чанд моҳ намояндагони СБА ҳақ будани гуфтаҳои сарвазири Малайзияро эътироф карданд.

Барои мисол зикр кардан бамаврид аст, ки дар давоми солҳои буҳрони молиявии Осиё, масалан Кореяи Ҷанубӣ аз Сандуқи байналмилаии асъор бо тарсу хавфи зиёде 20 млрд. доллари ИМА бо шартҳои хеле вазнин ба муддати се сол қарз гирифта буд. Барои ин қарзро адо намудан, Корея на танҳо имкониятҳои давлатро истифода кард, балки

захираҳои тилловории халқашро истифода карда, қарзашро пеш аз муҳлати муқарраршудаи сесола баргардонид. Дар ин масъала, аз рӯи таҷрибаи давлатҳои мазкур, Ҳукумати Тоҷикистон низ хуб мешуд, ки ҷиҳати гирифтани қарз, назар ба Хитой дида, аз Сандуқи байналмилалии асъор бояд, ки боэҳтиёттар бошад.

Аз тарафи дигар, ба рушди иқтисодии Малайзия сиёсати дақиқ ва оқилонаи хориҷӣ мусоидат кард. Кишвар бо Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Япония ҳамкорӣ карда, аз манфиатҳои иқтисодии худ дифоъ мекард ва аз тарафи дигар дар муносибатҳои байналмилалӣ гузаштҳои идеологӣ намекард. Дар баробари нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мақоми сиёсии Малайзия низ баланд мешавад. Имрӯз шумораи зиёди бозингарони бузурги сиёсати дунё мехоҳанд бо ин кишвар муносибатҳои худро рушд диҳанд. Дар ҷаҳони ислом Малайзия яке аз пешсафон аст. Он узви Созмони “Ҳаштгонаи ислом”-и иттиҳоди давлатҳост, ки дар шакли иттиҳоди соли 1997 ташкилёфтаи “Ҳаштгонаи бузург” сохта шудааст.

Малайзияро аз давлатҳои бештар демократии мусулмонӣ мешуморанд. Зимни ин коршиносон қайд мекунанд, ки баъзе меъёрҳо, ба монанди манъ будани танқиди ислом дар ин кишвар сахт риоя карда мешавад. Малайзия имрӯз даъвои пешвоиро дар ҷаҳони ислом дорад, ташаббусҳояш дар созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ба монанди СММ ва Созмони ҳамкории исломӣ оид ба қазияҳои Шарқи Наздик ва мусулмонӣ чун вазъи мусулмонони халқи Роҳиня дар Мянма (Бирма) далел бар ин аст.

**Ҳолати имрӯзаи муносибатҳои дуҷониба миёни Тоҷикистону Малайзия**

Чуноне дар боло ишора шуд, имрӯз таваҷҷуҳи ҷӣ давлатҳои абарқудрат ва ҷӣ бузургу миёна ба минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, пеш аз ҳама Малайзия зиёд аст. Малайзия на танҳо аз нигоҳи бозори истеъмолӣ, бозори содиротӣ ва дорои захираҳои табиӣ буданаш, балки аз нигоҳи мавқеи таҷрибаи амалии рушди босуръати иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, сиёсӣ, ҳифзи истикрору субот ва ниҳоят шарики боэътимод буданаш, диққати соҳибкорон ва инвесторҳои дунёро ба худ ҷалб сохтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин миён истисно нест, аз ин лиҳоз, амри табиист, ки кишвари мо солҳои охир ба ин кишвар таваҷҷуҳи бештар медиҳад.

Муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Малайзия 11 марти соли 1992 барқарор гардиданд.

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Малайзия дар Тоҷикистон бо иқоматгоҳ дар Тошканд, хонум Дато Нурайнӣ бинти Абдул Ҳамид 17,11.2014 эътимодномаи худро ба Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон расман супорида, ба кор оғоз намуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Малайзия ду маротиба: 15 октябри соли 2003 сафари корӣ ва 22-25 июли соли 2014 сафари давлатӣ анҷом додаанд.

Муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои дуҷонибаро дар Куала Лумпур, ҳоло Сафири навтаъйини Тоҷикистон дар Малайзия, дипломати сертаҷриба Ардашер Қодирӣ пеш бурда истодааст. Номбурда дар таърихи 18.07.2019 эътимодномаи худро ба Подшоҳи Малайзия супорид. Бодарназардошти он, ки муносибатҳои дипломатию ҳамкориҳои Малайзия бо шарики тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон дар мисоли Чин дар сатҳи хеле баланд ва самаранок ҷараён дорад, имкон аст, ки Сафири нави кишвари мо таҷрибаи бойи иқтисоди инноватсионии Малайзияро барои шароити Тоҷикистон истифода намояд. Ҳоло бошад, Сафир бо роҳбарони сохторҳои кишвари иқомат мунтазам мулоқотҳо гузаронида, имкониятҳои ҷалби сармоя ва қарзҳои имтиёзнокро ҳамата-

рафа омӯхта, барои ҳамкориҳои дуҷонибаи бештар муфиду муҳим барои кишвари худ заминаҳо омода сохта истодааст [6].

**Адабиёт:**


**1.** Белов Александр. <Китай. Малайзия. Пакистан.>Внешэкономсвязи, политика> regnum.ru. 25 окт. 2018. [3];

**2.** Горячкин Т.В. Страны мира. Современый справочник. / Т.В Горячкин, И.Г Ярич. –М., 2014. - 400 с.

**3.** «Деловая Малайзия» - раздел базы данных 1998 -2019 гг. malaysia. polpred.com (Обзор СМИ). [5];

**4.** Зарипов И.А. «Малайзия - Флагман Исламских Финансов». Статья. Вестник финансового университета. №4, 2016;

**5.** Лавров Сергей. Россия. > Малайзия. Внешэкономсвязи, политика> mid.ru. 21.11.2019;

**6.** Музаффар Муҳаммадӣ6. Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Малайзия. Маҷмӯаи мақолаҳои конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ аз 26.10.2017. -Душанбе, 2018. [1,4-22]. -143 с.;

**7.** Дар худи ҳамин маъхаз. [1,6]. - 143 с.;

**8.** Онгоро Томас Ньянья. Сравнительный анализ некоторых макроэкономических аспектов прямых зарубежных инвестиций в Малайзии и Южной Корее. –М., 1997 г. -234 с.

https:ru.wikipedia.org/wiki/ Малайзия;

**9.** Оймаҳмадов М. Иқтисодиёти ҷаҳон / М. Оймаҳмадов, М.Муртазоев. Теҳрон 2001. - 850 с.;

**10.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди вакилони Маҷлиси Олӣ ва Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12. 2017.;

**11.** Страны и регионы мира 2003», экономико-политический справочник под ред. А.С. Булатова, М. 2003 г. -624 с.;

**12.** Страны мира от А до Я. Новый информационный справочник. Составитель Романцова С.А. –Харьков, 2007. -352 с.;

**13.** Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Ҳуҷҷат аз 30.06.2012, № 334; http://www.adlia.tj/;

**14.** Вазорати корҳои хориҷии ҶТ. Бахши муносибатҳои дуҷониба. mfa.tj [7].


## ЗАМИНА ВА ОМИЛҲОИ МӮЪҶИЗАНОК ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОН ИИ МАЛАЙЗИЯ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи «Замина ва омилҳои мӯъҷизанок дар рушди иқтисодиёти инноватсионии Малайзия ва истифодаи он дар шароити Тоҷикистон” дар бораи рушди инноватсионии ин давлат ва мӯъҷизаи иқтисодие, ки дар давоми 15 сол ба он ноил гардидааст, таҳлил дода шудааст. Ҳамзамон пешниҳод шудааст, Тоҷикистон низ кӯшиш намояд таҷрибаи рушду пешравӣ ва пешсафии ибратноки Малайзияро дар соҳаи иқтисод, устуворона идора намудани давлат ва дар дигар соҳаҳои зиндагии малайзиягиҳо, дар шароити Тоҷикистон истифода барад.



**Вожаҳои калидӣ:** Малайзия, Тоҷикистон, сафорат, ҳамкориҳои дуҷониба, рушди иқтисоди инноватсионӣ, мӯъҷизаи иқтисодӣ, сармоягузорӣ.

**Дар бораи муаллиф**: Сайдалиев Усмоналӣ, номзади илми сиёсатшиносӣ, ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, тел.: 93 877 07 55 E-mail: saydaliev150@mail.ru.

## ПОЧВА И ЧУДОТВОРНЫЕ ФАКТОРЫ В ИННОВАЦИОННОМ РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ МАЛАЙЗИИ И ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

В статье "Почва и чудотворные факторы в инновационном развитии экономики Малайзии и их использование в условиях Таджикистана» представлен анализ об инновационном развитии экономики Малайзии и экономическом чуде, достигнутом данной страной за последние 15 лет. Также дается рекомендация Таджикистану попробовать использование передового и поучительного опыта Малайзии в деле достижения "экономического чуда", стабильного управления государством и в других сферах жизни малайзийцев, в условиях нашей страны.

**Ключевые слова**: Малайзия, Таджикистан, посольство, двусторонное сотрудничество, инновационное развитие экономики, экономическое чудо, инвестирование.

**Об авторе:** Сайдалиев Усмоналӣ, кандидат политических наук, научний сотрудник Института изучения вопросов стран Азии и Европы НАНТ, преподпаватель ГПУ им. Садриддина Айни, тел.: 93 877 07 55 E-mail: saydaliev150@mail.ru.

## THE SOIL AND MIRACULOUS FACTORS IN THE INNOVATIVE DEVELOPMENT OF THE MALAYSIAN ECONOMY AND THEIR USE IN TAJIKISTAN

The article "The Soil and miraculous factors in the innovative development of the Malaysian economy and their use in Tajikistan" presents an analysis of the innovative development of the Malaysian economy and the economic miracle achieved by this country over the past 15 years. It also recommends that Tajikistan wonts to use the advanced and instructive experience of Malaysia in achieving the "economic miracle", stable governance of the state and in other areas of life of Malaysians in the country.

**Kaywords:** Malaysia, Tajikistan, Embassy, bilateral corporation, innovative development of economy, economy miracle, investment.

**About the author:** Saidaliev Usmonali, Senior Researcher, Institute for the Study of Asian and European Countries, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Ph.D. (Political Science), a teacher of the GPU called by the name of Sadriddin Aini, тел.: 93 877 07 55 E-mail: saydaliev150@mail.ru.

# СТРАТЕГИЧЕСКОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ПЕРСПЕКТИВ РАЗВИТИЯ КОМПЛЕКСА ПРОМЫШЛЕННОСТИ СТРОИТЕЛЬНЫХ МАТЕРИАЛОВ ТАДЖИКИСТАНА

**Абдухаликов У.А., Давлатова Г.,**
**Институт экономики и демографии НАНТ.**

Строительство играет важнейшую роль в воспроизводстве основных фондов, существенно влияет на организационную структуру, пропорциональность и темпы развития хозяйственных структур в экономике. Оно тесно взаимосвязано с промышленностью, сельским хозяйством, транспортно-коммуникационной, жилищно-культурно-образовательным строительством и другими сферами.

В связи с наличием множества взаимосвязей строительство, в период переходной экономики, приобретает такие объективные характеристики, как комплексность и системность.

На современном этапе таджикская экономика, как и экономика других стран оказалась втянутой в глобальные вызовы мировой экономики, характер и содержание которых определяются сочетанием ряда особенностей основными из которых являются:

-ориентация на инновационный путь развития, базирующихся на высококвалифицированных кадрах и использования потенциала высоких технологий;

-переход от экспортно-сырьевого пути развития (связано в будущем исчерпанием природных ресурсов) к наращиванию производства конкурентоспособной продукции;

-усиление глобальной конкуренции, охватывающей рынки товаров, услуг и капитала;

-интенсивное ускорение процесса импортозамещения за счёт реализации комплексных целевых программ реального сектора экономики, а также сферы услуг.

Одной из динамично развивающихся отраслей национальной экономики страны в настоящее время является промышленность строительных материалов. По данным Агенства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, в 2018 г. выпуск продукции составил 10,4%, от общего объёма промышленного производства страны, и по этому показателю стоит на четвёртом месте, уступая добывающей отрасли (22,5%) пищевой (21,4%) и лёгкой промышленности (12,5%). Объём введённых основных промышленно-производственных фондов строительства и промышленности строительных конструкций и деталей составил 2128,2 млн. сом. (4, с. 259,306)

Отрасль, включающая в себя более 348 предприятий (из них более 14% крупные) на которых трудятся 8.5тыс. работников производит 16 наименований строительной продукции.

Инвестиции в отрасли промышленности по данным Агенства по статистике, в 2018 г. составили 7974,2 млн. сом., рост по сравнению с 2010 г. более , чем в 7 раза. От общего объёма капитальных вложений в отраслях промышленности 10,1% приходится на предприятия промстройматериалов и по этому показателю за последние три года он опережает пищевую и лёгкую промышленность (5, с. 315).

Промышленность строительных материалов стабильно занимает ведущее место среди отраслей промышленности по общему объёму выпуска продукции, основным фондам, введению в действие новых мощностей.

Значимость отрасли промышленности стройматериалов для экономики страны важна тем, что она обеспечивает сырьём и материалами объекты производственного и

непроизводственного назначения строительного комплекса, включая транспортно-коммуникационную сферу.

Модернизация предприятий строительных материалов базируется на зарубежных научно-технических разработках и закупках импортного технологического оборудования и в основном китайского производства, что существенно повышает себестоимость строительных материалов и снижает их конкурентноспособност на внешнем рынке.

В последние годы ежегодный рост производства основных видов строительных материалов вырос более чем в 2 раза. Больше стало производиться цемента, стеновых материалов, декоративных плиток, стекла, отделочной продукции, отвечающих по качеству современным мировым стандартам. Организовано производство новых видов строительной продукции такие, как, инновационные высокоэффективные теплоизоляционные материалы из стекловолокна и минеральных волокон, широкий ассортимент отделочных материалов из мрамора, гипса, базальта и т. д.

Однако, тормозом в развитии отрасли является неудовлетворительное состояние производственных фондов. Степень износа основных фондов составляет 47%, при этом ежегодно выбывает 1,7%, а вводится в действие лишь 1,1%, что ведёт к их старению, особенно касающейся их активной части. Средний возраст машин и оборудования составляет 17 лет и в результате чего технический уровень большинства отечественных предприятий значительно отстаёт от мировых стандартов. Перспективы отрасли определяются социально - экономическим развитием Таджикистана, объёмами инвестиций, темпами роста промышленного производства, перспективами развития жилищного строительства и уровнем реального дохода населения. К 2010 г. Министерство энергетики и промышленности Таджикистана прогнозировало рост объёма производства основных видов строительных материалов, изделий и конструкций от 130 до 200%. До 2010 г. предусматривалось значительное увеличение выпуска современных эффективных и конкурентоспособных видов продукции, а начиная с 2006 г. прогнозировалось уменьшение доли импорта. Однако, в силу конкретных особенностей сегментов отраслевого рынка, изменений пропорций в экспортных поставках прогноз не оправдался.

Высокая энерго - и материалоёмкость продукции промышленности строительных материалов, обусловленная длительным периодом экстенсивного её развития, предполагает необходимость принятия неотложных мер по повышению экономической эффективности работы отрасли, основой которого, по нашему мнению, должна стать инновационная активность предприятий отрасли.

В настоящее время Республика Таджикистан по уровню инновационной активности и развитию инновационной инфраструктуры, а также удельному весу высокотехнологической продукции в структуре производства и экспорта существенно отстает от экономически развитых стран мира.

По состоянию на текущий момент инновационное развитие промышленности строительных материалов характеризуется точечными успехами. Для заметного масштабирования успешного опыта по внедрению новых строительных технологий и продукции, а также для обеспечения системности в управлении инновационным развитием отрасли требуется решение ряда комплексных проблем, из числа которых следует выделить приведенные ниже наиболее критические, с точки зрения постановки задачи активизации перехода отраслей промышленности стройматериалов на инновационный путь развития. Фрагментарный же характер мероприятий по модернизации производства и внедрению инновационных материалов и технологий не создает необходимых условий развития.

Необходимость активного технико-технологического развития комплекса строительных материалов обусловлена потребностью в решении множества важных социально-экономических проблем.

Это: несбалансированность размещения предприятий и их развитие в территориальном разрезе; изношенность основных фондов; негативное воздействие устаревших производств: практическое отсутствие роста производительности труда в этой отрасли; несовершенная инновационная инфраструктура; слабое внедрение опыта инновационных систем зарубежья.

Цели и основные направления модернизации и инновационного развития отечественной экономики определены в национальной Стратегии развития Таджикистана на период до 2030 г. В основу системного подхода разработки Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года положены три базовых принципа будущего развития: превентивность (снижение уязвимости будущего развития); индустриализация (повышение эффективности использования национальных ресурсов); и инновация (развитие на основе нововведений во всех сферах социально-экономической жизни страны).

Таджикистан ставит перед собой задачу долгосрочного развития, заключающиеся в переходе на индустриально-аграрный путь развития, с обеспечением высокого рост уровня благосостояния населения. Единственным возможным способом достижения этих целей является переход экономики на инновационную социально - ориентированную модель развития.

Для заметной индукции успешного опыта по внедрению новых строительных технологий и продукции, а также для обеспечения системности в управлении инновационным развитием отрасли требуется решение ряда комплексных проблем, с точки зрения постановки задач, перехода отрасли промстройматериалов на инновационный путь развития.

Необходимость активного перехода на научно-технический путь развития комплекса строительных материалов, диктуется требованием решения множества важных социально-экономических проблем, включая такие, как: недостаточный уровень обеспеченности строительства местными строительными материалами; потребность в безотлагательной модернизации изношенных основных фондов; негативное воздействие устаревших производств на экологическую среду; несбалансированное размещения предприятий и их развитие в региональном разрезе; практическое отсутствие кадрового потенциала; низкая производительность труда, а следовательно и финансовое обеспечение.

Постоянно растущие требования к качеству строительства, удлинению жизненного цикла объектов капитального строительства, их безопасности, диктуют потребность в улучшении прочностных и эксплуатационных характеристик строительных материалов, изделий и конструкций при условии снижения массы конструкций.

Инновационное развитие промышленности строительных материалов и конструкций сдерживается практически полным отсутствием отечественной базы машиностроения, ориентированной на стройиндустрию. Окончательно сформировалась тенденция последних лет - замещение оборудования «выбывающих» производственных мощностей продукцией зарубежных производителей, что отрицательно сказывается на себестоимости строительных материалов и конечной строительной продукции.

Ощутимым препятствием для полноценного инновационного развития отрасли является несовершенство законодательства, в том числе в части саморегулирования

строительной отрасли, нормативно-технического регулирования, разрешительной деятельности, экспертизы проектной документации, кадрового обеспечения и развития научного потенциала.

Существующие проекты по размещению предприятий в региональном разрезе, отсутствие полноценной и научно обоснованной стратегии развития ряда ключевых предприятий отрасли, не позволяют обеспечить необходимый уровень планирования развития сегментов промышленности строительных материалов, строительства инфраструктурных объектов, промышленное и жилищное строительство.

Продолжает оставаться острой проблема дефицита профессиональных кадров отрасли, сопровождающаяся снижением качества профессионального образования и значительным сокращением числа высокопрофессиональных преподавательских кадров на всех уровнях образования, включая высшее профессиональное. В 2018г. Высшими учебными заведения страны не выпущено ни одного специалиста для предприятий ПСМ.

Финансово-инвестиционный климат в строительной отрасти, не обладает динамикой повышения привлекательности. Механизмы налогового регулирования не стимулируют развитие долгосрочного кредитования, в связи с чем, ощущается недостаточность доступных инструментов долгосрочного кредитования промышленного производства, сохраняются высокие ставки по банковским кредитам.

Указанный комплекс проблем требует в промышленно- строительном комплексе существенной перестройки и выбора стратегического вектора развития, основанного на инновационном компоненте.

При переходе к мобилизационному, но при этом инновационному и социально ориентированному вектору развития отрасли требуется:

- определение стратегических вызовов и драйверов для инновационного развития отрасли;

-создание условий для повышения темпов и качества строительства, снижения совокупных издержек;

-повышения конкурентоспособности отечественной строительной индустрии, в том числе через проведение модернизации промышленности строительных материалов и изделий;

-усиления инновационной, социальной и экологической направленности развития строительной отрасли;

- создание условий стимулирования спроса на инновации в строительной отрасли.

Сложившаяся ситуация предопределяет необходимость в разработке и принятии стратегических документов, определяющих инновационное развитие, место и роль промышленно- строительной отрасли в экономике Таджикистана и устанавливающих основные направления государственной политики в этой сфере на ближайшую и долгосрочную перспективу.

В качестве исходных данных для оценки промышленности строительных материалов, необходимы показатели инвестиционной деятельности (объемы и структура инвестиций в основные фонды, объемы работ, выполненных по виду деятельности «выпуск строительных материалов», объемы и структура вводимых основных фондов, их износ и выбытие. В расчетах предусмотреть общий объем выпуска строительных материалов на 1 кв. метр объектов строительства производственно-социального назначения.

При рассмотрении отрасли промышленности строительных материалов и конструкций в Стратегии предусмотреть только основные (базовые) строительные материалы, изделия и конструкции, от наличия которых в первую очередь зависит возмож-

ность реализации целевых показателей по объёмам строительства, которые являются драйвером увеличения основных показателей, в том числе в сфере жилищного строительства. Часть основных (базовых) строительных материалов, изделий и конструкции используется в дальнейшем для производства других строительных деталей и конструкций более высокой степени переработки.

Актуальность оценки деятельности обусловлена необходимостью инновационного развития одного из основных секторов строительной отрасли – промышленности строительных материалов и индустриального домостроения республики в целях обеспечения соответствия объемов производства, качества и ассортимента продукции предприятий отрасли спросу на внутреннем рынке, а также необходимостью решения таких системных проблем структурного характера, как:

-технологическое отставание промышленности строительных материалов от аналогичного производства в странах мира;

-физическая изношенность основных производственных фондов предприятий промышленности строительных материалов и индустриального домостроения;

-низкая конкурентоспособность таджикской строительной продукции, выпускаемой с использованием энергоемких технологий на устаревшем энергозатратном оборудовании;

-недостаточная инновационная активность государственных и коммерческих структур.

Кроме того, Стратегия должна опирается на результаты всесторонней оценки текущего состояния строительной отрасли, инновационного потенциала и долгосрочного научно-технологического прогноза. Положения Стратегии должны учитываться при разработке концепций и программ социально-экономического развития субъектов Таджикистана в части рассмотрения вопросов удовлетворения потребностей населения, бизнеса, государства в современных, безопасных, экологичных и энергоэффективных продуктах (от строительного материала до готового объекта) строительной отрасли.

Реальным способом достижения этих целей является переход промышленно - строительной отрасли на инновационную модель развития, сохраняя социальный вектор, направленный на решение основной задачи по обеспечению доступным и комфортным жильём граждан страны, формированию благоприятной и комфортной среды жизнедеятельности.

Уровень инновационного развития промышленности стройматериалов, определяется эффективностью системы её управления, надзора, контроля и ценообразования, экологической и технической безопасностью, обеспеченностью и развитием кадрового потенциала, производительностью труда в отрасли, эффективностью использования сырья при производстве строительных материалов, изделий, конструкций , возможностью использования отходов других отраслей промышленности для создания новых или улучшения существующих стройматериалов.

Текущие экономические и мировые политические вызовы 2014 года осложнили реализацию поставленных целей, привели к сокращению расходов частного бизнеса на инновации в сфере строительной отрасли и определили тенденцию к замедлению её инновационного развития.

Тем не менее сложная экономическая ситуация в краткосрочной перспективе не означает необходимости пересмотра целей долгосрочного развития, а обусловливает повышение требований к темпу и качеству развития строительной отрасли как на краткосрочную так и на долгосрочную перспективу.

Задачи ускорения перехода промышленно- строительной отрасли на инновационный путь развития придется решать в условиях увеличения внешних и внутренних вызовов, которые требуют большей интенсификации усилий по решению накопленных в строительной отрасли проблем.

Ключевыми из внешних вызовов в части инновационного развития строительной отрасли являются:

Общее ускорение технологического развития экономики, в том числе в производстве строительных материалов и конструкций. Реальными конкурентами в сфере строительства становятся не только страны - лидеры по инновациям в строительстве, но и соседи – страны Центральной Азии. Технологическая революция в ресурсосбережении, развитии энергоэффективных, экологичных технологий производства строительных материалов резко повышает востребованность инновационного развития строительной отрасли и внедрения новых инновационных технологических решений в повседневную практику;

-дополнительные сложности в плане развития и повышения объемов производства строительных материалов возникают в связи с тем, что такие базовые отрасли сектора национальной экономики, как электроэнергетика, цветная металлургия горнодобывающая промышленность, могут существенно повлиять на объемы реализации инвестиционно-строительных проектов в условиях текущих экономических вызовов. При этом перспективы улучшения ситуации в этих секторах, связаны в значительной степени с их целенаправленной модернизацией при поддержке государства;

-усиление конкурентной борьбы за высококвалифицированную рабочую силу и инвестиции, привлекающие в проекты новые технологии и компетенции, инновационные материалы и конструктивные решения, то есть за факторы, определяющие конкурентоспособность, инновационность и эффективность развития строительной отрасли;

-на сегодняшний день низкая инновационная эффективность строительной индустрии Таджикистана означает увеличение оттока из отрасли конкурентоспособных кадров, технологий, идей и капитала, создает дополнительные риски выполнения намеченных планов социально-экономического развития;

-экономические и политические риски, необходимость модернизации и развития, а также проблемы в области обеспечения эффективного управления и развития предпринимательской активности – глобальные вызовы, с которыми сталкивается не только отрасль промышленно-строительных материалов, но и экономика в целом.

Указанные вызовы диктуют необходимость опережающего инновационного развития производства строительных материалов.

Таким образом, общей проблемой в сфере строительства, на решение которой должна быть направлена Стратегия, является нарастание научно-технической и технологической самостоятельности Таджикистана и снижения потребления поставок импортных технологий и оборудования, готовых материалов, повшения уровня обеспеченности страны качественными отечественными стройматериалами.

**Литературы:**

1. Герасимава Л. И., Ларин С. Н., Соколов Н. А. Механизмы многокритериального отбора перспективных научных исследований для их коммерциализации // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. 2013. № 21.

2. Ларин С. Н., Жилякова Е. В. Организационные структуры и интеграционные формы науки и бизнеса как фактор стимулирования инновационной деятельности на региональном уровне // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. 2012. № 19.

3. Рудцкая Е. Р., Хрусталев Е. Ю., Цыганов С. А. Методы накопления научного знания для инновационного развития российской экономики (опыт РФФИ) // Проблемы прогнозирования. 2009. № 3.

4. Ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан 2019 г. - стр.259,306.

5. Ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан 2019 г. –с. 315.

## СТРАТЕГИЧЕСКОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ПЕРСПЕКТИВ РАЗВИТИЯ КОМПЛЕКСА ПРОМЫШЛЕННОСТИ СТРОИТЕЛЬНЫХ МАТЕРИАЛОВ ТАДЖИКИСТАНА

В статье, на основе анализа экономических показателей, освещены основные параметры стратегии инновационного развития промышленности строительных материалов. Приводятся факторы, тормозящие развитие отрасли. Определены пути оптимального стратегические направления перспектив развития комплекса.

**Ключевые слова**: промышленности строительных материалов, стратегия, инновация, Таджикистан, производство.

**Информация об авторе:** Абдухаликов У. А., Давлатова С., научные сотрудники Институт экономики и демографии НАНТ.

## САМТҲОИ СТРАТЕГИИ ДУРНАМОИ РУШДИ КОМПЛЕКСИ САНОАТИ МАВОДИ СОХТМОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар асоси нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, мақола параметрҳои асосии стратегияи рушди инноватсионии саноати масолеҳи сохтмони равшани медиҳад. Хамзамон омилҳое, ки ба рушди саноат монеъ мешаванд, нишон дода шудаанд Роҳҳои самтҳои оптималии стратегии дурнамои рушди комплекс муайян карда шудаанд.

**Калидвожахо**: комплекси сохтмон, саноати маводи сохтмон, стратегияи рушди, инноватсия, Тоҷикистон, истеҳсолот.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: Абдухаликов У.А., Давлатова С., ходимони илмии Институти иқтисод ва демографияи АМИТ.

## THE STRATEGIC DIRECTION OF THE DEVELOPMENT PROSPECTS OF THE COMPLEX OF BUILDING MATERIALS INDUSTRY OF TAJIKISTAN

Based on the analysis of economic indicators, the article highlights the main parameters of the strategy for innovative development of the building materials industry. The factors inhibiting the development of the industry are given. The ways of optimal strategic directions of the development prospects of the complex are determined.

**Key words**: building materials industry, strategy, innovation, Tajikistan, manufacturing.

**Abdukhalikov U.A. Davlatova G.,** Researchers of the Economic Institute and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

## ЗАБОН, АДАБИЁТ ВА ФАРҲАНГ

# КАЛИМАСОЗИИ ИСМ БА ВОСИТАИ ПЕШВАНДИ ҲАМ – ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗ

**Пудинаев Умед,**
**ходими илмии**
**Институти омӯзиши масъалаҳои**
**давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**АМИТ**

Вожасозӣ яке аз воситаҳои асосии ғанӣ сохтани таркиби луғавии забон мебошад. Бо ин усул таркиби луғавӣ бо вожаҳои нав такмил гардида, инкишоф меёбад. Аксарияти вожаву истилоҳот дар натиҷаи навигариву рӯйдодҳои нави сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва пешрафту тараққиёти илму фан ба миён меоянд.

Пешванд ҳиссаи калимаест, ки пеш аз реша меояд ва дар забони адабии ҳозираи тоҷик танҳо як пешванди исмсози **ҳам-** вуҷуд дорад: ҳамроҳӣ, ҳамсоя, ҳамдиёр, ҳамшаҳр ва ғ.

Пешванди **ҳам-** аз исм исмҳое месозад, ки ҳамроҳӣ, ҳамшарикӣ ва муносибати дутарафаи шахс ва предметро мефаҳмонанд [2, с. 119].

Пешванди **ham-** (< форсии миёна ham < форсии бостон **ham-**). Ин пешванд аслан маънии ҳамроҳию мушорикату робитаи тарафайнро ифода мекунад: ham-rang (*DM*, 37), ham-cand (Tafium, 10؛ Hidaya, 210,433), ham -sirist (Tafhim, 500), ham-sitez (DM, 23), ham-vazn (Abrdya, 132) [4, с. 96],

Бояд гуфт, ки ба ғайр аз пешванди исмсози **ҳам-** боз пешвандҳои сифатсоз, зарфсоз ва як қисми пешвандҳои феъл (**дар-, бар-, фур-, во-, боз-**) низ калимасоз мебошанд. Онҳо аз як вожа калимаи дигар месозанд: вақт- барвақт, бар-бардавом, бар-барқарор, баръакс ва ғ.

Дар даврони қадим пешвандҳои о**, пай-, под-, фар-, на-** ва ғ. мавриди истеъмол қарор доштанд. Дар ин хусус забоншиноси маъруф Рустамов Ш. чунин қайд кардааст: «Пешвандҳои дигари қадимӣ бо асосҳо як шуда рафтаанд ва ҳоло ҳамчун пешванди алоҳида аз асосҳояшон ҷудо карда намешаванд. Чунончи, дар калимаи **овоз о-, пайкар пай-**, (аз pati-и қадима), подшоҳ **под-** (аз pati- **намуна на-** (а форсии қадимии ni- **фармон фар-** (аз форсии қадими fra-) аслан пешванд бошанд ҳам, бо асосашон як шудаанд ва пешванду асос дар якҷоягӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи содда башумор меравand» [6, с. 124].

Пешванди **ҳам** - дар калимасозӣ доираи истифодаи васеъ дорад ва дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ бо пешванди ҳам- 64 калима сохта шудааст [5, с. 77].

Дар «Гулистон»-и Саъдӣ бошад бо пешванди **ҳам** - 8 калима сохта шудааст, ки инҳоянд: **ҳамсоя, ҳамроҳ, ҳамқадам, ҳаминон, ҳамнишин, ҳамнишаст, ҳамхоба** [7, с. 306].

Муҳаққиқи ҷавон Амлоев А. зимни таҳқиқи таълифи рисолаи илмии худ дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев 36 калимаро, ки бо пешванди **ҳам-** сохта шудаанд, мавриди таҳқиқ карор додааст, ки гувоҳи серистеъмол будани пешванди **ҳам-** дар насри адабии ин нависанда мебошад [1, с. 10].

Ҳофизи Шерозӣ низ дар ғазалиёти худ аз пешванди **ҳам-** зиёд истифода кардааст, ки теъдоди инҳо 21 вожа ба назар мерасад: **ҳамдастон, ҳамрох, ҳамраҳ, ҳамра, ҳамко-**

**рон, ҳамвора, ҳамроз, ҳамзону, ҳамдам, ҳамдарс, ҳамхон, ҳамнишинон, ҳамсоя, ҳамраҳӣ, ҳамвисоқ, хамдард, ҳамсуҳбат, ҳамнафас, ҳамъинон, ҳамвисоқӣ, ҳамсарӣ.**

Дар робита ба калимаҳое, ки бо пешванди **ҳам-** дар ғазалиёти Ҳофиз сохта шуда-анд, дар зер мисол хоҳем овард.

Вожаи ҳамдастон дар ғазалиёти Ҳофиз ду маротиба истифода шудааст:

Дар хароботи муғон мо низ **ҳамдастон** шавем,
К-ин чунин рафтаст дар аҳди азал тақдири мо [10, с. 10].

Вожаи ҳамдастон гунаи дигари ҳамдостон аст ва дар фарҳанг ба маънои ҳамкор, ҳамақида, шарик, улфат омадааст [9, с. 486].

Вожаи ҳамкор низ мавриди истифодаи шоир қарор гирифтааст.

Ҳадиси муддаиёну хаёли **ҳамкорон,**
Ҳамон ҳикояти зардӯзу бӯрёбоф аст [10, с. 30].

То ганҷи ғамат дар дили вайрона муқим аст,
**Ҳамвора** маро кӯи харобот мақом аст [10, с. 31].

Асли вожаи **ҳамвора** тоҷикӣ буда, аз пешванди **ҳам-** ва таркиби **вора**, ки ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маъноҳои монанд ва назир (**сангвора, моҳвора**), муносиб шоиста (**гӯшвора, пуштвора**) доранда ва ҳомил (**бодвора, номвора**) ва дар фарҳанг ба маънои ҳамеша, пайваста, пай дар пай, доим меояд [2, с. 485].

Эй ғоиб аз назар, ки шудӣ **ҳамнишини** дил,
Мегӯямат дуъову сано мефиристамат [10, с. 55].

Дар баъзе байтҳои шоир бо пешванди **ҳам-** ду калима дар як байт сохта шудааст:

Сиёҳе накбахт аст он, ки доим,
Бувад **ҳамрозу ҳамзонуи** фаррух [10, с. 61].

Ҳар он, к- ӯ хотири маҷмӯ ёри нозанин дорад,
Саодат ҳамдами ӯ гашту давлат **ҳамнишин** дорад [10, с. 73].

Корам бад-он расид, ки **ҳамрози** худ кунам,
Ҳар шом барқи ломеу ҳар бомдод бод [10, с. 62].

Аз адолат набувад дур, гараш пурсад ҳол,
Подшоҳе, ки ба **ҳамсоя** гадое дорад [10, с. 74].

Сорбон, бори ман афтод, Худоро мададе,
Ки умеди карамам **ҳамраҳи** ин маҳмил кард [10, с. 80].

Бишӯӣ аврок агар **ҳамдарси** моӣ,
Ки илми ишқ дар дафтар набошад [10, с. 97],

Холиё хонабарандози дилу дини ман аст,
То дар оғӯши кӣ мехуспаду **ҳамхони** кист? [10, с. 43].

Аз суханчинон малолатҳо падид омад, вале
Гар миёни **ҳамнишинон** носазое рафт, рафт [10, с. 51].

Гоҳе исм дар эҷодиёти шоир бо пешванди **ҳам-** омада, пасванди **-ӣ** мепазирад ва маънои қаблиро медиҳад.

Ҳамеравем ба Шероз бо инояти бахт,
Зиҳӣ рафиқ, ки бахтам ба **ҳамраҳӣ** овард [10, с. 86].

Эй муаббир, муждае фармо, ки дӯшам офтоб,
Дар шакархоби сабӯҳӣ **ҳамвисоқ** афтода буд [10, с. 126].

Ҷои дигар бо вожаи **ҳамвисоқ** пасванди **-ӣ** васл гардидааст:

Масеҳои муҷаррадро бирозад,
Ки бо хуршед созад **ҳамвисоқӣ** [10, с. 272].

Дар фарҳанг маънои вожаи висоқ 1. банд, қайд, ресмон. 2. хона, манзил омадааст [8, с. 277].

Диле **ҳамдарду** ёре маслиҳатбин,
Ки истизҳори ҳар аҳди диле буд [10, с. 129].

Аз исми конкретии **роҳ** ва **суҳбат** исми шахси **ҳамроҳ, ҳамсуҳбат** сохтааст:

Бо сабо **ҳамроҳ** бифрист аз рухат гулдастае.
Бӯ, ки бӯе бишнавем аз хоки бустони шумо [10, с. 11].

Ҷои дигар вожаи **ҳамроҳ** ба шакли **ҳамраҳ** омадааст:

Хаёли рӯи ту дар ҳар тариқ **ҳамраҳ**и мост,
Насими мӯи ту пайванди ҷони огаҳи мост [10, с. 18].

Ману **ҳамсуҳбатии** аҳли риё? Дурам бод!
Аз гаронони ҷаҳон ратли гарон моро бас! [10, с. 158].

Куҷост **ҳамнафасе**, то ба шарҳ арза диҳам,
Ки дил чӣ мекашад аз рӯзгори ҳиҷронаш? [10, с. 165].

Ҷои дигар вожаи **ҳамнафас** дар як рубоии шоир омадааст, ки комилан маънои ҳамнафасро додааст:

Ин гул зи бари **ҳамнафасе** меояд,
Шодӣ ба дилам аз ӯ басе меояд.

Пайваста аз он рӯй кунам **ҳамдамияш,**
К-аз ранги ваям бӯи касе меояд [10, с. 336].

Агарчи дар талабат **ҳамъинони** боди шамолам,
Ба гарди сарви хиромони қоматат нарасидам [10, с. 192].

Он кист, к-ӯ ба мулк кунад бо ту **ҳамсарӣ**
Аз Миср то ба Руму зи Чин то ба Қайравон [10, с. 304].

Аз мисолҳои овардашуда маълум мегардад, ки Ҳофиз аз пешванди исмсози **ҳам-** калимаҳои маънодоре сохтаву дар эҷодиёташ истифода намудааст. Аз ин бармеояд, ки пешванди исмсози **ҳам-** дар эҷодиёти шоирони гузашта, чӣ дар ашъор ва чӣ дар насру китобҳои илмӣ доираи истифодаи васеъ доштааст.

**Адабиёт**:

1. Амлоев Аминҷон Калимасозии сарфии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев / Аминҷон Амлоев -Душанбе, 2016. -150 с.

2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик (нашри академӣ). Ҷ. 1. - Душанбе, 1985. 356 с.

3. Камолова Г. Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмаъу-т-таворих» / Г. Камолова -Душанбе, -1974. -92 с.

4. Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ -точикӣ/ Султон Мирзо Ҳасан -Душанбе: "Дониш», -2008. - 334 с.

5. Низомова С. Калимасозии исм дар «Хамса»-и Низомии Ганҷави / Н. Санавбар - Душанбе, 2002. -180 с.

6. Рустамов Ш. Климасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов - Душанбе: Дониш, 1972.-79 с.

7. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик (аз рӯи забони «Гулисгон»-и Саъдӣ) //Масъалаҳои забон ва адабиёт. Қ. 1 Душанбе, 1975. - с. 283-307.

8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –ч. 1. –Душанбе, 2008. – 950 с.

9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –ҷ. 2. –Душанбе, 2008. – 944 с.

10. Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ, Куллиёт / Ҳофизи Шерозӣ. Шамсиддин Муҳаммад –Теҳрон: Нашри Замон, 1379. –356 с.

## КАЛИМАСОЗИИ ИСМ БАВОСИТАИ ПЕШВАНДИ ҲАМ- ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Дар мақола таъкид шудааст, ки пешванди калимасози **ҳам-** дар калимасозӣ маънии ҳамроҳию мушорикати тарафайнро ифода мекунад. Муаллиф дар намунаи эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ кӯшидааст, ки калимаҳоеро, ки бо пешванди **ҳам-** сохта шудаанд, аз назари сохтору маъно тавзеҳ бидиҳад

**Калидвожаҳо**: таърихи забони тоҷикӣ, пешванд, калимасозӣ, вожаҳои калимасоз, касб ва пешвандҳои исмсоз.

**Маълумот дар бораи муаллиф**, Пудинаев Умед, ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, Тел: 918.59. 60. 76, E-mail: umed2017@inbox.ru.

## СЛОВООБРАЗОВАНИЕ С ПОМОЩЬЮ ПРЕФФИКСА ҲАМ - В ГАЗЕЛЯХ ХАФИЗА ШЕРАЗИ

В статье анализируются словообразовательные возможности преффикса **ҳам**- в оброзавание производных слов, означающие сопутствие, (сотрудничество) взаимодействие, корпоратив. Автор на примере газелей Хафиза Шерози старается доказать возможность данных преффиксов в создании новых терминов на базе исконно-таджикских слов, а не путем заимствования, кальки.

**Ключевые слова**: история таджикского языка, преффикс, словообразование, производные слова, профессия, образующие существительные.

**Сведения об авторе**: Пудинаев Умед, научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, тел: 918.59.60.76, E-mail: umed2017@inbox.ru.

## WOXD FORMATION WITH THE PREFIX HAM – IN HOFIZ SHEROZIS POETRY

The thesis analyzes the possibility of word combinations of prefix in the formation of derivativies **ham-** which means the name of the collaboration (cooperation), interaction and corporate. In addition the author tried to provide evident the capabilities of this suffix in creation of new terms on the basis of original Tajik words in the examples of Hafiz's gazeles, and not by borrowing and tracing paper copies.

**Key words**: history of the Tajik language, suffix, word formation, derived words, a profssion, prefixes-forming a nouns.

**Information about the author**: Pudinaev Umed, scientific researcher of the institute for studying the issues of Europe and Asia in National Academy of Sciences of Tajikistan, phone: 918.59.60.76, E-mail: umed2017@inbox.ru.

# МАВЗӮЪ ВА МУҲТАВОИ РУБОИЁТИ САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ

**Баёнов М.Б.,**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии**
**АМИТ,**
**аспирант**

Саҳобӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ шоире шинохта шудааст, ки нисбат ба дигар шоирон рубоиёти бештар сурудааст. То замони мо аз ӯ 6 255 рубоӣ омада расидааст [5]. Дар рубоиёти шоир, ки ба самтҳои гуногуни зиндагӣ бахшида шудаанд, кас зуҳуроти рангини воқеаҳои рӯзгорро равшан мебинад ва ҳис мекунад. Аслан дар ҳар як рубоӣ гардиши амиқи тахайюлот ё муҳимтарин лаҳзаи ҳаёти шоир, аз қабили ишқ, муҳаббат, дарду ранҷ, беадолатӣ, ҳасби ҳоли шоир ва ғайра, инъикос меёбад. Аз ин рӯ, рубоиёти Саҳобӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёти одамонро дар бар мегиранд. Алалхусус, онҳо мавзӯъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ишқӣ ва пандуахлоқиро фаро гирифта, қаҳрамони лирикии шоир ҳамеша дар ҳаракату ҷустуҷӯ буда, мардумро ба некию накукорӣ, дӯстию рафоқат, ростиву сидқ, қаноату фурӯтанӣ, покиву иффат ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ҳидоят мекунанд. Бояд махсус қайд кард, ки аксари рубоиёти шоир мазмуну муҳтавои ирфонию фалсафӣ ва ахлоқӣ доранд. Ҳ. Ҳасанпур доир ба мавзӯъ ва муҳтавои рубоиёти шоир менависад: «Ончи ба унвони асл дар рубоиёти Саҳобӣ матраҳ аст, ҷанбаи муҳтаво ва андешаи ҳоким бар он аст, ки бахши умдаи онро тафаккуроти ирфонӣ дар бар мегирад ва матолибу мазомини ахлоқӣ, фалсафӣ ва динӣ аз дигар андешаҳое ҳастанд, ки бар рубоиёти ӯ партав афкандаанд» [9, с. 55].

Асоси адабиёти классикӣ ва муосири тоҷикиро мавзӯи ишқ ташкил мекунад. Аз ин рӯ, дар рубоиёти шоир мавзӯи ишқ бештар ба мушоҳида мерасад. Шоир нисбат ба дигар мавзӯъҳо ба мавзӯи ишқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, ки албатта, аз шоири ошиқу ориф будани Саҳобӣ сарчашма мегирад ва хабар медиҳад. Саҳобӣ ғазал низ гуфтааст, аммо бо рубоиёти ҷаззобу шӯрангез ва орифонаву ошиқонааш шуҳратёр гардидааст. Ин нуктаро гуфтори шоири бузург Соиби Табрезӣ, ки дар мақтаъи як ғазалаш омадааст, тасдиқ ва таъйид менамояд:

Ғазалгӯӣ ба Соиб хатм шуд аз нуктапардозон,
Рубоӣ гар мусаллам шуд зи мавзунон Саҳобиро [7, с. 164].

Тавре ки мебинем, ин бузургвори олами шеър барҳақ, бидуни шакку шубҳа, маҳорати баланди худро дар ғазал таъкид мекунад, аммо чирадастии Саҳобиро дар рубоӣ медонад, ки ин нукта далели шуҳрат ва маъруфияти Саҳобӣ ва рубоиёташ дар олами шеъру шоирӣ мебошад. Худи шоир низ дар мавриди рубоисароияш ишораҳо дорад. Чунончи:

Ҳақ дод ҷавоби ҳар суоле бекост,
З-он пеш, ки буд расми ҳар доде хост.
З-ин ёд диҳад рубоии ман, ки дар ӯ
Байти охир зи байти аввал пайдост [5, с. 111 б].

Саҳобӣ дар рубоиёташ ба ҳама мавзӯъҳо аз даричаи ишқ назар мекунад. Дар рубоии дигар масъалаи ишқ матраҳ шудааст. Шоир ишқро таъриф мекунад, ки инсонро аз қаламрави хирад то ба қаламрави ҷунун мебарад, зеро ба қавли ӯ:

Ишқ аз ками хеш дар фузун омадан аст,
Аз кӯйи хирад сӯйи ҷунун омадан аст.
Пироҳани тан дар бари ҷон чок задан,
Аз ҷомаи тақлид бурун омадан аст [6, с. 549].

Ва:

Ишқ омаду роҳу расми ӯ вайронист,
Хайлу ҳашамаш зи олами рӯҳонист.
Мулки дили мо ба зарби шамшер гирифт,
Ин таблу алам аломати султонист [6, с. 548].

Рубоиёти Саҳобӣ на фақат мутааллиқ ба ишқи ирфонианд, балки дар онҳо ишқи заминӣ низ матраҳ шудааст. Масалан, рубоии зер аз ҷиҳати маъно ва сохту таркибҳо бештар мутааллиқ ба ишқи заминист:

Шӯхе, ки назар ба рӯйи ҳамчун маҳи ӯст,
Ӯ дафтари ҳусну ҷони ман огаҳи ӯст.
Ҳар ҷо, ки равад, дилам аз ӯ нест ҷудо,
Монанди гуле, ки ғунчае ҳамраҳи ӯст [6, с. 554].

Шоир аз ишқу ошиқии худ қаноатманд аст. Ба андешаи ӯ ишқ ҳамдаму ҳамроз ва аз ғаму андӯҳ раҳонандаи ӯст:

Гар ёд на з-он узор мекардам ман,
Чун сабр аз он нигор мекардам ман?
Гар фикру хаёли ӯ намешуд ёрам,
Дар гӯшаи ғам чӣ кор мекардам ман? [6, с. 590].

Масъалаи некию накукорӣ низ дар ашъори шоир бисёр ба мушоҳида мерасад. Шоир ба хонанда таъкид менамояд, ки ҳамеша пайи некию накукорӣ бояд буд ва барои манфиати ҷомеа ва мардум талош бояд кард.

Ҳар ҷо, ки фитодаест, рофеъ мебош,
Ҳар сӯ, ки фитандаест, дофеъ мебош.
Гар умри дароз хоҳию аҷри азим,
Дар халқ музир мабошу нофеъ мебош [6, с. 580].

Шоир дар тамоми навиштаҳояш, аз ҷумла, дар рубоиёти пуршӯри худ ростиву росткорӣ, аз кина дур буданро тарғиб намуда, дар зиндагӣ ва ҳатто дар ишқу ошиқӣ низ онро шарти асосӣ мешуморад:

Эй ишқи ту дар синаи бекинаи мо
В-эй дарду ғами ту бори деринаи мо.
Ҷуз доғи ту, ки тамоми оламро сӯхт,
Чизи дигаре намонд дар синаи мо [11, с. 101].

Саҳобӣ дар мавриди суханчинию айбҷӯйӣ бо Саъдии Шерозӣ ҳамфикр аст. Дар рубоии зер андешаи Саъдӣ «*Ҳар кӣ айби дигарон пеши ту оварду шумурд*, Бегумон айби ту пеши дигарон хоҳад бурд» бо шаклу услуби дигар баён гардида, шоир суханчиниро мазаммат карда, таъкид менамояд, ки одамоне, ки аз айбу ҳунари каси дигар ҳарф мезананд, онҳоро бояд шинохт, зеро эшон аҳволи худро мегӯянд ва сирату сурати худро менамоёнанд:

Чун мард аз ину он хабар мегӯяд,
Ҳар чиз, ки аз айбу ҳунар, мегӯяд.
Дарёб, ки он сурати аҳволи вай аст,
Ҳарчанд, ки аз ҷойи дигар мегӯяд [6, с. 571].

Дар рубоиёти шоир ба масоили худшиносӣ, худошиносӣ ва сулҳу ваҳдат бисёр дучор меоем:

Аз Ҳақ эҳсон бар аҳли ҳақ меояд,
Ҳар лутф ба ҷамъи муттафақ меояд.
З-ин гуна, ки раҳм мустаҳиқ мехоҳад,
Раҳмам бари ғайри мустаҳақ меояд [11, с. 98].

Зимнан бояд гуфт, ки рубоиёти Саҳобӣ асрҳо қабл суруда шуда бошанд ҳам, имрӯз низ аҳаммияти маънавӣ-эстетикии худро гум накардаанд, зеро инсонҳоро пайи некию накукорӣ, ваҳдату худшиносӣ ва дурӣ ҷустан аз ҳама гуна ихтилофоту таассуботи динию мазҳабӣ ҳидоят мекунанд. Беҳуда нест, ки Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ, соҳиби тазкираи «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор» рубоии зерини Саҳобиро ба девоне баробар кардааст:

Марди мухтор агарчи номуъмин нест,
Модом, ки музтар нашавад, муқин нест.
Тарки ҳама кардем дар ин дори ғурур,
Илло он кас, ки тарки ӯ мумкин нест [6, с. 19].

